**АҲМАДИ ИБРОҲИМ**

# СПИТАМАН
* * *
# КАТАН
* * *
# ТАХОРИСТОН
* * *
# ҲИКОЁТ

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-4
И-73

Муҳаррир ва муаллифи пешгуфтор
*профессор, Ҷумъахон АЛИМӢ*

Рассом *Муҳаммадамин Валиев*

И-73 **Аҳмади Иброҳим. Спитаман. Катан. Тахористон. Ҳикоёт.** *(Романи таърихӣ ва ҳикоёти иҷтимоӣ).* – Душанбе: «Адиб», 2016. – 320 саҳ.

Дар романҳои таърихии сегона (трилогия) ва ҳикоёти воқеӣ, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, масъалаҳаи марбут ба саҳифаҳои то имрӯз норӯшани таърихи ниёкони мо, яъне замоне, ки ҳанӯз қабл аз милод қавму қабоиле, ки минбаъд миллати тоҷик ва миллатҳои эронитаборро ташаккул додаанд, ба риштаи тасвир кашида шуда, аз мубориза ю набард ва муқовиматҳои бо аҷнабиёни ишғолгар, қаҳрамонию далерӣ ва шуҷоати мардони асили ниёкони мо дар роҳи ҳифзу нигоҳдошти шарафу номус, фарҳангу тамаддун ва асолату ҳувияти онҳо худ дар шакли қиссаю романҳои таърихӣ маълумотҳои воқеъбинона медиҳанд.

Романҳои таърихӣ ва ҳикояҳои воқеӣ дар партаву пасманзари равандҳои имрӯзаи худшиносию огоҳии миллӣ таълиф шуда, метавонанд на фақат барои мутахассисони соҳаҳои гуногун, балки барои ҳар як фарди бонангу номуси миллати мо намунаи ибрат ва дарси сабақ буда, манфиатманд бошанд.

ISBN 978-99947-2-475-8

© Нашриёти «Адиб», 2016

**Арзи саломи сипосу ихлоси бепоён ба МАҲМАДУЛЛО САЙДАЛИЕВ, раиси муҳтарами Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Данғара, барои кӯмаки моддӣ ва маънавияш баҳри таълифи ин китоб. Дархости ҳамин марди оқилу фозил буд, ки дар партави асари безаволи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Тоҷикон дар оинаи таърих» асаре бинвисам, то бедоргари ҳувияти миллӣ бошад ва баҳри худшиносии ҷавонон нақши бориз дошта бошад. То куҷо муваффақ шудем, хонанда довар аст.**

«Миллате, ки хотираи таърихӣ ва ҳувияти миллиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ гирифтори сарнавишти талху фоҷиабор гашта, ҳатто пойдории давлат ва истиқлолияти миллиашро зери хатар мегузорад».

* * *

«Мо имрӯз корнамоиҳои Спитамани диловар ва ҳамсафони ӯро қадршиносӣ намуда, барои зинда доштани номи нек ва хотираи бегазанди фарзандони фидоии ватан ордени «Спитамен»-ро таъсис додем, ки он барои шуҷоату корнамоиҳои ватандӯстона ва идомаи анъанаи некӣ, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ ба ворисони воқеии ин марди қаҳрамон дода мешавад. **Таърих корномаҳои фарзандони худро ҳаргиз фаромӯш намекунад.** Дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик садҳо ошӯбҳои хурду бузург сабт шудааст, ки ҳадафи аслии онҳо решакан намудани зулму истибдоди аҷнабиён ва расидан ба истиқлолу давлатдории миллӣ буд. Имрӯз ватани воқеии Суғдиён – собиқ вилояти Ленинобод бар асари риояи адолати таърихӣ бо номи вилояти Суғд номгузорӣ гардида, корнамоиҳои безавол ва орзӯю ормонҳои наҷиби Спитаман ва ҳамсафони диловари ӯро зинда медорад. Маҳз ҷонбозию талошҳои пайдарпайи Спитаман ва садҳо фарзандони фидоӣ буд, ки тоҷикон тавонистанд дар тӯли ҳазорҳо сол фарҳанги давлатии хешро нигоҳ дошта, ин суннати ориёиро пушт ба пушт то ба рӯзгори мо бирасонанд ва давлати миллии соҳибистиқлол, ягона ва беҳамтои хешро умри ҷовидона бахшанд».

*Эмомалӣ РАҲМОН,*
*“Тоҷикон дар оинаи таърих”*

## АЗ МУАЛЛИФ

Мунтахаби осор (романи таърихӣ – трилогия ва ҳикоёти иҷтимоӣ) рӯшание ба таърихи мукаммалан нокушодаю пурасрори муқовимати қавмҳои пешинаи тоҷикон бо аҷнабиён, хосатан сипоҳиён ва нирӯҳои низомии юнониёни ишғолгар бахшида шудааст. Осори мазкур дар партав ва ҳошияи асари таърихии раҳбари давлати кунунии тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Тоҷикон дар ойинаи таърих» ва ба истиқболи ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гаштааст. Асарҳо метавонанд барои доираи васеи мардуме, ки манфиатманди воқиф гаштан аз таърихи пуршарафи пешиниёни худ, муқовимати родмардони пешини тоҷик бо аҷнабиён ҳастанд, муфид бошад. Ҳамчунин ин асар метавонад барои таҳкиму тақвияти эҳсосот ва муқаддасоте, аз қабили ифтихори миллӣ, ҳувият ва асолати миллӣ барои ҷавонон мусоидат намояд ва авроқу саҳафоти нокушудаи сарнавишту саргузашти ниёкони моро пурратару комилтар намояд. Гарчанде муборизаҳои шадиди истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстии ниёгони мо таҳти сарварии Спитаман оқибат ба шикасту бебарориҳо дучор шуда бошад ҳам, корнамоиҳои бемислу монанди онҳо дар сафҳаҳои таърих, то ба рӯзгори мо ба ёдгор мондааст.

Сипос мар Худойи якторо, ки барои беҳбуди кори ин миллат аз аждоди Суғдиён фарзанди фарзонаи миллат – Эмомалӣ Раҳмонро офарид, ки бо нерӯйи тавонои худ ва изни Худованд, баъди 1000 соли нокомӣ ва бедавлатӣ давлати ягонаи тоҷикон-аждодони суғдиёнро таъсис дод ва кори оғозкардаи Спитаман ва Катани диловарро ба анҷом расонид. Баъд аз ин, чархи таърих ҳар гунае, ки начархад, миллат бо ин фарзанди фарзонааш ифтихор хоҳад кард.

Дар таълифи ин китоб чун мушкилоте пеш омад, бе ягон дудилагӣ ва таъхир ба аждодони Спитаман ва Катан – орифони замон, профессор Ҷумъахон Алимӣ, Ҷонибеки Асрориён ва ба бародари орифу фозилам Муҳаммадюсуф Иброҳимов муроҷиат кардам ва сари вақт дастгирӣ ёфтам. Аз шоири шаҳири миллат устод Ҳақназар Ғойиб миннатдорам, ки китобро баҳри сайқал ба устохонаи маънавии Иттифоқи Нависандагон супурд. Он ҷо устоди бузургвор Абдулҳамид Самад, якҷо бо дигар нависандагони бузурги миллат бо пешниҳоду тавсияҳои худ китобро ба камол расониданд. Дар оғози кор дӯсти муҳоҷирам дар Русия Шасуддини Муқим якҷо бо шоири тоҷики файласуфи суғдтабор Салими Хатлонӣ миннатдорам, ки баҳри нашри асар дасти ёрӣ дароз карданд. Барои навиштани ин китоб аз 51 сарчашмаи таърихӣ баҳра бурдам, то ҳақиқат ва танҳо ҳақиқатро нигошта бошам. То ҷое, ки тавонистам ин ҳақиқати таърихиро, ки сартопо олудаи ҳувияти миллӣ асту ватандӯстӣ содаю равон ва хоно баён созам, то хонанда дар мутолиаи он мушкилӣ накашад.

# ПЕШГУФТОР

Худшиносии миллиро олимону муҳаққиқони ҷаҳонӣ ба тариқи зерин муайян кардаанд: маҷмӯи бинишу дидгоҳ ва ҷаҳонбинию арзишҳо, афкору андеша ва рафтору муносибатҳо, ки моҳияту муҳтаво, ҷавҳар, дараҷа ва вижагиҳои фард – аъзоёни ҷамоаю ҷомеаро оид ба сарнавишту таърихи худ, вазъу ҳолати кунунӣ ва дурнамою оянда, ҳамчунин нақшу мақом ва ҷойгоҳи ҷомеаю миллати худро дар байни миллат нажодҳои мутамаддину бофарҳанги дигар инъикосу таҷассум менамояд.

Ба ибораи дигар, худшиносии миллӣ – яке аз ҷузъу унсурҳои муҳимтарини иҷтимоигардӣ дар шароиту муҳити ҷаҳону олами бисёрмиллат мебошад. Раванди ташаккули худшиносии (хештаншиносии) миллии чӣ фарди алоҳида ва чӣ намояндагони миллатҳои гуногун дар маҷмӯъ иборат аз чунин марҳилаю давраҳо мебошад:

1. Худшиносии (худтаъйинии) миллии фард тавассути бошуурона дарку фаҳм кардани мансубият ва мутааллиқияти миллии худ;

2. Рушд ва такомули ҷузъу унсури миллӣ ва байналмилалӣ: а) ташаккули маърифат ва шуурнокии ватанпарастию давлатдории фард – муносибати бошуурона нисбати Ватан, мардуму миллати худ, парастиши арзишмандҳои алоҳида ва мутафовит, рушди эҳсоси ватандӯстӣ дар асосу заминаи ифтихори миллӣ, хештаншиносии таърихӣ, урфу одат ва суннату анъанот, ахлоқу маънавиёт; б) ташаккули муносибатҳо бо намояндагони дигар миллатҳо дар асосу заминаи таҷрибаҳои пурғановати таърихӣ, низоми тарбияю маърифат таҳти таъсири муҳити солими атроф, таъсирбахшии сохторҳои тарбиявию маърифатии давлатию ҷамъиятӣ, Васойити ахбори омма);

3. Ташаккули фарҳанги сиёсӣ, аз ҷумла дар самту соҳаҳои муносибатҳои миллӣ, муносибат бо низоми ҳокимияти сиёсӣ,

ҳусни таваҷҷуҳ, эътиқодо, садоқату вафодорӣ нисбати давлату миллати худ ва тавассути фаъолиятҳои шаҳрвандӣ татбиқ ва пиёданамоии онҳо.

Дар маҷмӯъ ташаккул ва такомули худшиносии миллии шаҳрвандон тавассути таълиф ва нашри осори таърихӣ як навъ бошуурона дарку фаҳм намудани мансубияти фард ва ҷомеа ба умумияти иҷтимоӣ-этникӣ ва нақшу мақоми он дар байни муносибатҳои ҷамъиятӣ низ мебошад. Худи худшиносии миллӣ дар ғояҳо, афкору андешаҳо, эҳсосоту табъҳо зуҳур карда истода, моҳияту муҳтаво, дараҷа ва хусусиятҳои худтаъйинотӣ ва тафовутҳоро бо дигар умумиятҳо ва ҷамоаю ҷомеаҳо таҷассум мекунад.

Инъикос ва таҷассуму ба риштаи тасвир кашидани гузаштаи пурифтихори ашхоси наҷибу пурғурур, шарофатманду сарбаланди ниёкони мо корест айни муддаъо, ки дар ин айём ва лаҳзаҳои ҳассоси таърихии кишварамон метавонад мардумро барои бунёдкорию кору пайкорҳои навин, созандагию халлоқият, ба дасти худ гирифтани тақдир ҳидоят ва раҳбаладӣ намоянд. Хосатан, муқовимату муҷодалаҳои ду қавми пурғурур, асос ва мабдаъи ташаккули миллати имрӯзаи тоҷик – суғдиҳою бохтариҳо дар ин раванду росто ҷиҳати ташаккулу таҳаввули маънавиёт, фарҳанг, тамаддун ва маърифати баъдинаҳо хидматҳои босазое кардаанд.

…Суғд ва ё Суғдиён яке аз бостонитарин марказҳои тамаддуну фарҳанги қабилаҳои пешини тоҷиктабор буда, таърихан дар ҳавзаи дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарё мавқеъият дошт. Барои нахустин маротиба он дар китоби муқаддаси «Авесто» (Авасто, Абасто, Абастоғ) ва катибатҳои мехӣ, сипас дар осори бостоншиносону ҷуғрофидонҳо ва сайёҳони Чини Қадим, ҳамчунин сарчашмаҳои юнонию асримиёнагии форсию тоҷикӣ мавриди зикр ва тавсиф қарор гирифтааст. Садаҳои шашуму чоруми то милод Суғд ва ё Суғдиён дар таркибу ҳайати давлати бузурги Ҳахоманишин ҳамроҳ бо Порт, Хоразм ва Ориё сатрапии (музофот-ҷузъи

таркибӣ)-и ёздаҳуми онро ташкил медод. Ҳудуди солҳои 329 – 328-уми то милод суғдиҳо таҳти сарварии абармарде бо номи Спитаман алайҳи Искандари Мақдунӣ ва сипоҳи бешумори ӯ муқовимати шадид нишон дод. Баъдан Суғд ва ё Суғдиён (Согдиана) дар ҳайати давлати Селевкиён шомил гашта буд. Минбаъд он шомили давлати Юнону Бохтар, Кӯшониён, Ҳайтолин, Хоқони Турк ва Хилофати Араб буд. Бояд ёдрас шуд, ки ин замон марказҳои бузурге ҳамчун Маймурғ, Кабудон, Кӯшония, Бухоро, Кеш, Насаф, Самарқанд, Панҷакант, Иштихон ва чанде дигар низ шомили Суғд буданд.

…Бохтар, ки ба шаклҳои мухталиф дар манбаъ ва маъхазҳои бостонӣ ҳамчун Бахтрис, Бахдис, Балх ва Балхи Бумӣ ёд шудааст, давлати қадиме буд, иборат аз қавмҳои тоҷиктабори пешиниён, ки садаҳои шашуму дуввуми то милод дар ҳавзаи миёнаоби дарёи Ому мавқеъияти ҷуғрофӣ дошт. Ҳамчунин муаррихин ва ҷуғрофидонҳо Бохтарро сарзамин ва кишваре байни силсилакӯҳҳои Паропамис (Ҳиндукуши Ғарбӣ) ва дарёи Ому бо фарогирии манотиқи шимолии Афғонистони кунунӣ дарбар мегирифт. Тибқи иттилоъи муаллифин ва муаррихини аҳди бостон (хосатан Ктесий) ва баъдан Табарӣ, Масъудӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ ва чанде дигарон дар Бохтар (Балх) Гуштосп (Виштосп) ҳукмрон будааст ва маҳз дар замони ҳокимияти ӯ Зардушт (Заратуштра) ба тарғибу ташвиқи таълимот ва ақойиди худ машғул будааст. Тибқи фарзияҳои зиёде Курӯши Кабир байни солҳои 545-539-ум Бохтар (Балх)-ро ба ҳайати давлати Бузурги Ҳахоманишиён шомил намуда буд. Ҳатто ҳадс зада мешавад, ки дар интиҳои ҳокимияти Ҳахоманишиён Суғд ва баъзе манотиқи Ҳиндукуш ҳам ба ҳайати Бохтар (Балхи Бумӣ) дохил карда шуда буданд. Бохтариён ва ё балхиён (балхувон, аз ин ҷо минбаъд минтақае таҳти унвони «Балҷувон») дар юриши форсҳо, ҳамчунин дар кору пайкорҳои низомӣ алайҳи Искандари Мақдунӣ (солҳои 334 то 331-уми милодӣ) ширкати фаъолона доштаанд. Соли 306-уми милодӣ Бохтар ва ё Балхи

Бумӣ шомили давлати Селевкиён мегардад. Минбаъд соли 250-ум волии Бохтар (Балх) – Диодот аз ҳолати заъфи Селевкиён истифода намуда, даст ба таъсиси давлати Юнону Бохтар мезанад. Нимаи дуввуми садаи дуввуми то милод бошад мавриди ҳамлаю ҳуҷуми тахориён ва юэчиҳо қарор гирифта, мустазъаф мегардад ва дар паҳнои Бохтар давлати Кушониён таъсис меёбад. Маҳз аз ҳамин замон ба баъд Бохтар ба ҳайси давлат – Кӯшоншаҳр ва ба сифати кишваре таҳти унвони Тахористон ёд шудан гирифт. Аксари муаррихин маҳз Бохтарро ватани зардуштия медонанд ва зикр ҳам карда мешавад, ки нуфуси ин кишвар ба Аноҳито ва Митра низ эътиқод ва ихлосмандии беандоза доштаанд. Муаррих ва ҷуғрофидони атиқа Ктесий бохтариҳоро «мардумони сершумор», «ҷасур» ва «ҷанговар» ба риштаи тасвиру тавсиф кашидааст. Аммиан Мартселин низ чунин фикр дорад, аммо Страбон ва Куртсий онҳоро «мардумони нармдил» тасвиру тавсиф кардаанд.

Дар ҳар сурату дар ҳар ҳолату маврид, асарҳо ва ҳикояҳои таърихии адиб, публитсист ва рӯзноманигори шинохта ва маъруфи тоҷик – Аҳмади Иброҳим бо назардошти маҳз ҳамин вижагиҳою мавқеъиятҳо, муқовиматҳо ва муборизаҳо, пирӯзиҳою мағлубиятҳо, рехтану хестанҳо, кору пайкорҳо, базму размҳои ниёкони мустақими мо дар асоси сарчашмашмаю манбаъ ва махзану ёдгориҳои хаттии гуногун ва муътамад ба риштаи тасвиру тавсиф ва таҳлилу тадқиқ кашидани размоишҳои ҷадду бобоёни мо дар мисоли сарнавишту саргузашти чандин аз афроди наҷиби ҳамон даврону замонҳо дар баробари сипоҳиҳиёни мутааддиду ишғолгар имкон фароҳам меоварад, то мо имрӯзиён бори дигар назаре ба гузаштаи дури худ андозем ва аз ин лаҳазоти ҷолибу ҷаззобе, ки муаллиф тасвир кардааст дарси ибрат ва сабақҳои таърихӣ бардошта тавонем. Хосатан ҷиҳати ҳифзу ҳифозати ҳуввияту ҳайсият, асолату адолати миллиамон дар ин даврони ҳассосу халлоқу сарнавиштсозе, ки мо ва миллати моро фарогиранд.

Аз мутолиаи асарҳо бармеояд, ки онҳо роман (достонҳои

мансур)-и таърихӣ буда, муаллиф кушидааст, ки баъди шиносой бо маъхазу манбаъҳои гуогуни муътамади таърихӣ ва солномаҳо бо истифода аз усулу шеваҳои бадеӣ ва тахайюли худ чеҳраю симо, хулқу атвор, рафтору гуфтори чунин ашхоси мавриди тасвирро дақиқтару хубтар, муассиртару корагартар барои ҳамдиёрон пешкаш кунад.

Мо мунтахаби осори насрию таърихии Аҳмади Иброҳимро барои ҳамдиёрону ҳаммилатолн пешкаш намуда, умед бар он мебандем, ки дар роҳу тариқати ба мардум ошно намудани таъриху сарнавишти пурифтихори ниёконамон бештар аз пештар ба пирӯзию дастовардҳои навин нойил хоҳад гашт. Ба ӯ дар ин ҷодаю роҳ ва таълифи минбаъдаи корномаҳои ниёконамон пирӯзию парвозҳои эҷодии нав, тафаккуру тахайюли хубтар орзумандем.

Бояд махсус тазаккур дод, ки осори мунтахаби насри таърихии муаллиф дар пасманзари ҷаҳду талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба шукуфоии миллату Ватан, давлату давлатдорӣ, худшиносию хештаншиносӣ, асолату ҳувияти миллӣ саҳми босазое хоҳад буд дар баробари ҷашни бошукӯҳи 25-солагии Истиқлолияти давлатии мо.

***Ҷумъахон АЛИМӢ,***
*Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Узви Иттифоқи рӯзноманимгорони Ҷумҳурии Тоҷикистон*

### *Қисми аввал*

# СПИТАМАН

*Ба Спитаман муяссар шуд, ки як қисми азими сипоҳи Александрро нобуд созад. Ин кор ба каси дигар муяссар нагашта буд. (Ф. Алтхайм, муаррихи Олмони ғарбӣ)*

Гулхани афрӯхтаи Спитаман зери фишори боди сарди шимол печу тоб хурда, баъди гармӣ додан дуд шуда ба осмон меравад. Боди сарди тирамоҳ бӯи барф меорад. Инро сипоҳи хастаю маҷрӯҳи суғдиҳо, ки чун ҳаршаба баъди муҳорибаи шадид хастаю маҷрӯҳ атрофи гулханҳо нишаста, ба захмҳои худ марҳам мемоланд, дарк мекунанд. Суғдиҳо имсол бӯйи барфро бештар аз бӯйи гулҳои баҳорӣ интизоранд. Барфе, ки онро Спитаман ҳамроҳи 3 ҳазор сипоҳи баъди задухӯрдҳои шадид боқимондааш интизор аст. Барфе, ки аз рӯи ҳисоби пешакии сарлашкари бузурги суғдиҳо гӯркоби боз камаш 25 ҳазор юнонии ғосиб мешавад, агар фардо ҷон ба саломат мебурду ба Тахористон паноҳ бурда, сипоҳи ҷаррор омода месохт. Он ҷо Катан ва Вастан бо сипоҳи камаш 10 ҳазорнафара ӯро интизоранд. Ҳарду тахории бебокро баъди шикасти Мароқанд, Спитаман ба Тахористон фиристод, то садди роҳи сипоҳи бохтариҳо гарданд. Мувофиқи ин нақша, Александр ҳамин ҷо, дар биёбонҳои Суғдиён дар доми гузоштаи Спитаман бояд табоҳ мешуд. Аммо юнониҳо ба ҷуз Тахористон роҳҳои дигари кӯмак дарёфт карда ба ёрии сарлашкарашон мешитофтанд. Қариб ҳоли ғосиб табоҳ мешуд, ки ёрии нав расида меомад. Кас намедонист Саги зард (суғдиҳо Александрро ҳамин тавр меномиданд) чӣ қадар сипоҳ ба Суғдиёну Бохтар оварда буд, сад, дусад, панҷсад… ё бештар. Дар ин бора касе фикр намекунад, балки рисолаташон ҳифзи марзу бум аст. Имрӯз дар ин ҷо душман ҳудуди 20 000 сарбози сартопо мусаллаҳ дорад. Анқариб нисфи ҳамин миқдор юнониҳоро зимистони гузашта, сипоҳи суғдиҳо ба ҷаҳаннам фи-

ристода буд. Юнониҳо аслиҳаи вазнини худро, иборат аз ғулачӯбҳои бузургу вазнини болои чархҳо шинонда, ки барои шикастани дарвозаҳои диж истифода мешуд, ҳамроҳ бо зинаҳои вазнину дароз дар кӯҳҳои пурбарф кашида бурда наметавонанд. Аробаҳои дучархаи ҷангӣ низ болои талу теппаҳои барфпӯшу лағжон базӯр ҳаракат мекунанд ва дар мавриди ҳамлаи шӯришгарони Суғдӣ коре карда наметавонанд. Онҳо дар хушкӣ, дар майдони кушод ба кор меравнад. Баъди марги шаҳаншоҳи сарзамини Суғд Дорои бузург, Александр маҳз тавассути ана ҳамин гуна аслиҳа қалъаҳоро яке ба думболи дигар кушод. То даме, ки ба Спитаман рӯбарӯ шуд. Ин сакоии ба қавли Александр ваҳшӣ, он миқдор лашкари ӯро талаф дод, ки то расидан ба Суғдиён, ҳамин миқдор лашкар талаф дода буд. Як легиони ҷангдидаи Александр зери фармондеҳии ашрофзода – Гефестион иборат аз 45 ҳазор ҷангӣ ду сол боз лашкари суғдиҳоро таъқиб мекунад. Александр, ки ба сарзамини Суғд, дар баробари сарват, барои дарёфти шуҳрат омад, аз кушта шудани Доро ба дасти сатрапи Киресхата (Ӯротеппа) Беси хоин, хурсанд нашуд. Маҳз барои ҳамин, баъди якуним сол Бесро дошта, дасту пояшро бурида, кундаи нимҷони ҷасадашро берун аз шаҳри бузурги Киресхата (имрӯза Истаравшан) партофт. Ӯ ҳам, ки худ аз бешарафона кушта шудан ба дасти хоинон ҳамвора меҳаросад, онҳоро чашми дидан надорад. Мехост бузургтарин шоҳи олам ба дасти ӯ кушта шавад ва шуҳрати тирагаштаи писари худо – Ахиллеси тавоно дигарбора насиби ӯ шавад. Хоса ӯ ҳам худро на писари Филиппи бадҷаҳл, балки писари худои эллинӣ – Оммон медонист. Модари ӯ Олимпиада ҳам ифтихор аз он дошт, ки бо худои юнониҳо – Оммон ҳамхоба шуда, аз ӯ писар таваллуд кардааст. Аммо кӣ медонист, ки Александр, агар на писари Филлип ва Олимпиадаи ҷодугар, пас, аз кӣ буд? Хоса дар ин марҳилаи тараққиёти Юнон одамон аз васф кардани худоҳои сангину беҷон монда шуда, бовар надоштанд, ки ҳайкали сангини Оммон, ки дар беруни дарвозаи Спарта насб шуда аст, касеро бордор карда тавонад.

Хуллас, чун куштани Доро ба Александр муяссар нагашт, ин бор мехост аз куштани Спитаман шуҳрат ёбад. Барои

Александр на танҳо хирворҳои зари шаҳаншоҳи Форс – Доро лозим, балки ӯ дар ин сарзамини қадима ва дорои маданияти бузургу ҷанговарони тавоно шуҳрат ҳам меҷуст. Хуб дарк мекард, ки дар ҷанги тан ба тан куштани Доро барояш мушкил набуд. Дар майдон шаҳаншоҳро мекушт ва шуҳрати муфт ба даст меовард. Мушкилтар ба набард даъват кардани Спитаман буд. Ӯ бо чашми худ дид, ки Спитаман чӣ гуна ҷанговари бузурги ӯ Квитро бо як маҳорати фавқулодаи ҳарбӣ аз болои асп ба замин кашида, кордро ба ҳалқумаш халонд. Лашкариёни ӯ тавассути мактубҳои худ ба зодгоҳ шуҳрати лашкаркаши суғдиро дар сартосари Юнон паҳн карданд. Дар он сӯи дунё, кӯдакон шамшерҳои чӯбин ба даст гирифта, ба сарлашкари суғдиҳо тақлид мекунанд. Зеботарин духтарони Юнон аз корнамоиҳои ӯ огоҳ гашта, ғоибона ба ӯ ошиқ мешаванд. Ҳазорҳо фарсах дур ба ҳамсари ӯ – Зараи духтари ҳоким Ороба, ҳасад мебаранд. Аз ин лиҳоз, Александр бар он бовар аст, ки дар набарди тан ба тан куштани Спитаман шуҳрати аздастрафтаи куштани Дороро ба ӯ бар мегардонад. Маҳз барои ҳамин, дар иҳотаи лашкари 25 ҳазораи легиони Касандр ва гладиаторҳои бузургҷуссаи муҳофизони шахсиаш, ки бо сарварии қаҳрамони бисёркаратаи бозиҳои олимпӣ – Дракил савганди садоқат ба писари Оммон дода буданд, Спитаманро таъқиб мекард ва фурсат меҷуст. Суғдии шӯришгар ду сол қабл дар оғози мубориза 13 ҳазор сипоҳ дошт, акнун 3 ҳазор сипоҳии нисфашон маҷрӯҳ.

## Бошишгоҳи суғдиҳо

Спитаман ҳамроҳи шаш сарлашкари худ атрофи гулхан хомӯш менишаст. Ҳама интизоранд, ки сарлашкар нақшаи ҷанги фардоро муайян кунад, аммо ӯ хомӯш аст. Балки ба фикр фурӯ рафтааст. Бисёре аз сипоҳиён хуб медонанд, ки фардо касе зинда нахоҳад монд. Рӯшноии шуълаи оташ дар чашмони осмонию зебои аҷдоди Сиёваршан (Суғдиён Сиёвушро ҳамин, тавр меномиданд ва бовар доштанд, ки сарлашкарашон аз аҷдоди ӯ аст) ҷило медиҳанд. Гунаҳояш барқу барқ дурахшида, ба салобаташ салобати дигар зам мекарданд. Мӯйҳои дароз аз пушт, зери таъсири бод ва аз пеш, зери фи-

шори оташ ба ҳар тараф алвонҷ мехӯранд. Ҷароҳатҳои имрӯз гирифтаи баданаш хушк шуда, аз хунфишонӣ бозмондаанд.

Дар рӯшноии шуълаи бозандаи оташ ҳар як мушаки мисли мӯйи суғдидухтарон бофтаи сарлашкар ҳатто аз зери пироҳан дамида баромада, мавҷ мезаданд. Ӯ хомӯш асту ғамгин. Ҳатто дар назари аввал сахт қаҳролуд менамояд. Аммо онҳое, ки ӯро мешиносанд хуб медонанд, ки ҳатто дар ҳолати қаҳру ғазаб қиёфааш на беш аз як шахси оддӣ тағир меёбад.

Лаҳзае баъд, сар бардошта, бо чашмони ранги осмонии барқосояш Вахшунвартро меҷуст. Дар бораи масъалаҳои муҳим бо ӯ маслиҳат мекард. Аз ҳама дӯсти вафодораш ӯ буд. Онҳоро майдони муҳориба барои абад ба ҳам пайвастааст. Гиреҳи дӯстиашонро задухӯрдҳои алоҳида боз ҳам маҳкамтар бастаанд. Ҳифзи марзу буми торафт тангшавандаи Суғди Муқаддас қалбҳояшонро бо ҳам омехтааст. Ҳангоми ба қафо баргаштани Александр аз Балх, тавассути кӯҳҳои Ҳиндукуш дар соҳили дарёи Окс, Спитаман бо сипоҳи ҷарроraш густохӣ карда ба ӯ дарафтид. Дар ин набард 3 ҳазор юнонии ғосиб кушта шуд. Спитаман мехост бо як ҳамла сар аз тани Александр ҷудо карда, ба ҷанги хонумонсӯз хотима бахшад, аммо гладиаторҳои бузургҷуссаи муҳофизони Александр сипарҳои дарози худро пешорӯи ӯ гузошта, ҳисори бузурге карданд. Ҳамин, ки аспи бодпои Спитаман дар назди девори оҳанин бозистод, Дракил бо найзаи дароз сарлашкари суғдиро аз болои асп зада афтонду якбора 7 гладиатор теғ ба рӯи ӯ кашиданд. Ана дар ҳамин вазъияти барои ӯ хатарбор, Вахшунварт аз ҷонаш гузашта, наъраи ҷонкоҳ зада, ба ҳалқаи гладиаторҳо даромад. Спитаман фурсатро аз даст надода, панҷа ба хафтони Квит зада, ӯро аз асп ба зер кашида, теғ ба гулӯяш халонд. Баъд ҷаста аз қафои Вахшунварт болои асп савор шуда аз ҳалқа баромад. Ҳамин тавр, Вахшунварт ҷони сарлашкарро халос кард. Аз ин садоқати дӯстон Александр беихтиёр ба ваҷд омада, нидо дод:

Πολύ καλά! (Поло Кала) – Офарин бар шумо!

Ҳамин саҳнаро, Спитаман болои гулхан рост истода, ба хотир овард. Хуб медонист, ки баъди рафтани Катан – қаҳра-

мони тахорӣ ягона муттакояш Вахшунварт, писари ашрофзодаи Суғдӣ аст. Дигар ҳама диловаронаш баҳри ҳифзи ватан ҷон бохтанд. Ҳар кадом шермардоне буданд, ки то мурдан хуни садҳо душманро рехтанд. Саранҷом барои ҳифзи марзу бум сар ба замин ниҳоданд.

Оҳиста ҳайкали сангини қаҳрамони Суғдӣ аз олами хаёлот берун баромада, рушноӣ ва гармии гулханро ҳис кард. Бо ду дасти мустаҳкаму пурқувваташ ҳарду китфонашро ба оғӯш гирифта фишурд, мисли он, ки хунук хурда бошад.

– Вахшун! – нидо дод ӯ. Вахшунварт аз назди наздиктарин гулхан аз ҷой бархост.

– Ман ин ҷоям, сарвари ман.

– Бори дигар нидо дардеҳ, ки ман касеро барои мубориза бурдан маҷбур намекунам. Фақат бигӯ, ки муҳориба баҳри шарафу номуси ватандорист. Аз ин баъд мубориза барои ғалаба нест, балки баҳри адои қарзи фарзандӣ аст дар назди сарзамини Суғди муқаддас. Бигӯ, касе, ки тобу тавони мубориза надорад, ҳамин шаб, баромада равад. Аз майдони муҳориба гурехтан рӯҳи ҷангиёни моро мешиканад. Вахшунварт маротибаи сеюм нидо дод, аммо касе, бо шумули маҷрӯҳон, аз ҷой наҷунбид. Ҳама тайёр буданд шаҳди ҷонфидоиро барои Ватан бичашанд. Спитаман қомати хадангашро рост карда, чашм ба алангаи оташ дӯхта, якояк ёрони ҷангии дар набардҳо кушташудаашро ба хотир овард: Ҳармузд, Баҳром, Артавон, Ардашер, Суҳроб… Шабҳо корнамоиҳои онҳоро дар хоб медид ва пинҳон аз дигарон хомӯшона дар маргашон ашк мерехт. Аммо қатраҳои ашк аз чашмонаш намебаромаданд, балки сӯйи қалбаш ҷорӣ мешуданд. Ӯ хуб медонист, ки камтарин нармӣ қалби сипоҳиёнро мешиканад. Ашки сӯзони ӯро ҳатто Зараи ҳамсараш, ки шаш моҳи аввал ҳамроҳаш буд, надид. Балки, аниқтараш он вақт гиря карда метавонист. Дилаш нармӣ дошт. Акнун баъди наззораи ин ҳама бераҳмиҳои юнониҳо ба дастгоҳи қатли душман бадал гашта буд. Ҳеҷ ҳиссиёти дигаре ба бадани оҳанинаш роҳ ёфта наметавонист. Фақат ёди духтараки дӯстрӯяки 8-солааш Апама дилашро каме нарм мекард.

Баъд Зараи мисли падараш Ороба шуҳратпараст, мушкилоти майдони муҳорибаҳоро таҳаммул карда натавониста, гиряву зорӣ карда, иҷоза гирифт, то ба назди падараш рафта, дар ҳамон ҷо пинҳон шавад. Аммо дар асл, зан нияти пинҳон шудан надошт, балки кӯшиш мекард дар назди ҷаҳонгир – Александр хизмате карда бошад, то мавриди лутфу марҳамати шаҳаншоҳ қарор гирад. Ин маслиҳати падараш буд, ки ба ӯ писанд омад, аммо он вақт изҳори норизоӣ карда буд. Онҳо хуб дарк мекарданд, ки Александр дар ҳама кор кӯшиш мекунад аз Филиппи падараш болотар бошад, то бигӯянд на писари ӯ, балки аз нутфаи Оммон аст. Ин талаботи Александр, фикр мекард Зара, ба хоҳиши ӯ мусоидат мекунад. Охир, ба қавли атрофиён, зеботарин зани Суғд аст, балки хело дилкаштар аз ҳама занони юнонӣ. Ба замми ин, падараш пинҳонӣ аз ҳама бо ӯ маслиҳат карда, номаи садоқат ба Александр навишта буд. Ин дар ҳоле, ки баъди вохӯрии ахирии Спитаман бо Александр, қабл аз муҳорибаи Мароқанд, дигар ҳама гуна тамос бо юнониҳо хиёнат ҳисоб мешуд. Атрофиёни Ороба ба Спитаман дар бораи тамоси падарарӯсаш хабар дода буданд. Сарлашкар инро тухмат ҳисобида бошад ҳам, нигарон буд, чунки медонист, ба чунин хиёнат даст задани хусури танпарасташ аз эҳтимол дур нест. Ӯ ҳатто ба пешниҳоди фармондеҳи қаноти рости лашкараш, тахории шердил –Катан дар бораи муҷозоти Ороба дар байни сипоҳ, гӯш накард. Катан каме озурдахотир гашта буд. Аммо Спитаман дасташро ба гардани тахорӣ ҳалқа карда, бо табассуми ноаён ба гӯшаш гуфта буд: «Ӯ падари Зара аст. Мехоҳӣ маро бе хеш гузорӣ?»

Ӯ акнун аз он ҷавони тахории шуҷоъ ёд кард. Сахт пушаймон шуд, ки чаро ӯро якҷо бо Вастан ба ҷануб, барои маҳкам кардани садди роҳи бохтариён равон кард. Катан ва Вастан ду қаноти на танҳо лашкар, балки қаноти худи ӯ буданд. Аммо дертар худ ҳайрон шуд, ки чаро сарлашкари тахориҳо – Рустамро ба ёрӣ даъват карду Катанро не. Аз афташ, аз дил гузаронд сарлашкар, Катан ҳамон ҷо заруртар буд. Баъди рафтани Катан дигар барои Александр аз Бохтар кӯмак нарасид. Ин исботи раъйи дурусташ буд.

Спитаман нақшаи муқовимати фардоро, ки дигар шикори

юнониҳо унвон дошт, шартан «ҳамлаи морон» номид. Ин усули муҳорибаро қаблан, борҳо ба ҷангиёнаш машқ додааст.

Аммо ин бор кор дигаргуна буду на ба нафъи суғдиҳо. Ҳатто сарлашкар дигар бовар надошт, ки онҳо юнониҳоро шикор мекунанд, балки мутмаин аст, ки шаш моҳи ахир, маҳз Ватандорон нақши сайдро иҷро мекунанд.

**Александр**

Дар қароргоҳи юнониҳо кор дигаргуна аст. Атрофи гулханҳо сарбозон суҳбати гарм карда гоҳо механданд, гоҳо бо ҳар гуна садоҳои ба мусиқӣ монанд, масалан ба пушти сипар задан бо дасти дашна ё садои асбоби мусиқие монанд ба найи суғдиҳо ракс мекунанд. Гулханҳо ин ҷо равшантаранду гунаҳо сурхтар. Шоҳ Александр рӯи тахти сайёр наздик ба гулхан нишастаасту дар даст қадаҳи май. Дар наздаш рӯёи замин Гефест – ҷавони хеле хушсурати дар қаду баст ва нозукӣ монанд ба духтарони танноз нишастааст. Ҳар гоҳ қадаҳи шоҳро пурмай мекунад ва сарашро шона мезанад ё аз лабонаш мебӯсад. Гефест маъшуқаи шоҳ аст, ки дӯсташ медорад. Бе ӯ лаҳзае хуш буда наметавонад. Александр як ҷавони миёнақади ҷингиламӯи босалобат аст. Манаҳи каме барҷастаи лунда ва лабони ғафси сурх, чашмони кабуди нилиаш ӯро аз будаш каме бузургсолтар нишон медиҳанд. Нигоҳи қатъӣ, гиреҳи базӯр аёни пешонӣ, гардани ғафс, рагу пайванди боқувваташ нишон аз салобату самимияти вай медиҳанд. Маълум аст, ки ин навҷавони худхоҳ дар айшу нӯш хеле ҳалиму меҳрубон асту худро аз будаш ҳалимтар нишон медиҳад, аммо вобаста ба вазъият хеле бадқаҳр ҳам мешавад. Охирин бор ҳангоми задухӯрд дар назди деҳаи Гавгамел бо лашкари сесадҳазорнафараи Дорои 3, вақте сафҳояш пароканда шудан гирифтанд аз ғазаб ба назар намуд, ки рӯи зебояш хеле зишту каҷнамо шуд. Ҳоло ором асту дар фароғат. Сарлашкаронаш Дракил, Квитос ва Касандрро ба машварат даъват кард. Ҳама наздик омада гӯш ба ӯ доданд.

Фардо дар майдони ҷанг роҳ бикшоед, ки ман худ бо

Спантамано рӯбарӯ шавам, гуфт шоҳ. Мехоҳам бубинам, ки ба чӣ қодир аст. Кӣ медонад, ки то Ҳиндустон ман чунин рақиби пурқувват дарёфт карда метавонам ё не. Дар муҳорибаҳо ҳар куҷо, ки асп медавонам ҳама пароканда мешаванд. Касе нест, ки бо ӯ панҷа нарм карда шавад. Ҳамин тавр давом кунад ман малакаи ҷангиамро батамом фаромӯш мекунам. Фақат ҳамин ваҳшӣ – Спантамано аст, ки аз касе фирор намекунад. Балки дигарон аз ӯ фирор мекунанд. Ҳамин тавр не, дӯстам Дракил?

Дракил худро ноҳин ҷор ҳис карда, сар ба зер афканд. Ӯ боре дар Мароқанд аз ҳамлаи барқосои Спитаман дар ҳарос афтода аз наздаш фирор карда буд.

– Спитамен боз як дӯсти дигар дошт Ка-Ка, номаш чӣ буд…

– Катан, шоҳам, – ба ӯ кӯмак кард Касандр.

– Ҳа-а, бало занадаш, Катан. Ин тахорӣ ҳам хеле бомаҳорат асту пурқувват. Воқеан, куҷо ғайб зад?

– Ӯро Спитамен ба ҷануб равон кардааст, – ба савол посух гуфт Касандр.

– Он ҷо-ку Рустам сарлашкар аст?

– Бале шоҳам, Рустам сарлашкар аст, аммо Катан ва Вастан ҳам нуфузи на камтар аз ӯ доранд.

– Вастан ҳамон қадбаланд…? Ёдам ҳаст. Ин дароз ҳам хеле моҳирона шамшер мезанад. Ҳеҷ гап не, бо Спитаман ҳисобамонро баробар мекунем, баъд ба ҷануб меравем. Мебинем, ки Сатибарзану Катан ва Вастан ба чӣ қодиранд.

Фардо кори Спантаманоро тамом кардан лозим. Бе ҳамин ҳам 1 сол шуд ин суғдии лаънатӣ ҷонамонро ба лаб овард, набошад кайҳо дар Ҳиндустон будем. Бо ҳамин сипоҳи начандон калонаш, қариб 25 ҳазор сарбози моро ба назди худои маргамон Аид фиристод. Ба чашмони онҳо ҳатто танга барои ҳаммоли он дунё – Харон гузошта натавонистем. Ҳамааш туъмаи морону каргасон шуданд. Худоё, чӣ қадар ин сакоии ваҳшӣ чолок асту пурқувват ва бомаҳорат…



## «Фирор» ва «Ҳамлаи морон»

*Вақте, сипоҳи дуюнимҳазорнафараи Александр наздик шуд, Спитаман қўшунҳояшро гирифта, рў ба гурез ниҳод. Ногаҳон дастаи саворагони Спитаман якбора бозистоданд ва ба қафо гашта, ҳамроҳ бо тирандозони дар камин истода, ба сари таъқибгарон ҳуҷум карда, ҳамаро аз дами теғ гузаронидаанд. (Муаррихи Юнони қадим Арриан)*

Бо дамидани субҳ, сипоҳи Александр хело барвақттар аз рўзҳои дигар, бо нидои махсуси пасти дуҳул, барпой хест. Александр бовар дошт, ки имшаб шаби охирини сипоҳи Спантамано (юнониҳо ўро ҳамин тавр меномиданд) маҳсуб мешавад. Умеди ў, барои дарёфти шуҳрат аст. Дигар касе дар муқобилаш, ба ҷуз ҳамин суғдӣ, то ин муддат, истодагарӣ накарда буд. Тамоми ин вақт, то ҳанўз писари Филипп, ба ҷуз аз Спантамано, дигар аз касе наҳаросида буд. Ў фурсат мепоист, то суғдии далерро, ки ҳамагӣ ду-се сол аз ў бузургтар аст, ба ҷанги тан ба тан даъват кунад. Лаҳзаи рўбарў шуданашро ба Спитаман ёд оварда, хунаш ба ҷўш меомад. Қабл аз муҳорибаи Мароқанд ба ин суғдии ситорагарм сатрапии водии Кирополро ваъда дод. Маҳз ҳамин тақсимоти ватани ў суғдиро ба ғазаб оварда буд. Спитаман теғи нигоҳ ба рўяш кашида гуфта буд: «Кори Суғди Муқаддас ба ҷое расида, ки аҷнабие қисматаш мекунад?» Ин суханон ончунон сарду ваҳмангез буданд, ки ҳатто Дракил барои эҳтиёт даст ба қабзаи шамшер бурд. Катан ҳам, ки дар ин вохўрӣ ҳузур дошт бо тамоми вуҷуд ба ҳуҷум ҷониби душман омода шуд. Аммо донишманди бузурги юнонӣ Каллисфен бо суханони ҳакимонаааш оташи ғазаби ҳозиринро паст кард. Дертар, баъди ба қароргоҳ баргаштан, Александр рў ба донишманд оварда гуфта буд: «Беҳуда Олимпиада туро ҳамроҳам нафиристода аст. Қариб буд бо он ду ваҳшӣ шамшерзанӣ кунем. Ҳатто агар онҳоро мекуштем дар он лаҳза соҳиби шуҳрат намешудем. Дракил фориғболона дар ҷавоб гуфта буд, ки ман намегузоштам, ки як тораи мўйи ту, Александр, кам шавад. Шоҳ аз ин «меҳрубонӣ»-и фармондеҳ қоҳ-қоҳ зада хандид. Хандааш аз он буд, ки наход писари Худо Оммон муҳтоҷи ҳимояи Дра-

кил гашта бошад. Хандаи Александр бачо буд, чунки ҳама медонистанд, ки ӯ хело ҷангитар аз Дракил аст.

Вақте сипоҳи савораи ғосиб баъди ду соати саросема роҳ гаштан, ба бошишгоҳи имшабаи суғдиҳо расиданд, касе набуд.

Ҷосусони айёри Спантамано аз ҳоли сипоҳи ман доимо бохабаранд, ба худ андешид писари Филипп. Дар бошишгоҳ ба ҷуз чанд чаҳордевори хурдакаки имшаб пайдошуда, ки дар дохилаш ҷасадҳо буданд, аз ҳисоби маҷрӯҳон ва аспи мурдаи қаблан захмбардошта, чизе дигар боқӣ намонда аст. Юнониҳо дар ҳайрат афтоданд, ки чаро сипоҳи гуруснаи Спитамен гӯшти аспро нахӯрдаанд. Намедонистанд, ки асп барои суғдиён, ҳайвони муқаддас аст. Суғдиҳо ҳатто ҷасади баъзе аз аспҳои хушзоти хизматкардаро мисли одамон ба замин гӯр намекарданд, балки дар чаҳордевор мегузоштанд, то паррандагон гӯшташро хӯранд, баъд устухонашро зери хок кунанд.

Александр ба 4 ҳазор савораи навакак аз легионҳои дигар ба ӯ пайваста, ки хаста набуданд, фармуд, то пешопеши нерӯҳои асосӣ зудтар ҳаракат кунанд, бошад, ки ҳангоми нисфирӯзӣ ба гурезаҳо расанд. Нақшаи Александр дуруст баромад, суғдиҳо мисли рӯзҳои дигар тез ҳаракат намекунанд. Бардошта бурдани маҷрӯҳон ҳаракати сипоҳро суст мекард. Балки қабл аз зӯҳр чанд савораи Спитаман намудор шуд. Аз байни гарду ғубори аз шиддати шамол бархоста, сардори дастаи душман Квитоси бузургҷусса 7 савор ҳисоб кард. – Ин дастаи қафомондаи Спантамано аст, – нидо дод ӯ. Пас, биштоб, ақаллан ҳамин маҷрӯҳонро боздошта биёр, фармуд Александр. Квитос дастаи ҳазорнафараро гирифта, аз қафояшон шитофт. Зери гарду ғубор базӯр онҳоро медид. Ғубори бархоста ба чашмҳо ва бинии одамону аспон медаромад. Аз ин лиҳоз, сулфаи одамон ва фих-фихи аспҳо аз зери садои пойкубӣ ба гӯш мерасид. Офтоби камқуввати чошт ваъдаи гарм шудани рӯз медод. Ҳоло ҳарорат муътадил асту барои муҳориба мувофиқ. Баъди ним соат таъқибгарон ба микдори як тирпартоб ба гурезаҳо наздик шуданд. Ҳамин дам, якбора гурезаҳо бозистоданд. Таъқибгарон ҳам аз ин ҳол каме дасту по гум карда ба ҷои ба сари онҳо ҳуҷум кардан бозистоданд.

Лаҳзае ҳушдори Александр дар бораи ҳиллаҳои Спитамен ба хотири Квитос омад, аммо миқдори ками савораҳои суғдӣ ӯро ба худнамоӣ ҳидоят мекард. Мехост ҳунарашро ба Александр нишон дода, боиси таҳсину офарини ӯ гардад.

– Ба пеш! – фармон дод ӯ. Баъди боз тахминан 500 қадам ҷониби гурезаҳои савора рафтани юнониҳо, аз ҷониби рости сипоҳи душман ғайричашмдошт сад тирандози бонизом аз зери қум баромада, сӯи саф тир парронданд. Сипоҳиёни Квитос чун барги дарахт ба замин рехтанд. Онҳое сахт ҳайратзада буданд, ки бархостани ин тирандозонро надида буданд. Ба худ савол доданд: тамоман набуданд, якбора аз куҷо пайдо шуданд?

Ҳамин аст усули ҷанги «морони» Спитаман. Инҳо асосан тирандозони тахорианд, ки аксарияташон аз оғози муқовимат дар паҳлӯи сарвари ҷасур, ҳамроҳ бо ҷангиёни қабилаҳои сакоӣ, яксартҳо ва массагетҳо ҳазорҳо ғосибро туъмаи шағолон кардаанд. Тахориҳо дар тирандозӣ маҳорати беҳамто доранд ва ҳуқуқи хато кардан надоранд. Дар ин ҳамла ҳудуди 70 савори душман кушта, ё маҷрӯҳ шуд. Чанд лаҳза сипоҳи душман даступо гум карда, бенизомона пароканда шуд. Баъд, Квитос вазъиятро ба даст гирифта, сафҳоро рост карда, омодаи ҳуҷум шуд. Ҳамин дам, сафи дигари тирандозон, ки то ин лаҳза зери қум пинҳон буданду бо усули махсус бо найчӯб нафас мегирифтанд, рост шуда, тир кушоданд. Тахминан боз ҳамон миқдор душман аз болои аспҳо ба замин рехтанд. Сафи душман дигарбора пароканда шуд. Сипоҳ дар таҳлука афтод. Ҳама ба даҳшат омаданд. Ҳафт савораи гуреза низ ҳамроҳ бо дастаи ҷаррори пинҳоншудаи Спитамен иборат аз 500 савор шамшерҳо баркашида, ба сипоҳи душман дарафтиданд. Задухӯрди шадид оғоз шуд. Дар як они воҳид майдон пур аз сару дасти бурида ва ҷасади ҷанговарон шуд. Спитаман сафи муҳофизони дастаи Квитосро бо як ҳамлаи барқосо пароканда карда, шамшер ба сари сардори даста зад, ӯ бо сипар зарбаро рад карда, зарбаи ҷавобӣ зад. Сарлашкар бо шамшер рад кард. Хост дигарбора шамшер ба ҷигаргоҳи Квитос занад, юнонӣ чолокона сипар бар рӯй кашид. Аспи суғдӣ ба ду пои қафо рост шуда шингаи гӯшхарош зад. Спитаман дарк кард, ки

душман маҳорати хуби шамшерзанӣ дорад. Бинобар ин аспро ба ду пой бархезонд, то фурсати иваз кардани силоҳ пайдо шавад. Ин бор ҷисми пурҳаракаташро тоб дода аз рӯйи китф бо найза ба ҷавшани душман зад. Силоҳ ҷавшанро сӯрох накард, аммо ӯро аз асп ба зер афканд. Спитаман ҳам зуд пиёда шуд, то юнонӣ аз поён зарба ба поҳои пеши асп назанад. Квитос бо шамшер хост бо як зарба сар аз тани Спантамано ҷудо созад, аммо суғдии ҷасур сар хам карда, аз поён найзаи кӯтоҳро ба шиками юнонӣ халонд. Нӯги найза аз пушти душман берун баромад. Нола карда ба замин афтид. Спитаман зуд худро болои асп гирифта, барои алангаи шартии хури оташи абадии Зардушт нидо дод – Хуррр… Хуррр. Ин нидоро ғайрихоҳиши худ Квитос, ки ҳалқумаш пур аз хун шуда буд такрор кард. Суғдиён ҳама бо як овоз ҳамин нидоро такрор карданд. Ларза бар андоми сипоҳи боқимондаи душман афтид. Баъди боз лаҳзае муқовимат, боқимондаҳои нимаҷони сипоҳ иборат аз 20–30 савор рӯ ба гурез ниҳоданд. Спитаман таъқибро салоҳ надид, чунки аз он ҷониб сипоҳи асосии душман хело наздик омада буд.

Бо муҷарради наздик шудан, Александр аскарони маҷрӯҳу нимҷонашро бе сардор дида, заҳрханд карда, зери лаб гуфт:

– Акнун дидед, ки ман бо кӣ меҷангам, на Гектор, на Геракл ва ҳатто Ахиллес зӯри бозӯи Спантаманоро надоранд.

Юнонии худхоҳ инро барои он гуфт, ки баъди куштани Спитаман шуҳрати он ҳарсеро барои худ касб кунад. То ин дам ҳам, худро бартар аз онҳо медонист, чунки онҳо мисли ӯ нисфи ҷаҳонро нагирифта буданд. Балки тибқи ривоятҳои Гомери нобино, фақат як шаҳр – Трояро, онро ҳам базӯр бо найрангҳои Одиссей, ишғол карданд. Ӯ бовар дошт, ки баъди чанд соли дигар, тамоми ҷаҳонро пеши Юнон ба зону мешинонад. Лаҳзаи дигар, рӯ ба сипоҳ оварда, нидо дод:

– Агар хоҳед, ки ҷанг зудтар ба анҷом расаду шумо бо суғдидухтарони паричеҳра дар айшу нӯш бошед ва ғанимати зиёди гирифтаатонро ба ватан баред, имрӯз тарки ҳама гуна осоиш гуфта аз қафои ман шитобед, то ин ваҳшии ҷарророро туъмаи морон кунем! Ҳамин, ваҳшӣ аст, ки шумо осуда буда наметавонед! Имрӯз ҷасади ӯ бояд зери пои аспони шумо лагадкӯб ша-

вад. Мӯи сари сурхашро бошад, барои намоиш ба Юнон мебарем, то мардум мутмаин бошанд, ки Спантамано дигар зинда нест! Зевс мададгори мо! – гуфта аспашро маҳмез зад.

## Муҳосира

Нимаи дуюми рӯз, лашкари Спитаманро ба муҳосира гирифтанд. Суғдиҳо чанд маротиб кӯшиши аз муҳосира баромадан карданд, аммо сафҳои муназзам ва саропо мусаллаҳи душманро пароканда карда натавонистанд. Спитаман усулҳои нави ҷангиро ба кор бурда, ҳамроҳ бо сипоҳи ҷонфидояш садҳо душманро ба хок яксон кард. Ҳар бор Александр рӯ ба сарлашкаронаш Дракил, Гефестион, Эней оварда нидо медод: – Аз ин ваҳшӣ биомӯзед, танҳо чунин ҷангидан лозим! Тирҳои тахориҳо тамом шуда буд. Фақат гоҳо тирҳои партобкардаи тирандозони сипоҳи душманро барои нобуд кардани худи онҳо истифода мебурданд. Дар ин муҳорибаи нобаробар сипоҳи душман се баробар бештар буд. Александр дар иҳотаи дусад гладиатори тавонои худ истода, то ҳанӯз ҷуръат намекард Спантаманоро ба ҷанги тан ба тан даъват кунад. Ҳамин, ки тасмим мегирифт, боз ҳамлаҳои беамони суғдиро ба сафҳои лашкари худ дида, аз раъйаш мегашт. Ӯ медонист, ки ҷони ӯ барои юнониҳо чӣ баҳои гарон дорад. Марги ӯ оғози парокандагии сипоҳ аст, аммо лаззати куштани Спантамано анқариб баробар ба он нарх шуда буд. Суғдӣ дар ин лаҳза хело оташин буду хатарнок. Чун боз ба бадани таранги Спитаман нигоҳ мекарду онро бо Доро дар муҳорибаи Гавгамел муқоиса мекард, ин ҷо бартарии хеле зиёд дида, боз раъяшро дигар мекард. Он ҷо шахси бузургҷуссаи бе мушаку бе рагҳои ғафси мустаҳкам буду ин ҷо сартопо бадани ҷангӣ.

Аз он ҷониб, баъди як ҳамлаи барқосо дӯсти аҷдоди Сиёваршан – Вахшунварт бо Дракил рӯбарӯ шуд. Нахуст гладиатор шамшери паҳну кӯтоҳи худро бо тамоми қувва ба сари Вахшунварт зад. Зарба ончунон барқосо буд, ки суғдӣ танҳо дар лаҳзаи охир тавонист сипар бар сар кашад. Бо вуҷуди ин тамоми рагу пайвандаш ба ларза даромаданд ва ҳатто сипар ба сараш бархӯрда, каме гарангаш кард. Баъди чанд сонияи дигар, Вахшунварт оҳиста аз асп ба зер афтид. Хатари зарбаи

дигари Дракил ба ҷонаш таҳдид кард. Инро дида, Спитаман ба мадади ӯ шитофт. Якбора ду сарбози савора сари роҳашро баста, қариб ҳарду баробар ба сараш шамшер бардоштанд. Шамшери якеро бо сипар баргардонида, ҳамзамон силоҳи хуношоми худро ба ҳаракат даровадра, гулӯи дигарашро бурид. Баъд чолокона то ба худ омадани дигарӣ, шамшерро то даста ба шиками савораи дуюм халонд.

Он ҷо бошад Дракил пиёда шуда, фурсатро ғанимат шумурда, то ба худ омадани ҳарифаш бо корди кашида, болои сари Вахшунварт омад, то корро тамом кунад. Ҳамаи инро Александр аз дур наззора мекард. Ҳамин дам, дар ҳоле, ки Вахшунварт дар замин мехобид, якбора ба худ омада, аз замин шамшери афтидаашро бардошта, нимхез шуда, зарба зад. Дракил ба қафо ҷаст, аммо шамшер шикамашро харошида буд, ки Дракил бо дасти чап ҷои ҷароҳатро дошт, то бифаҳмад, ки то кадом андоза зарар дидааст. Александр гумон кард, шиками Дракил даридааст. Лаҳзаи дигар, марафончии далер шояд тарсид, ки бо корди кӯтоҳаш ба Вахшунварт наздик шавад, хоса зарбаи ӯро як бор чашид, бинобар ин, аз қарбуси зини аспаш найзаро гирифта, сӯи ӯ тохт. Вахшун то ҳанӯз баъди зарби сипар пурра ба худ наомада буд. Ин лаҳзае рух дод, ки Спитаман корд ба ҷигаргоҳи савораи дуюм мезад. Мақсади Дракилро пай бурда, Спитаман дигарбора наъра зад. Гладиатор дар як вақт бо ин наъра зарбаи ҷонкоҳе ба қалби Вахшунварт зад. Шамшери Вахшун дар нимароҳ мисли соҳибаш гӯиё ноумед монд, сахт маҷрӯҳ шуд. Дракил ончунон саргарми куштани Вахшун шуд, ки фақат баъди наъра задан Спитаманро дид. Дигар аз шарму ҳаё ёд накарда, болои асп ҷаҳида, фирор кард ва якбора даҳҳо сипоҳии дигар роҳро ба сарлашкари суғдиҳо бастанд. Александр қоҳ-қоҳ зада хандид, ӯ ҳатто аз фирори Дракил хушҳол шуд. Фирор собит сохт, ки касе ба ҷуз Александр ҳамтои Спитаман нест.

Сипоҳи суғдиён дигар ёрои муқовимат надорад, тахмин кард писари Оммон. Ҳамагӣ камтар аз 100 савор ва чанд пиёдаи хастаю маҷрӯҳ боқӣ монду халос. Юнонӣ инро дарк карда бошад ҳам, то ҳанӯз ба сипоҳ фармони ҳамла намедод, чунки дар байни ҳамин майдон, бояд бо Спантамано муҳори-

ба карда, шуҳрат ёбад ва номаш дар қатори қаҳрамонони эллинӣ – Ахиллес, Гектор, Геракл, Ясон сабт мешуд. Дигар чунин фурсат ба ӯ даст намедод.

### Ҳуҷуми Бабр

*Ҷангиёни суғдӣ то ҷон дар рамақ доштанд, ҷангиданд. Дар охирин лаҳза, байни марг ва асорат аввалиро ихтиёр мекарданд, яъне даст ба худкушӣ мезаданд.* ***(Квинт Курций)***

Спитаман, чун одати деринаи суғдиҳо ҳангоми ба марг тайёр шудан, либосҳои болояшро кашида, то миён урён шуд. Зиндамондагони сипоҳи ӯ ҳам чунин карданд. Ин маънии онро дошт, ки дигар мубориза на барои зинда мондан, балки барои бошарафона мурдан аст. Дар лаҳзаи охирин ба назди Вахшунварт омада аз асп фаромада, бо дӯсташ видоъ кард. Александр дар ин лаҳза ба майдон набаромад, чунки тасмим гирифт бигзорад, то ӯ бо дӯсти ҷангиаш видоъ кунад. Ин дам, ҳатто аз марги қарибулвуқӯъи ҷанговари суғдӣ, изҳори таассуф кард. Спитаман сарашро болои ҷасади нимҷони дӯсташ, ки дар талхию ширинӣ қариб тамоми умр бо ӯ буд, хам карда, худи ҷангиро аз сари маҷрӯҳ гирифт. Мӯйҳои дарозу парешонаш ба бадани Вахшунварт расиданд. Маҷрӯҳ дасти хуншорашро, ки аз кӯшиши кашидани найза гулгун шуда буд, базӯр бардошта, гардани серрагу пайванди сарлашкар ва дӯсташро ба оғӯш кашида, дигар маҷоли сухан гуфтан накард. Чашмонаш пурҳасрат буданд. Ҳасраташ аз он буд, ки муборизаро ба охир расонида натавонист. Лашкар шикаст хурдаасту душман зинда. Муҳимтар ва нанговартар аз ҳама ҳамин аст, ки Ватан зери пои мӯзаҳои касифи душман монд. Гардани сарлашкарро сар дода, ба сафҳои парокандаи сипоҳиёни худ нигарист, ҳама оғӯштаи хун буданду мурдаю маҷрӯҳ. Базӯр сарашро ҷониби сафҳои муназзами душман карда, боз ба замин гузошт. Касе аз ҷой намеҷунбид. Гӯё як лаҳза ҳама шах шуданд. Қабл аз ин, Дракил хост ба сари Спитаман ҳуҷум кунад, аммо Александр бо ишораи даст ӯро боздошт. Гӯё юнонӣ дарди Спитаманро ҳис мекард. Худ ҳам оҳанги ҳуҷум намекард, чунки медонист дар чунин ҳолат сарлашкари суғдиҳо то кадом андоза хатарнок

аст. Дар дигар ҳолат ёрои муқовимат бо ӯро дошт, аммо на ҳоло. Маҷрӯҳ бори охир сар аз замин бардошта, бо нафрат ҷониби Александр, ки шояд каме бештар аз 1000 қадам дуртар аз онҳо меистод, теғи нигоҳ кашид. Спитаман оҳиста аз ҷой бархоста, сабук болои аспи бодпояш ҷаста, бо нигоҳ, охирин бор бо дӯсташ видоъ карда, найзаи кӯтоҳашро болои сар бардошта нидо дод.

Хуррр… Хуррр…. Ҷанговарони зиндамонда бо ӯ ҳамовоз шуданд. Майдонро нидоҳои барои душман даҳшатангези «хуррр…» пур карданд. Юнониҳо барои ба ҳарос наафтидан шамшер ба сипарҳо задан гирифтанд. Ҳама дар ҷой меистоданд, дигар касе ҷанг намекард. Балки бо садоҳо ҷанг мекарданд. Садоҳои даҳшатнок майдонро пур карданд. Гирдбоди бархоста ин ҳама садоҳои ваҳмангезро дар майдони ҷанг тоб дода, баъд ба дуриҳо мебурд. Спитаман сабук ҷаста болои асп худро гирифта, чун барқ сӯйи сафҳои душман дар парвоз шуд. Ғубор аз нав ба осмон хест. Дигар касе ҷанг намекард, балки ҳама чашм ба аспи бодпои суғдӣ дӯхта буданд. Кас намедонист, ӯ боз чӣ ҳилаи ҷангиеро пеш гирифтааст. Тамоми рагу пайванди мустаҳками суғдӣ барҷаста буданду бедор. Бофтаҳои мушакҳои шикам ва бозувонаш ба хаёли Александр даврони навҷавониашро овард, ки ба бофтаҳои мушакҳои гладиаторҳо, ки чунин буданд, ҳасад мехӯрд. Мӯйҳои дарози суғдӣ аз таъсири бод ба қафо алвонҷ хурда, парчамеро мемонд. Сарлашкар ба ҷуз найзаи кӯтоҳи дар қарбуси зин овезон ва шамшери ялаққосии бурро дар наём, аслиҳаи дигар надошт. Баъди лаҳзае найза ва шамшерро ба даст гирифта, дар ҳоле, ки асп бо тамоми суръаташ метохт, ҷаста болои зин бо кафҳои пояш рост истод. Ин маҳорати ӯ фақат юнониҳоро дар ҳайрат овард, суғдиҳо медонистанд, ки писари Сиёваш ба чӣ қодир аст, аммо ҳатто онҳо пай бурда натавонистанд, ки ин бор сарлашкар чӣ нақшае дорад. Инро Вахшунварт шояд хуб дарк мекард, ки оромона ба он ҷониб нигоҳ мекард ва мунтазири башорате нек буд. Агар ҳамин интизорӣ набудӣ ӯ кайҳо ҷон дода будӣ. Ин вопасин лаҳзаи муҳориба аст.

Юнониҳо дар лаҳзаи охир пай бурданд, ки ваҳшии густох сӯи Александр мешитобад. Зуд муҳофизони бузургҷуссаи

Александр ба қадри 10 қадам аз писари Филип дур шуда, ба пеш баромада, сипарҳои думетраро ба замин гузошта, барои ҳифзи ҷони сарлашкар ҳисори мустаҳкам сохтанд. Аз ҷиҳати бузургҷуссагӣ баъзе аз муҳофизон як сару гардан баландтар аз сипарҳо буданд. Александр ҳатто аз ин аблаҳии муҳофизон каме оташин шуд, чунки то ҳанӯз бовар надошт, ин суғдии ваҳшӣ густохӣ карда, ба ӯ ҳуҷум кунад. Спитаман найзаро ба дасти рост гирифта, синаи муҳофизи ба пеш баромадаро нишон гирифта, партоб кард. Нӯги тези найза аз тарқиши байни сипарҳо гузашта, аз пушти юнонӣ намудор шуд. Зуд шамшерро бо дасти рост гирифта, лаҷоми аспро сар дод. Ҷонвари хушзот, дар ҳоле ки чун бод ҳаракат мекард, бо ҳамон суръати тез ба сипарҳо бархӯрду Спитаман ба ҳаво ҷаст. Танҳо дар ҳамин лаҳза нидоҳои майдон ба як бор хомӯш шуданд. Бо ҳамон шаст масофаи 7-8 метрро аз сипарҳо то Александр парвоз карда, болои сари писари Оммон расид. Марги ялаққосӣ болои сари набераи Зевс ҷавлон зад. Ин аслиҳаи заҳрогун бояд сари ӯро то китф ба ду ним карда, ҷони ӯро меситонид, аммо на имрӯз…

Александр дигар Юнонро надид, ҳамин ҷо дар Осиё мурд, аммо на имрӯз ва на дар ин ҷо.

Дар лаҳзаи охир, Спитаман сарозер шуда, шамшер ба сари писари худо зад. Александр аз тарс аз болои зин худро ба замин ҳаво дод. Муҳофизони бузургҷуссааш оҷиз монданд. Шамшер як шохи кулоҳи ҷангии ғосибро зада афтонд. Бесарусомонӣ ва ҳаёҳу оғоз шуд. Дракил ҳамроҳ бо чанд нафари дигар сарлашкарро бардошта, ба қалби сипоҳ шитофтанд. Гладиаторҳои дигар даступо гум карда, берабту бенизом Спитаманро меҷустанд. Писари Сиёваршан аз зери пои муҳофизони бузургҷуссаи Александр чолокона гузашта баромаду аспашро дарёфта, худро болои он гирифта, сӯи теппаи наздиктарин маҳмез зад. Баъди дидани ин ҷасорати Спитаман дар лабони парсинбастаи Вахшунварт майли табассум пайдо шуду сар ба замин монда, ҷон дод. Ӯ қаноатманд аз он буд, ки сари Александр аз тан ҷудо шуд. Гумон кард зарба кори ӯро тамом кард.

Намурдани ӯро ҳатто маҷрӯҳони дигар дертар диданд.

Дракил хост хоктӯдаи рӯи Александрро пок созад, аммо сарлашкар оташин шуда дод зад: – Ту Филипп ҳастӣ, ё Олимпиада, ки бо ман ин гуна меҳрабонӣ мекунӣ!? Гум шав, падарсаг! Ва рӯй ба гладиаторҳое овард, ки оҳанги таъқиб кардани Спитаманро доштанд: – Истед, лаънатиҳо, шумо тоби муқовиматро бо ин ваҳшии ҷангдида надоред. Дар лаҳзаи зарба задани Спитаман Александр гумон кард, ки лашкариёни ӯ барои ин маҳорати бемисли суғдӣ қарсак заданд, ӯ беихтиёр гуфт: – Қасам ба номи Зевси тавоно, ки ин ҷавон Бабри биёбони Суғд аст, вале ман сари ин Бабрро бурида, танашро ба дарёи Окс партофта, туъмаи моҳиён мегардонам.

Бабр болои теппа баромада, сӯи Александр нигоҳ карда, садо дод: – Ҳой ту, ҳаромзодаи Филипи аблаҳ ва Олимпиадаи фоҳиша, агар хоҳӣ, бори дигар шаҳди шамшери маро бичашӣ, ба Тахористон биё! Инро гуфта, писари Сиёваршан аспашро ба самти ҷануб ҳай кард. Чанд суғдии зиндамондаи мисли ӯ нимаурён аз қафояш, аммо дигар ҷанговарони юнонӣ онҳоро таъқиб накарданд, балки бо нигоҳ гӯиё ҳатто бо эҳтиром, гуселашон мекарданд. Имрӯз онҳо намунаи олии мардонагиро диданд. Александр аспашро оҳиста ба назди ҷасади Вахшунварт ҳай кард. Аз асп пиёда шуда, болои сари ӯ лаҳзае рост истода, баъд пироҳани аз болои ҷавшан пӯшидаашро бароварда, болои ҷасад партофта, оҳиста гуфт:

– Агар ман чун ту сад ҷанговар медоштам, кайҳо ба охири дунё расида будам.

Тасмими ӯ баъди куштани Спитаман, дунёро то охираш забт кардан буд. Ӯ гумон мекард, ки охири дунё Ҳиндустон аст.

## Савораи урён

*Намунаи олии муқовимати суғдиҳо бо қӯшуни Александр задухӯрди беамон байни шаҳрҳои Мароқанд (Самарқанд) ва Киресхата (Истаравшани имрӯза) буд. (Квинт Куртсий)*

Баъди аз даст додани Мароқанд ва торумор шудани лашкараш, дар задухӯрди охирин, Спитаман қарор дод, ба Тахористон – кишвари мардони шуҷоъ рафта, лашкари тахориҳоро бонизом карда гирд овараду муқобили Александр юриш оғоз

кунад. Хуб дарк мекард, ки сипоҳи Александри ғосиб байни қамишзорҳои анбӯҳи Тахористон чун нобиноён раҳгум зада, маҳорати ҷангиашонро ба кор бурда наметавонанд. Тахориҳо мардони ҷангӣ ва тирандозони хубанд, дар ҳоле ки дави аспашро суст накарда, аз дил гузаронд сарлашкар. Аксарияти тирандозони моҳири лашкари торуморшуда ҳам тахориҳо буданд. Он ҷо Рустам, Катан, Бразан ва Вастан барин сарлашкарони сафдар маро интизоранд. Соли гузашта, якбора се ҳазори ин қавми мардафкан ба лашкари ман пайвастанд. Ин мардум сартопо ғуруру шуҷоатанд. Дар куштани душман боре ҳам дасткӯтаҳӣ накарданд. Камаш даҳ ҳазор юнониро бо тирҳои ҷонситонашон ба назди худои дӯзахашон Аид фиристоданд. Ин бор ҳам, бешак барои Суғди Муқаддас барпой хоҳанд бархост. Бо мадади онҳо хуни лашкариёнамро аз Александри худхоҳ хоҳам ситонид. Ин сарзамин ҳоло бесоҳиб намондааст, мубориза идома дорад.

Спитаман субҳи рӯзи дигар деворҳои сангину мустаҳкам ва нақшини оташкадаи шаҳристони Кирополро дид, ки ҳамагӣ як фарсах дуртар аз шаҳр воқеъ аст. Қарор дод сараввал ба оташкада рафта, вазъияти шаҳрро пурсад. Посбонон савораи нимурёнро дида, болои девори оташкада баромаданд.

– Кистӣ ту? – пурсид яке аз посбонон бо лаҳҷаи сакоӣ.

– Спитаман! – кӯтоҳ ҷавоб дод савора бо ҳамон лаҳҷа.

Посбон ба мубад хабар дод. Мубади солхӯрда, фавран ибодатро мавқуф гузошта, ба берун баромад. Спитаман ӯро шинохта, барои истиқбол аз асп пиёда шуд. Мӯйсафед сарлашкарро зинда дида, сарашро ба оғӯш кашида, сипосу дуруд ба Аҳура Маздо гуфт. Бале, роҳиб дар қиёфаи хадангу боқуввати ӯ сарлашкари Суғдро шинохт. Ҳамонеро, ки ҳамарӯза барояш яштҳои Авасторо аз Меҳру Ноҳиду Моҳ хонда мебахшид, то зафар ёраш бошад. Се сол пеш, аз ҳамин дайр ӯро баҳри ҳифзи Суғди Муқаддас фиристода буд. Он вақт, навҷавони навчаю навхат буд. Баъди задухӯрдҳои бешумор, акнун ба як марди расидаю каме дурушт табдил ёфтааст. Пирамард дар ҳоле, ки сари савораро ба гарданаш ҷафс кард, ашки сӯзон аз чашмони ожангбастааш ба китфи урёни ӯ рехт. Ашкҳо бо хуни ҷароҳатҳои Спитаман омехта шуда, ба таги

кашаш ҷорӣ шуданд. Посбонон лаҷоми аспро аз дасти савора гирифта, ба китфаш қабо партофтанд. Роҳиб дар қиёфаи Спитаман осори хастагии зиёдро дида, ҳолпурсиро ба фардо мавқуф гузошт. Онҳо хомӯшона дохили оташкада шуданд. Ходимон зуд дар ташти заррин гулоб оварда, дасту рӯяшро шустанд. Ҳанӯз хӯрокро батамом нахӯрда, хобаш бурд. Бо ишораи роҳиб ҳама ҳуҷраро тарк гуфтанд.

Аҷдоди Сиёвахш саҳар аз нидои ибодати обидон бедор шуд. Ончунон хаста буд, ки агар ин нидо намешуд, боз то бегоҳ хоб мерафт. Дар садои якмаром ва боҳашамати хониши дастҷамъӣ яшти «Воҳуҳшатра»-ро аз Авасто шинохт:

Воҳу ҳшатре баирим
Багем аиби баириштем
Ижа чемнаи ижачид
Аша антара чараити
Аҳура, зша хизва!

Спитаман болои ҷогаҳ нишаста, беовоз такрор кард:

Аҳура зша хизва!
Роҳ якто аст, роҳи ҳақ,
дигар ҳама роҳҳо роҳ нестанд.
Та ве Мазда поурвим
Тайибйача армаите
А ве геуш ҳеманти
Аҳура зша хизва.

Ибодатро ба охир расонд Мубади мубадон.

## Якдаст-Моҳу

Баъди ибодат мубади пир ба обидони навакак аз Киропол омада, башорати расидани сарлашкари Суғдро дод. Ҳамагӣ 60 нафар обид аз шунидани хабар ҳайратзада ба мӯйсафед нигаристанд. Аз таъқиби Александр раҳоӣ ёфтан амри маҳол буд. Боварашон намеомад, ки Спитаманро зинда бубинанд. Ҳамин дам, аҷдоди Сиёвуш дари нақшину заркӯбро кушода, аз ҳуҷраи дарун баромад. Ялаққоси миҷмари зарҳал ба пӯсти ҷавону зебои рӯяш зада, ҷило дод. Нахуст марди тахории якдаст аз издиҳом баромада, ӯро ба оғӯш кашид. Баъд бо лаҳҷаи тахорӣ пурсид:

– Маро шинохти, Спитаман?

– Чеҳраат шинос менамояд, – маҳзунона посух дод сарлашкар.

– Ёдат бошад, дар назди дарвозаи Мароқанд сарлашкари Александр, Птоломейос Лаг бо шамшер дасти маро зада афтонд ва ту инро дида, аз дур найзаро ҷониби ӯ ҳаво додӣ. Найза шиками аспи падарсагро пора кард. Ба тарафи мо башаст омадӣ, ки падарсаг талхакаф шуда, гурехта ба издиҳоми юнониҳо паноҳ бурд. Баъди ин, ман аз ҳуш рафтам. Чун ба ҳуш омадам, гуфтанд, ту маро аз майдони ҷанг берун баровардa, шамшерро дар оташ таспонда, ба ҷароҳатам зер карда, хунашро боздоштаӣ. Бо шарофати ту ман зинда мондам.

Спитаман лаҳзаи ҷангро ба хотир овард. Сипос бар Аҳуро, ки зинда мондӣ, гуфта, – ӯро бори дигар ба оғӯш кашид.

– Вале бояд зинда намемондӣ.

– Чаро сардор?

– Барои он ки як рӯз қабл аз он воқеа ҳангоми посбонӣ хобат бурду қариб буд бо айби ту шаҳрро аз даст диҳем.

– Бале, сардор, ман шармандаам.

– Аммо боке нест, дӯстам, баъд болои девор мардонавор шамшер зада, ҳарсе душманро кушта, ҷурматро ислоҳ кардӣ. Исто, ки ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Мубад шудаӣ?

– Не, сардор, ман куҷову мақоми мубадӣ куҷо. Тасмим доштам хабаре аз ту ёфта ба наздат биёям. Ман дигар ҷои рафтан надорам. Фақат як модари пир дорам, он ҳам дар Тахористон. Ҳамин ҷо интизор шудам, то василае ёфта маконатро пайдо кунаму ба назди ту равам.

Не, дӯстам, Моҳу, ту бо ман ба назди Катан ба Тахористон иеравӣ. Он ҷо маъракаи сахте оғоз хоҳад шуд. Ба наздикӣ юнониҳо ба он тараф мераванд.

– Сардор, он ҷо бе ман ҳам Катан ва Вастан аз ӯҳдаи куштани ҳам бохтариҳои хоин ҳам юнониҳо мебароянд.

– Исто ки, Моҳу, Рустам чӣ?

Хабар дорем, ки Рустам бо чанд ҳазор савор ба ин самт мешитобад.

– Дар Киресхата лашкари зиёд барои муҳофизати шаҳр ҷамъ шудааст.

– Наход? – Спитаман савол доду чашмонаш мисли қури оташ дурахшиданд.

Бале сарвари ман, Рустам ҳам ба наздикӣ мерасад, ҳоҷат ба рафтан ба Тахористон нест.

«Кош зудтар мерасид», аз дил гузаронд сарлашкар. Рӯ ба Моҳу оварда гуфт: «Ту бирав, дӯстам, ба Тахористон рав. Ту таҷрибаи ҷангӣ дорӣ. Дар муҳофизати шаҳр низ таҷриба андӯхтаӣ, бирав ва он гӯшаи диёрро муҳофизат кун. Моҳу ягона дасташро ба қафаси сина гузошта сар хам кард.

Баъд ҳамагон як-як бо сарлашкар вохӯрӣ карданд. Бисёриҳо меҳмонро мешинохтанд. Ҳамагӣ ифтихор аз Бабри биёбони Суғд доштанд ва дар борааш қиссаҳо мебофтанд.

Дар бораи ғайб задани сатрап – Бесс, ҳокими Киропол ва бесаробон мондани шаҳр, Спитаман аз мубадон шунид. Пеш аз ғайб заданаш, – гуфт Мубади мубадон, ду саворааи табори Яксартро, ки кӯҳнавардони хубанд ба Тахористон фиристода буд, то сатрапи он ҷо Рустам, барои муҳофизати Киропол лашкар бифиристад.

Яъне нерӯи ҳарбии тавоно дар ҳамин ҷо омода аст, – аз дил гузаронд Бабр, шояд ҳоҷати ба Тахористон рафтан набошад. Фақат муносибати ашрофзодаҳои атрофи Бессро нисбат ба ҳуҷуми Александр дидан лозим. Ин тӯдаи ҳамвора масту аз боигарии зиёд мадҳуш, метавонанд сабук ба Александр таслим шаванд. Ман бошам, ба онҳо монеа мегузорам. Барои ҳамин, метавонанд баҳри нобудии ман камар банданд. Бо вуҷуди ин, аввал ба Киропол рафтан лозим, набошад, ҳеҷ гоҳ аз қасди онҳо огоҳ намешавам.

## Киропол – қалъаи мустаҳкам

*Аҳолии Киропол (Киресхата) муқовимати сахт нишон доданд. Дар натиҷа баъди ишғоли он аз аҳолии шаҳр 8 000 нафар кушта шуд. Аз тарафи юнониҳо низ талафот зиёд буд, аз ҷумла худи Александр ва чанд сарлашкараш ҷароҳати вазнин бардоштанд. (Бобоҷон Ғафуров)*

Сатрап Бесс яке аз он массагетҳоест, ки Александр ба хунаш ташна буд. Худ аз аҷдоди шаҳаншоҳи Мовароуннаҳр

бошад ҳам, ҳангоми фирор аз сипоҳи юнониҳо, барои ҳокими мутлақ шудан, шаҳаншоҳи бемор – Дороро дар ҳузури чанд ашрофзодааш буғӣ карда кушта буд. Александр нишон доданӣ мешуд, ин палидро чашми дидан надорад. Суғдиён ҳама хуб медонистанд, ки Александр, баъди кушта шудани падараш аз дасти хоинон, ин тоифаро бисёр бад мебинад. Бинобар ин, вақте Бесс ғайб зад, дар сартосари Суғдиён овоза шуд, Александр сатрапро аз тахти шоҳӣ рабудааст, то бешарафона ӯро қатл кунад. Шаҳр бесоҳиб монда буду ҳангоми хабари ба ин ҷониб раҳсипор шудани лашкари душман бесарусомонӣ дар дохил ҳукмфармо. Якбора чанд ашрофзода мехостанд ҳокимиятро ба даст бигиранд. Ин дар ҳоле, ки Александр қасди Киропол дошт.

Раҳорах сипоҳии якдаст дар бораи бародари Бесс Вароҳран қисса кард. Гуфт, ки бисёр шахси худхоҳ ва тезхавос аст, мехоҳад ба ҷои бародараш сатрап шавад. Ба гумонам, бо Александр муқобилият карданӣ нест, чунки боре аз ин хусус лаб накушодааст. Ҳангоми вохӯрӣ бо ӯ сар хам карда, даст рӯи сина гирифтан лозим. Ин тарзи вохӯриро дӯст медорад. Гарчанде ки якдаст наметавонист ба сарлашкар ин корро тавсия диҳад, аммо ғурури писари Сиёвашро ки медонист, ба ҳар ҳол ӯро огоҳ карданӣ буд, ки эҳтиёт кунад. Писханди на барои ҳама аёни Спитаман низ маънии онро дошт, ки то зиндааст пеши касе сар хам нахоҳад кард.

Мардуми бесаробонмондаи Киропол аз омадани Спитаман огоҳ шуда, баҳри истиқболи ӯ ба кӯча баромаданд. Дар симои ин ҷавон пешвоеро медиданд, ки қудрат дошт номусу шарафи онҳоро аз тӯдаҳои нопоки аҳриманӣ ҳифз кунад. Пиру ҷавон ва занону кӯдакон нидои шодӣ дардоданд:

– Спитаман сарлашкари бузурги Суғд, марги ғосибон, моро алайҳи душман раҳнамоӣ кун…!

Чунин нидоҳо то расидан ба назди қаср ба гӯш мерасиданд. Спитаман аз истиқболи онҳо шод шуда, сӯяшон даст афшонда, изҳори сипос менамуд. Ӯ ташнаи интиқом буду пайт меҷуст, онро дар Киропол ёфт. То ин дам гумон карда буд, ки ашрофзодаҳое мисли Бесс, чун як бор шасти Александрро диданд, ба шаҳр омада мардумро ба таслим шудан

водор кардаанд. Аммо имрӯз дид, ки ин мардуми сарбаланду бошараф дар муқобили душман ба зонӯ заданӣ нест.

Дар назди дарбори Бесс ашрофзодаҳо ҷамъ омада буданд. Ҳудуди чил нафар ашрофзодаи хушлибос ва мусаллаҳ бо шамшерҳои нақшинро дида, писари Сиёвуш аз асп пиёда шуда, омодаи истиқбол шуд. Нахуст Вароҳран аз анбӯҳ пеш баромада, ба сарлашкар наздик шуд. Бисёр мехост, қаҳрамони суғдӣ сар хам карда, ба таври маъмулӣ бо ӯ вохӯрӣ кунад, то дар чашми мардум бузургиаш собит шавад, аммо аҷдоди Сиёвуш сӯяш даст дароз карда, сард вохӯрӣ кард. Чун баъзеҳоро гарм ба оғӯш гирифт, чашмони Вароҳран аз ғазаб нимпӯш шуданд ва чини байни абрӯвонаш бармало намудор гашт. Издиҳоми ашрофзодаҳо сарлашкарро дар ҳалқа гирифта, вориди қаср шуданд. Дар тахти Бесс Вароҳран менишаст. Спитаманро каме поинтар аз худ, дар курсии нақшин ва заркӯб ҷой дод. Дигарон нимҳалқа, то баромадгоҳ менишастанд.

Ҳозирин рӯ ба қаҳрамони Суғд оварданд. Спитаман муҳорибаи охиринро бо лашкари душман кӯтоҳ баён дошт. Дарборро лаҳзае хомӯшӣ фаро гирифт. Бабр аз қиёфаи дарбориён пай бурд, дар бораи тасмими оядаи ӯ маълумот гирифтан мехоҳанд. Сарлашкар суханашро идома дод: «Акнун мехоҳам ба Тахористон рафта, бо кӯмаки дӯстам Рустам сипоҳ гирд оварда, мунтазири омадани Александр шавам. Тирамоҳ ҳатман ба он ҷо меравад.»

– Ҳоҷат ба Тахористон рафтан нест, чунки Рустам бо сипоҳи мураттаб озими сафари Киропол гаштааст, – гуфтанд ашрофзодаҳо.

### Таҳқир

Спитаман чун мутмаин шуд, ки ашрофзодаҳо ташнаи чун ӯ сарлашкаре гаштаанд, то дороияшонро ҳифз кунанд, каме сукут карда, гуфт:

– Бисёр хуб, ин тавр бошад, ба муҳофизати шаҳр тайёрӣ дидан лозим. Баъд рӯй ба ҷонишини сатрап оварда пурсид:

– Вароҳран, бигӯй, ки Бесс чӣ гуна ғайб зад?

Аз қиёфаи зуд тағирёфтаи сатрап ҳама ба хубӣ пай бур-

данд, ки «ғайб зад» гуфтани сарлашкар ба ӯ нафорид, ҳатто барои ҷойгузини сатрап таҳқиромез садо дод.

– Бародари ман ғайб назадааст, балки дар муҳориба шояд асир афтода бошад.

Баъди ин посух мушакҳои пурқуввати дастони дарози Вароҳран ба ҳаракат даромаданд.

– Ҳафтае пеш, – суҳбатро идома дод Вароҳран, – ҳамроҳ бо сад нафар посбонони шахсиаш ба бошишгоҳи лаби дарёи Танаис рафта буд. Баъди ду рӯз посбононро кушта дарёфтем, шоҳ нопайдо буд.

Спитаман ба андеша фурӯ рафт. Аз наздикии бошишгоҳи Бесс Птоломеос Лаг бо лашкари панҷҳазорнафара ба кӯмаки Александр гузашта рафта буд. Шояд ӯ сатрапро асир гирифта, бо худ бурда бошад?

Баъд сар бардошта, рӯ ба ҷойгузини сатрап оварда, пурсид:

– Дар бораи муқовимат бо Александр чӣ нақша доред?

– Ин муқовимат набуда ба ҷуз худкушӣ чизе дигар нест, дар ҳоле, ки нигоҳаш ба замин буд, – хулоса кард Вароҳран.

– Мо бояд шаҳрро гузошта, ба ҷануб рафта, сипоҳи зиёд гирд оварем, баъд метавон муқовимат кард. Алҳол сипоҳи мо на бештар аз панҷ ҳазор савора ва понздаҳ ҳазор пиёдаро дар бар мегирад. Бо ин теъдод сипоҳ чӣ гуна метавон бо лашкари чилҳазорнафараи душман муқовимат кард, хоса лашкари Александр ҳар гоҳ хоҳад тақвият меёбад? – Инро гуфта хомӯш шуд сатрап.

Суол ба Спитаман буд. Ӯ аз ҷой бархоста посух дод: «Аҳура Маздо мададгори мост. Биступанҷ ҳазор сипоҳӣ метавонанд бо тадбир, лашкари душманро шикаст диҳанд. Муқовимат ногузир аст! Ман тасмимамро гуфтам, даст боло бардошта, қотеъона гуфт ӯ ва ба ҷояш нишаст. Ҳозирин ҷавоби дигареро аз қаҳрамони Суғд интизор набуданд. Касе ҳам, агар фикри муқобил медошт, ҷуръат карда лобалои писари Сиёвуш гуфта наметавонист, аммо на ҳама.

– Муқовимати бемаънӣ сарбозро урён месозад, – писханд зада гуфт Вароҳран ва рӯ ба ҳозирин овард, аммо аз дарбориён касе нахандид, чунки медонистанд писханд ба писари Сиёваршан чӣ оқибат дорад.

Спитаман аз ҷой бархоста, ба сатрап наздик шуд. Ҳама сукут карда паёмади мудҳишеро ҳис карданд. Спитаман аз он мардоне набуд, ки ба ӯ писханд зананд.

– Агар ту, подабон, ҳарос дорӣ, ман то қатраи хуни охирин бо душман меҷангам. То ҷон дар бадан дорам, ин сарзаминро ба касе доданӣ нестам. Хоҳ бо лашкар, хоҳ тани танҳо!

Сатрап ғазаболуд ҷуссаи вазнину пурқувваташро аз курсӣ бардошта, рост ба чашмони нилии Бабр нигарист, аммо баъди лаҳзае чашмонашро аз теғи нигоҳи ӯ гурезонда, рӯ ба ҳозирин оварда, оромона гуфт:

– Меҳмонро мебахшам, аммо фақат як бор.

– Ман дубора ту говмеши яксартро таҳқир мекунам, – муқовимат кард сарлашкар.

Вароҳран ин бор шамшерро аз наём баркашида, барқвор хост ба сари Спитаман занад. Аҷдоди Сиёвуш бо як маҳорати воло дасти ӯро дар ҳаво дошта, тоб дода, шамшерро баргардонида, ба ҷигаргоҳаш халонд, ки ба андозаи чор ангушт аз пушташ баромад. Хуни гарми сатрап фаввора зада, рӯи фарши сангину ялаққосӣ рехт. Ҷуссаи бузурги Вароҳран ба замин афтид. Ҳама ба як бор аз ҷой бархостанд. Тамоми рагу пайванди обутобёфтаи Бабр бедор ва барҷаста буданд. Арақи сард аз пешониаш баромад. Раги пешонӣ дамида баромад. Пардаи қаҳру ғазаб чашмони нилии зебояшро пӯшонида буд. Касе маҷоли сухан гуфтан надошт.

**Ҳатто пиразанҳои Суғд бояд шамшер бардоранд!**

*Александр аз тарси Спитаман ба ҳайси истеҳком дар 17 рӯз шаҳри Александрияи Эсхатаро (ақсо) сохт. Девори ин шаҳр 6000 қадами ҷуфт (9 км. ) дарозӣ дошт. (Юстин)*

Баъди лаҳзаи хомӯшӣ Спитаман ба чеҳраи ҳар кадом назар дӯхта, оромона гуфт: «Агар ҳатто як тан аз сипоҳиён зинда намонад, мӯйсафедону занон ва ҳатто пиразанҳои Суғд бояд шамшер бардоранд! Лашкари ман сипоҳиёни роҳаткардаю фарбеҳи Бесс нест, балки соҳибони аслии ин сарзамин, кишоварзон ва косибони оддиянд. Кист муқобили ҳифзи Ватан?!

Хомӯшӣ ҳамоно ҳукмфармо буд.

– Зуд болои Хабартеппа оташ гиронед, – фармон дод Спитаман, – то лашкар аз деҳаҳои атроф гирд биёянд, фурсат ғанимат аст.

Ҳангоми таҳдиди хатар оташи огоҳкунанда, дар масофаҳои гуногун болои теппаҳо, дар гиронда мешуд ва мардуми модори ҷанг доштаи 12 шаҳру деҳаи атрофро дар масофаи бист фарсах ба Киропол ҷамъ меовард. Теппаҳо бошанд, тавре интихоб шуда буданд, ки ҳангоми дидани яке, дигаре оташ мегиронд. Ҳамин тавр дар як-ду соат ҷангиёни ҳамаи 12 деҳа бонги хатарро фаҳм карда, ба марказ мешитофтанд.

Ашрофзодаҳо дар шахси Спитаман сарлашкари тавонои худро дарёфта, бо ҷидду ҷаҳди зиёд мардумро барои мустаҳкам кардани истеҳкомҳои девори шаҳр сафарбар карданд. Рӯзи аввал ҳудуди 20 ҳазор сипоҳии пиёдаву савора аз қабилаҳои гуногуни суғдӣ, яксартҳо, сакоиҳо ва массагетҳо гирд омаданд. Ғунҷонидани ҳамаи онҳо дар шаҳр ғайриимкон аст. Барои ҳамин Спитаман қарор дод, нерӯҳои асосии иборат аз понздаҳ ҳазор лашкарро гирифта, ба истиқболи Александр шитобад. Панҷ ҳазори боқимондаро бошад, дар шаҳр барои муҳофизати он вазифадор кард.

Спитаман интизори тахориҳо буд. Хуб медонист, ин мардони шуҷоъ бо тирҳои ҷоншикор ва табарзинҳои обдори худ чӣ даҳшате ба қалби душман ҷой карда метавонанд.

Аз он ҷониб ҷосусон ба Александр вазъияти Кирополро шарҳ доданд. Писари Оммон аз ҳама зиёд ҳарос аз пайвастани Спитаман ба яксартҳои Киропол ё ба ақидаи юнониҳо Киресхата дошт. Хуб медонист, лашкари сиҳазорнафараи ӯ дар муқобили лашкари гирдовардаи Бабри биёбони Суғд дер намепояд, барои ҳамин, кас фиристода, Кратерро барои кӯмак аз Мароқанд даъват кард. Легиони панҷум иборат аз даҳ ҳазор ҷанговар аст.

Баъди ду рӯз Рустам бо сипоҳи панҷҳазорнафараи тахориҳо ба Киропол расид. Хурсандии сарлашкарро ҳадду канор набуд. Чун садои дуҳули ҷангиро шунид, зуд дарк кард, ки ин садои табли тахориҳо аст. Якҷо бо издиҳоми зиёди сокинони шаҳр барои истиқболи Рустам аз дарвоза баромад. Ӯ сахт мехост, ки дар паҳлӯйи Рустам Катанро бубинад. Имрӯз беш аз

ҳарвақта ба ду ҷанговари бебоки тахориҳо ниёз дошт ба Рустам ва Катан. Аз дур Рустамро пешопеши лашкар дида, пиёда шуд. Аввал Рустам, баъд лашкари саворан Тахориҳо ба истиқболи Бабр пиёда шуданд. Лаҳзаи дигар дӯстон якдигарро гарм ба оғӯш гирифтанд. Сокинони шаҳр тахориҳоро гарм истиқбол карда, ба хонаҳояшон бурда, зиёфат доданд. Сарлашкар шаб нақшаи ҷангро пешкаши Рустам кард. Рӯзи дигар Спитаман се ҳазор савори Киропол ва Рустамро бо ду ҳазор тирандозони моҳираш бо худ гирифта, оҷилан шаҳрро тарк гуфт. Шаҳр барои ин ҳама анбӯҳи лашкар тангӣ мекард.

То ҳамин муддат, яъне дар биступанҷ рӯз, сипоҳи Александр шаҳри истеҳкомии Александрияро дар соҳили дарёи Танаис сохта, тамом карданд ва қарор доданд, то омадани легиони панҷум сипоҳи Спитаманро аз пушти деворҳои мустаҳками шаҳр истиқбол гиранд. Ин аввалин маротиб буд, ки Александр аз тарси як сипоҳ, аниқтараш, як сарлашкар, паноҳгоҳ ҷуст. Ҷосусон ба Спитаман дар ин бора хабар доданд. Бабр қарор дод, бо тадбир сипоҳи душманро аз шаҳр берун кашад. Баъди се рӯз бо ду ҳазор сипоҳӣ дар назди девори шаҳр пайдо шуд.

### Таъқиб

Александр аз болои девор ҳамагӣ ду ҳазор ҷанговарро дида, Дракилро даъват карда, супориш дод, то панҷ ҳазор ҷанговари Афинагиро гирифта, онҳоро таъқиб кунад. Баъд таъкид кард, ки агар ин ваҳшӣ боз ҳила кунад, зуд фирор карда, ба назди дарвозаи шаҳр биёяд. Дар дашти васеъ лашкари дуҳазорнафараи Спитаман рӯ ба гурез ниҳоданд. Дракил аз ин ҳол рӯҳи тоза гирифта, онҳоро таъқиб кард. Оқибат сипоҳи дуҳазорнафара ба тангнои байни ду теппа расид. Ногоҳ аз ҷониби чап ва рост аз пушти теппаҳо ҳазорнафарӣ тирандозони тахории пиёда давида болои тепа баромада, ҷониби душман тир кушоданд. Якбора ҳудуди панҷсад сарбози савораи Дракил ва аспонашон чун барги дарахт ба замин рехтанд. Бесарусомонӣ дар дохили сипоҳи юнонӣ оғоз шуд. Марафончии бузург – Дракил аз ҳилаи суғдиҳо огоҳ шуд. Бо вуҷуди ин, худро аз даст надода, лашкариёнро гирд оварда, хост ба

яке аз ҷонибҳои тирандоз ҳуҷум кунад, аммо аллакай бори дуюм тахориҳо тир холӣ карданд. Боз дусад нафар юнонӣ ба замин рехтанд. Ҳамин дам Спитаман бо ду ҳазор лашкари «гуреза»-аш ба қафо баргашт. Ин бор ҳам «ҳамлаи морон» кор дод. Суғдиҳои далер, чун гург ба рамаи гӯсфандон ба лашкари Дракил дарафтоданд. Ҳатто дар ҳамин издиҳом ҳам, тахориҳо фурсат ёфта, синаи душманро ба нишон гирифта, онҳоро ҳадафи тирҳои ҷоншикори худ қарор медоданд. Тирандозоне буданд, ки аз боло ва таги китфони сипоҳиёни худ тирро ба нишон мерасониданд. Спитаман дуҷониба шамшер зада, сару дасти душманро аз тан ҷудо месохт.

Садри қӯшун – Дракил кӯшиш мекард ба ӯ наздик нашавад, чунки зарбаи ӯро боре дар сари писари Оммон дида буд. Ҳам дарк мекард, Бабри биёбони Суғд қасоси Вахшунвартро ҳатман аз ӯ боз хоҳад ситонид. Бале, аҷдоди Сиёвахш ба хуни ӯ ташна буд ва дар майдони набард ҷангкунон қотили дӯсташро меҷуст. Охирин даста, иборат аз ҳазор гладиатори собиқадор Дракилро иҳота карда, оҳанги фирор карданд, аммо Спитаман сайдашро аз даст доданӣ набуд. Рустам дар паҳлӯи ӯ бо табарзини бузург чун тарбоде буд, барои душман. Бо ишораи Спитаман тахориҳои тирандоз аз пушти дастаи юнониҳо рафта, саф оростанд. Акнун роҳи душман аз чор ҷониб батамом баста шуд.

**Интиқом**

Бабри биёбони Суғд ва Рустам ҳамроҳ бо бист тан аз қабилаи яксартҳои бузургҷусса ба қалби сипоҳи душман фишор оварданд. Дракил аз ғазаб ғарқи арақ ва сартопо хуни рақиб, илоҷи дигар наёфта, охирин нерӯ ва шуҷоаташро гирд оварда ба сари Спитаман ҳуҷум кард. Мехост бо як зарба бо найза ҷигари қаҳрамони Суғдиёнро сӯрох карда, рафти муҳорибаро ба фоидаи худ анҷом бидиҳад. Инак, ду ҷанговари бузурги Шарқу Ғарб рӯбарӯи ҳамдигар қарор гирифтанд. Найзаи барқосо партоб кардаи Дракил шарақкос зада кулоҳи аҷдоди Сиёвахшро ба замин афтонд. Дар ҳоле, ки мӯйҳои дарозашро бод ба ҳар тараф алвонҷ дода салобаташро бештар мекард, сарлашкар бо тамоми ҳастӣ, ғарқи арақи бадан ва хуни душ-

ман, аспро ҷониби ӯ маҳмез зад. Аспи масту пурқувват лашкари юнониҳоро пароканда сохта ба Марафончӣ расид. Дракил найзаи дасташро сӯи душман ҳаво дода хост шамшери паҳну дарозашро аз наём баркашад, аммо Бабр ба ӯ фурсат надода аз гиребонаш гирифта ӯро ба замин афтонда дар ҳоле, ки бари ишками асп хам шуда буд, лаҷоми маркабро сар дода, ҷуссаи вазнини марафончиро кашида аз майдони набард берун баровард. Сару рӯи гладиатор хуншор шуд. Суғдии далер дуртар аз майдони набард рақибашро раҳо карда, аз асп пиёда шуд. Метавонист ба ӯ фурсат надода барқосо шитофта сар аз танаш ҷудо созад, аммо Спитаман на чунин мард буд, балки каме интизор шуда ба ӯ фурсат дод, то хуни ба чашмонаш шоридаро пок карда ба худ ояд ва шамшерро баркашад. Бабр мехост ба чашмони ғосиб нигоҳ кунад. Ӯ мехост дар онҳо зорию тавалло ва яъсу ноумедиро бубинад. Аммо дар ин лаҳза заррае аз чунин ҳиссиёт дар онҳо набуд. Гладиатор шамшерро баркашида оҳанги Спитаман кард, Бабр барқосо банди дасти ӯро бо шамшер зада ба замин афтонд. Дар ин лаҳзаи гармии бадан на барқ чолоктар аз ӯ асту на кӯҳ устувортар. Мақсад ҳифзи Ватан аст. Барои қабилаҳои Суғдӣ аз ин муқаддастар шуғл нест. Зарба ончунон тез буд, ки Дракил танҳо баъди ба замин афтидани панҷааш фоҷиаашро ҳис кард. Худи ӯ дар майдонҳои ҷанги Спарта ва колизейҳо қариб ҳар рӯз бо чунин зарбаҳо хотири Филипро шод мекард. Хуни ғосиб фаввора зада рехта беҳуш ба замин афтид. Инро дида, боқимонда сад юнонии охирин аз майдон фирор карданӣ шуданд, аммо зуд ҳадафи тирҳои тахориҳо гаштанд.

Дар ҳоле, ки тамоми бофтаҳои пурқуввати баданаш аз шиддати дард таранг шуданд, Дракил ба замин афтид. Спитаман мунтазири ба ҳуш омадани ӯ шуд. Баъди лаҳзае юнонӣ чашм кушода дасташро бурида дида, батамом ноумед шуд. Спитаман оҳиста ба болои сараш омада дар ҳоле, ки рӯяш ба дигар ҷониб буд, оромона мӯйҳои дарозу сурхи ӯро қабза карда ба қафо кашида, сарашро чунон боло кард, ки чашмони каб-кабудаш намудор шуданд. Чашмони осмонии пурхашми Спитаман дар онҳо зорию тавалло ва тараҳҳум ҷустанд, аммо ин ҳиссиёт барои марафончӣ, ки ҳаёташ дар набардҳо гуза-

шта буд, бегона аст. Ӯ сахт ҷангӣ буду марди мардона. Шабе дур аз шамшер нахуфта буд ва рӯзе дур аз муҳориба. Таваллуд шуда, шамшерро дид ва ин бор дар охирин лаҳзаи ҳаёташ шамшери хуношом болои сараш буд. Албатта, марг орзӯи ӯ набуд, аммо дар майдони ҷанг рӯбарӯ бо Спантамано мурдан барояш мушкиле надошт. Бабр шамшер ба гулӯяш давонда буд, ки хуни гарм фашшос зада ба рӯи шиками душман ҷорӣ шуда ба замин рехт. Спитаман зери лаб ба такрор се бор гуфт: «Чунин аст тақдири оне, ки қасди замини муқаддаси Суғд дорад.» Баъд бо як даст шамшери хунолуд ва бо дасти дигар сари бузурги марафончиро боло бардошта, дар ҳоле, ки хун аз сари хунолуд ба китфонаш мечакид, ба хотири аланга бахшидан ба оташи рамзии Зардушт нидо дод: Хурр – хурр! Дигарон, ки ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз ӯ меҷангиданд, наъраро шунида ҳамовоз шуданд: – хурррр – хуррррр! Фазо пур аз наъраҳои шодии суғдиён гашт.

### Александр интизори ёрӣ аст

*Александр шӯришчиёни гурезаро таъқиб карда, 120 000 касро аз дами тег гузаронд. (Диодори Ситсилиягӣ)*

Чун дастаи ҷанговарони яккачини сарлашкари тавонои Александр – Дракил дар наздикии шаҳри Киресхата шикаст хӯрд ва худи сарлашкар ба дасти Спитаман кушта шуд, суғдиён рӯҳи тоза гирифтанд. Ҳама саф баста, аслиҳаи дар даст доштаашонро болои сар бардошта, нишот мекарданд.

Дар як даст шамшери хунолуд, дар дасти дигар сари марафончӣ, Спитаман наъра мезад ва лашкар бо нидоҳои махсуси ҷангии фотеҳони Суғд ҳама силоҳҳои худро болои сар бардошта, бо як овоз наъраи ҷавобӣ мезаданд. Хабари шикасти Дракилро ба Киресхата оварданд. Шаҳри ободкардаи Курӯши Кабирро ҳам нидоҳои нишот фаро гирифт. Садои ғулғула якчанд дақиқа ба фалак печид, то андозае, ки ба гӯши ҷангиёни юнонӣ расид. Александр, ки дар курсии нақшин, болои девор, интизори Дракил менишаст, нидоҳои барои ӯ даҳшатнокро шунидан замон, пай бурд, ки «гурехтан»-и Спитаман ҳилаи навбатии ӯ будааст ва дигар Дракил аз ин сафари охирини

худ бар намегардад. Дилашро сиёҳӣ зер кард ва як замон пайкари худро дар ин мулки серодам ва ободу зебо танҳо дид. Дар ҳоле, ки чашмони зебои кабудаш ба самти рафтаи Дракил буд, оҳиста гӯё зери лаб гуфт:

– Бабр қасоси дӯсташ Вахшунвартро гирифт. Шараф ба ин суғдии мардона!

Баъд вазнин аз ҷой бархоста, оҳиста фармон дод:

– Ба муҳофизати шаҳр омода бошед, ӯ зуд меояд.

Юнонӣ нигарон аз он буд, ки Кратер дер кард. Аз нерӯҳои Александр дар сар то сари Суғдиён наздиктаринаш легиони даҳҳазорнафараи Кратер буд ва қосид кайҳо ба он ҷо расидаву хабари баргаштан ба Александрияро дар соҳили дарёи Сир расонида буд. Александр аз ин легион умеди калон дошт. Борҳо дар муҳорибаҳо сипоҳи аслан савораи Кратерро беҳтарин эълон дошта буд. Худи ашрофзода Кратер низ ҳанӯз дар рикоби Филип ҷанговари беҳамто маҳсуб мешуд. Дар муҳорибаи ахирии он сӯи рӯди Окс фидокорӣ ва чолокии ӯро дида, сарлашкар ваъда дод, дар ҳамон ҷо бо номи ӯ шаҳр бино мекунад ва баъди тамоми дунёро забт кардан, ӯро ноиби худ дар ҳамон ҷо таъйин хоҳад кард, аммо барои Кратер шуҳрати дарёфта ва боигарии зиёди ғанимат гирифтааш басанда буд. Дурри гаронбаҳое, ба бузургии тухми мурғ аз хазинаи Доро, тухфаи Александр буд, барои тадбирҳои ҷангии бомуваффақият андешидаи ӯ. Имрӯз ҳам сарлашкар боварӣ дошт, ки бо расидани Кратер кораш омад мекунад.

## Юриш ба Александрияи Ақсо

Нишоту тараб аз ғалабаи ба даст омада, дар лашкари Суғдиён чанд дақиқа идома дошт. Якбора Спитаман сари буридаи Дракилро ба як су ҳаво дода, дар як вақт шамшерашро ба поён фаровард. Якбора тамоми сипоҳ сокит шуд. Гӯё ҳеҷ ғулғулае набудӣ. Садои хомӯширо фақат нидоҳои пасти шодии мардуми шаҳр халалдор мекард.

– Дӯстон, – баланд шуд овози марғуладори Бабр, – имрӯз рӯзи нанг аст. Лашкари ғаддори душман бо мӯзаҳои худ замини муқаддаси Суғдро помол мекунад! Китфи кист, ки ин бори вазнини нангро бардошта тавонад?!

Баъд лаҳзае хомӯш монда, ба чашмони ҷанговарони ба ӯ наздиктарин назар духт. Ҳама хомӯш буданд. Дар чашмонашон шуълаи нафрат ба ғосибон ва тараҳҳум ба сарзамини бобоиро дид. Ҳама ташнаи интиқоманд.

– Кадоме аз шумо оташи абадии миҷмари дайри муғонро хомӯш дида метавонад?! Мутмаин бошед, худоҳои дурӯғини Александр ба ӯ кӯмак расонида наметавонанд. Ҳамаи онҳо дар назди Аҳура Маздо чун пашшае қудрат надоранд. Ӯ шаҳр, на барои зистани мардум месозад, балки аз тарс шаҳрҳоро чун истеҳком месозад. Александр худро писари худои набудаашон Оммон медонад, ки дурӯғ аст, балки падараш Филипи хунхор ва модараш ғуломдухтари ваҳшӣ ва ҷодугар – Олимпиада аст. Инак, чунин шахси ифлос сарзамини моро поймол месозад. Бикушед, то аз куштаи душман пуштаҳо созед! Имрӯз ин сарзамин, ташнаи хуни душман аст! Пас, онро сероб созед, сероб…

Баъд аспашро ба назди сафи қавми сакоиҳо ронда, дасти росташро боло бардошта гуфт:

– Қасам ба олиҳа Аша, ман мардони ҷангитареро аз шумо надидаам, оё дар ин рӯзи нанг омода ҳастед ба ман кӯмак кунед?! Ҳама бо як овоз шамшерҳо ба сипарҳо зада, тасдиқ карданд, «кӯмак мекунем!»

Сарлашкар боз ба сафи массагетҳо наздик шуд:

Азизонам, фақат ба ман фардо кӯмак кунед, фақат фардо. Фардо овозаи ин миллат ба ҷаҳон паҳн мешавад. Александр хоҳад донист, ки ишғоли Суғдиён барояш кори саҳл нест. Бикушед, то Саги зард ба ҳар шамшери моҳирона задаи шумо аҳсан гӯяд! Фақат имрӯз, доди мардиро диҳед! Ҳангоми муҳорибаҳо боре надидаам, ки душман сафҳои мустаҳками массагетҳоро дарида бошад. Шумо ин бор ҳам барои Ватан омодаи муҳориба ҳастед?

Онҳо найзаҳои дарози худро дар ҳаво ҷавлон дода, нидо баровbooарданд: – Албатта.

Бабр ба қабилаи яксартҳо наздик шуд, ҳамаро ҳаяҷон фаро гирифт:

– Кист қавитар аз яксартҳои пурқудрати ман, душманро саркӯб месозем?!

Яксартҳои бузургҷусса шамшерҳои кӯтоҳи ялақосиашонро болои сар ҷавлон дода, омодагиашонро тасдиқ карданд.

Фақат як рӯзи дигар ба ман кӯмак кунед, фақат як рӯз…

Спитаман ба тахориҳо наздик шуд:

– Боли мустаҳками ман дар муҳорибаҳо шумо ҳастед. Ман боре надидаам, ки ҷанговари ҷасури тахорӣ пушт сӯи душман карда бошад. То ҳанӯз захми пайкони шумо дар рони чапи Александри хунхор сиҳат нашудааст. То ҳанӯз аз зарби шамшери Катан хун дар рагҳои сарлашкари Александр – Кратери хунхор хушк мешавад. Тирҳои ҷоншикори шумо ин бор ҳам барои Суғди Муқаддас хизмат хоҳанд кард?!

Сарлашкар – Рустами Тахорӣ камон ва пайконро болои сар бардошта, нидо дод: – Хизмат хоҳанд кард!

Дигарон бо ӯ ҳамовоз шуданд.

Спитаман гардани серрагу пайванди Рустамро бо панҷаи қавиаш дошта, пешонӣ ба пешонии ӯ монда гуфт:

– Фақат фардо ба ман кӯмак кунед, фақат фардо…коре кунед, ки набудани Катанро ҳис накунам. Рӯзи нанг аст. Чунон корзор кунед, ки ин тӯдаи хунхор аз омаданашон ба Суғди Муқаддас пушаймон шаванд. Фақат як рӯзи дигар ба ман кӯмак кунед, фақат имрӯз.

Мо бо туем, сардор, гуфт Рустам. Ҷонам фидои Суғди Муққаддас ва ту. Дар Тахористон ин тӯдаи хунхорро тирҳои ҷоншикор ва шамшери буррои Катан интизор аст.

– Кош фардо Катан дар паҳлӯям мешуд, – ҳасрат кард Бабр. Фақат фардо диловарии ӯ ва Вастан ба ман намерасад. Дигар ҷойи онҳо ҳамон ҷост, дар Тахористон. Байни Бохтар ва Суғдиён. Бикушанд, ки кӯмак аз ҷониби Бохтар ба Саги зард нарасад. Умед дорам, ки Катан баъди сари мо мубоpизаро давом диҳад. Ҳама умедам ба ӯст. Шумо бошед фардо ба ҷойи ӯ хуни душманро резед.

– Мерезем, сардор, рӯзашонро сиёҳ мекунем. – Спитаман гардани Рустамро сар дода қафо рафт.

Ҳама лаҳзае чашм ба Сарлашкар дӯхта, хомӯш буданд. Сарлашкар ба қалби сипоҳ омада истод. Садои мардона ва марғуладори ӯ боз пардаи хомӯширо дарид:

– Ин сарзамини мо аст, то ҷон дар бадани ҳатто як тан аз

пиразани суғдӣ аст, онро ба касе намедиҳем! Сари таъзим дар назди қаҳрамонони суғд фуруд меорем, ки барои муҳофизати Ватан ҷон фидо карданд!

Сарлашкар шамшери дурахшони худро аз ғилоф кашида, наъра зад:

– Пас, интиқоми онҳоро меситонем!

Зери нидоҳои интиқом чун бод аспи хушзоташро ҷониби шаҳри навакак сохтаи юнониҳо маҳмез зада, лашкари ҷонфидояшро бурд.

Александр аз дур гарду ғуборро дида, ба лашкар фармони омода шудан дод. Қисме аз лашкар дар назди дарвозаҳо ва қисме дигар болои деворҳои мустаҳками шаҳр лавозимоти муҳофизатро бароварданд. Ин барои аввалин маротиб буд, ки Александр на ҳуҷум, балки муҳофизат мекард, аммо на ҳамаи лашкар дар дохили шаҳр аст. Як рӯз қабл юнонии ботадбир чун дид, ки ҳамаи сипоҳ дар шаҳр намегунҷад, ҳудуди 7 000 сипоҳиро аз пушт болои теппаҳои наздиктарин равон кард, то пинҳон бошанд ва омодаи муҳориба. Онҳо сартопо мусаллаҳ омодаи фармон шуданд. Шаҳр ба муҳосира афтид. Задухӯрди шадид оғоз шуд. Аз ин ҷониб Суғдиён бо манҷаниқҳо гулӯлаҳои оташ ва сангҳои вазнинро ҷониби деворҳои шаҳр партоб мекарданд, аз он ҷониб бошад, юнониҳо аз болои девор ва дарвозаҳои шаҳр тамоми ашёи вазндоштаро болои сари ҳуҷумкунандагон мепартофтанд. Аз сабаби баланд будани деворҳо, ба замми ин мушкили наздик шудан ба онҳо, тирандозони тахорӣ имкони хуби ба нишон расонидани тирҳоро надоштанд. Фақат моҳиртарини онҳо аз дур хуб ба нишон гирифта, баъзе аз муҳофизони беэҳтиёти болои деворро зада меафтонданд. Ҳангоми ҳуҷумҳо бошад, Суғдиён ба девор хело наздик мешуданд ва тирҳояшон бехато шикори душман мекарданд, аммо чун қоидаи ҳар як муҳориба, ҳуҷум мушкилтар аз муҳофизат аст. Юнониҳо пушти девори баланду мустаҳкам пинҳон шуда, бо лавозимоти махсуси ҷангӣ ба суғдиён зарба мезананд ва теъдоди бештари онҳоро ба ҳалокат мерасонанд, ё маҷрӯҳ мекунанд. То бегоҳ атрофи деворҳои шаҳри ба тозагӣ бунёдгашта, пур аз ҷасадҳои хуншор ва маҷрӯҳон гашт. Гашти рӯз, бо фармони Спитаман, шайпурҳои бозгашт садо доданд.

Суғдиён тахминан панҷ тирпартоб (2 километр) дуртар аз девори Александрия хайма зада, оташ гиронданд.

Баъди хӯрдани хӯроки гарми шом, ҷанговарони суғдӣ осуда шуданд. Табибон ба муолиҷаи маҷрӯҳон пардохтанд. Спитаман баъди равон кардани посбонон ҷавшанро аз тан берун карда, яктаки сафедашро болои китфонаш партофта, чашм ба гулхан дӯхта, андешаманд шуд.

– Аҳура Маздо, – ба дил гуфт ӯ, – наход ту дар назди Зевси хунхори Александр заиф бошӣ?! Ё хиёнаткории ашрофзодагони қабилаҳои форс ғазаби туро оварданд? Охир, фарзандони дигарат сакоиҳо, массагетҳо, яксартҳо, тахориҳо барои Ватан ин ҳама ҷонфидоиро карданд. Ҳа-а, Доро аз аввал таваҷҷуҳи хоса ба ин тарафи мамлакат надошт, чунки кӯҳнишинон ва даштнишинони қабилаҳои ин ҷонибро маҷҳул ва бадахлоқ меҳисобид. Хато кард, шоҳ, хато…, балки ғурури бештар доштанд. Намехостанд дар назди касе сари таъзим фуруд биёранд. Ҳатто падарарӯси ман – Ороба, ки бисёр ашрофзодаи ифлос ва золимаш медонанд, нахост ба нишемангоҳи Доро Тахти Ҷамшед рафта, мансабҳои баландтари Дороро соҳиб шавад. Ин имкон барои ӯ на як бору ду бор даст дод, худи дарбориён даъваташ карданд. Умуман, мардуми ин ҷониб хушомад гуфта наметавонанд. Ҳамин тахориҳо онҷунон пурғururанд, ки боре надидаам, пеши касе сар хам карда бошанд. Мемуранд, аммо хушомад намегӯянд. Сакоиҳои қабилаи ман низ мисли онҳо далеру шуҷоанд, аммо ғурурро аз онҳо омӯхтанд ва шояд бад карданд, чунки дигар дар марказ мақомеро соҳиб нашуданд. Аммо дар майдони ҳарб чӣ хуш моҳирона шамшер мезананд. Дар қиболи лашкари машқдида ва ҷангдидаи юнонӣ фақат бо чунин шамшерзанӣ истодагарӣ кардан метавон. Имрӯз ҳам шояд камаш 2 ҳазор сипоҳиамро аз даст додам, аммо аз ҷониби душман на бештар аз 1000 касро тавонистем ба ҷаҳаннам бифиристем. Катан, пешвои бузурги тахориҳо низ мисли ман дар он сӯи рӯди Окс муқовимат мекунад. Нерӯҳои сатрапи Бохтар – хоин Артабоз ҳар замон тақвият меёбанд, набошад, Катан кайҳо Бохтарро соҳиб шуда буд. Агар дар байн легиони Парменион ва Птоломей намешуд, ман кайҳо бо ӯ пайваста будам. Бо ин

ҳама лашкар озод имкон дошт ин ду легионро шикаст диҳам, аммо ин саги шохдор сари роҳ баромад. Ҳеҷ гап не, аввал ӯро шикаст медиҳам, баъд сӯи Катан мешитобам.

– Рустам, – нидо дод ӯ.

Сарлашкари тахориҳо аз нимторикӣ пайдо шуда, ба назди сарлашкар омада, рост истод.

– Бале, сарвари ман.

– Ҷосусон наомаданд?

– Ҳоло не.

– Шумораи куштагон ва маҷрӯҳонро маълум карданд?

– Ҳамин замон омода хоҳад шуд.

Дар ҳақиқат, баъди лаҳзае ҳисобчиён арз карданд, ки талафоти сипоҳ ба 2306 нафар расидааст ва 600 нафари дигар маҷруҳ. Спитаман маъюс шуд, чунки дар ягон муҳориба то ин дам, бо чунин нерӯ ин гуна талафот надода буд, балки мутмаин буд, ин бор Александр шикаст мехӯрад. Ҳамагон медонистанд, ки юнониҳо аз шарофати шаҳр-қалъаи сохтаи Александр ҷон ба саломат бурданд. Дирӯз Спитаман нақша дошт, ки бо чунин сипоҳ ҳатман душманро торумор сохта, сари Александри хунхорро сари найза бардошта, ба намоиш мегузорад ва ба легионҳои дигари сипоҳ, ки то ҳол теъдодашон якҷоя ба 60000 ҷанговар мерасад, фавран тарк кардани сарзамини Хуросони бузург ва баргардонидани 3 тонна тиллои аз Персепол ғораткардаашонро талаб мекунад. Спитаман бовар дошт, ки дар ҷанги тан ба тан Александр дар муқобили ӯ дер намепояд. Юнонӣ ҷуссаи хурд дораду он қадар пуркувват нест, балки маҳорати баланди ҷангӣ дорад ва ботадбир аст. Александр дар қиболи Спитаман шағоли ба лой ҷӯлидаро мемонад, дар муқобили бабри холдори зебои пахмоқмӯй.

Нисфи шаб, ҷосусони суғдӣ аз шаҳри юнониҳо баргаштанд. Тибқи иттилои онҳо, душман ҳамагӣ ҳудуди 1300 нафарро талаф додааст. Низ хабар доданд, ки Александр мунтазири расидани легиони 10 ҳазорнафараи Кратер аст. Баъди марги Дракил бошад, сарлашкари юнониҳо Кратери хирадманд таъйин шудааст. Агар юнониҳо аз шаҳр берун шаванд, қаноти рости лашкарро Мелеагра ва қаноти чапро Аталла роҳбарӣ мекунанд.

– Яъне, то ҳол ин ду шағоли рӯсиёҳ зиндаанд, – андешид Спитаман. Инҳоро қаблан писари Филипи ланг барои ҷазо додани скифҳои соҳили рӯди Политимет (Зарафшон) равон карда буд. Ин ду шағол қариб 15 ҳазор нафар, аз ҷумла, занону кӯдаконро аз дами теғ гузарониданд. Рустам, ки дар муҳорибаҳои қаблӣ набуд, ин ҳақиқатро ҳамон шаб аз сарлашкар шунид. Албатта, қаблан огоҳӣ дошт, ки скифҳои шӯришгарро қатли ом кардаанд, аммо ҳамакнун исми қотилонро муайян карда буд, ки аз шиддати ғазаб аз чашмонаш шарораҳо рехтанд. Маълум буд, ки дар дили беғубори Рустам нафрати бепоён нисбати боз ду хунхори дигар пайдо шуд. Спитаман инро зуд ҳис кард, ки оҳиста гуфт:

– Бо ин ҳама, фардо дар майдони ҷанг бомулоҳиза бош.

Кратерро «хирадманд» номидани ҷосусон барои Спитаман аҷиб намуд. Пешниҳоди ҳамин «хирадманд» буд, ки юнониҳои бечораи аз зулми Филипп фирорнамудаи осоиштаи шаҳри Бодрумро Александр хоин ҳукм карда, қатли ом намуд. Ҳатто пешвои он шаҳри осоишта – Мемнонро худи Парменион сарлашкари дигари «хирадманд» дар пеши чашми зану бачаҳояш сар аз тан ҷудо кард. (Ин аввали баҳори соли 334 буд. ) Акнун бо гузашти се соли дигар Пармениони «хирадманд» ҳамроҳ бо императораш ҳазорҳо нафари дигарро сар буриданд. Тӯдаи бемаърифат ҳатто Тахти Ҷамшедро (Персепол) ки саросар аз чӯби обнӯс буд, ба оташ кашиданд. Занони зебои ашрофзодаи ҳарами Дороро бошад, байни сипоҳиён бонавбат тақсим карда, таҷовуз карда, билохира кушта партофтанд…

Мегӯянд ҳамин Кратери бузургҷуссаи «хирадманд» мехост шаҳбонуро таҷовуз карда, бикушад, аммо Александр нагузошт.

– Сарвари ман, – гуфта ҷеғ задани овози Рустам ӯро аз олами андешаҳои мудҳиш берун овард.

– Ба ту чӣ шуд, сардор, сартопо меларзӣ?

– Ҳеҷ гап не, – араҡи пешониашро пок карда, гуфт Спитаман.

– Бемор нашуда бошӣ?

– Не, не, ман бемор нестам, бирав, дам гир. Спитаман хуб дарк мекард, ки баъди муҳорибаҳои сесола дигар ҷисми ӯ ба-

рои зиндагии осоишта мутобиқ нахоҳад шуд. Дар миёни ин ҳама кушта ва ҷӯйҳои хун дигар на шаб ва на рӯз осуда буда наметавонист. Ӯ ҳатто аз он ҳарос дошт, ки дигар бо Ороба ва духтари ӯ ва ҳамсари худаш Зара дучор ояд, чунки аз суханони хоинонаи онҳо дар бораи таслим шудан ба Александр, мабодо тоб наоварда, ягон балоро ба сар мебарад. Дилаш ба духтарчаи ҳафтсолааш Апама месӯхт. Ягона офаридае, ки дар асл ғамашро мехӯрд. Ӯ мудом интизораш буд. Охирин бор шаш моҳ пеш Апамаро дида буд. Мисли падараш майл ба ҷанговари далер шудан дошт. Аз қосид шунида буд, ки духтарак ҳар бегоҳ сари роҳи калон баромада, то дер гоҳ интизори падараш менишинад. Боз Зара омада аз дастаконаш кашола карда, бо зӯрӣ ӯро ба дарбори Ороба мебарад. Оробаро ҳам боре «бобо» гуфта, ном набурдааст. Ҳамвора мӯйсафедаш мегуфт. Ороба бошад, зери лаб ҳамон ибораи маъмулаш: «аз гург гург мерӯяд»-ро такрор мекунад. Ҳар бор духтаракашро ба хотир меовард, дили сангини Спитаман нарм мешуд, мисли дили занон, аз ин лиҳоз, ҳатто ба хотир овардани табассуми ширини фарзандаш барояш мушкил буд. Ӯ ақида дошт, ки дар қиболи душмани сангдил нармдил шудан нашояд. Муҳим Ватан аст, он гоҳ оила, хешутабор.

Рустам рафт ва Спитаман то дер гоҳи шаб нақшаи муҳорибаи фардоро кашид.

Бо дамидани субҳи содиқ садои шайпурҳои ҷангӣ ҳамаро ба по хезонд. Сипоҳи суғдиён зуд омода шуда, барои ҳуҷум ба дарвозаҳои шаҳр тайёрӣ диданд. Дар ин лаҳза Александр дар оғӯши Гефестион ҷавони таннозу зебо дар бистари гарм мехобид. Ин ҷавони ҳамсинну соли худро аз Юнон бо худ оварда буд. Бачабозӣ расми оддии ашрофзодаҳои юнонӣ буд. Ӯ ҳатто ифтихор дошт, ки чунин ҷуфти муносиб дошт.

Садои таблро шунида, писари Филипп аз ҷой бархоста, аз лабони Гефестион бӯсида, зуд либосҳои ҷангиашро пӯшида, болои девор баромад. Лаҳзаи дигар, бо фармони Спитаман задухӯрд оғоз шуд. Боз аз зер тирҳои ҷоншикори суғдиҳо ва аз боло сангу чӯб ва моеъҳои ҷӯшони юнониҳо ба сари муҳофизон ва ҳуҷумкунандагон фурӯ рехт. Садҳо нафари дигар то чошт, аз ду ҷониб қурбон шуданд. Аз он ҷониб хабар расид,

ки Кратер ба Киресхата расида, ботадбир дарвозаҳоро кушода, муҳофизатгаронро шикаст дода, шаҳрро ишғол кард. Якбора нидоҳои хурсандӣ аз болои деворҳои шаҳр баланд шуданд. Юнониҳо силоҳҳояшонро фотеҳона боло бардошта, ҳуштак мезаданд ва табл менавозанд. Бабр дарк кард, ки хабари ишғоли Киресхата ба онҳо расид. Хело маъюс шуд. Якбора дарвозаҳои шаҳр кушода шуданд ва сипоҳи юнонӣ берун баромад. Ҳафт ҳазор ҷанговари дигари пушти теппа пинҳоншуда низ фурсат ёфта, ба сари лашкари суғдиён тохтанд. Акнун Ватандорон ба муҳосира афтиданд. Задухӯрди шадид боз ду соати дигар идома ёфт ва Спитаман тахмин кард, ки нисфи ҷанговаронаш талаф ёфтанд. Дар ҳоле, ки аз захмҳои бадани Бабр хун ҷорӣ буду сару рӯяш ҳам аз хуни душман сурх гашта, дуҷониба шамшер зада, сару дасти душманро ба хок яксон мекард, лаҳзае бозистод, то хуни пеши чашмонашро пӯшидаро пок кунад. Ҳамин дам Рустам наъра зада, аз иҳотаи лашкариён баромада, аспашро чун бод ба қалби сипоҳи лашкариёни аз шаҳр баромада ронд.

– Исто! Ин худкушист, – нидо дод сарлашкар, аммо Рустами дар оташи ғазаби сӯзонро дигар касе боздошта наметавонист. Аввал Спитаман гумон кард, ки Рустам ҷониби Александри дар иҳотаи гладиаторҳо қарордошта мешитобад, ки ба ҷуз худкушӣ чизе дигар набуд, аммо Рустам баъди масофаи ним тирпартобро тай кардан, аспро ҷониби қаноти рости сипоҳи душман гардонид, аз қафояш боз 8 тахории бебоки дигар. Юнониҳо ҳам бо тани худ байни ӯ ва Александр девори мустаҳкам сохтанд. Рустам бо дастаи худ зимни фишори ногаҳонӣ сафҳои пеши сипоҳро дарронда гузашт. Тахории ҷасур дар даст найзаи кӯтоҳ сӯи сарлашкари хунхор Аталла шитофт. Аталла шамшери паҳну кӯтоҳашро баркашида, омодаи ҳарб шуд, аммо найзаи партобкардаи Рустам ончунон барқосо синаашро шикофт, ки ӯ худ бо чашми сар фаввора задани хунро аз қафаси синааш дид. Ҳудуди 20 ҷанговари юнонӣ, ки хело наздик буданд ҳама ба як бор найзаҳояшонро ҷониби дастаи тахориҳо партоб карданд. Чанд найзаи ҷоншикор Рустамро ба зини асп дӯхтанд. Ҷасади тахории фотеҳро, ки мисли зинда буд, асп оҳиста аз иҳотаи душман берун баровард, дигар касе ба ӯ кордор нашуд, балки душманон

барои аспи ӯ роҳ мекушоданд. Гӯё бо нигоҳ аз мардонагии Рустам арҷгузорӣ мекарданд, ӯ то ҳанӯз ҷон дошт. Ҳам лашкариёни ӯ ва ҳам юнониҳо лаҳзае шах шуда, аз ҷанг фаромӯш карда, гӯё бо нигоҳ бо ӯ видоъ карданд. Аспи хушзоти хатлии хуншор ҷасади ӯро оромона аз байни издиҳом баровард. Дигарбора задухӯрд дар ин қисмат ҳам оғоз шуд.

То ин муддат сипоҳи Птоломеос Лаг аллакай фотеҳона бо нидоҳои нишот собит сохтанд, ки муҳориба ба фоидаи онҳо ҳал шудааст.

– Ин саги пир, (45-сола буд) дар ҳоле, ки шамшер мезад, – андеша кард Спитаман, – чунин усулро борҳо ба кор бурда, дили лашкариёнро шикастааст, аммо ин бор дар ҳақиқат ғалаба насиби онҳост.

Спитаман инро дида, наъра зад, то ҳама аз пасаш биёянд. Аспашро аввал ҷониби Александр ронд. Александр низ аз ҳалқаи гладиаторҳо баромада, омодаи ҷанги тан ба тан бо қаҳрамони Суғд шуд, аммо сари роҳи Спитаман боз садҳо нафар юнонии дигар бо силоҳҳои ҷоншикор меистоданд. Бефоида будани ҳуҷумро ба сари Александр дарк карда, Бабр якбора аспашро ҷониби қаноти рости лашкари душман гардонид. Дар муқобили ӯ Мелеагр бо дастаи сеҳазорнафарааш қарор дошт. Чун барқ ҳаракат кардани Спитаманро дида, чашмони Александр аз косахонаи сараш баромаданд. Болои аспаш Бутсефал (буққасар) нимхез шуда, дасташро каппача карда, ба он тараф нигарист. Мақсади Спитаманро пай бурд, яъне мехоҳад аз иҳота барояд. Александр ба заковати ӯ дар мавриди ба ин зудӣ дарёфти беҳтарин роҳи баромадан аз муҳосира тан дод. Дар ҳақиқат, қаноти рости лашкараш то ин дам хело заиф гашта буд.

– Нагузоред аз муҳосира барояд! – нидо дод юнонӣ. Чанд дастаи хӯрди наздиктарини дигар ба он ҷониб шитофтанд. Мелеагр, ки то ҳол зарбаи Спитаманро аз наздик надида буд, хост дар назди сарлашкараш диловариашро нишон диҳад, бинобар ин, аз иҳотаи лашкариёнаш берун шуда, ба истиқболи суғдӣ баромад. Ба ӯ расидан замон, аспи нақшину зебои Бабр гӯё нафрати соҳибашро ошкор карданӣ шуда, шиҳаи баланд зада, ба ду пой рост шуд. Мелеагр найзаро ҳамин тавр ҳаво дод, ки

баъд аз ба замин расидани ду пойи асп ба шонаи чапаш расид. Ин ҷароҳати панҷуми Спитаман буд дар ин ҷанг. Найзаро аз китфаш кашида, аспро чун барқ болои Мелеагр тозонид. Зарбаи задаи Спитаман як қисми пӯсти шиками юнониро дарронда гузашт. Маҷрӯҳ рӯ ба гурез ниҳод, аммо Александр аз дур тахмин зад, ки ҳеҷ гоҳ аз ин шикорчии моҳир гурехта наметавонад. Тахминаш рост баромад. Дар ҳоле ки Спитаман теғ ба рӯи лашкариёни атроф ниҳода, хуни чанде аз онҳоро рехт, Мелеагр аз фирори худ шарм дошта, шамшер баркашида дигарбора ба Бабр ҳуҷум кард. Ин бор Спитаман зарбаи ӯро бо сипар баргардонида наъра зад ва теғ ба гардани Мелеагр зада буд, ки сараш болои китфаш овезон шуду хун аз гардани буридა фаввора зада баромад. Лаҳзаи дигар бо дастаи хурд Спитаман аз ҳалқаи муҳосира баромада, ба самти ҷануб фирор кард. Александр боз фармони таъқиб кардани ӯро надод, чунки хуб медонист, касе ба Спантамано расида наметавонад, яъне таъқиб ба ҷуз куштани чанд нафар гурезаи маҷрӯҳи суғдӣ фоидаи дигаре надорад, бинобар ин хулоса кард:

– Ӯ боз бар мегардад. То ҷон дар рамақ дорад барои ватанаш мубориза мебарад. Эй Зевси бузург, чаро чунин ҷанговар ба ман надодӣ? Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст, ки маро дар ин гӯшаи дури дунё додӣ? Ман Дороро дар ҳуҷуми аввал бо шумори ками лашкар шикаст додам, ин ваҳшӣ ҷонамро ба лаб овард. Чӣ қадар зебо аст ин ҷавон. Ту гуфтӣ, ки Ахиллес бо ман меҷангад…

## Хиёнати Зара

Спитаман тасмим гирифт ба мулки Шаҳристон, ки ҳокими он падарарӯсаш Ороба буд, паноҳ барад. Хабари омадани Спитаман ба Ороба расид. Хело ба ташвиш афтод. Зани ӯ, ба қавли атрофиён, зеботарин зани Суғд – Зара намедонист шодӣ кунад, ё мотам. Ба қавитарин оғӯш даромадан барояш гуворо буд, аммо агар Александр ӯро думбол карда, ба ин ҷо меомад, ҳамроҳ бо падараш мӯҷиби сангинтарин уқубат ва марг мегашт. Духтарчааш Апама бошад, гардани нозуку сафеди модарро ба оғӯш кашида, бо лаҳни кӯдакӣ гаштаю баргашта мепурсид, падараш кай меояд. Бори охир ба роҳи



калон назар дӯхта, оҳиста гуфт: – Ҳо ана, падарат расида омад, акнун рӯзамон сиёҳ мешавад.

Ороба гарду ғуборро дида, норозиёна ба ғурғур даромад:

– Бачаи аблаҳ, наход бо Александр муқовимат кунӣ. Ба ӯ сар мефуровард ҳатман сатрапи қад қадди дарёи Танаис мешуд, аммо сагбачча ҳам худ ва ҳам моро дар бало меандозад.

Дар Шаҳристон аз омадани Спитаман на ҳама шод шуданд. Ягона офаридае, ки ӯро сахт пазмон шуда Апама аст. Ӯ аз дур аспакиҳоро дида, ба пешвозашон шитофт. Қаҳрамони суғд аз асп пиёда шуда, оғӯш кушод. Апама гардани ӯро сахт ба оғӯш гирифта, то дер гоҳ беҳаракат истод. Сар намедод, гӯё метарсид, ки ин марди барои ӯ азиз дигарбора мегурезад. Дили сангини ҷанговар хело нарм шуд. Баъд Зара дар канораш даромада, ором гирифт. Сахт мехост, нахуст шавҳари пурқувваташ ӯро ба ҳуҷраи дохили қаср таклиф кунад, то саравввал талаботи шаҳвониашро қонеъ гардонад, аммо андӯҳи бепоён аз байни шодиҳои зоҳирии Бабр дар чашмонаш ҳувайдо аст, ки Зара дарк кард монеи шаби дуру дарози ошиқӣ мегардад. Ороба фармуд, то барои ҳамроҳони Спитаман, ки 12 нафаранд, гармобаро гарм кунанд ва хӯроки шом таҳия созанд ва ҷароҳатҳояшонро банданд. Ин ҳамаро аз тарси домодаш мекард, набошад, зӯраш расад ин дастаи бебокро якҷо бо сарлашкар худ даст баста, ба Александр месупорад. Ҳама сахт монда буданд ва чун хӯроки шомро хӯрданд, ба ҷойҳои хобашон рафтанд. Спитаман дар паҳлӯи Ороба нишаста, ба саволҳои ӯ дар бораи рафти муҳорибаҳо посухи кӯтоҳ ва хеле ғамгин дод. Апамаи хӯрдакак сарашро болои зонӯи падар монда, чашм ба ӯ дӯхта, хумори хоб дошт. Билохира ҳоким фурсат ёфта гуфт:

– Спитаман, чӣ нақша дорӣ, то кай дар ба дар гурехта мегардӣ? Магар намешавад, барои Александр номае бифиристӣ ва таслим шавӣ. Чизе, ки хоҳӣ, ба ту медиҳад.

Спитаман суҳбати дигареро аз ӯ интизор набуд, бо вуҷуди ин, аз ғазаб аз чашмонаш шарораҳо рехтанд. Баъди сукути тӯлонӣ, ки базӯр ҳиссиёташро нигаҳ дошт, билохира итоб кард: «ту пирсаги фарбеҳ, ба ҷои муқовимат бо душмани ғосиб маро ба таслимшавӣ даъват мекунӣ? Спитаман ҳеҷ гоҳ ба душман таслим намешавад, балки то қатраи хуни охирин бо ӯ меҷангад.

Ту шикамғафс, лаззати муборизаро барои Ватан намефаҳмӣ, бинобар ҳамин, дигар аз даҳонат ин ҳарфи шумро набарор! Ман фардо ин ҷоро тарк мекунам. Ба он сӯи рӯд ба назди Катан меравам. Бо ӯ якҷо шуда, душманро саркӯб мекунем.»

Дар ҳоле ки нишаста буд, хобаш бурд. Зара Апамаро, ки болои зонӯи падар мехобид, оҳиста бардошта, аз ӯ дур кард. Ороба аз ӯ дуртар рафта, Зараро ҷеғ зад ва ҳарду ба машварат нишастанд.

– Хуб, духтарам, чӣ кор мекунем? Интизор мешавем, ки кай Александр омада бо ҷурми шавҳари камақли ту моро бикушад? Ягон чораи хуб андешидан лозим.

– Чӣ чора? – пурсид Зара.

– Масалан, мо метавонем ба назди Александр кас фиристода хабар диҳем, ки дар ин ҷост.

– Ӯ падари фарзанди ман аст ва ман ӯро дӯст медорам.

– Маро чӣ, бе модар туро калон кардам, бо ноз парваридам, одам кардам…

– Хайр шуд, фаҳмидам, аммо роҳи ёфтаат бар зарари Спитаман ва оилаи ман аст. Ту ҳоло ҳам Спитаманро намедонӣ, ӯ то ҷон дар бадан дорад, бо душман меҷангад. Агар тамоми сипоҳи Александр ба ин ҷо биёяд то мурдан муқовимат мекунад. Дар ин задухӯрд хонаю даратро ба оташ мекашанд. Оқибат ӯро мекушанд, агар ман зинда монам, бе шавҳар чӣ кор мекунам?

– Барои ту ҳазор шавҳар меёбам, ту фақат розӣ шав. Болои духтари Ороба домодҳо ҷанг мекунанд.

– На барои духтари Ороба, балки барои зеботарин зани Суғд, гӯй.

– Майлаш, фарқаш чӣ? Розӣ шав.

– Ту пир шудаӣ, падар. Зане, ки як бор оғӯши Спитаманро дидааст, дигар майли оғӯши каси дигар намекунад. Вақте бо панҷаҳои гарм ва қавиаш китфонатро дошта мефишорад ва танатро ба тани мисли санг сахт вале гарми худ ҷафс мекунад, лаззати дунёро дарк мекунӣ. Чун синаҳоят ба бадани мардонаю серпашми ӯ ҷафс мешаванду пачақ, ба Аҳура Маздо роз мегӯӣ, ки дигар сар надиҳад ва ҳамин гармии бадан пайкаратро сӯзад. Оҳ, чӣ лаззате дорад, оғӯши Спитаман…

– Ҳой духтар, ба худ ой, падарат истодааст.

– Тарки ин оғӯш кун, набошад туро ба гӯр мебарад. Ту лаззати оғӯши Александрро бичаш. Зару зевар, ғуломони зиёд, дар атроф гладиаторҳои қавипайкар…

– Александр куҷою ман куҷо?

– Агар барояш хизмате кунӣ ва худро орою торо дода, дар наздаш ҳозир шавӣ ҷонашро ба ту медиҳад.

– Ту бовар дорӣ?

– Ман инро хуб медонам.

– Намедонам, падар, ҳоли Апама чӣ мешавад, охир ӯ бе падар мемирад?

– Апамаро ман худ калон мекунам, аз падари дайдуяш дида, бобояшро дӯст медорад.

– Туро? Нахандон, падар, ӯ дар назди падараш ҳатто маро намебинад. Мисли падараш бадхашму якрав аст. Намедонам, падар, ҳар коре хоҳӣ кардан гир, ҳама дарду доғаш ба зимаи ту, – гуфта ба назди Спитаман рафта, зери сараш болишт гузошт. Баъд дар бараш якпаҳлӯ зада, сарашро ба синаҳояш ҷафс кард. Аз сару рӯй ва гарданаш бӯсид, то бедор шавад ва ақаллан як бори дигар лаззати зиндагиро ба ӯ бичашонад, аммо Бабр ончунон монда шудааст, ки гардани зебои Зараро ба оғӯш кашида, боз хобаш бурд. Зара ноумед шуда, аз оғӯши ӯ худро бомашаққат халос карда, духтаракро бардошта, аз меҳмонхона баромад. Ба кӯшки дигари ҷойхоби худ гузашт. Аз равза ба дастаи сипоҳиён, ки хело дуртар, дар боғ байни дарахтон болои суфра мехобиданд, нигарист, касе намеҷунбад. Апамаро ба оғӯш кашида, чашмонашро пӯшида, интизори ҳодисаи мудҳише шуд.

## Сояҳо дар боғ

Нисфи шаб се сиёҳӣ аз ҷониби муқобил пайдо шуда, вориди меҳмонхона шуданд ва яке пас гашт. Зара то ҳол бедор буд. Се сиёҳиро дида, аз ҷуссаҳои бузургашон пай бурд, ки аз мардони яксарти сарсупурдаи падараш ҳастанд. Он сояи сиёҳи ғафсе, ки пас гашт, аниқ ҷуссаи Оробаи падараш аст. Ӯ гурӯҳро барои муҷозоти ғуломони гурехта ва саркашаш низ истифода мебурд. Қотилони бераҳм буданд. Дили Зара сахт-

сахт тапидан гирифт. Лаҳзаи дигар нидоҳои даҳшатнок аз меҳмонхона ба гӯши Зара расиданд. Баъд овози шавҳараш баланд шуд, ки Зарарo чеғ мезад. Чанд дақиқа баъд дар рӯшноии маҳтоб дид, ки ду нафар аз дари меҳмонхона берун баромада, ба замин афтиданд. Зуд ба берун баромад. Падарашро дид, ки дар кунҷаке истода аз тарс меларзад.

– Чӣ гап шуд падар, – дар ҳолати ҳаяҷон пурсид духтар.

– Ҳеҷ гап не, ҳама… ҳама корҳо хуб шуданд, рафтем, гуфта Ороба пеш даромад ва сӯи меҳмонхона давиданд.

Дар берун диданд, ки панҷаҳои Спитаман гулӯи яке аз қотилонро сахт фушурда, ҳамаи бофтаҳояшро дарҳам шикаста, ӯро буғӣ карда куштааст. Нисфи гардани худаш бурида буду хуншор ва беҷон. Зара бо зонӯ ба замин афтода, навҳа оғоз кард. Ороба вориди меҳмонхона шуда, ду яксарти дигарро дид, ки ба хуни худ оғӯшта, болои фарш мехобиданд. Дуртар аз онҳо корди кӯтоҳи хунолудро рӯи фарш дид. Ба ҷуз садои гиряи Зара ҳама ҷо сокит буд. Сарбозон бедор нашуданд. Падар ӯро ором карда, зуд кордро аз замин бардошта, ба берун давид. Лаҳзаи дигар дар даст халтаи хунолуд дохили меҳмонхона шуд.

– Ма, сарро гирифта, зуд ба Киресхата рав, ҳанӯз Александр дар ҳамон ҷо.

– Ту чӣ? Ман ҳисобамро меёбам, то бедор шудани дастаи сипоҳиён аз ин ҷо рав.

Зара ҳамроҳи се хидматгори падар ба аспҳои хушзот савор шуда, кӯшкро тарк гуфтанд.

Саҳар ҳамсафони Спитаман, ки ҳама мардони корзор буданд бо таоми заҳролуд ношишта карданд.

## Тухфаи хунолуд барои Александр

Дар боргоҳи Бес Александр болои тахти зарҳалин нишаста, бо умаро машварат мекард. Хабар расид, ки зеботарин зани Суғд иҷозаи даромадан мепурсад.

– Кист? – пурсид юнонӣ, – ва чӣ мехоҳад?

– Намегӯяд, – ҷавоб дод Гефестион ва илова кард:

– Зани хеле зебо аст, ки мегуяд, барои Александр тухфае дорам.

– Туҳфа дошта бошад, бигзор дарояд. Дер боз касе ба ман туҳфа надодааст. Хоса зани зебо.

Зан вориди боргоҳ шуд. Чашмони шаҳло, мӯйҳои кушодаю парешон, гардани сафеди пурҷило ва хиромидани чун кабки кӯҳсораш ҳамаро мафтун сохт. Махсусан, синаҳои аз зери либоси ҳарир дамидааш диққати Александрро ба худ ҷалб кард. Инро Гефестион зуд дарк карда, рӯяшро зуд ба дигар ҷониб гардонида, рашк бурданашро ошкор кард. Зан дар ҳақиқат зебо буд, балки зеботар аз занони юнонӣ. Дар даст лагане дошту болои лаган чизе курашакл ва болои он бо рӯмол пӯшонида. Ба андозаи се қадам ба шоҳ наздик омада, бо ду зонӯ болои фарш нишаст. Ҳамон фарше, ки чанде пеш Спитаман болои он хуни хоин Вароҳранро рехта буд. Шоҳ каме интизор шуд, аммо зан хомӯш аст. Баъд ишора кард, то рӯмолро аз болои туҳфа бигиранд. Гирифтан замон сари Спантаманоро дид. Ҳама аз ҷумла шоҳ чашм ба сар дӯхта дар шигифт афтоданд. Касе чӣ гуфтанашро намедонист. Сарро шуста, аз хун покиза карда буданд. Аз зери мӯйҳои дарози қаҳрамони Суғд рӯи зебояш намудор буд, ки бо чашмони пӯшида, гӯё андешаманд барои абад ором гирифта. Дарбориён ва худи Александр чанд дақиқа ба сар нигоҳ карда, шах шуданд. Сипас аввалин шуда Александр ба худ омада бо чашмонаш ба сар ишора карда, аз Зара фақат пурсид:

– Ту ҳамсари ӯ будӣ?

– Бале, шоҳам, ҳамсари ӯ ва духтари Ороба.

Александр сар ба зер афканда, сокит шуд. Ӯ фикр мекард, ки акнун ҳамаи умедаш барбод рафт. Дарк кард, ки баъди ин, дунёро то охир забт карда гирад ҳам шуҳрати набард бо Спантамано ва мағлуб кардани ӯро намеёбад. Ҳатто агар ҳангоми задухӯрд бо Спитаман кушта мешуд, шуҳрати бештар аз ғасби дунё ба даст меовард, аммо ҳамаашро ин зани хиёнаткор барбод дод. Ду соли дароз Бабрро пешандоз карда, билохира ба тангно оварду аз шуҳрати қариб ба дастомада маҳрум шуд. Сарлашкарони дигари дар дарбор рост истода ва нишаста ҳам шодӣ намекарданд, балки дар қиёфаашон бештар ҳасрат дида мешуд.

Баъди сукути тӯлонӣ Александр нидо дод:

– Пердикка! Ӯро чеғ занед!

Марди дағалу зиштрӯ ва ба як пой ланг вориди боргоҳ шуда, наздик омада, пушт ба Зара гардонида, дар қиболи шоҳ истода, даст боло бардошта, нидо дод: «Шараф ба Александр!»

– Хуб, бигӯ Пердикка, чандсолаӣ?

– Панҷоҳупанҷсола, шоҳам.

– Зану бача дорӣ?

– Не.

– Чӣ, узви дарозатро буридаанд, ки зан намегирӣ?

Ҳама ба ханда даромадаанд.

– Не, шоҳам, дар ҷояш овезон аст.

Дарбориён ҳама боз бо мавҷи нав ба ханда даромаданд. Александр ҳам қоҳ-қоҳ зада хандид. Дастони Зара монда шуда, меларзиданд ва ҳайратзада ба шоҳ менигарист. Ӯ ҳайрон аз он буд, ки дигар шоҳ на ба тuҳфа ва на ба худи ӯ, яъне зеботарин зани Суғд, таваҷҷуҳ зоҳир намекард.

– Мехоҳӣ, – рӯ ба Пердикка оварда идома дод шоҳ, ки ҳамзамон маънии фармони хомӯш буданро дошт, – зеботарин зани Суғдро ба занӣ гирӣ?

– Намефаҳмам, шоҳам, сипоҳиён ба ман фақат гоҳо занони пирро медиҳанд.

– Нохалафон, ҳатто хизматҳои туро ҳангоми айш ба хотир намеоранд! Чанд сол аст, ки Бусефалро нигоҳубин мекунӣ?

– Чор сол, шоҳам, пеш аз ин аспҳои падаратро тарбия мекардам.

– Ва хуб тарбия мекардӣ.

– Зане, ки дар пуштат истодааст, зеботарин зани Суғд аст, агар хоҳӣ, ман ӯро ба занӣ ба ту медиҳам.

Пердикка ба қафо гашта, ба рӯю мӯйи зан нигоҳ кард.

– Ту Александр, маро таҳқир мекунӣ, магар подоши хизматҳои ман ҳамин аст?

– Безеб аст, ин зан?

– Не, император, баръакс, ӯ куҷову ман куҷо?

Чашмони Зара аз косахонаи сараш баромаданд.

– Нархи ӯ чаҳор танга, пардохт кун ва бубин, ки таҳқир намекунам.

Чун аспбони ланг дарк кард, ки шоҳи бебок шӯхӣ намеку-

над, зуд тангаҳои кисаашро бароварда шумурд – се танга.

Александр ҳам тангаҳоро бо чашм шумурд.

– Се тангаро бидеҳу молатро биситон, баъд як тангаи дигарро медиҳӣ, – гуфт шоҳ.

Ҳуш аз сари Зара парид. Ӯ ҳоло зани аспбон нашуда, дар бӯи бади ӯ тоқат карда наметавонист. Тасаввур кард, ки чӣ гуна ин махлуқи одамшакл тани симини ӯро палмосида, бордораш месозад. Сараш чарх зада буд, ки сари Спитаман аз դасташ ба замин афтид. Агар Пердикка зуд аз зери бағалаш намедошт, худаш ҳам ҳатман ба замин мефтид. Синаҳои дамидаю сахти зан ба дастони шағшули ғулом расида буданд, ки бори аввал ҳаловати бепоёнро ҳис кард. Чашмакони хурди гирду кабудаш ялаққос зада дурахшиданд. То ин дам пӯсти шахшӯли занони пир ва миёнасолро мепалмосид, акнун пӯсти ялаққосии ҷигарранги шишагин дар панҷаҳояш буд. Ӯ занро кашола карда, ҷониби дар бурд. Дарбориён қарсак заданд. Танҳо дар остонаи дари боргоҳ Зара ба ҳуш омада, нидо дод:

– Лаънати Аҳура Маздо ба ту бод, Александр! Хонаат сӯзад, Филипп!

Дигар садоҳои ваҳшатангезашро касе нашунид, чунки Пердикка бо дастони бӯйнокаш даҳони ӯро пӯшонид. Дарбориён то дер гоҳ хандиданд. Александр ҳам механдид, аммо хандаи на аз сидқ. Сари буридаи Бабр аз пеши чашмонаш дур намешуд. Гӯё ӯ то ҳанӯз ба сӯяш менигарад. Даст боло карда буд, ки ҳама ба як бор хомӯш шуданд. Фармуд сари Бабрро дигарбора шуста, бо мушк хушбӯй сохта, ҳамчун ҷанговари бузург аз рӯи оини юнониҳо рӯи сипарҳо гирифта ба лаби Танаис баранд ва миёни чордевор аз рӯи одати суғдиҳо дар дахма гузоранд. Баъд ба Птоломей фармуд, сад нафарро бо худ гирифта, мулки Оробаро оташ бизанад. Худи ӯро бошад, ҳамроҳи ҳама хизматгорон ба дор биовезад. Ба ҷуз духтари Спантамано – Апама ва як сарпараст барои ӯ, касеро зинда нагузорад. Аз дороии Ороба ҳиссаи духтари қаҳрамонро ҷудо созад ва бигзорад сарпараст ба куҷое хоҳад, ӯро барад ва тарбия диҳад.

## *Қисми дувум*

# КАТАН

Шарҳ:

Бояд гуфт кишвари Суғдиён ҳозира, ҳудуди Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт. Дар мисоли муҳимтарин мақарри аҳолинишини он – Бохтар, ки дар ҳарду соҳили Окс (Амударё) байни қаторкӯҳҳои Ҳисор аз шимол ва Ҳиндукуш аз ҷануб воқеъ буд, муайян кардани иқтидори Суғдиён аз лиҳози иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба мақсад мувофиқ аст. Хоса муаррихони дар он замон зиндаи юнони қадим Флавий Арриан, Квинт Куртсий Руф, ки таърихи Александри Македониро нигоштаанд, дар ин бора хело дақиқ суҳбат кардаанд. Мувофиқи гуфтаи онҳо Бохтар дар замони Ҳахоманишҳо (суғдиҳо ё тоҷикони имрӯза) ба марказҳои идоракунӣ – вилоятҳо ҷудо мешуд. Ҳокимони ин вилоятҳоро бо юнонӣ hyparchoi меномиданд. Ҳар кадоми ин ҳокимон дастаҳои калони ҷангии савора доштанд, ки бо талаби сатрапи Бохтар – Зариасп дар муддати кӯтоҳтарин ба марказ мерасониданд.

Он ҷо майдоне буд бо номи syllogos (юнонӣ), ки ҳама ҷамъ мешуданд, ба ҷуз ҳарбиёни муҳофизи дохили шаҳр ва қалъаҳо.

Вобаста ба вазъият, шояд ҳар сол дар ин майдон тайёрии ҳарбӣ мегузашт, ё аз он ҷо ба муҳориба мерафтанд. Дар маҷмӯъ Бохтар метавонист дар муддати 1-2 рӯз то 30 000 ҷанговарони савораро омода созад. Инҳо кишоварзон (vici лот. ) буданд, ки замини корамро ба ҳайси туҳфа аз ҳоким барои хизмат дар сафи артиш мегирифтанд. Маҳз ҳамин гуна тартибот дар қитъаи дигари ин сарзамин – Суғд, ки дар соҳилҳои Қашқадарё ва Зарафшон ҷойгир буд ҷой дошт. Хоса гумони ғолиб он аст, ки Бохтар ва Суғд дар замони Ҳахоманишҳо дар якҷоягӣ бо Хоразм як маркази маъмурӣ (топархия)-ро ташкил медоданд, ки ҳокимаш сатрапи Бохтар буд.

*(Никоноров В. П., Холод М. М. Походы Александра Великого)*



## Фирор

*Охирин муҳориба барои ғасби пурраи Суғдиён аз муҳорибаҳои зидди сакоиҳо фарқ мекард. Водиҳо ғасб шуданд, Спитаман кушта шуд. Миёнаҳои зимистони соли 328 то солшумории мо Искандари Мақдунӣ ва сипоҳаш дар Навток (ҳавории минтақаи Кӯлоб, соҳилҳои дарёи Сурхоб) баъди муҳорибаҳои мушкил бо Суғдиён истироҳат мекарданд.*

*Аммо 4 нафар ашрофзодаи суғдӣ – Оксиарт, Хориён, Катан ва Вастан қисман дар водиҳо ва қисман дар кӯҳистон муқовимат мекарданд. Дуи аввал дар мавзеи Харсангҳои Суғд ва харсанги Хориён мавқеъ доштанд (муаррихи юнони қадим Арриан, китоби 4, дар тарҷумаи М. Е Сергеенко).*

*Муддати зиёд Спитамен бо нерӯҳои юнонию македонӣ муқовимат кард. Соли 329 қабилаҳои гуногуни суғдиҳо дар атрофи ӯ муттаҳид шуда, сипоҳи чандҳазорнафараи мақдуниҳоро зери фармондеҳии Менедем дар соҳили дарёи Политимет (Зарафшон) шикаст дода, ҳамаро нобуд сохт. Як сол баъд, ҳангоми баргашта омадани нерӯҳои асосии юнониҳо бо сипоҳи иборат аз ҷанговарони сакоӣ ва массагетҳо ҳамлаи муваффақонае ба Бохтари Ҷанубӣ кард. Ӯ ҳатто то ба Бохтар – Зарасп расид. (Квинт Куртсий, муаррихи Юнони Қадим)*

Дастаи ҳафтоднафараи сипоҳи сатрапи Бохтар – Артабоз асиронро қад-қадди дарёи Омӯ, ки юнониҳо Оксусаш мегуфтанд, пешандоз карда мебаранд. Асирон иборат аз 35 нафар – чанд зани ҷавон, 12 марди болотар аз миёнасол ва нуҳ ҷавони дастбаста. Мӯйҳои ҷӯлидаи занон ва тани хунфишони ҷавонон, инчунин вуҷуди хастаю либосҳои даридаи мардон дарак аз саркашии асирон медиҳад, ҳангоми боздошт.

Ҳокими Бохтар Артабоз замони оромона зимистонгузаронии Александр дар Навток ба ҳар гӯшаи Бохтар ва ҳатто Тахористон сипоҳашро фиристод, то барои сохтани шаҳр дар соҳили рӯди Окс мардони қобили меҳнат ва ҳунармандонро ғундоранд.

Ин ҳам фармони шаҳаншоҳ Александр буд. Аммо асир гирифтани тахориҳо – мардумони ғаюр бо мушкилоти зиёд даст медод. Қисмате аз онҳо то охирин лаҳза худро муҳофизат ме-

карданд, баъд чун дигар тоби муқовиматашон намонд, даст ба худкушӣ мезаданд. Ин бор ҳам ба ин сӯйи руд, яъне сарзамини Тахористон 120 савор равон кард. Бист нафар ҷангиёни юнонӣ ва бохтариро ҳамин асирон дар набард куштанд. Дастаи ғосибон амалиёти асиргириро хело боэҳтиёт ва пинҳонӣ ба роҳ мондаанд. Аз Катан сахт ҳарос доранд.

Катан пешвои тахориҳо аст, ки ҳанӯз дар муҳорибаҳои Мароқанд дар паҳлӯйи Спитаман – Бабри биёбони Суғд аз зарби шамшераш хун дар рагҳои ғосибон хушк мешуд. Боре, ҳатто Кратер, дар майдони ҷанг сарлашкари тавонои Александр аз назди ӯ фирор кард.

Баъди он, ки аз Кратер пурсиданд чаро гурехт, гуфт, ки малакаи ҷангии ӯ бойтар аз ин кӯҳистонӣ аст. Гурехтан на ҳама вақт маънии тарсиданро дорад.

Ин бор ҳам Александр дар роҳи сафар ба Ҳиндустон дар ҳамин Навток, ки ҳамагӣ нимрӯза роҳ то Бобакон аст зимистон гузаронид, то дар кӯҳистон бо Катан рӯбарӯ нашавад.

Лашкариёнаш маҳорати муҳорибаҳои кӯҳиро мисли тахориҳо надоштанд. Метарсид, ки дар ин ҷо аз дасти ин ваҳшии гурги кӯҳистон талафоти зиёд набинад. Бо вуҷуди он, ки Катан бо сипоҳи панҷҳазорнафарааш ӯро дар Бобакон интизор буд, на дар кӯҳистон, аммо метавонист ҳар замон лашкаашро ба фарози кӯҳҳо барорад.

Пешопеши сипоҳи сартопо мусаллаҳ марди қоқинаи юнонӣ, ки дар бар ҷавшани сабук дошт, мерафт. Салобат, нигоҳҳои мағрурона ва фармонҳои пайдарпайи ӯ ба сипоҳиёни дигар, сарҳанг буданашро собит мекунад. Яке аз асирони ҷавон, ки мушакҳои барҷастаи баданаш исботгари нерӯйи фавқулодаи ҷисмониаш буд, лаҳзае дар ҷояш бозистода, дастони бастаашро боло бардошта, бо онҳо хуни пешониашро, ки ба чашмонаш ҷорӣ мешуд пок кард, то роҳро дурусттар бинад. Сипоҳии савора, ки аз паҳлӯйи ӯ ҳаракат мекард бо тозиёна ба пушти ӯ сахт зад. Асир, ки худ ҷиҳати хастагӣ хеле бемаҷол буду зери таъсири ҷароҳатҳо базӯр роҳ мерафт, парӯнокӣ ба замин афтид. Дар тан ба ҷуз куртаи васеи тунук, ки мардуми таҳҷой ҳамчун пироҳани шаб истифода мекарданд, чизе дигар ки надорад, ҳар як зарбаи тозиёна дар ба-

данаш изи худро мегузорад. Ба ҷуз ҷароҳатҳои дигари баданаш зарбаи навбатӣ дар пушти ӯ сеюмин хатти сиёҳ кашид. Асирони дигар низ бозистоданд, то бубинанд ҳоли афтода чист. Якбора чанд тозиёнаи дигар ба сару рӯйи онҳо фурӯ рехт. Саф пароканда шуд. Сарҳанг ба асири афтода наздик шуд. Ба яке фармуд, то ба ӯ об диҳанд. Сипоҳӣ аз дарё об гирифта, наздик шуд ва қабл аз он, ки зарфи обро ба лабаш наздик кунад рӯ ба сарҳанг оварда гуфт: «Сардор, Бобак бисёр саркаш аст, ташна ва хаста бошад беҳтар! Бубин, ки занҳо хаста нашудаанду ӯ гӯё бемаҷол аст, бовар накун!»

– Об деҳ, аблаҳ, Артабоз аз ман асирони солим талаб дорад. Бояд мо камаш 12 ҳазор нафар пешниҳод кунем, набошад ҳоламон табоҳ мешавад. Ду ҳазораш ҳаққи мову ту, аблаҳ. Набошад маҷбур мешавем мисли сипоҳи шаҳаншоҳ Искандар худамон шаҳр созем. Омадани Катан ва Вастан наздик аст. Худи Искандари Бузург давояшонро наёфта истодааст. Агар бори дигар шаҳрро муҳосира кунанд, мурдем, пӯстамонро мекананд.

– Барои ин, сардор, аввал бояд Искандарро шикаст диҳанд, – ба Бобак об дода истода гуфт сарбоз.

– Аҷаб не шикаст диҳанд, оҳиста гуфт сардор, як бор ҳоли Искандарро Спитаман қариб табоҳ кард. Он вақт дар тӯли се ҳафта дар соҳили дарёи Танаис (Сир) аз бими суғдии саркаш дар 20 рӯз истеҳкомшаҳр сохтем. Александр ҳам моро барои дарёфти ғуломон ба ҳарҷо равон кард. Бисёре аз сокинони атроф худро ба куштан медоданду ба асирӣ не. Оқибат шаҳрро худамон – сипоҳиён сохтем. Ҳамин гуна шаҳр бояд дар ҳамин ҷо, дар соҳили Окси бузург бисозем, набошад мурдем. Бубин, ки ин тахории лаънатӣ чӣ қадар сипоҳиёни моро сар бурид!

– Кӣ, Александр?

– Аблаҳ, Александр тахорӣ аст? Катан! Вақте бо ту гап мезананд, гӯш кун!

– Дар наздикии ин лаънатии Бобак магар бепарво буда мешавад?

– Ҳиллагар аст, бо овози паст гуфт сарбоз. – Баъд бо овози баланд илова кард:

– Сардор, гумон дорам Бобак ҳам яке аз сарбозони ҳамон тахорӣ – Катан бояд бошад. Шояд барои хабаргирии хешовандон омадааст.

Набошад як кишоварзи оддӣ магар метавонад, якбора бо шаш сипоҳии машқдидаи мо набард кунад. Худат дидӣ, ки чӣ гуна кордро партоб карда аз масофаи қариб 10 қадам рост ба дили Фаррух зад.

– Дидам, бале, кордпартоияш моҳирона буд, аммо ман ба тирандозии ӯ қоил шудам. Дидӣ, ки аз масофаи сад қадам чигуна тирро ба гардани Ариз зад. Аз ҳалқумаш берун баромад.

– Дидам сардор ва сахт тарсидам. Аҷиб аст, ҳатто занҳои мардуми ин сӯйи Оксус ҳам тирандозиро хуб медонанд. Ҳамон зани бо Бобак хоб буда низ, дидӣ, сардор, чӣ гуна яке аз сарбозони моро ҳадафи тир карду ба асп савор шуда, чун бод байни харсангҳо ғайб зад? Ҳамаамонро аблаҳ кард.

– Кард, аммо барои чӣ ӯро ту, аблаҳ, раҳо кардӣ?

– Раҳо накардам, чун тир мерафт, боздошт карда натавонистам. Онҳо садои пойи моро шунида аз ҷойгаҳ хеста, ҳатто фурсат ёфта, яроқ гирифтанд, ки мо даромадем. Духтари лаънатӣ дигар тир надошт, набошад ман ҳам ҷон ба саломат намебурдам. Ӯро асир гирифтан имкон надошт. Тарсидам сардор, зан лучу урён буд, худро ҳеҷ гоҳ зинда ба дасти мо намедод. Набошад он париваширо барои Александр мебурдем аниқ сатрапии Бохтарро ба ту медод.

– Эҳа, ман куҷову мақоми сатрап куҷо, – табассум карда гуфт сардор. Маълум буд, ки ин суханро ҳамчун луқмаи ширин фурӯ бурд.

Хайр, бас куну аз мардакаш эҳтиёт шав, чашмонаш мисли чашмони уқоб тезу қаҳролуд.

– Барои ҳамин ҳам мегӯям, ки ӯро ташна нигоҳ доштан лозим.

– Лозим не, мемурад. Бо ин нерӯ ӯ бояд барои мо ба пушташ санг кашида, девор созад.

– Намесозад, сардор, ин лаънатӣ дасташро кушода бинад, ҳатман якеи моро ба ҳалокат мерасонад. Бин, дасту панҷаи боқувваташ гӯё барои буғӣ кардан офарида шуда бошанд. Ин сагбачча дар асорат фақат ба хотири гурехтан зинда мемонад, набошад як рӯз тоқат карда наметавонад, мемурад.

– Шуд, буздилӣ накун, ӯро барпой хезон. Равон шавед! Касе бозистад, кушта мешавад. Ҳар қадар об хоҳед, ба шумо медиҳем, аммо то шаб ҳаракат кунед, фардо ҳангоми чошт бояд ба шаҳр бирасем, – фармон дод сардор. Бобак ҳам дар қатори дигарон базӯр ҳаракат кард.

Ҷиҳати каммаҷолии занон, то бегоҳ ҳамагӣ тавонистанд ду фарсах роҳ раванд. Сарҳанг иҷозат дод якбори дигар дам гиранд.

Асирон дигар маҷоли рост истодан накарда, ҳама дар ҷой нишастанд, ба ҷуз Бобак, балки ӯ якбора ба замин афтида беҳаракат шуд. Бо фармони сардор сарбози ба ӯ об дода, зуд ба наздаш омада, банди дастонашро кушод. Ҳама ба ӯ нигоҳ мекарданд. Маълум буд, ки асирон ба ӯ таваҷҷуҳи хоса доранд. Сарбоз дасту пояшро ба ҳаракат дароварданӣ шуд.

Ҳамин дам Бобак бо лагад ба сару рӯйи сарбоз зада, ӯро аз пой афтонда, сабук ҷаста, худро ба дарё афканд. Доду фиғони сарҳанг ба фалак печид. Занҳо сари роҳи сарбозонро гирифтанд, то гуреза фурсати дуртар рафтанро пайдо кунад. Сарбозон якбора чанд занро зада аз пой дароварданд ва дуйи онҳо либосҳои вазнинашонро кашида аз қафои Бобак худро ба об партофтанд. Қариб 20 қадам дуртар, фирорӣ сар аз зери об баровар да, нафас гирифт. Якбора чанд тири ҷоншикори сарбозони дар соҳилбуда ба он тараф парвоз карданд, аммо ӯ боз зери об рафт. Лаҳзаи дигар, яке аз сарбозони шинокунанда нопадид шуд. Сарбози дигар, ки камаш 10 қадам дуртар аз ӯ шино мекард, ҷониби ҳубобҳои аз зери об баромадаистода шино кард. Расидан баробар ҷасади рафиқаш ба оғӯшаш даромад.

Бобак ҳам бори дигар барои нафас гирифтан ҳамагӣ се-чор қадам дуртар аз зери об баромад. Сарбоз сӯйи ӯ шино кард. Онҳо дучори ҷараёни тези дарё, то ин дам аллакай ба масофаи камаш сад қадам аз ҷойи истодаи асирон дур шуданд. Расидан баробар, мушти ба даҳони сарбоз задаи Бобак кори сипоҳиро тамом кард. Ӯ лаҳзае болои об беҳаракат шуд ва баъд зери об нопадид гашт. Бобак мувофиқи ҷараён бо он яхоб зуд ба поёноб шино карда, дар як лаҳза нопадид шуд. Чашмони сарҳанг аз косахонааш берун шуданд. Ӯ бо ҳасрат то дер гоҳ аз қафои Бобак нигоҳ кард. Дар чеҳраи асирон осо-

ри хушҳолиро дида, якбора оташин шуда, дод зад: пеш дароед, ваҳшиҳо, ҳаракат кунед! Ва фармуд, то дигар ба касе об надиҳанд. Сарбозе, ки ба Бобак об дода буд ба сарҳанг наздик шуда, қариб қаноатмандона гуфт:

– Дидӣ, Ламас, рост гуфтам, ки ба ӯ об додан лозим нест, ба гапам гӯш накардед.

– Бале, рост гуфта будӣ, Сиёмак. Акнун кори шудагӣ шуд, вале худоҳо мадад кунанд, аблаҳ, ки гуфтаи дигарат рост набарояд.

– Кадомаш, сардор?

– Аз сипоҳи Катан будани ӯ. Аммо фақат сипоҳиёни ӯ чунин чолок ва ҷангдидаанд. Албатта, бошишгоҳи Катанро медонад. Ба монанди худаш 20-30 нафари дигарро биёрад, ҳамаамонро сар мебуррад ва асиронро озод мекунад.

– Барои ҳамин, сардор, истироҳат кардан лозим не, шабона ҳам ҳаракат кунем, фардо нисфишаб қабл аз расидани ваҳшиҳо мо ба дидбонгоҳҳоямон мерасем. Чӣ гуна дам нагирем, камаш ваҳшии асири дигар маҷоли ҳаракат кардан надоранд.

– Илоҷашро медонам, сардор.

– Медонӣ, пас чаро истодаӣ? Амал кун!

Сиёмак зуд чор нафар асири бемаҷолро, ки занҳо буданд дунафарӣ болои аспҳои сарбозони кушташуда савор кард. Ба ду сарбози дигар ҳам фармуд пиёда шаванд ва имкон диҳанд чаҳор зани ҷавонтари дигар болои аспҳо нишинанд. Ду нафар бемаҷоли дигар боқӣ монд, як зани бемор ва як марди солхурда.

Ламас нигоҳашро аввал сӯйи он ду гардонид, баъд оҳиста ва озмоишкорона ба Сиёмак нигарист. Сиёмак пурсид, сардорам, ин зан барои дилхушии Артабоз ба кор меравад? Не, ҳамон гуна озмоишкорона гуфт Ламас.

– Ин мард чӣ, гумон доред маҷоли бардоштани сангҳоро дорад?

– Не!

Пас бифармо ҳардуро бикушам. Ламас бо ишораи сар иҷоза дод. Сиёмак корди худ ва як сипоҳии дигарро аз наём баркашида ба зан ва мард наздик шуд. Ҳамин ки хост кордҳоро ба ҷигаргоҳи асирон халонад, яке аз ҷавонони дастбаста чолокона ба сари роҳаш баромада, бо лагад ба шиками

ӯ зад. Сиёмак парӯнокӣ ба замин афтид. Сарбозони наздиктарин ба як бор шамшерҳо баркашида, сӯйи ӯ тохтанд. Ҷавон то ин дам фурсат ёфта, ҷаста болои Сиёмак баромада, чунон бо лагад ба гарданаш сахт зад, ки садои шикастани устухонашро байни ин ҳама ҳаёҳӯ Ламас шунид. Аммо қариб дар як вақт сарбози ба ӯ расида, шамшер ба пушти ҷавон зад. Нӯги он қариб 2 ангушт аз шикамаш баромад. Ҳама сокит шуданд. Ҷавон ба замин афтид.

Зани бемор бо ашки шашқатор ба болои ҷасади ҷавон хам шуда, ӯро ба оғӯш гирифта навҳа мекард: Писарҷонам, Шерак, нагузоштӣ ки ин ҷаллод маро бикушад. Чаро ҷони ҷавонатро барбод додӣ? Ту метавонистӣ зинда монда халос шавӣ ва ба сипоҳи Катан бипайвандию қасоси маро аз ин сагҳо бигирӣ, писарам, ту чӣ кор кардӣ? Шамшери аз қафо задаи сарбози дигар, ҷигари занро сӯрох кард. Марди солхӯрдаро низ куштанд.

Занҳои асир хомӯшона ашк мерехтанд. Мардҳо бо нафрат ба қотилон назар мекарданд.

«Пеш дароед, ҳай кунед онҳоро» – гуфтани Ламас ҳамаро ба худ овард. Боз ҳама ба роҳ баромаданд. Ҷасади модару фарзанд болои реги соҳил монд.

Ламас танҳо нисфишаб чун дид, ки асирон дигар ҳаракат карда наметавонанд иҷозаи истироҳат кардан дод. Ҳама ба ҷойи худ болои замин афтида, беҳол шуданд. Ба асирон як бурдагӣ гушти хушки асп доданд, то қувват гиранд.

## Интиқом

*Ҳамин тавр, шоҳ Александр Суғдиён (тамоми ҳудуди Осиёи Миёна)-ро ба пуррагӣ ишғол кард. Аммо юнониҳо дар ин ҷо барои аввалин маротиб буд, ки ба муқовимати сахт дучор шуданд. Суғдиҳо барои ҳар ваҷаб замини диёри худ ҷонбозӣ мекарданд. Александр дар ин ҷо қатли ом гузаронд. Фақат дар чанд моҳи муҳориба дар Мароқанд (Самарқанди имрӯза) ва Киропол (Уротеппа, Истаравшан, Усрушана) 120 000 нафарро аз дами теғ гузаронд. Юнониҳо ба занҳо, кӯдакон ва мӯйсафедон низ раҳм намекарданд. Баъди рафтани Александр Суғдиёни замоне ободу зебо ба ҷӯлистону хароба-*

*зоре мубаддал гашт. Аҳолӣ бошад камаш се баробар кам шуд. (Дройзен И. Г. История эллинизма / Пер. с фр. изд. М. Шелгунова. Т. I. М., 1890 (переизд. : СПб., 1997).*

Саҳар, ҳанӯз чашми рӯз накафида, асиронро бо зарби лагад ва қамчин бедор карданд. Аз бошишгоҳи шабона ҳамагӣ 200 қадам дуртар нарафта буданд, ки аз дур ғуборро диданд. Баъди лаҳзае аз байни гарду ғубор савораҳое намудор шуданд, ки чун бод ҷониби онҳо мешитофтанд. Ламас чун дид, ки теъдоди саворагони душман тахминан баробари онҳо аст бо тамоми қувват дод зад:

– Омода бошед, Катан аст, ба муҳориба омода бошед!

Бохтариён шамшерҳо баркашида ба истиқболи душман шитофтанд. Бо фармони сардор танҳо ду нафари онҳо бо асирон монданд. Ламас танҳо ба масофаи тиррас наздик шудан, пешопеши саворони муқобил Бобакро шинохт. Катан набуд. Ӯ Катанро мешинохт. Набудани қаҳрамони тахорӣ ба ӯ нерӯйи тоза бахшид. Ламас шамшерзании ӯро дар Мароқанд дида буд.

Он вақт тахорӣ худ тани танҳо дар иҳотаи сарбозони ҷангдидаи сипоҳи Александр муқовимат мекард. Дар як лаҳза панҷ нафарро ба хок яксон кард. Ин тахории Бобаконӣ, ҳамроҳ бо Вастан, ду қаноти сипоҳи Спитаманро ҳимоя мекарданд. Имрӯз на Катан буду на Вастан, балки Бобаки айёр буд, ки ҳамагӣ дирӯз чолокии бемисл нишон дод. Яъне ӯ ҳам хатарнок аст.

Ламас бо ҳамин андешаҳо шамшерашро алвонҷ дода, қасди Бобак кард. Ду сарбози сари роҳашро гирифтаро ба як бор аз аспҳо сарозер карда, хост зарбаи дигар ба сари Бобак занад.

Ҳамин, ки то душман ҳамагӣ на бештар аз се қадами дигар боқӣ монд, суръати аспро ба инобат гирифта, зарба зад. Бобак бо як чолокии хоси тахориён бари шиками асп хам шуда халос шуд.

Лаҳзаи дигар, бо шамшер чунон зарбаи обдор ба паси гардани Ламас зад, ки ӯ аз асп сарозер афтида, лаҳзае беҳуш шуд. Худи ҷангӣ аз зарби шамшер каҷ шуд. Боз чанд лагади дигар аз аспҳои ҷангиёни худу бегона хурда аз ҳуш рафт. Бобак нидо дод: ҳей, ҳей, ҳей! Ин нидои нишот ва зафар буд, ки ба ҷангиёни тахорӣ нерӯйи тоза бахшид. Задухӯрди шадид

оғоз шуд. Сару дасти ҷангиён ба замин рехт. Садои чакочаки шамшерзании ду ҷониб дар доманаи кӯҳ то дуриҳо паҳн шуд.

Аз ин ҷониб, асирон чашм ба он тараф дӯхта аз Аҳура Маздо илтиҷо мекарданд, то саворагони Бобак дастболо шаванд. Онҳо аввал зери лаб ғурғур мекарданд, баъд бо овози баланд бо лаҳҷаи тахориҳо унвонии душман дашном дода, саворагони худро нерӯ мебахшиданд. Яке аз посбонон дигар тоқат карда натавониста ба асирон наздик шуда, қамчин ба сари яке зад. Хун аз пешонии ӯ ҷорӣ шуд. Асири дигар вазъиятро қулай дарёфта дар ҳоле, ки дастонаш мисли дигарон баста буд бо пой ба пойҳои сарбоз зада, ӯро афтонд. Яке аз ҷавонони асир дастони бастаашро ба гулӯйи афтода ҳалқа карда, фишор дод. Аммо қабл аз нафасаш гирифтан, лагади задаи асири дигар кори ӯро тамом кард. Посбони дигар шамшер кашида ба ёрии рафиқаш шитофт.

Ба сари яке аз асирон зада, ӯро аз пой афтонд. Қариб дар як вақт 10 асири дигар ба сари ӯ рехтанд. Дар якони воҳид бо зарби лагад ӯро низ ба ҳалокат расониданд. Занҳо зуд шамшери ба замин афтидаро гирифта, дастҳои мардҳоро кушоданд.

Ҳамагӣ ҳар ашёи зердастро ба сифати силоҳ гирифта, ҷониби майдони ҳарб шитофтанд. Аммо то расиданашон касе аз душманон зинда намонда буд. Дастаи ҷаррори Бобак корашонро тамом кард. Бобак байни мурдаҳо бо нигоҳ Ламасро ҷӯё шуд. Ҳамин дам чашмаш ба худи ҷангии пасаш кач бархӯрда дид, ки ӯ меҷунбад ва ҷон дорад. Ба ӯ наздик шуд. Аз асп фаромада аз китфаш дошта ӯро бардошта дар замин нишонда, аз зарфи обгирии худ, ки дар қарбуси зин овезон буд ба ӯ каме об дод.

Баъди лаҳзае ба худ омад. Марди 45-солаи китфпаҳнест. Бинии минқормонанд, чашмони кабуди гирдаш шаҳодати бераҳмии ӯ медод.

Чашмонашро базӯр кушода ба Бобак нигарист. Бобак ба рӯяш як панҷа об пошида буд, ки ӯ даст ба қабзаи шамшер бурда, онро дар як они воҳид аз ғилоф бароварда ба сари Бобак зад. Тахории кӯтоҳқад дар охирин лаҳза худро ба замин ҳаво дода аз зарби шамшер раҳид. Дар ҳоле, ки Бобак дар замин мехобид, Ламас фурсатро аз даст надода, боз ду зарбаи дигар зада, хост

сарашро аз тан ҷудо созад, аммо Бобак чолокона худро ба замин ғел дода, раҳо шуд. Якбора чанд сипоҳии тахорӣ даст ба қабзаи шамшер бурданд, аммо бо нидои Бобак ором шуданд. Бори охир вақте, ки шамшер ба хок фурӯ рафт, банди дасти Ламасро гирифта, ӯро кашида ба замин афтонд. Якбора чор ҷанговари дигар шамшерҳо кашида, сӯйи ӯ шитофтанд, аммо Бобак бо ишораи даст дар ҳоле, ки нимхез шуда буд, онҳоро боздошт. Лаҳзаи дигар, бо лагад ба рӯйи Ламас чунон сахт зад, ки рӯйи юнонӣ хуншор шуд. Сахт ба ғазаб омад. Ҳамин дам Бобак дарк кард, ки фидокориаш аз ҳад гузашт, фармуд дастонашро банданд. Юнонӣ чашмонашро кушода, рӯяшро хуншор ва дастонашро баста дида, ноумед шуд. Дар дигар лаҳза, Бобак тоби муқовиматро бо ин ҷанговари ботаҷриба надошт, аммо ин бор ҷавонӣ, чолокӣ ва ҳаракоти барқосои тахорӣ ва дар иҳотаи душман будани Ламас ва дилшикастагии ӯ Бобакро дастболо карданд. Фармуд, то асирро болои асп савор кунанд. Се нафар асири дигарро фармуд зуд аз дами теғ гузаронанд. Чун онҳоро куштанд, Бобак зери лаб гуфт: «Ҳамин саги пирро барои Катан туҳфа барем, хурсанд мешавад. Дар борааш боре нақл карда буд, ӯро мешиносад.» Ҳама ба аспҳо савор шуданд. Чанд аспи дигари бесоҳибмондаи душманро ҳамроҳ бо лавозимоти ҷангӣ ғундошта, рӯ ба Бобак карданд, то фармон чист. Бобак гуфт, бояд зудтар ба бошишгоҳ равем. Катан як легиони Александрро дар Бобакон интизор аст. Ҳоло, ки Вастан ба истиқболи Хархон (тахориҳо Пелиперхонт, яке аз фармондеҳони Александрро таҳқиромез чунин меномиданд) рафтааст. Ҳама аз қафои Бобак аспҳоро маҳмез заданд. Занҳои ҷавонтар, ки аз ҳисоби силоҳи душман мусаллаҳ шуда буданд аз қафо ва занҳои солхурдатар ба думболи онҳо.

## Таънаи асир

Ҳамагӣ қабл аз фарорасии торикӣ ба Бобакон расиданд.

Катан ҳамроҳи сипоҳиёни дигар ба истиқболашон барпой хестанд. Лашкариён асиронро пазирой карданд. Аввал Бобак, баъд дигарон пиёда шуда, ба фармондеҳ наздик шуданд. Катан дасти Бобакро фушурда савол дод, ки чӣ кардед?

– Рафтем, сардор, фармонатро иҷро кардем.

– Яъне ҳамаи падарсагҳоро куштед?

– Бале, сардорам, куштем, – кӯтоҳ ҷавоб дод Бобак ва ана ин дӯстатро асир гирифтем, гуфта дар ҳоле, ки асир байни сипоҳиён болои асп менишаст, лаҷомро кашида, ӯро ба пеш бароварда, даст ба пойи Ламас зад. Катан асирро шинохт.

– Ламас, саги пир, ту то ҳанӯз зиндаӣ? Гумон кардам баъди маъракаи Мароқанд ту кайҳо аз дами теғи Спитаман гузаштаӣ.

– Ту, тахории ваҳшӣ, – оташин шуда гуфт Ламас, – ки Спитаманро танҳо гузошта гурехта омадӣ, чӣ ҳадде дорӣ ки мани ашрофзодаро таҳқир кунӣ!? Асир гирифтӣ, хуб, бахт ба рӯят хандид, акнун бифармо маро бикушанд. Ё агар мардӣ ба дастам шамшер деҳ!

– О-о, ту пирсаг боз забондарозӣ мекунӣ? – Мад кашид Катан.

– Вақте, ки ту занону мӯйсафедони асири моро мекуштӣ аз мардонагӣ ёд накардӣ ва ба дасташон шамшер надодӣ.

– Дирӯз ҳам асирони моро кушт, – тақвият дод Бобак.

– Агар, – идома дод сарлашкар, – Спитаман маро ҳамроҳи Вастан ба ин ҷо намефиристод қасд доштам дар муҳорибаи навбатӣ рӯдаҳои туро рӯйи замини муқаддас резонам. Кушоед дастони ин сагро, – фармуд Катан. Бобак ӯро аз асп кашида ба замин фароварда, банди дастонашро бурид. Ламас дастонашро кушода дида, ҳайрон гоҳ ба Катан нигарист ва гоҳ ба Бобак. Гӯё бовараш намеомад, ки дастонашро кушоданд.

– Ба ӯ шамшер диҳед! – фармуд сардор. Лашкариён аз ин фармони сардор ҳайрон шуда, лаҳзае шах шуда истоданд. Катан амрашро дигарбора такрор кард. Яке бо дили нохоҳам шамшерро ба тарафи юнонӣ партофт. Ламас шамшерро гирифта, зуд барпой хеста, атрофи Катан як давр зада, рӯбарӯяш истод. Чеҳраи Катан ором буд. Ламас интизор шуд, ки рақибаш яроқ гирад. Аммо ӯ аз қарбуси зини наздиктарин асп сипареро гирифта ба задухӯрд омода шуд. Бобак шамшерро сӯйи сардор дароз кард, аммо ӯ нагирифт. Ламас аз ин амали Катан ҳатто хурсанд шуд. Ду қадам ба пеш гузошта, юнонӣ бо шамшер ба сари тахорӣ зад, ӯ сипар бар рӯй кашид. Аммо зарба ончунон сахт буд, ки Бобак гумон кард зонӯҳои сардор аз зарби задаи душман қад шуданд.

Дигарбора юнонӣ шамшерро ба ҳаво бардошта бо тамоми нерӯ ба сари рақибаш зад. Тахорӣ боз сипар ба сар кашид, баъд онро раҳо карда, чолокона худро ба канор гирифт. Сипар аз зарби шамшер сахт ба замин афтида буд, ки қариб дар як вақт мушти оҳанини Катан ба гардани Ламас фуромад. Аз чашмони юнонӣ оташак парида ба замин афтид. Шамшер аз дасташ парида рафт.

Лаҳзаи дигар ба ҳӯш омада, барпой хост. Аммо дер напоист.

Мушти дигари задаи Катан ҷоғашро шикаст. Дар ҳоле, ки Ламас парӯнокӣ дар замин мехобиду хун аз даҳону биниаш ҷорӣ шуд, Катан оҳиста шамшерро аз замин бардошта, болои сараш омада, ӯро ба пушт гардонид ва бо як зарбаи барқосо қалбашро шикофт. Баъд шамшерро ба замин халонда, аз ҷой хест. Оҳиста зери лаб гуфт: «Ҷанговар буд, бояд дар даст шамшер мемурд!»

– Акнун ба муолиҷаи маҷрӯҳон бипардозед ва дам гиред, бо овози баланд гуфт фармондеҳ. Фардо моро рӯзи вазнине интизор аст.

Ҳама ба ҳар тарафи майдони омодагии ҷангӣ пароканда шуданд.

Майдон берун аз дарвозаи Бобакон, дар масофаи дусоата роҳ воқеъ аст.

## Муҳокимаи Бобак

Катан ба назди хаймаи худ омад. Машваратеро, ки бо сардорони дастаҳо оғоз карда буд, идома дод. Болои харсанге менишаст. Ӯ як марди 40-солаи танумандест. Мушакҳои барҷастаи даст ва шикамаш, нишон аз нерӯи фавқулодаи ҷисмонии ӯ медиҳанд.

Чашмони калони сиёҳу зебо, нигоҳи маҳзун ва ҷароҳатҳои бари рӯ ва гарданаш дарак аз кордида будани ӯ медиҳад. Абрӯвони камон, бозувони мустаҳкам ва мушакҳои барҷастаи китфонаш тахорӣ ва кӯҳистонӣ буданашро ошкор мекунанд. Дар як дидан, кас гумон мекунад, ки ӯ як сару гардан аз дигарон бо қаду баст болотар аст. Аммо ин аз салобати ӯ буд, дар асл каме баландтар аз Бобаки кӯтоҳқад буду каме пасттар аз Вастани қоматбаланд.

Ҳамагӣ хуб медонистанд, ки нерӯйи қавие дар ин марди миёнақад ниҳон аст.

Чаҳор нафар аз сардорони сипоҳ бо шумори Вастан атрофаш буданд. Бобак дуртар менишаст.

Вастан як ҷавони чорпаҳлӯи қоқинаи баландқад аст. Устухонҳои паҳни ду бари рӯ ва китфони васеъу миёни борикаш марди мардона будани ӯро собит мекарданд. Бо ишораи сардор Бобак ҳам ба ҳалқа пайваст.

Аммо зери маломати сардор монд.

– Ба ту нагуфта будам, ки ба деҳа нарав. Аммо илтиҷо кардӣ, ки кори зарур дорам. Кори зарурат оғӯши гарми духтари бесоҳиб будааст? Барвақттар ӯро ба шаҳр меовардӣ мемурдӣ? Тоқатат нарасид, ки интизор шавӣ, баъди ҷанг ягон зани хубат диҳем.

– Ман гандаашро нагирифтаам. Боз иҷоза пурсида будам.

– Гуфтам зан гирам, гуфтӣ бигир, боз чӣ таъна мезанӣ?

– Гуфтам як зани соҳибдори покиза гир, нагуфтам, ки ягон бесоҳибро.

– Ҳумой бесоҳиб нест, дӯшиза аст, модар дорад.

Катан ҳис кард, ки суханаш ба ӯ сахт расид.

– Майлаш, хафа нашав, чаро арӯсро наовардӣ то ман бинам?

– Сардор, гуфтам-ку модари пир дорад, дар роҳ мемурад.

– Ту кӯшиш мекунӣ, ки намурад? Намурад, сағера, шаби дароз нолиш карда, намемонад аз оғӯши занат ҳаловат барӣ, – гӯё ҷиддӣ гуфт сардор. Аммо барои онҳое, ки ӯро хубтар мешиносанд, лабханди зери мӯйлаби сиёҳаш пинҳон намонд, аммо ҳанӯз касе ҷуръати ханда кардан надорад. Ҳозирин табассум карданд.

– Хайр, чашмаш кӯр аст, дигар ҷойҳояш нағз аст? Меовардӣ, ин ҷо ба ягон пирамард медодӣ, ҳам ҷонат халос мешуд, ҳам ӯ ҳаловати зиндагиро медид.

Аз хандаи дарунакии атрофиён Бобак оташин шуд.

– Чӣ механдед, як беваи қоқи нимҷон аст, мӯйсафед ӯро чӣ кор мекунад?

– Мӯйсафед, мӯйсафед, ки дандони газидан надорад, ӯро мелесад, шӯхии аёнтар кард Катан.

– Сардор, чӣ лозим ин қадар ба кампир часпидан, рӯирост

бигӯ занфор шудаам, оварда кампирро ба ту медиҳам, леси-дан гир. Аммо фаромӯш накунед, ки ӯ модари Моҳу аст. Якбора ханда қатъ шуд.

– Ана ту хокшуда, бо кӣ хеш шудаӣ. Моҳу худ медонад?

– Медонад, вале барои ӯ ҷанг муҳимтар аз ҳама муқаддасот аст.

– Пас ту домоди Моҳу ҳастӣ?

– Қариб.

– Боз чаро не?

– Духтари ӯ нест. Аз бародараш аст.

– Ҳамоне, ки дар сипоҳи Доро меҷангид ва кушта шуд?

– Худи ҳамон.

– Пас ту калта, эҳтиёт кун, агар як тора мӯйи ин духтар кам шавад, Моҳу туро пӯст мекaнад.

– Сардор, ман мисли шумо нисбат ба занам бевафогӣ намекунам.

Катан рӯяшро сӯйи Бобак гардонид. Бобак аз чашмони ялаққосии хашмгини сардор пай бурд, ки мезанад. Зуд бар пой бархоста гурехт. Як лаҳзаи дигар, ҳама хомӯш шуданд. Сардор ба машварат идома доданӣ шуд, аммо ҷиҳати ханда натавонист. Китфонаш аз шиддати ханда меҷунбиданд.

Дигарон низ қоҳ-қоҳ зада, бори аввал дар чанд ҳафтаи охир аз сидқ ҳамроҳи ӯ хандиданд. Бобак чун дид сардор ғазаб накард, наздик омада ба ҳалқа нишаста ба ханда ҳамроҳ шуд.

Баъди чанд лаҳзаи дигар қиёфаи ҳама тарҳи ҷиддӣ гирифт.

Гӯш ба сардор доданд.

– Фардо, оғоз кард сардор, аз рӯйи тахминҳо Александр аз Навток рост ба ин ҷо меояд. Ӯ озими сафари Ҳинд аст. Сари роҳаш баромадан шарт нест. Охирин сипоҳи бо ӯ муқовиматкунанда моем ва албатта, ӯ худ ба суроғи мо меояд. Аз рӯйи тахминҳо Вастан ҳам фардо бо Хархонт рӯбарӯ мешавад. Агар Гегелох ва Амфотерро зоти ҳарроми Филлип ба ёрии Хархонт нафиристад, Вастан бешак сипоҳи ӯро торумор мекунад. Хоса ин ду саги газанда аз Вастан хело дур нестанд. Дар ин сурат ба ӯ гуфтам, ки ба мо кас фиристода хабар диҳад. Аммо гумон аст, ки касе ба касе ёрӣ расонида тавонад. На ӯ ба мо ва на мо ба ӯ.

Воқеан, писари Филипп метавонад Амфотер ва Гегелохро ба ёрии худ, муқобили мо бихонад. Дар ҳар сурат ту, калта, – сардор рӯ ба Бобак кард, – фардо дастаи ҳазорнафараи фидоиёнатро гирифта ба ёрии Вастан мешитобӣ. Ҳарду ҳам ҷанговарони хубанд, аммо шамшерзании Амфотерро дар Мароқанд дида будам, гӯё худ ба худ андеша кард Катан. Дар ин намуди ҳунар хело таҷрибаи зиёд дорад. Бешак, Вастан ӯро ба ҷанги тан ба тан даъват мекунад. Мабодо Вастанро аз даст надиҳем.

– Хуб шудааст, сардор, – гуфтани Бобак ӯро ба худ овард, – аммо…

– Чӣ, аммо?

– Сардор, дар ин ду соли муҳориба наход ман дароз нашуда бошам? Гӯё норозиёна пурсид Бобак.

– Боз қаҳр кардӣ, калтаро калта мегӯянд.

– Гӯш кун, калта, дар ҳунари тирандозӣ касе ба ту баробар намешавад. Агар Амфотер бо мо ҷанг кунад ё бо Вастан вазифаи ту тир ба синаи ӯ задан аст. Мемурӣ, аммо ин фармонро иҷро мекунӣ. Ман бошам кӯшиш мекунам, ки аввал Кратерро нобуд созам. Ба Александр наздик шудан мушкил аст. Набошад куштани ӯ самти муҳорибаро тамоман дигар мекард. Дар асл гумон надорам, ки зӯри бозӯйи ин саги зардро дошта бошам.

Хело ботаҷриба аст. Падарсаг гӯё аз модар бо шамшер таваллуд шуда бошад. Имкон медошт Спитаман кори ӯро тамом мекард.

Аммо боз кӣ медонад, дар ҳар сурат, имкон пайдо шавад бо ӯ меҷангам.

– Сардор, – нидо дод Бобак, – дар асл зӯри Спитаман ба Александр мерасид?

– Мерасид, ту Бабрро ҳангоми шикор надидаӣ. Дар Мароқанд дида будам, ки аз ду тарафаш ду юнонӣ қариб якбора шамшер бардоштанд, аммо дар як они воҳид ҳарду оғӯштаи хун ба замин афтоданд. Александр чунин тезҳаракат нест. Ҳаст, аммо на ба дараҷаи Спитаман. Мо ба ӯ баробар шуда наметавонем. Аммо аз дур мумкин аст синаи юнониро бо найза ба нишон гирем. Дар ҳар сурат, зӯрам ба Андромах ва Кратер мерасад.

Бадбахтӣ дар он аст, ки ҳама юнониҳо ҷанговаранд. Дар ин 6 соли ҷаҳонгириашон ҳамаи беҳавсалаҳояшон кушта шуданд. Акнун дар сафҳояшон фақат ҷанговарони ботаҷриба боқӣ мондааст.

– Мо ҳам гаранг нестем, сардор.

– Ту калта, гаранг нестӣ, дуруст, аммо чанд нафар мисли ту аст?

Гап ҳам сари ҳамин, ки ҷангиёни ботаҷрибаи мо камтаранд.

Ягона умедамон ҳамин аст, ки барои Ватан меҷангем. Мафҳуми ҳифзи Суғд ва Тахори муқаддас бароямон нерӯ мебахшад.

Гумон аст, ки фардо мо ғолиб биёем, аммо барои муҳофизати Ватан бошарафона мурдан камтар аз ғалаба нест. Мо мисли Оксиарт дар кӯҳи Харсанги Хориён пинҳон намешавем ва духтаронамонро ба Александр пешкаш намекунем.

– Ваҳ-ваҳ, чӣ гуна духтар, сардор!

– Ҳа, Бобак, Рухшона хело зебост. Зеботарин зани Суғд. Беҳуда ӯро ба олиҳа Аша баробар намекардем. Ва агар ту, калта, дар назар дошта бошӣ, ки ман ҳам барои хостгории ӯ рафта будам, вале ноком баргаштам, пас ҳисоб кун ки тират ба ҳадаф расид, аммо ту хуб медонӣ, ки танҳо ман ошиқи ӯ набудам. Барои Оксиарти шуҳратпараст ба ҷуз зӯри бозӯ ва ҷамоли зебо, боз боигарии зиёд лозим буд. Аммо ҳамонаш хуб шуд. Боз аз ӯ зеботарашро ёфтам.

– Сардор, охир шумо ҳам нодор набудед-ку, пурсид Бобак.

– Аммо дар муқобили Сатибарзан ва Оксиарт камбағал будам.

– Чӣ илоҷ сардор, зеботарин занони мо мудом оҳанги оғӯши душман мекунанд. Бубин, Зара ҳам ба хотири оғӯши Александр сари Спитаманро бурид.

Вале ҷазояшро дид. Аз зани аспбон Пердикка шудан дида, ӯ маргро авлотар медонист.

Аммо касе чун модарам Аноҳит ҳамсар дошта бошад, бояд ҳатто ёди Рухшонак накунад. Боз ду кӯдаки фариштамонанд, – захм зад Бобак. Сардор як ба ӯ назар дӯхта, азм кард ёрои гап надорад.

Фақат ҳамин қадар гуфт, ки ту калта, бояд имрӯз рафта аз

ҳолашон бохабар мешудӣ. Даҳ сол пеш Аноҳит туро аз кӯча ёфта оварда, калон кард, кӯрнамак.

– Сардор, кӯрнамак нагӯ, ман худам мефаҳмам.

Катан хуб медонист, ки чӣ қадар Бобак ҳамсари ӯро модарвор дӯст медорад. Меҳри модариро надидааст, набошад Аноҳит аз ӯ ҳамагӣ 7 сол бузургтар аст. Панҷсола буд, ки модараш бемор шуда аз ҷаҳон даргузашт. Падараш зани нав гирифта, он қадар ёди ӯ накард. Дар сафҳои пеши лашкари Доро меҷангид. Дар муҳорибаи Гавгамел бо Александр ҳалок шуд. Мегӯянд ҷанговари хубе будааст.

– Сардор, духтари 7-солаи Спитаман Апама куҷо шуд? – суҳбатро идома дод Бобак.

– Александр барояш маблағ ва доя ҷудо кард, то тарбияташ диҳад. Хеши Александр Селевк кафолати амнияти кӯдакро бар ӯҳда дорад. Ӯ ҳокими мутлақи Суғдиён интихоб шуд.

– Сардор, як чизро намефаҳмам, чаро шумо бо Вастан Спитаманро партофта омадед?

– Захм мезанӣ, калта, касе, ки тарбияи Спитаманро гирифтааст ҳеҷ гоҳ ӯро тарк карда наметавонад. Намунаи олии мардонагӣ буд. Балки баъди шикасти сипоҳи мо дар Мароқанд худаш моро бо ду ҳазор сипоҳӣ ба ин ҷо равон кард, то дар сипоҳи Рустам – ҳокими Тахористон ин заминро муҳофизат кунем ва лашкар гирд оварем. Дар муҳорибаи Кирополь низ хостем бо ӯ бипайвандем, аммо Рустамро хост ва моро дигарбора барои муҳофизати Тахористон нигоҳ дошт. Мо ҳам рисолатамонро ба қадри тобу тавон иҷро кардем. Ҳазорҳо юнонӣ ва бохтариҳои хоинро ба назди худои маргашон – Аид фиристодем. Зери сарпарастии Рустам ду маротиб Бохтар – Зараспро ишғол кардем, аммо ҳар бор ҳам Саги Зард нерӯҳои тоза мефиристоду онро дигарбора ишғол мекард.

Катан ин суханонро гӯё бо худ мегуфт. Баъд дар хаёлаш омад, ки сабаби омадани онҳоро ба Тахористон Бобак хуб медонад.

Якбора хомӯш шуда ба Бобак теғи нигоҳ кашид. Дид, ки табассуми айёрона мекунад.

– Ту, калта… гум шав, гуфта буд, ки калта гӯё бе ҳамин ҳам мерафта бошад, зуд байни сипоҳиён ғайб зад.

– Ба чашмам нанамо, ки саратро зада майда мекунам, мушт бардошта таҳдид кард Катан. Агар фардо Амфотерро накушӣ ман худам туро буғӣ карда мекушам!

Аз ин масхарабозии Бобак ҳама ба як бор ба ханда даромаданд.

**Бразан**

*Александр дар роҳи сафари ҳарбӣ ба Ҳиндустон бо қисме аз сипоҳ ба Бохтар – Зариасп омад. Вопасин муҳорибаҳои Амударёии худро ба сарлашкарон Кратер ва Полиперхонт супорид. Аввалӣ муқобили Катан ва дуввумӣ Австан (Вастан), дӯстони Спитамен, ки дар шимоли Бохтар муқовимат мекарданд, ҷанг оғоз карданд. Дар ин ҷанг Македониҳо ғолиб омаданд. Катан дар майдони муҳориба ҳалок шуд, Австанро асир гирифтанд. Кратер ва Полиперхонт бо мушкилоти зиёд Бубакен (Бобакон, шаҳр дар минтақаи Кӯлоби имрӯза)-ро ишғол карданд.*

*Вазифаҳои худро ба анҷом расонида, ҳарду фармондеҳ дар кӯҳҳои Ҳиндукуш бо сипоҳи Александр пайвастанд.*

*Сафарҳои ҳарбии Александри бузург (Походы Александра Великого) аз маърӯзаи профессорони МГУ В.П. Никаноров ва М. М Холод бо такя ба муаррихони Рими қадим Куртсий, Арриан.*

Саҳар қабл аз баромадани офтоб бо фармони сардор, шайпур навохта шуд ва ҳама ба майдон баромаданд. Сарбозон гурӯҳ – гурӯҳ панҷоҳнафарӣ саф бастанд. Ҳар як даста ду қадам аз дигарӣ дуртар меистод. Ҳамин тавр, 60 даста. Як даста бо шамшерҳои обгуни хатлӣ, дастаи дигар бо найзаҳои кӯтоҳ, дастаи сеюм бо найзаҳои дароз ва сипар, қисме аз сипоҳ бо тир ва камонҳои хатлӣ мусаллаҳанду кордҳои кӯтоҳ. Бадани бисёре аз сипоҳиёнро либосҳои чармин муҳофизат мекунад.

Қисме дигар дар тан ҷавшанҳои юнонии дар муҳорибаҳо ғаниматгирифта доранд.

Аз шарқ пушти Кӯҳи Хориён рӯшноӣ медамад. Миҷмари оташро мемонад дар хури оташи суғдӣ. Батадриҷ, оҳистаоҳиста рӯшноӣ зиёд шуда, дар ин фасли баъди сармо далели

гармӣ ва нармӣ медиҳад. Деҳотиёни дар саф буда дар чунин фасл ва чунин субҳи зебо, то омадани тӯдаи аҷнабии мақдунӣ, барои кишту кор мебаромаданд ва ё чорвояшонро ба чарогоҳ мебурданд. Аз ин барвақттар бошад, ҳама Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Ҳама ҷоро хандаи кӯдакон ва занон пур мекард. Сабзаи наврӯста, гули Сиёваршан, пумчаҳои навдамидаи дарахтон ҳама ба рӯйи суғдиёни хушбахт механдиданд. Дар шаҳр бошад дар чунин саҳари зебо аз дуконҳои оҳангарӣ садои путк баланд мешуд.

Мардум ба дуконҳои косибӣ, дуредгарӣ ва ё дӯзандагии худ мешитофтанд.

Ва аммо шаш сол боз ин ҳама кишоварзон ва ҳунармандон ба ҷойи досу чаккуш ва путк шамшер гирифтаанд. Пиронсолон, занҳо ва кӯдакон аз саҳар то бегоҳ машғули коранду мардон ватанро муҳофизат мекунанд. Ин мардуми ғаюру ҷасур чунин тақдирро худ интихоб кардаанд. Баъди шикасти шаҳаншоҳ Доро номаи Александри хунхор ба сатрапи ин сарзамин низ расида буд. Нома дар байни бузургсолони Тахористон низ муҳокима шуд. Он ҷо аз сулҳу дӯстӣ ва созгор омадан ва бо ҳамин роҳ эмин мондан аз теғи Александр сухан мерафт. Солхӯрдатарин донишманд, ки як саду бист сол умр дошт, ҷуссаи вазнинашро аз замин бардошта, бо садои гирифтаю хиррию бемаҷоли худ рӯ ба мардум оварда нидо дод: «Кист, ки ба ивази ҷони худ ва ё фарзандонаш бори нанги тарсро аз аҷнабиён бардорад? Кист, ки ба ивази осоиш ин замини муқаддасро пойандози ғосибон кунад? Кист, ки дар асорат осоиш биҷӯяд?»

Касе садо надод. Дар чашмони ҳама нишони нафрат ба ғосибон дида мешуд. Пир дигарбора нидо дод: «Пас биравед, ҷони худу фарзандонатонро ба гарав монед ва ин сарзаминро муҳофизат кунед!»

Аз ҳамон рӯз ин ҷониб касе осоиш надорад. Ҳар саҳар бедор гашта танҳо ба хотири ҳифзи Ватан даст ба қабзаи шамшер ва ё дос мебаранд. Ҳар саҳар садои путки гарони оҳангар зери ливойи дирафши пирашон Кова, хабар аз истеҳсол шудани шамшер ва ё сарнайзаи нав медиҳад.

Катан сафҳоро як маротиб хомӯшона давр зада аз назар гу-

заронд. Баъд ба миёнаи майдон омада, бо овози марғуладори худ нидо дод: муҳорибаи мо ба муҳорибаи охирини Спитаман шабоҳат дорад. Маълум аст, ки мо дар задухӯрд бо ин саги зарди юнонии ваҳшӣ ғолиб намеоем, аммо дар вазъияти мо муҳим муқовимат ҳам ҳаст, на танҳо ғалаба. Тӯли се сол боз мо онҳоро мекушем, боз сафҳояшон зиёд мешавад. Боке нест, то ҷон дар рамақ дорем баҳри ҳифзи Суғди муқаддас меҷангем! Барои аввалин маротиб аст, ки мо дар майдони кушод бо Александр рӯбарӯ мешавем. Касест, ки сипоҳиёнаш хуни бештар аз дусад ҳазор суғдиро рехтаанд! Фақат дар Киропол баъди фатҳи он 8 ҳазор мардуми бегуноҳ аз ҷумла занон ва пиронсолонро аз дами теғ гузаронд. Хуни Спитаман, Вахшунварт, Рустам барин абармардони мо дар гардани ҳамин саги газандааст! Пас барои интиқом омода бошед! Мақсад ҳарчи бештар куштани душман аст. Агар касе аз хуни рехта, сар ва пою дасти бурида ҳарос дорад, ҳамин ҳоло аз саф баромада равад, ман Катан осоиши ӯро кафолат медиҳам, аммо аз майдони муҳориба гурехтану қалби сипоҳиёнамро шикастан ва ё хиёнатро ба касе намебахшам!

Катан дар чашмони ҳама ҳисси нафрат ба душманро дида, осуда шуд.

Аз дур ғубори бархоста дарак аз наздик шудани як савор дод. Ин ҷосуси Катан буд, ки ба талояи сипоҳи юнониҳо наздик, шабро рӯз карда, ҳамакнун барои сарлашкар хабар оварда буд. Аспи беқарори қосид наздик шудан пас ғуборро ба осмон бардошта ба аспи хушзоти хатлии Катан наздик шуда буд, ки аспи сарлашкар ба ду пой рост шуда шинга зад, аммо зери фишори лаҷом пойҳояшро ба замин монда гарданашро ба як тараф гардонда, чанд қадам ба қафо ҳаракат кард. Қосид як ҷавони расидаи чорпаҳлӯи 30-солае буд. Мӯи сар ва мӯйлаби сиёҳ дошту панҷаҳои қавӣ. Абрӯвони пайваста, манаҳи паҳн ва чашмони бодомие дорад. Дар асл ба қосид монанд нест. Салобаташ бартар аз қосид аст. Балки як ҷанговари расидаи ботаҷриба ва ҷиддиеро мемонад. Маълум аст, ки чанд шаби охир, барои Катан муҳим буд, то аз ҳоли лашкари душман ба хубӣ огоҳ бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб вазифаи қосидиро ба ин ҷанговари расида супурда буд.

– Дуруд бар ту, сарвари ман ва ба ҳама лашкариёни диловари мо ! – воҳӯрӣ кард Қосид.

– Дуруд бар ту, Бразан! Бигу чӣ хабар овардӣ, Александр ба роҳ баромадааст?

– Бале, сардор, баромадааст, вале на ба ин самт. Балки хунхор дар роҳ ба Ҳиндустон бист ҳазор сарбозро бо худ гирифту Визарешаро (Ишора ба Кратер. Дар Авасто девро ҳамин тавр меноманд) бо даҳ ҳазор ба ин ҷониб равон кард, чор ҳазор савора ва 6 ҳазор пиёда. Легиони ӯро дастаи Фратаферн ҳамроҳӣ мекунад.

– Ин ҳамон хоин аст?

– Бале, сардор, ҳамоне, ки дар Киропол ҳамроҳи Александр ва боз 7 нафари дигар ба шаҳр ворид шуда, дарвозаҳоро кушода буд. Акнун дар рикоби Александр қасди зодгоҳи худ – Сиистон ва Бобакон дорад. Аз будани Фратаферн Катан ҳатто хурсанд шуд. Ин ҳамон ашрофзодаи Хориёнӣ, аст, ки ҳамроҳи Артавон ҳокими Сиистон аввал ба Александр фурӯхта шуданд, баъд аз тарси қасоси Катан ба Ҳиндустон фирор карданд. Ҳиндуҳо Артавонро даст баста ба Александр супориданд, аммо Фратаферн ба даст наафтод. Баъди чанде дигар худ дигарбора ба Александр таслим шуд. Муаммои зинда монданашро кас намедонад.

– Саги зард (Тахориён Александрро ҳамин тавр меноманд) Калласфанро кушт. Мегӯянд барои рӯҳияи сарбозонро шикастани ӯ. Гӯё Александрро аз рафтан ба Ҳиндустон ва қатли ом кардан боз медошт.

Инсони хубе буд, ӯро дар Мароқанд як маротиб дида будам, – гуфт Катан. Он вақт бо дархости ҷониби юнониҳо Спитаман бо Александр вохурда буд. Мо чор нафар бо Спитаман будем дар ҳайати чоргонаи душман ҳамин Каллисфен буд. Марди оқилу доное буд, Аҳура Маздо биёмурзадаш, бо тавсияи ӯ садҳо деҳоти мо аз теғи Саги зард эмин монд.

– Бразан, медонам, ки ту дар тирандозӣ аз Бобак монданӣ надорӣ?

– Тирандозиро, сардорам ҳар як зани солхӯрдаи мо низ медонад.

– Хоксорӣ накуну имрӯз дар паҳлӯйи ман муҳориба кун ва

дар лаҳзаи қулай синаи Кратерро нишон гир. Медонам, ки ӯ аз ҷанги тан ба тан бо ман худдорӣ мекунад, чунки дар Мароқанд як бор бо ман рӯбарӯ шуда буд. Катан лаҳзаеро дар назар дошт, ки муҳориба дар назди деворҳои Мароқанд сурат гирифта буд. Юнониҳо ба шаҳр ворид шуданд. Суғдиён ба қафо ҳазимат карда истода, сахт муқовимат мекарданд. Он вақт Кратер ҳамроҳи 1000 нафар дастаи яккачини гладиаторҳои бебок ба дастаи Спитаман ҳуҷум карданд. Кратер бо Катан рӯбарӯ шуд. То расидани ӯ ба тахорӣ, яке аз тирандозони моҳираш аспи Катанро бо пайкон зада афтонд.

Кратер ду маротиб сӯйи Катан найза халонд. Аммо тахории ҷасур чолокона ба ҳар тараф ғел хӯрда, раҳо ёфт. Фурсат ёфта, бархоста бо шамшер як пойи аспи Каратерро зада парронд.

Кратер аз замин бархоста бо тамоми қувва давида гурехта аз зарби шамшери Катан халос шуда буд. Ҳамин саҳар низ Александр бо ӯ видоъ карда истода гуфт: «Ҳушёр бош, Кратер, ин ҳамон тахории ваҳшӣ аст, ки дар паҳлӯйи Спитаман шамшер зада буд. Оне, ки ту аз зарби шамшераш фирор карда будӣ. Ту бо сипоҳи панҷҳазорнафараи ӯ, ҳамагӣ 1 ё ду соат меҷангӣ. Ин муддатро бардошт кун, аз он ҷониб сипоҳи панҷҳазорнафараи Артабоз ба ёрии ту расида меояд. То ин муддат, агар Пелиперхонт кори Вастанро тамом кунад, аз се ҷониб Катанро буғӣ мекунед.

Катан сафҳоро аз назар гузаронида, оҳиста ба дастаи Бобак наздик шуд. Дар чеҳраи Бобак дигар осоре аз шӯхиҳо набуд. Ӯ медонист, ки алҳол аз фармондеҳ, ки мисли падараш дӯсташ медошт, ҷудо хоҳад шуд. Кӣ медонад, шояд барои абад. Катан ба чашмони хокистаррангу зебои Бобак назар дӯхт. Дар онҳо дар баробари шуҷоату мардонагӣ ва ҳисси нафрат ба душман боз ҳасрат ва фироқ низ буд. Ин ҷавонро мисли як хеши наздикаш дӯст медошт. Ӯ худ ба Бобак ҳунари шамшерзанӣ ва тирпарронӣ омӯхта буд. Аз ятимбаччаи дар кӯча монда, ҷанговари хубе тарбия дод. Лаҳзае озмоишкорона ба ӯ нигоҳ карда истоду даст пушти гараданаш бурда, бо панҷаҳои пурқувваташ ӯро ба сӯйи худ кашида ба оғӯш гирифт. Чашмони Бобак пуроб шуданд.

Катан пай бурд, ки дили нозуки ҷавон фироқро бе оби

чашм таҳаммул карда наметавонад. Дар ҳоле, ки бо панҷаҳояш гардани ӯро фишурда буд, сарашро ба қафо кашида, оҳиста, вале на бе ҳаяҷони барои Бобак ошно гуфт: «Ҳоло касе ҳуқуқи нарм шуданро надорад. Аввал вазифаи фарзандиамонро дар назди Ватан иҷро карда, душманро саркӯб месозем, баъд гиря мекунем.»

Бобак гарданашро аз панҷаи Катан озод карда, ӯро ба оғӯш кашида сар дод ва аз сипоҳ ҷудо гашта, равон шуд, аз қафояш дастаи ҳазорнафара. Дигар ба қафо гашта нигоҳ накард. Ӯ шитобон рафт. Ин охирин дидораш бо Катан буд.

**Задухӯрд дар тангно**

Вақте, ки Александр кӯҳи Хориёнро (Сисимитр – «Синаи офтоб») фатҳ карда, Рухшонакро ба ҳайси ғанимат гирифт, баъди ду рӯз он мавзеъро бо қасди фатҳи қалъашаҳри минбаъда Харсанги Суғд тарк карда, дар он ҷо падари Рухшонак – Оксиартро ҳоким монд. Ба Пелиперхонт фармуд бо сипоҳи шашҳазорнафарааш дар ҳавории ҳамон мавзеъ бимонад.

Александр ҳарос аз Оксиарт ва Катан дошт, ки дигарбора ин қалъаи мустаҳкамро ба ихтиёр нагиранд. Оксиарт ҳоким бошад ҳам, зери назорати юнониҳо қарор дорад.

Тахминаш дуруст баромад. Катан чун донист, ки сипоҳи Пелиперхонт дар қалъа нест, Вастанро фиристод, хост онро дигарбора соҳиб шавад, то он макони амн паноҳгоҳи занҳо ва кӯдакони гуреза бошад. Дар нимароҳ ҷосусони Пелиперхонт аз нияти Катан хабар доданд. Пелиперхонт, ки ба қалъа хело наздик буду рисолати нигоҳубини онро ӯҳда мекард, зуд 1000 нафарро фиристод, то дарвозаҳои дар поёни кӯҳ бударо маҳкам ва нардбонҳои дарози аз фарози кӯҳ сохтаю овезони Александрро барои ишғоли кӯҳи Сисимитр оташ зананд. Вастан рӯзи дигар, баъди расидан ба дараҳои танг ва наздик шудан ба дарвозаҳо онҳоро пӯшида ва маҳкам дида ноумед шуд. Дигар, муҳориба барои ишғоли қалъа маънӣ надошт. Александр бо сӣ ҳазор сарбоз онро дар се моҳ, он ҳам баъди сохтани нардбонҳои дароз аз арчаҳои гирду атроф аз болои кӯҳ ба поён базӯр ишғол карда буд.



Бе ҳамин ҳам аз поён, садои суми аспони лашкари юнонӣ ба гӯш расид. Албатта, дараи танг ҷойи муносиб барои муҳориба нест, аммо ҷанг дар тангноҳо ва шебу фарози кӯҳистон барои Вастан, ки худ зодаи кӯҳистон буд ба хубӣ ошно буду қулай.

Пелиперхонт ҳам ҳеҷ гоҳ ба ин тангно намедаромад, аммо ӯ гумон кард, ки Вастан қалъаро муҳосира кардааст, бинобар ин ба ёрии муҳофизони қалъа шитофт.

Вастан зуд ба лашкариён фармуд ба ду фарози кӯҳ, рост ва чап бароянд. Онҳо бо мушкилоти зиёд аспҳоро ҳам ба боло бароварданд. Мақсади Вастан ғелонидани сангҳо буд ба сари лашкари душман. Ҳам аз боло партоб кардани тир ва найзаҳо хело қулай аст. Лашкари тахориҳо дуҷониба камин гирифта, интизор шуданд. Аз рӯйи тахмин бояд 2-3 соат баъд мерасиданд.

Дастаи Вастан иборат аз 300 савор ва дуюним ҳазор ҷангиёни ҷаррори пиёда аст. Ҳама то оғози ҷанг кишоварзон ва косибони оддӣ буданд. Тӯли 5 соли муқовимат ба ҷойи каланд ярок ба даст гирифта, то андозае санъати онро аз худ карда буданд.

Сипоҳи душман дер аз тахмини Вастан накард. Аввалин нафарони савораро иборат аз 20 савор диданд, ки шитобон бо дараи танг ҳаракат мекунанд, аз қафои онҳо қариб 300 қадам дуртар боқимонда сипоҳиён. Нафаронеро, ки Вастан барои ғелонидани санг аз фарози кӯҳ гумошта буд, қариб фиреб хӯрда ба сари ҳамин дастаи хурд ҳуҷум мекарданд. Дар лаҳзаи охир ин даста, ки 200 қадам аз сипоҳи асосӣ дур буд, садои махсуси сардодаи ҷанговари дигарро, ки боз қариб 200 қадами дигар аз ин даста поинтар дар камин меистод шунида, ором шуданд. Аммо ин оромӣ дер давом накард. Баъди ба ҷойи қулай расидани сипоҳи душман, аввал садои барои душман ваҳмангези ҳамон як сарбоз, баъд садои шайпури ҷангии барои лашкари душман ошно ва даҳшатнок аз оғози муҳориба дарак дод.



## Дом

Сели сангҳои хурду бузург ба сари душман фурӯ рехт.

Якбора 20-30 савор ҳамроҳ бо аспҳо зери санг монданд. Дигарон ба таҳлука афтода ба дигар фарози дара баромаданӣ шуданд.

Аммо дастаи дигари саднафара аз боло сангҳоро ба сарашон рехтанд. Душман ба таҳлука афтод. Аз аввала бештар саворон бо зарби санг кушта шуданд. Якбора 1000 нафар лашкари душман ба муҳосира афтод. Нахуст Вастан аз ҷой бархоста, аз лаҷоми асп дошта, оҳиста ва хунсардона ба поён ҳаракат кард. То ин дам аз боло сангу шағал ва тиру найзаҳои обдор ба сари душман бо ҳамон шасти пештара мерехт. То ба поён расидани дастаи асосӣ қариб нисфи лашкариёни душман меҳмони худои Марги юнониҳо – Аид шуданд. Маҷрӯҳон ҳар тараф нолишкунон мехобиданд. Ба поён фаромадан замон Вастан сабук ҷаста, болои зин худро гирифта, нахуст шамшер ба сари наздиктарин юноние, ки қасди ӯ карда буд зада, онро ба ду ним карда наъра зад: Хур-р-р. Дигарон ҳамовоз шуданд. Гӯё ин на садои нав, балки нидои рӯҳи Спитаман буд, ки аз нав баҳри қатли душман баргашта омада. Задухӯрд ҳамагӣ як соат давом кард. Душман торумор шуд. Ҳамин дам садои гӯшхароши таблу духули юнониҳо баланд шуд. Ин дастаи боз 1000 нафараи дигар буд, ки Пелиперхонт ба ёрӣ равон карда. Лашкари побарҷои Вастан ва торуморшудаи худро дида, ба вазъият сарфаҳм рафта, дастаи ҳазорнафара ба қафо гурехт. Вастан фармони таъқибро дод.

Тирҳои ҷоншикори тахориҳо аз пушт, то баромадан аз тангно боз кори қариб 200 душмани дигарро тамом карданд.

## Дасти бародар бигир!

Аз тангно баромадан пас, Вастан боз қариб 1000 қадами дигар душманро таъқиб кард. То даме, ки охирин нафари дастаи ӯ аз тангно баромад. Баногоҳ аз ду тарафи фарози кӯҳ аз пушт дастаи 1000 нафараи камингирифтаи Амфотер ба сари тахориҳо рехт.

Акнун шумори нерӯҳои нави душман ҳамроҳ бо боқимондаи дастаи торуморшуда ҳудуди 3 000 сарбозони

ҷангдидаро ташкил медод. Вастан садои дуҳули ҷангии ӯро шунида, пай бурд, ки дастаи ахир барои баровардани ӯ аз тангно «гурехтааст», аммо ғайричашмдошт бебарор, чунки талафоти зиёд доданд. Задухӯрди шадид оғоз шуд. Лашкариёни Амфотер аввал найзадоронро ба пеш баров863 варданд. Онҳо бо найзаҳои дарози дуюнимметра ва сипарҳои думетра ба пеш ҳаракат карданд.

Рисолати онҳо имкони сипоҳро аз пушти худ наздик ба душман кардан буд. Дигар тирҳои оддии тирандозони тахорӣ дар қиболи сипарҳои юнонӣ бояд коре карда наметавонистанд. Аммо ин хаёл ҳам, мисли задухӯрд дар дара хом баромад. Барои чунин вазъият тахориҳо тирҳои дигари нӯгашон фӯлодин тайёр карда буданд, ки сипарҳои чӯбин ва чарминро ба осонӣ мешикофтанд.

Аммо зӯри бозӯйи на ҳама тирандозон барои кашидани зеҳи сахти ин камон мерасид. Ҳамагӣ 20 нафар тирандозон чунин бозӯ ва маҳорат доштанд. Онҳо мудом дар пушти сипоҳ қарор доштанд. Гӯё тахориҳо онҳоро эҳтиёт мекарданд. Ин бор ба пеш баромаданд. Якбора зеҳи камонҳоро кашида, сар доданд. Садои шарақкоси ваҳмангез дар доманаи кӯҳ гӯшҳоро кар кард. Нӯҳ нафар сипардор ба замин афтиданд. Ҷойи онҳоро дигарон иваз карданд. Душман ба пеш ҳаракат карда, оҳиста тахориҳоро ба муҳосира мегирифтанд. Садои камонҳои махсус дигарбора баланд шуданд. Боз 12 нафари дигар ба замин афтиданд.

Сипардорон, ки хело наздик омада буданд, хуб дарк карданд, ки ин бор ҳамагӣ ҳадафи тирҳои ҷоншикор мешаванд. Бо як нидои Амфотер ба пушти саф рафта, саворон ба пеш баромаданд.

Тахориҳо дар муҳосира буданд. Аммо Вастан аз ин муҳосира он қадар дар таҳлука нашуд, чунки қувваҳо қариб баробар буданд ва имкони задухӯрд медод. Ҷанги сахте оғоз шуд. Овози бархӯрди шамшерҳо, зеҳи камонҳо якҷо бо наъраи саворон ва нолаи маҷрӯҳон ба фалак печид. Амфотер, ки як марди қоқинаи серрагу пайванде буд, пешопеши сипоҳ шамшер мезад. Вастан ҳам дуҷониба шамшер зада, сару дасти душманро аз тан ҷудо карда, сӯйи ӯ ҳаракат мекард. Ҳамин

дам садои наъраи Амфотер баланд шуд – Вастан, Вастан, Вастан ва аз издиҳом берун баромад. Ӯ сарлашкарро ба муҳорибаи тан ба тан даъват мекард.

Вастан ҳам наъра зада, сари роҳ боз 4 юнонии дигарро ба дӯзахи Аид фиристода, сӯйи ӯ шитофт. Ҳатто аз чунин рафтори Амфотер хурсанд шуд. Аз гарди роҳ найзаи кӯтоҳи худро сӯйи Амфотер ҳаво дод. Ҷанговари ботаҷриба сипар бар рӯй кашид.

Найза ба замин афтид. Ӯ ҳам найзаи дарозашро дар даст гирифта, дар дасти дигар сипар ҷониби Вастан шитофт. Расидан баробар Вастан худро ба бари шиками асп хам карда аз зарби ӯ эмин монд ва фавран шамшер зада, нисфи найзаи ӯро дуним кард.

Чӯбашро юнонӣ ҷониби ӯ ҳаво дод. Вастан худро бо сипар ҳимоя кард. Дигарбора тахорӣ шамшер ба сари Амфотер заданӣ шуд, аммо ӯ бо шамшер худро ҳимоя кард. Задухӯрди беамон байни ду ҷанговари ғосибу муҳофизи ватан оғоз шуд. Аз даҳони аспҳо кафк ҷорӣ буд. Вастан маротибаи дигар шамшер зада, сари душманро аз тан ҷудо карданӣ шуд. Ӯ сар хам карда буд, ки шамшер худи ҷангиашро аз сар зада паронд. Дар ҳоле, ки юнонӣ бари шиками асп хам буд, аз зер шамшер ба шиками аспи рақибаш зад. Асп шиҳаи ҷонкоҳ зада ба замин афтид. Вастан байни хоку хун сарнагун шуд. Амфотер шамшери хунолуд дар даст болои сари ӯ омад. Дар чеҳрааш осори қаноатмандӣ ва писханд буд. Наздик омада, шамшер бардошт, то кори Вастанро тамом кунад. Ҳамин дам тахорӣ чолокона сар хам карда, ба замин тоб хӯрда, қафои асп рафт. Зуд бархоста аз пушт ӯро аз болои асп ба замин кашид. Шамшер ҳам аз дасташ афтид. Ҳарду пиёда ба ҳам часпиданд. Байни ду ҷанговари ботаҷриба гӯштин на ба хотири зинда мондану ғалаба кардан, балки барои куштани ҳамдигар оғоз шуд. Амфотер дастони пурқувваташро дар миёни Вастан ҳалқа карда, фишурд ва ӯро ба ҳаво бардошт. Рагҳои пешонии Вастан аз шиддати фишор дамида баромаданд. Аммо ба таҳлука наафтода, ду мушти обдорро гаштаю баргашта якбора ба ҳарду чаккаи сари юнонӣ фурӯ рехт. Юнонӣ аз ин зарбаҳо гаранг шуда, ӯро сар дод.

Мушти дигари тахорӣ ба пешониаш омада, ӯро аз пой даровард. Чанд лагад ба тиккаи шиками юнонӣ фуроварда, ӯро бехуд кард.

Баъд сӯйи шамшери афтода шитофт, то кори душманро зуд тамом кунад. Ҳамин дам чанд савори юнонӣ сари роҳашро гирифтанд. Ӯ ба қафо давид. Амфотер аз ҷой бархоста, зери ҳимояи сарбозон зуд шамшерро гирифта, суйи Вастан шитофт.

Тахорӣ бо нигоҳ чанде яроқ ҷуст. Ба ҷуз як сипар чизе дар масофаи дастрас набуд. Онро ҳангоме аз замин бардошта худро ҳимоя кард, ки юнонӣ зарба зада буд. Боз ду зарбаи дигарро ҳам аз чапу рост бо ҳамон сипар баргардонид, вале баъди охирин зарба сипар аз дасташ ба замин афтод. Дигарбора сарбозони омада Вастанро муҳосира карданд. Амфотер охирин бор шамшер бардошт, то кори тахориро тамом кунад. Тахорӣ умедашро аз зиндагӣ барканд. Бо ҳасрат чашм ба шамшери ялаққосӣ духт. Ҳамин дам, тири ҷоншикоре омада, рост ба гардани Амфотер зада аз ҷониби муқобил баромад.

Тирандоз наъраи гӯшхароши хур-р-р дардод. Вастан дар шахси ӯ Бобакро шинохта дар баданаш рамақи ҷон дамид.

Расидан баробар, юнониҳои савораро Бобак зуд оғӯштаи хунашон карда, аспи Амфотерро дошта, ба назди Вастан овард. Ӯ сабук ҷаста болои зин худро гирифта, наъра зад: Хур-р-р!

Дигарон ҳамовоз шуданд. Баъд рӯ ба Бобак оварда нидо дод: дуруд бар Бобак! Ӯ ҳам вохӯрӣ кард, дуруд бар Вастан! Дӯстон, ки яке 20-сола, дигарӣ 40-сола буд, лаҳзае бо ҳам мулоқот карда, боз даст ба шамшер бурданд ва ба лашкари душман дарафтоданд.

Чун наъраи Бобак ва Вастанро шуниданд ва ҷасади оғӯштаи хуни Амфотерро диданд, тахориҳо нерӯйи тоза гирифтанд.

Баръакси онҳо лашкари душман аз кушта шудани фармондеҳ рӯҳафтода шуда, рӯ ба гурез ниҳоданд. Баъди боз се тирпартоб дур шудани сипоҳ аз тангно Вастан ба таҳлука афтод. Хуб дарк мекард, ки ҳамин замон ё замони дигар нерӯҳои асосии душман зери фармондеҳии Пелиперхонт расида меоянд. Бояд лашкарро бармегардонид, аммо худ ҳам мисли дигар сипоҳиён гарми таъқиб ва муҳориба, балки шикори душман аст.

Аз дастаи Амфотер на бештар аз 800 савор боқӣ монда буд, ки якбора аз пушти теппачаи наздиктарин садои таблҳои бузурги ҷангии Пелиперхонт баланд шуд. Якбора ҳама бозистоданд. Кор аз кор гузашт. Роҳи дигар ба ҷуз задухӯрд набуд. Вастан ва Бобак наъра зада, шамшер баркашида, ба қалби сипоҳи Пелиперхонт ҳуҷум карданд, дигарон аз қафо. Задухӯрди даҳшатноке оғоз шуд. Лашкари Вастан чун шери захмӣ гоҳ ба сафҳои чап ва гоҳ ба рости лашкари душман ҳуҷум карда, онро пароканда месохтанд. Аммо лашкари бонизом, машқдида ва ҷангдидаи юнониҳо на фақат аз рӯи шумора, балки аз ҷиҳати маҳорат ва таҷриба низ бартарӣ доштанд. Ҳар замон фармони Пелиперхонт «сафҳоро нигоҳ доред», боз низомро барқарор мекард. Баъди ҳар лаҳза юнониҳо бо як нидои фармондеҳ тарзи муқовиматро дигар мекарданд. Гоҳ найзадарозон ба сафи пеш мебаромаданду гоҳ тирандозон.

Лаҳзаи дигар, савораҳо қалби сипоҳи Вастанро мешикофтанд. Дар роҳрави пайдошуда пиёданизомон ворид шуда, дуҷониба шамшер мезаданд. Баъди тақрибан ду соати задухӯрд сафи тахориҳо пароканда шудан гирифт. Бобак чун дид, ки шикаст ногузир аст, аспашро аз байни корзор бароварда аз издиҳом ба қадри ним тирпартоб дур шуда, шамшерро ба наём овехту камонро баркашида, аспашро ҷониби қалби сипоҳи душман маҳмез зад. Ӯ аз хуни душман сартопо сурх шуда буд. Дар издиҳом бо нигоҳ Пелиперхонтро дарёфта ба он тараф асп давонд. Баъд аспро боздошта ором шуда, камонро зеҳ кашида, сар дод. Муҳофизон дар лаҳзаи охир Пелиперхонтро бо баданашон пӯшониданд. Тир ба пушти якеи онҳо расида, ӯро меҳмони Аид кард. Бобак дигарбора тир андохт. Сарбози дигар худро қурбон кард. Ин бор якбора 12 тирандози наздиктарин ҷониби Бобак ҷавобан тир андохтанд. Яке аз он тирҳои ҷоншикор ба китфи Бобак расида, то охири пайкон нопадид шуд.

Аз ҷойи захм хун фаввора зада баромад. Бобак нолиш карда, даст ба болотари пайкон бурд. Аммо ҷуръати кашида гирифтани тирро накарда, чӯбашро шикаст. Ҷойи ҷароҳат сахт дард мекард.

Шамшер баркашида, сӯйи Пелиперхонт шитофт. То юнонӣ

ҳамагӣ камтар аз 20 қадами дигар монда буд, ки якбора камаш 15 сарбоз байни ӯ ва фармондеҳ пайдо шуданд. Бобак чолокона шамшер зада, як – як онҳоро ба дужаҳу (дӯзах дар Авасто) фиристод. Ҳафт нафар ҷанговари ҷаррорро нобуд сохт. Гарми муҳориба найзаи партобкардаи Пелиперхонтро надид. Найза ба шикамаш расида, ӯро батамом аз кор бозмонд. Шамшери дигари аз пушт задаи юнонӣ аз шикамаш баромад. Садои дуҳули шодии юнониҳо баланд шуд. Ҳамагӣ ҳудуди 500 ҷанговари тахорӣ боқӣ монда буд. Аз ҷониби юнониҳо бошад на бештар аз дуюним ҳазор. Ҳамин дам садои шиҳаи аспи Вастан баланд шуд, ба думбол нидои ӯ: Перхонт, Перхонт, Перхонт…

Пелиперхонт дарк кард, ки ӯро ба ҷанги тан ба тан мехонад. Ишора кард, ки муқовимат накунед, бигзоред биёяд. Вастан ба пеш баромада аз гарди роҳ найзаи кӯтоҳи дар дасташ бударо сӯйи ӯ партоб кард. Найза рост ба синаи ӯ омада ба ҷавшан бархӯрд. Аз зарби зада Пелиперхонт ба замин миёни хоку хун афтид. Вастан шамшер баркашида ду юнонии дар миён бударо оғӯштаи хун карда, болои сари Пелиперхонт шитофт, то сарашро аз тан ҷудо созад. Аммо аҷали юнонӣ на имрӯз, на дар ин ҷо ва на дар дасти Вастан буд. Якбора даҳ савори тӯрандози чолоку чаққон чун бод парвоз карда ба миён даромаданд ва тӯрҳояшонро сӯйи ӯ партоб карданд. Миёни турҳои симин Вастан чанде дасту по зад, аммо ҳис кард, ки гирифтор гаштааст ва беҳаракат шуд.

Лашкари тахориҳо батамом шикаст хӯрд. Баъзе аз онҳо дар лаҳзаи охир барои асир наафтидан, даст ба худкушӣ мезаданд. Майдон ором шуд. Чанд сарбози юнонӣ маҷрӯҳони тахориро дар майдони ҷанг давр зада мекуштанд. Панҷ гладиатори ҳузарб бо мушкилоти зиёд аввал пойҳо, баъд дастони Вастанро баста, ӯро аз симтӯрҳо раҳо карданд.

Пелиперхонт аввал сӯйи ҷасади Бобак рафта як лаҳза маънидорона ба ӯ нигарист. Гӯё бо ҳамин нигоҳ доди мардиро ба ин навҷавон, ки то ҳанӯз бӯйи шир аз даҳонаш меомад, медод.

Ӯ борҳо ба ин гуна ҷавонони диловари суғдӣ ва тахорӣ нигариста, писари худаш Менедем ба хотираш меомад, ки

дур аз майдону шамшер буд. Ӯ ҳам ҳамсинни Бобак аст, аммо на чун ӯ, марди мардона, балки дар амфитеатри Афина масхарабозӣ мекард. Ба занҳо низ майл надошт, балки ба ашрофзодаҳои шаҳр тақлид карда, бо мардон ишқварзӣ мекард. Дар васфи марди дӯстдоштааш шеър иншо менамуд ва ба атрофиён қироат карда, ҳатто аз ин кораш ифтихор дошт, рашки занҳо буд. Ҳатто Пелиперхонт дар охирин рӯзи сафар, ба театр барои видоъ кардан рафта, ӯро дар оғӯши коргардон дарёфта, маъюсу дилшикаста гашт. Ба қафо баргашта, нигоҳашро гурезонд. Аммо навҷавон гӯё ҳеҷ гап нашуда бошад, либосашро пӯшида истода аз қафои падар шитофта, норозиёна такрор мекард: «Падар, охир чӣ бадӣ дорад, ман Лукресийро дӯст медорам! Ӯ ба ман ҳаловат мебахшад. Рӯзамон бо ҳам хуш мегузарад.» Нафрати бепоён он вақт вуҷудашро фаро гирифт, қариб буд сарашро аз тан ҷудо созад. Кратер, ки дӯсти наздики Пелиперхонт буд, чанд маротиб ӯро барои чунин тарбия додани фарзанд маломат карда буд. Дар чунин ҳолат аз шарм сар намебардошт. Фақат Кратер ин сирри нангини ӯро медонист. Дар суҳбате, агар гап сари тарбияи фарзанд раваду он ҷо Кратер ҳузур дошта бошад, Пелиперхонт худро ноҳин ҷор ҳис карда хеста меравад.

Имрӯз сахт мехост писари масхарабозаш мисли ин ҷавон дар майдони ҷанг барои ҳифзи Ватан, чунин бошарафона қурбон мешуд. Сарлашкар хам шуда, мӯйҳои дарози Бобакро қабза карда, сарашро бардошта, пешониашро ба лабонаш наздик кард. Баъд оҳиста ва эҳтиёткорона сарро ба замин гузошта, бархост. Чанд юнонӣ чашм ба Бобак дӯхта, гӯё бо чунин душмани арзанда ифтихор мекарданд. Онҳо чунин муқовимати шадидро фақат дар Суғдиён бо Спитаман дучор омада буданд.

### Асорат

Пелиперхонт бо ин андешаҳо оҳиста ба Вастан наздик шуд.

Тахорӣ бонафрат теғи нигоҳ сӯйи ӯ кашид.

– Магар беҳтар набуд, ки мисли Оксиарт ва Фратаферн муқовимат намекардеду соҳиби ҷоҳу ҷалол мешудед? – пурсид Пелиперхонт.

Вастан хомӯш буд.

Юнонӣ донист, ки ҷавоб намегирад, аммо мехост овози ин душмани қавиашро аз наздик бишнавад. Ӯ баъди лаҳзае хомӯшӣ боз аз асир пурсид: қабл аз мурдан чӣ мехоҳӣ?

– Агар мардӣ ба дастам ароқ деҳ, – дар ҳоле, ки чашм ба офтоб дӯхта буд, оҳиста гуфт тахорӣ.

– Яроқро чӣ мекунӣ? – пурсид юнонӣ.

– Натарс, ба ту кордор намешавам.

– Ту ба ҷои ман мебудӣ ба дастам яроқ медодӣ?

– Медодам.

Ман туро ҳадя барои Александр мебарам, агар хоҳад ба ту яроқ медиҳад. Ба гумонам аз чунин туҳфа сахт хурсанд мешавад. Пас, бифармуд осуда шаванд, то фардо бо нерӯйи тоза ба роҳ бароянд.

## Бобакон ба муҳориба омодагӣ мегирад

Дар Бобакон ҳама ҷо ором аст. Мардум машғули кори худанд. Занҳо ва мӯйсафедон омодаи тайёр кардани лавозимоти ҷангӣ, нерӯҳои муҳофиз сангарҳо омода менамоянд. Кӯдакон ба ҳар тараф давида бозӣ мекунанд. Навҷавонон зери сарпарастии сарбози миёнасол ва якдаст машқи тирандозӣ ва шамшерзанӣ меомӯзанд. Ин ҳамон сарбозест, ки дар назди дарвозаи Мароқанд баъди ярадор шуданаш Спитаман ӯро кашида ба беруни майдони ҷанг оварда, ҷонашро халос карда буд. Он вақт сарбозони Кратер як дасти ӯро зада парронда буданд. Баъди муҳориба, барои хунро боздоштан, Спитаман шамшерро дар оташ сурх карда ба ҷойи ҷароҳат гузошта буд.

Дарди ҷонкоҳе сарбозро аз ҳӯш бурд, аммо зинда монд. Спитаман баъди муҳорибаи охирин ӯро ба назди Катан фиристод. Ин ҷо ба ҷуз роҳбарӣ барои маъракаи муҳофизати шаҳр боз бо фармони Катан 100 навҷавони баргузидаро машқи ҳарбӣ медод, то баъди сари онҳо ба кӯҳистон рафта омода шуда муқовиматро бо душман давом диҳанд ва ватанро озод кунанд.

Бо гузашти камтар аз 1 сол ин ҷавонон аллакай дар ин ду санъат маҳорати хуб пайдо карда буданд. Аз масофаи 50 қадам бисёре аз онҳо тирро бехато ба нишон расонида метавонист. Якдаст дар шаҳр бо лақаби Фраваш (фаришта)

шуҳрат дошт. Ба хотири дӯсти Спитаман будан ба ӯ чунин лақаби ифтихорӣ додаанд. Умуман, номи бабри биёбони Суғд – Спитаман барои мардумончунон маҳбуб аст, ки исмашро дар радифи исми фаришта Спитама Зартушт гузоштаанд. Пиронсолон ҳатто ба Спитаман номи аҷдоди ӯ Сиёваршанро (суғдиҳо Сиёвушро ҳамин тавр меномиданд) дода буданд. Ҳар шахс ва амале, ки бо номи ӯ пайваст аст арҷ мегузоранд.

Якдаст аз маҳорати яке аз писарбаччагон, ки аллакай мисли калонсолон шамшер мезад завқ бурда, маҳсули меҳнаташро дар тирандозӣ ва шамшерзании ӯ мебинад.

– Спитаман, тири саҳар андохтаат ба чашми Александр (нишонро шартан ҳамин тавр номида буданд) нарасида буд, балки поёнтар ба чеҳрааш расид. Имрӯз ҳамин хатоиатро то ислоҳ накунӣ, ба хона намеравӣ.

Навҷавон бо исми доштааш ифтихор мекард.

Мудом аз Моҳуи якдаст камтарин ҳаракоти қаҳрамони Суғд ва тарзи либоспӯшиашро мепурсид. Ба қаҳрамони Суғдиён дар ҳама кор тақлид мекард.

**Аноҳит**

Шаҳр ором аст. Юнониҳо қарор доданд, ки баъди торумори сипоҳи Катан онро ишғол кунанд. Рӯйи Сайртеппа зери офтоби нарми баҳор зани париваше ба шикам хобида ба фикр фурӯ рафта буд. Мӯйҳои дарози сиёҳаш аз бари рӯ овезон аст. Қомати росту баланди дилкаш, синаҳои дамида, миёни борик, гардани сафеди росту зебо, чашмони шаҳло ва пӯсти ҷилодор дошт. Бинии дуруст, лабони сурх ва даҳони чун ғунчаи гулаш ӯро ба гулҳои наврустаи канори роҳи марказии шаҳр монанд мекарданд. Дуртар аз ӯ писараки 8-сола ва духтараки ҳамин гуна зебои 5-сола бозӣ мекунанд. Насими форами баҳор аз сӯйи теппаҳои наздиктарин бӯйи гулҳои навруста меорад. Қабл аз ҷанг дар ин айём тахориҳо Наврӯзро ҷашн мегирифтанд, аз дил гузаронд ҷавонзан. Аҳолии шаҳр ҳама ба Сайртеппа баромада, рӯйи қолини махмалини сабзаҳои наврӯста шодӣ мекарданд. Мусиқинавозон, дорбозон, масхарабозон ҳарҷо – ҳарҷо мардумро атрофи худ гирд оварда, ҳунарнамоӣ мекарданд.

Паҳлавонон гӯштин мегирифтанд. Дар майдонҳои махсус ба ивази мукофотҳои қимматбаҳои пешниҳоднамудаи сатрап мардони ҷангӣ аспҳои ваҳширо саворӣ меомӯхтанд. Дар яке аз чунин мусобиқаҳо Катан маро – духтари Сатибарзанро туҳфа гирифта буд. То мусобиқа Катан ба ман ошиқи зор буд. Падарам ба ин ҷавони саркаш духтар доданӣ набуд, чунки ин ҷавон ба касе сар намефуровард. Домодҳои дигар чанд моҳ дар дари хонаи падарарӯс хизмат карда, содиқ буданашонро ба хонадон нишон медоданд. Катани ҳавобаланд бошад аз чунин домодҳо набуд. Духтари париваш дар ишқи ӯ месӯхт, аммо аз тарси падар аз дасташ коре бар намеомад. Билохира Катан роҳашро ёфт. Ба воситаи яке аз дӯстони ашрофзодааш падарашро розӣ кунонд, ки Сатибарзан ҳамин мусобиқаро ташкил кунад, ба хотир овард Аноҳит.

«Дар асл ин ашрофзода худ мехост маро барои худ арӯс кунад, аммо аз тарси Катан ба хонаи Сатибарзан кас фиристода наметавонист. Мехост аспи ваҳшиеро дар мусобиқа гузорад, ки ягон нафар аз ӯҳдаи ром карданаш набарояд, ба хусус Катан. Ин мард хуб медонист, ки Катан őнчунон боғурур аст, ки дар сурати аз имтиҳон нагузаштан мемураду дигар ёди духтар намекунад. Ба ӯ бошад Сатибарзан бе мусобиқа духтар медод. Боигарии зиёд дошту дар марказ дар дарбори шаҳаншоҳ Доро дӯстони бисёр. Онҳо ҳар сол тобистон, барои истироҳат ва ҳаловат бардоштан аз табиати биҳиштосои ин ҷо ба меҳмонӣ меомаданд. Табиати аҷибе дорад ин диёр. Тобистон дар ҳоле, ки дар Бобакон ҳаво гарму тоқатфарсо аст, ҳамагӣ дар чанд соати роҳгардӣ метавонистӣ ба болои кӯҳ ҷониби Сисимитр (Пули Сангин) баромада, рӯйи барф нишаста аз хунукӣ мурданивор биларзӣ.

Дар он мусобиқа аспи фавқулода ваҳшӣ ва то ҳанӯз саворӣ нашуда 5 нафарро ба замин афтонда ноком кард. Ниҳоят навбати Катан расид. Баҳодури навҷавон сабук ҷаста худро болои пушти лучи асп гирифт. Асп то нисфи рӯз ҷон коҳонд, аммо саворро афтонда натавонист. Аз тарс қариб буд дили ман кафад. Гумон кардам дӯстдоштаам зинда аз пушти ин асп фаромада наметавонад. Бо заҳмати зиёд Катан шартро бурид. Ман аз ҳаяҷон ҳамаро фаромӯш карда ба майдон давида худро ба оғӯши Катан ҳаво додам.»

Духтар ин лаҳзаҳои ширинро ба хотир оварда, лаънат ба Александр мегуфт, ки ин ҳама осоишро барҳам зад. Акнун Катан аз лашкаргоҳ дар ду ҳафта як бор метавонист ба наздаш биёяд, пазмони оғӯши гарми ӯ буд. Аммо ҳайҳот, вазъият муқобили хоҳиши ӯ аст. Кӯдаконаш таскини дилаш буданд – Сиёваршан ва Ноҳид, набошад ё ҳар рӯз ба назди шавҳараш мерафт, ё аз ғам мемурд. Зан оҳи бадард кашида аз ҷой бархост. – Сиёваршан, – нидо дод ӯ, хоҳаратро бигир ба машқгоҳ меравем.

Шуғли ҳама мардум дар соатҳои фориғ аз кор, ки кор ҳам иборат аз омодагӣ, барои мубориза бо аҷнабиён аст, ба машқгоҳ рафта ҳунарҳои ҷангӣ омӯхтан аст. Фарқ надорад кӣ зан, мард, пирамард, кӯдакон ҳама машқи ҳарбӣ мекунанд. Дар майдони махсус зан камони дар ходачӯбҳои ба шакли одам тарошидашударо, ки ба ҳайси нишон хизмат мекунанд гирифта ба тирпарронӣ оғоз кард. Писарак ҳам ба ӯ тақлид мекард.

– Не, модар, – баъди тири аввалро задани зан садо дод Сиёваршан, – тират хело болотар задааст ба китфи Визареша (дар Авасто дев. Кратерро чунин лақаб дода буданд). Аз ман, бубин, ба чашмаш расидааст.

– Фиреб мекунӣ, Сиёваш, ту аз наздик задӣ.

– Хайр чӣ, ман аз дур расонида наметавонам?

– Аз ин масофа Ноҳид ҳам мерасонад. Ана нигоҳ кун, – гуфта зан дигарбора тирро гирифта, ба масофаи қариб 100 қадам дуртар аз нишон рафт. Аммо ин бор тираш то ба наздикии нишон рафта афтид. Боз Сиёваршан хандид. Маротибаи сеюм, модар худро таҳқиршуда ҳисобида, наздиктар омада тири дигар ба камон андохта, зеҳро кашид. Чашмони сиёҳу зебояш рӯйи нишон ях бастанд. Дастони сафеди нозукаш камон ва тирро маҳкам доштанд. Қади расояш каме ба қафо хам шуд. Синаҳои дамидаи сахту зебояш лаҳзае беҳаракат шуданд. Зеҳи камон ба манаҳи каме дар поён нуктези булуринаш расид. Дар ҳамин ҳолат лаҳзае шах шуд. Сиёваршан ва Аноҳит низ беҳаракат шуда, чашм ба рӯйи модар дӯхтанд.

Шараққоси кушода шудани зеҳ ҳамаро ба ҳаракат даровард. Сиёваршан давида ба назди нишон рафт. Садои нишоту

шодиаш баланд шуд: «Расидааст, оча, дили Визарешаро сӯрох кардӣ!»

Аноҳит аз ин муваффақияти худ шод гашта, нидои ҷанговарони суғдиро дод: Хур-р-р. Ноҳид бо лаҳни зебои кӯдакӣ ҳамовоз шуд: «Хул-л-л.»

Баъди як соати тирпарронӣ ва шамшерзанӣ ҳарсе майдонро барои чанд нафари расида омада холӣ карда, аз машқгоҳ дур шуда, болои баландие рӯйи сабзаҳо нишаста, лаҳзае ором шуданд.

– Модар, – пурсид Сиёваш, – юнониҳо биёянд моро мекушанд?

– Намеоянд. Бобак ва падарат онҳоро намемонанд.

– Агар биёянд чӣ?

– На-ме-о-янд, фаҳмидӣ?

– Модар, Бобак гуфта буд дар Киропол ҳатто кӯдаконро кушта буданд, рост аст?

– Намедонам, писарам дар он ҷо набудам. Бобак ҳам набуд.

– Онҳо Спитаман барин ҷанговари зӯрро куштанд, зӯрашон ба падари ман намерасад?

– Ту аз юнониҳо метарсӣ, ки ин қадар савол медиҳӣ?

– Ман барои худам наметарсам. Дилам ба хоҳарам месӯзад.

– Натарс, ман намемонам касе ба хоҳарат зиён биёрад. Дидӣ, ки чӣ гуна синаи Визарешаро сӯрох кардам? – зан ба нишона ишора кард.

– Пас, модар, бовар дорӣ, ки шаҳрро мегиранд?

– Бас, ҷонакам, дар ин бора дигар гап намезанем, хоҳарат метарсад.

Сиёваршан аз ҷой бархоста, сари модарро дар канор гирифта гуфт:

– Модар, ту чӣ қадар зебоӣ, мисли Рухшонак.

– Бас кун, маро таҳқир кардӣ.

– Барои чӣ, модар, мегӯянд ӯ бисёр зебо будааст.

– Аммо ман аз зани хунхоре чун Александр шудан, маргро авлотар медонистам.

Ман фақат зебоиашро мегӯям. Ноҳид чун дид, ки Сиёваш модарашро ба оғӯш гирифт, расида омада аз пушт дастакони

нозукашро ба гулӯйи модар ҳалқа карда гуфт: «Сал деҳ Сиёваш, очаи ман аст». Модар ӯро ба пеш кашида, ҳардуро ба оғӯш гирифта чашм ба дуриҳо духт. Дар асл ӯ аз Сиёваш дида, бештар нигарон буд, ки агар душман ба назди дарвозаҳои шаҳр биёяд ҳоли ӯ ва фарзандонаш чӣ мешавад. Тамоми шаҳр дар ҳамин фикр буданд.

## Муҳориба

Кратер-визареша ҳамроҳи Дракил дар навҷавонӣ дар колизейҳои Спарта дар муҳорибаҳои беамони тан ба тан иштирок карда, билохира соҳиби шамшери чӯбин шуда, аз ғуломии Филлип вораҳида буданд. Ин ду аз одамони оддӣ бо ҷусса ва зӯри бозӯ фарқ мекарданд. Онҳо як сару гардан аз ҳар одами бузургҷусса калонтар буданд. Дӯсти ӯ Дракилро Спитаман дар муҳорибаи Киресхата сар бурида буд. Ин ҳамон Кратер аст, ки бо легиони худ Мароқанд (пойтахти Суғдиён – Самарқанд)-ро муҳосира карда, баъди 1 соли ҷанг аввалин шуда вориди шаҳр гашта буд. Нобуд кардани сипоҳи тахориҳо ва асир гирифтани Катанро Александр ба Кратер вогузор кард.

Сипоҳи Кратер дар доманаи кӯҳи ҳавории Бобакон бо сипоҳи Катан рӯбарӯ шуд. Қаноти рости сипоҳи юнониҳоро Фратофарн, бохтарии хоин бар ӯҳда дошт. Чун юнониҳо ба масофаи тиррас расиданд, Катан ба тирандозон фармон дод ба пеш бароянд.

Ҳама дар пеши сипоҳ саф оростанд. Тахориҳо барои аввалин маротиб тирҳоеро истифода мебурданд, ки пайконҳои вазнини пӯлодӣ доштанд. Мисли тирҳои оддӣ бо ин тирҳо душманро ба нишон намегирифтанд. Дар пеши сипоҳи юнону бохтарӣ, ки сипардорон қарор доштанд аз тирҳои оддӣ ба нишон гирифтани лашкар фоида надошт. Бинобар ин, тирҳои махсус аз боло ба сари сипоҳиён фурӯ мерехтанд. Вазни пайкон суръати ҳаракати тирро бамаротиб метезонид. Чун аз ҳаво тирҳои марговар боридан мегирифтанд сипоҳиён сипар ба сар мекашиданд, танҳо дар ҳамин ҳол тирандозони дигар бо тирҳои оддӣ синаи душманро ба нишон гирифта мепаронданд. Дар зарбаи аввал тирандозон ҳудуди 200 нафар душманро ба дужаҳу (дӯзах) фиристоданд. Катан чун дид, ки

Кратер ҳамроҳи дастаи яккачини сипоҳи савора чун бод ҷониби сафҳои ӯ мешитобад бо ишора ба тирандозон фаҳмонид, ки як бори дигар тир парронда ба қафо гузаранд. Зарбаи дуюми тирандозон низ боз қариб 50 савораи душманро меҳмони Аид кард. Найзадорон ба пеш гузаштанд. Ҳама дар тан либоси сабуки ҷангӣ доранд. Бо фармони Катан ҷавонони тезпойи найзаандоз ҳама якбора ба истиқболи савораҳо шитофтанд. Онҳо чун бод медавиданд.

Қариб дар як вақт дастаи савораи Катан бо сарварии худи ӯ дар масофаи 200 қадам аз қафои найзаандозон ба ҳуҷум гузаштанд.

Найзаҳо бо як маҳорати фавқулода ва шигифтангез қариб дар як вақт ҷониби саворон дар парвоз шуданд. Дусад нафар найзадор синаи ҳудуди 50 савораи душманро шикофтанд. Найзаандозон баъди партофтани яроқи ҷоншикори худ ба ду тақсим шуда, чун барқ аз миёни саворон ғайб заданд. Фақат ду ё се нафарашонро саворагони душман дарёб карда куштанд. Ҳамин дам саворони Катан бо душман рӯбарӯ шуданд. Кратер дар тамоми муддати шаш соли ҷанг чунин тарзи муҳорибаро надида буд. Дертар маълум кард, ки ҳар як захми ҳатто ночизи ба бадани сарбозон расонидаи тахориҳо бо марги маҷрӯҳ анҷом меёфт, чунки пайкони тирҳо ва найзаҳо олудаи заҳри мор, каждум ва ғундал буданд. Дар як они воҳид Катан Кратерро, ки дар рӯбарӯяш ҳаракат мекард гум кард. Ба сари наздиктарин сарбоз шамшер зада, онро дуним кард. Шамшери дигар ба синаи дигарӣ халонд. Баъд саввумӣ ва чорумиро ба дужаҳу фиристод. Тамоми ин муддат бо нигоҳ Кратерро меҷуст. Кратер қасдан аз ӯ фирор карда ба қаноти чапи сипоҳ омада буд. Катан сарбози дигареро, ки дар рӯбарӯяш пайдо шуда буду мехост бо як зарба сарашро аз тан ҷудо созад, фиреб дода сар хам карда аз зарбааш вораҳид ва бо дасти чап аз банди дасташ ҳамроҳ бо қабзаи шамшер дошта бо як зарби шамшери буррои худ дасти ӯро аз китфаш ҷудо кард. Дастро ба як сӯ ҳаво дода, шамшери ӯро дар дасти дигар гирифта душамшера ба куштани юнониҳо шурӯъ кард. Кратер баъзе лаҳзаҳои задухӯрди ӯро дида ҳайрон мешуд, ки ин ваҳшӣ дар куҷо ин ҳама маҳорати ҷангиро омӯхта бошад.

Наход дар ҳамин 6 соли ҷанг? Охир, ӯ тамоми умр шамшер зада буду маҳорати ҷангии Катанро надошт. Бо ҳамин андешаҳо муҳориба мекард, ки якбора наъраи Катан баланд шуд: Визареша-а, Визареша-а….

Ҳама хуб дарк карданд, ки Кратерро мехонад. Кратер ҳам хуб медонист, ки лақабаш дар Тахористон ҳамин аст. аммо аз ин лақаб ифтихор дошт. Юнонӣ истиҳола мекард. Аз рӯбарӯ шудан бо ин тахории ваҳшӣ ҳарос дошт. Ӯ намехост дар ин марҳилаи таърихӣ ҳалок шавад. Мехост ҳамроҳи Александр то охири дунё, яъне Ҳиндустон биравад ва бо ғанимати зиёд ба Юнон баргардад ва боқимонда ҳаёташро осуда дар ҳалқаи хешовандон бигузаронад. Аммо гумонҳояш ботил буданд. Ӯ дигар ба Юнон баргашта натавонист. Баъди марги Александр империяи ӯро тақсим карданд. Ба Кратер Миср расид.

Дар ин миён, қаноти чапи сипоҳи Катан ба фишори қаноти рости лашкари Кратер бо сарварии Фратаферн тоб наоварда, пароканда шудан гирифт. Саворaҳои Гегелох низ ба он ҷониб шитофтанд. Катан ин ҳолро дида, фарёд кард:

– Бразан, Бразан…

Оғӯштаи хуни душман Бразан аз қиёми муҳориба берун шуда дар ҳоле, ки зарбаи як юнониро бо шамшер рад мекард садо дод: гӯш мекунам, сарвари ман. Катан шамшер ба ҷигаргоҳи рақиби навбатӣ халонда нидо дод: қаноти чап… биштоб, зудтар. Бразан ҳарифи худро бо зарбаи навбатӣ сарнагун карда, муҳорибакунон ба он ҷониб шитофт. Расидан баробар, нидо дод: саф кашед, пароканда нашавед. Аз қафои ман ба пеш!

Дастаи пароканда зуд зич шуда, саф бастанд ва ҳамлаи душманро баргардонида, ба ҳуҷум гузаштанд. Қаноти рости душман маҷбур ба ақибнишинӣ шуд. Аммо дар лаҳзаи дигар якҷо шуда, саф баста дигарбора ба ҳуҷум гузаштанд. Бразан як тири ҳаданги пайконфӯлодинро бароварда, оромона синаи Фратафернро ба нишон гирифта, парронд. Ӯ сипар бар рӯй кашид. Тири фӯлодин ба андозаи ним нохун ба сипар нишаст.

Хоин шамшер ба сари тахории ба ӯ наздиктарин зада, сӯйи тирандоз шитофт. Ӯро ба хубӣ мешинохт. Катанро ҳам, аммо наздик шудан ба Катан дар чунин ҳолати гармии бадани сар-

лашкар хатари бузург дошт. Ӯ бисёре аз усулҳои ҷангии Спитаманро ба кор мебурд.

Фратаферн аз масофаи 10 қадам найзаи кӯтоҳашро ҷониби Бразан ҳаво дод. Ахирӣ болои зин хам шуда, ҷон ба саломат бурд ва ба ӯ расида, шамшер ба сараш зад. Фратаферн зарбаро бо сипар баргардонида, зарбаи ҷавобӣ зад. Байни ин ду ҷанговари ҳамсоякишвар Тахор ва Бохтар чанде зарбаҳо радду бадал шуданд. Фратаферн қавипанҷа буду Бразан чолок. Зарбаи навбатии хоин ба сипари Бразан ахириро аз асп ба зер афканд.

Бразан пиёда монда, чолокона худро миёни ҷанговарони худ гирифт. Наъраи задаи хоин диққати атрофиёнро ба худ ҷалб кард. Ҳанӯз даҳонашро напӯшида буд, ки як тири хадангги фӯлодин дамашро фурӯ баст. Тир ба ҳалқумаш расид. Хоин аз асп сарнагун шуд. Ин партоби моҳиронаи Бразан буд. Ҷанговаре аспи ӯро дошта овард. Камонро як сӯ ҳаво дода, сабук ҷаста, худро болои асп гирифта, нидо дод Хур-р-р. Дигарон ҳамовоз шуданд. Катан аз дур маҳорати Бразанро дида, нидо дод: шод бош, зарбаи аҳуроӣ задӣ!

Аз кушта шудани Фратаферн тахориҳо нерӯйи тоза гирифта, ба ҳуҷум гузаштанд. Кратер ҳамоно аз наздик шудан ба Катан меҳаросид. Қисми зиёди лашкари юнониҳо кушта шуданд. Катан осуда шуда, тасмим гирифт ҳамаи сипоҳи душманро аз дами теғ гузаронида, он гаҳ бо Кратер ҳарб мекунад. Мисли шери жаён мехурӯшид. Ба чапу рост шамшер зада, сару дасти душманро ба хок яксон мекард. Рӯяшро ба кадом ҷонибе, ки мегардонид саворон аз наздаш фирор мекарданд. Баъди як чунин ҳуҷуми девонавор бо Гегелох рӯбарӯ шуд. Ҳарду ба якдигар дарафтоданд. Садои шарораи аз бархӯрди шамшерҳо бархоста, чашмҳоро хира мекард. Юнонӣ бо найза синаи Катанро нишон гирифта, зарба зад. Дар ҳоле, ки бо ҳамон шасти зарба Гегелох то миён ба тарафи Катан хам шуда буд, ахирӣ бо дасти тавонои худ аз паси гарданаш дошта, ӯро ба пеш кашида, шамшерро ба синааш халонд. Гегелох аз кор бозмонд, вале ҳанӯз зинда буд.

Хуни гарми юнонӣ то оринҷ дасташро гарм кард. Гардани душманро боз сахттар кашида, шамшерро то нисф ба синааш

фурӯ бурд. Баъд онро кашида, ҷасади душманро аз болои асп ба зер партофта, нидо дод: Хур-р-р.

Дигар Кратер ҳам ба шикаст хӯрдани лашкараш шубҳа накард. Лаънат ба писари Филипп мефиристод, ки кори душманро саҳл шуморида, худ ба дигар ҷониб рафт ва ӯро дар бало андохт. Даст аз ҷони ширин шуст. Боз Пелиперхонт ба хотираш омад. Модару хоҳари ӯро бо бадӣ ёд кард, ки бо як дастаи хурди Вастан андармон шуда, муҳорибаи асосиро ба ӯ вогузошт. Ҳар замон нидо медод: «пароканда нашавед, сафҳоро нигаҳ доред, ёрӣ мерасад!

Ана дар ҳамин лаҳзаи барои ӯ фоҷиабор садои дуҳули ҷангӣ ва шайпурҳои лашкари Пелиперхонт баланд шуд.

### Шикаст

Шикасти Кратер барои Пелиперхонт аён бошад ҳам, шитоб намекард. Сипоҳи ӯ оҳиста омада, саф бастанд. Бо нигоҳ ба вазъият ошно шуд. Корашро хуб медонист, гурги борондида буд. Вастан бо дастони баста аз қафои ҷанговари саворае меомад. Ӯ сахт монда ва ташна гашта буд. Тамоми тӯли роҳи дароз фақат як бор ба ӯ об доданд. Бо вуҷуди хастагӣ шикасти юнониҳоро дида, қоҳ-қоҳ зада хандид. Пелиперхонт теғи нигоҳ сӯяш кашида, лаҳзае шах шуд, баъд рӯ ба лашкар оварда фармон дод: саф кашед! Зуд дастаи сипардорон ба пеш баромада, саф баста девори оҳанин сохтанд. Аз пушти онҳо сафи тирандозон саф бастанд. Пушти онҳо найзадарозон. Ба пеш! Фармон дод сарлашкар. Сипоҳ ба ҳаракат даромад. Сипоҳи Кратер нерӯйи тоза гирифта, нидои шодӣ баланд карданд. Задухӯрд ба маротиб шадид гардид. Аспи бодпойи Гулибодоми Катан ба ду пой рост шуда, аз даҳон кафк бароварда, бонги дилхарош бароварда аз издиҳом берун шуд. Дастаи саднафарии Бразан аз қафояш. Дар ҳоле, ки боқимонда саворон ва пиёдагони тахорӣ мавқеи юнониҳоро танг карда буданд, сипоҳи савораи Катан ва Бразан ба сари сипоҳиёни атрофи Кратер тохтанд. Ин нақшаи навбатии Катан буд. Мехост қабл аз наздик шудани сафҳои сипоҳи Пелиперхонт бо як ҳамлаи барқосо кори Кратерро тамом кунад. Дастаи ҷаррори Катан бо тамоми нерӯ ба сафи пеши сипоҳиёни атрофи

Кратер заданд. Саф пароканда шуд. Баъди он, ки Катан боз қариб 10 нафари дигарро оғӯштаи хун кард, Кратер дигар пинҳон шуданро бемаънӣ дониста, аспашро сӯйи Катан давонд. Найзаи партобкардаи ӯ ба нишон нарасид. Аз гарди роҳ тахорӣ зарбаи ҷонкоҳе бо шамшер ба сари Кратер зад. Ӯ сипар бар рӯй кашид. Аз зарби задаи Катан тамоми рагу пайванди юнонӣ ба дард даромад. Катан моҳирона шамшерро баргардонида ба миёни Кратер зад, ҷавшани пӯлодин ӯро ҳифз кард, аммо аз болои зин парида рафт. Ҷанговари бузургҷусса ба замин афтида ғубори майдонро ба само хезонд. Катан ба болои ӯ асп давонда зарбаи дигар зад. Ҳама гумон карданд Кратер ду нима шуд. Аммо баъди лаҳзае «визареша» аз байни гарду ғубор бархоста, бо чеҳраи аз тарс даҳшатнок ба тарафи саворaҳои худ, ки ба кӯмаки ӯ мешитофтанд, давид. Дар ҳамин асно сафи ҷангиёни Полиперхонт расида омаданд. Камаш 20 қадам дуртар бозистоданд. Тирандозон ҳама ба як бор тир холӣ карданд.

Ҳудуди 20 тахорӣ ҳадафи тир гашта ба замин афтиданд. Чанд нафари онҳо Катанро ба нишон гирифта буданд. Катан таъқиби Визарешаро мавқуф гузошта, сипар бар рӯй кашида, худро муҳофизат кард. Сафи дуюми тирандозон аз пушти сипарҳои дароз дигарбора тир андохтанд. Боз тақрибан ҳамин миқдор тахориҳо ба замин афтиданд. Тахориҳои маҷрӯҳе, ки дигар қудрати муқовимат надоштанд яроқҳои дастрасашонро гирифта, худро ба ҳалокат мерасониданд. Бразан бо нидои махсус ба тирандозони тахорӣ фармуд саф банданд. Сафи аввали тирандозони Пелиперхонт омодаи тирпарронӣ шуданд.

Сипарҳои дароз хам шуданд. Қабл аз он, ки тирандозони юнонӣ аз паси сипарҳо тир холӣ кунанд, тирҳои партобкардаи тирандозони Бразан анқариб 25 юнониро ба мулки Аид фиристоданд. Баъди ин, Катан аспашро баргардонида ба сафҳои пеши сипардорон ҳуҷум кард, сипоҳ аз қафояш. Лашкари Полиперхонт ба ду нима шуд. Худи ӯ, ки дар қалби сипоҳ қарор дошт бо Катан рӯбарӯ шуд. Муҳориба байни ду сарлашкар оғоз шуд. Аз бархӯрди шамшерҳои пӯлодин шарора ба само бархост.

Ҷанговарони ҳарду ҷониб аз онҳо дур шуда, муҳориба ме-

карданд. Зарбаи бо найза задаи Катан юнониро аз асп ба замин афтонд. Байни хоку хун Полиперхонт даст ба шамшери афтидааш бурда буд, ки зарбаи задаи Катан сарашро аз бадан ҷудо кард. Аммо сар ба замин наафтид, балки овезон шуд. Хун аз ҷойи бурида фаввора зада баромад. Катан наъра зад: Хур-р-р.

Лаҳзае ҷанговарони атроф даст аз ҷанг боз дошта ба садо гӯш доданд. Нидое буд барои юнониҳо даҳшатангез ва барои тахориҳо пурнишот. Кратер аз ҳалқаи муҳофизон баромада, чашм ба он сӯ давонд. Ҳамин дам Бразан вазъияти қулай дарёфта, аз камони дурпарвози худ хуб ба нишон гирифта, аз масофаи хело дур тири ҷонкоҳе ҷониби Кратер партоб кард. Тир ба камари ӯ расида, то пайкон ба баданаш нишаст. Кратер нолиш карда, хам шуд. Ҳанӯз садои наъраи нишоти аввал ба охир нарасида, нидои пурнишоти Бразан баланд шуд. Душман ба таҳлука афтод.

Бо вуҷуди зиёд будани теъдоди душманон тахориҳо тавонистанд хело бештари онҳоро кушта, шуморашонро ба худ қариб баробар кунанд. Маҳорати ҷангии юнониҳо бештар бошад ҳам, ҳисси ватандӯстӣ ва ташнагии интиқом, ангеза барои тахориҳо гашта буд. Бими шикасти сипоҳи юнониҳо ин бор ҳам ба миён омад.

Дар ин задухӯрд касе аз тахориҳо ба назди Катан омада, аз асорати Вастан хабар дод. Ӯ фавран дастаи яккачини дусаднафараи худро гирифта, муҳорибакунон ба он ҷониб шитофт. Даҳ ҷанговари юнонӣ Вастанро, ки дастонаш баста буданд, муҳофизат мекарданд. Дастаи ҷанговарони ҷаррори Катан хело ба Вастан наздик омада буданд, ки садои таблҳои ҷангии сипоҳи ба тозагӣ расидаи юнониҳо зери фармондеҳии Менелайи юнонӣ ва Фарнухи бохтарӣ баланд шуд. Ин сипоҳи шашҳазорнафараи Артабоз буд, ки ба ёрии юнониҳо омад.

Сипоҳи маҷрӯҳу хастаи тахориҳо дигар ёрои муқовимат надоштанд. Катан фармуд сипоҳ ҷониби кӯҳҳои наздиктарин ҳазимат кунад. Тахориҳо ҷангкунон ақибнишинӣ карданд.

Баъди як соати дигар ҳама ба фарози кӯҳ баромаданд. Офтоб пушти қуллаи кӯҳи Шӯр пинҳон шуд. Ин кӯҳе буд дар қисмати ҷанубу шарқии Навток, дар он сӯйи дарёи Оксус. Ин

дарёи баҳорон сероб ҳам оқибат рафта ба дарёи Оксуси бузург ҳамроҳ мешуд. Тамоми муддати задухӯрд, ки домани сипоҳ то ба ду тирпартоб аз дарё дур буд, садои ғурроси ин дарё ба гӯш мерасид. Ин садо барои тахориҳо ошно буд, аммо ба гӯши душман ҳамчун садои таҳдидкоронаи мотам мерасид.

### Суғд мотам дорад

Шайпурҳои анҷоми корзор садо доданд ва юнониҳо дар майдони васеъ хайма заданд. Шаб фаро расид. Ҳама ҷо ва ҳама кас ором шуд. Ту гуфтӣ рӯзи дароз ҳеҷ корзоре набудӣ, балки Суғди Муқаддас, аниқтараш Тахористони сердолу дарахти он ва заминҳои зархез ба хоби ноз рафтаанд, мисли 6 соли пеш аз ҷанг. Гӯё модарони боиффат ва закии Суғд пушти гаҳвораҳои фарзандон ба ҷойи суруди алла навои мотами Ватанро намехонданд. Гӯё на Спитаман буду на Вахшунварт, на Арти диловар буду на Рустам ва на ҳатто Бобак, ки ҳамагӣ ду рӯзи қабл бо наварӯсаш дар бораи хонаи обод сухан мекарданду умеди таваллуди фарзандро доштанд. Тасмим доштанд, агар бача шавад ба хотири Хурдак-Авасто Хурдакаш ном гузоранд. Ӯро бобояш Катан қабл аз таваллудаш ном гузошта буд. Бобо гуфт, ки агар духтар таваллуд шавад ба исми духтари Спитаман Апама номаш гузоранд. Ба саломат ва ба изни Аҳуро – худои якто ва тавоно ва паёмбари ӯ Спитама – Зардушт, таваллуд кард, аммо на имрӯз дар ин майдони пур аз дасту пойи бе бадан ва сарҳои беҷон, балки хело дертар, бо расидани солу моҳаш.

Дар асл, имшаб шаби ҳавлангез аст. Хешу таборони наздик дар майдон байни мурдаҳо ва маҷрӯҳон бародар, падар ва хешони наздики дигари худро меҷӯянд. Ба кадом маҷрӯҳе об медоданд, хоҳиши каси дигарро дар мавриди куштану аз азоби дард халос кардани ӯ ба анҷом мерасониданд. Яке хешашро дарёфта дид, ки ҷароҳаташ вазнин асту дигар умеди зинда мондан надорад.

Сарашро дар канор гирифта, замоне бо ӯ мегирист ва ба дасташ дашна медод, то худро бикушад. Дигарӣ чун медид, ки каси наздикаш ҷароҳати на он қадар вазнин бардоштааст, ӯро пушт карда ба доманаи кӯҳ мебурд. Ҷароҳаташро баста ба

наздаш обу нон ва хӯрдании дигар мегузошт, то рӯзи дигар худиҳо аз шаҳр омада, ӯро баранд. Мусибатзадагони тахорӣ ва юнонӣ дар ин шаб коре ба якдигар надоштанд. Душманони рӯзро, мусибат шабона хешони наздик карда буд.

Суғдиён мотам дошт. Суғдиёне, ки замоне ҳудуди 52 шаҳри обод дошту камаш 100 оташкадаи хурду бузург. Дар ин шаҳрҳо садҳо ҳунар, аз ҷумла, кулолгарӣ, оҳангарӣ, матоъбофӣ ва тиҷорат ривоҷу равнақ ёфта буд. Аз тамоми гӯшаву канори дунё мардум, барои дарёфти ҷойи кор ва зиндагии муносиб ба ин ҷо меомаданд. Урфу одати мардуми таҳҷоиро қабул мекарданд, динашро мепазируфтанд, ҳатто баъзеи онҳо мубадони бузурги куништ мешуданд ва посдорони оташи абадӣ, аммо омезиши хунашон бо хуни ориёии мардуми Суғд баробар ба ҷиноят буд. Дар садҳо маъбади ободу зарҳалин мардум ибодат мекарданд ва илм меомӯхтанд. Суғдиён мотам дошт. Аммо на мотами маҳвшавӣ ва ғасбшавӣ, балки мотами анҷоми муқовимат. Ҳатто шикасти Бабри биёбони Суғд – Спитамани диловар 12 қабилаи бонуфузи суғдиҳоро рӯҳафтода накард. Ҳамагӣ ба муҳорибаи навбатӣ омода мегаштанд ва ба ин умед мезистанд. Аммо он замон кас намедонист, ки нерӯйи ин мардуми шуҷоъу диловар абадӣ нест.

Замоне мерасад, ки аҷдодони ин мардуми ориёӣ шикастарӯҳ ва нотавону бечора мешаванд. Оқибат шиори онҳо «нимтаи нон – роҳати ҷон» ва «гардани пастро шамшер намебуррад» мегардад. Аммо на имрӯз ва на дар ин ҷо. Ин мардуми ориёӣ имрӯз, барои нимтаи нони худ мубориза беамон мебарад, фардо дар майдони ҷанг доди мардиро хоҳанд дод. Барои ҳар ваҷаб замини муқаддаси Ватан мубориза беамон хоҳанд бурд. Ҳамин ҷо, дар майдони набард исмашонро дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфи заррин хоҳанд навишт. Баъди қатли оми саги зард – писари Филиппи хунхор ва фоҳишаи соҳири Афина – Олимпиада – Александри хунхор ҳам, ин мардум нахоҳад мурд. Гарданашро ҳам зери шамшери душман нахоҳад гузошт. Кӯдакони Суғд, барои абад рӯйи башараи чӯбини Александр машқи тирпарронӣ хоҳанд кард.

## Тадбири Катан

Боқимондаҳои лашкари Вастан ва фидоиёни Бобак баъди шикаст аз дасти Полиперхонт рӯзи дароз ҳаракат карда, шабона ба сипоҳи Катан пайвастанд. Катан фармуд ҷароҳатҳояшонро баста, шикамашонро сер кунанд ва касе, ки қудрат дорад омодаи муҳориба бошад. Аз марги Бобак хабар ёфта, қалбаш ба дард даромад, ғалаёни яъсу ноумедӣ вуҷудашро фаро гирифт. Ҳама гумон карданд, ки Катан ба навҳа медарояд, оби чашмаш мерезад, аммо ӯ гӯё ором буд. Хабари шумро шунида, оромона аз атрофи гулхан бархоста дур рафта, болои санге нишаста, сукут кард. Чун пораи кӯҳе аст сарду беҳаракат. Гиряашро касе надид. Фақат рӯзи дигар бо дамидани субҳ чашмони сурхаш гувоҳи гиряҳои Катани фӯлодин буд. Имшаб бошад ӯ ба ҷуз омода кардани сипоҳ ва нақшаи муҳорибаи фардоро кашидан боз кори дигаре дошт, ки монеъи ҳама гуна фикрҳои ғайр мешуд. Ӯ бояд аз ҳоли шаҳр хабар мегирифт. Ҳазор нафар муҳофизони шаҳр ҳамроҳ бо занону пирони шаҳр бояд онро то қатраи хуни охирин муҳофизат кунанд. Ҳама хуб медонистанд, ки барои лашкари ҷарроруу хунхор ва ҷангдидаи юнонӣ кушодани дарвозаҳои Навток мушкил нест, балки кори ҳамагӣ якрӯза аст, аммо муҳим онро бе муҳориба надодан аст. Ин барои мардуми ориёӣ шармандагии бадтар аз марг аст. Катан, Бразан ва дигар сардорони сипоҳро ба машварат хонд. Ӯ хуб медонист, модоме, ки Александр аз қудрати онҳо бохабар аст ва хуб медонист, ки ҳамагӣ як легион қудрати муқовимат бо сипоҳи ӯро дорад, пас маълум мешавад байни лашкариёни ӯ ҷосусони Александр ҳам ҳастанд. Онҳо дар бораи теъдод ва қудрати лашкари ӯ ҳар соат ба юнониҳо хабар мебаранд. Агар ӯ нақшаи муқовимати фардоро кашад, ҳатман ба Кратер маълум мешавад. Бинобар ин, ҳиллаеро ба кор бурд, ки то ин дам касе аз он кор нагирифта буд. Ҳамаро ба машварат хонда дар бораи шабехун сухан кард. Ин барои Бразан барин ҷанговари ботаҷриба аҷиб буд, чунки хуб медонист, ки лашкар ҷиҳати хастагӣ қудрати шабехун заданро надорад, аммо дар ҳузури ҳамагон ҷуръат накард ин нуктаро ба сарлашкар бигӯяд. Катан ҳам ҳатто дар нимторикии шаб дар рушноии бахили

гулхани нимаҷон ба чашмҳои Бразан назар карда, фикрашро хонд. Аммо хуб медонист, ки дар ҷамъи ҳамагон Бразан аз ӯ чизе нахоҳад пурсид, балки ин корро дертар, дар танҳоӣ хоҳад кард. Бинобар ин, бемалол тарҳи нақшаи шабехунро пешкаш кард. Мувофиқи нақша, бояд бо ҳудуди 300 нафар савора аз шимол ба лашкари душман шабехун занад. Ба сарварони даста, ки 6 нафар буданд, фармуд саворони боқувваттарро дар муддати ду соат омода кунанд, то он замоне, ки лашкари душман осуда ба хоби ноз меравaнд. Ин аввали шаб буд. Ҳама пароканда шуданд. Худ дар назди гулхан танҳо монд. Бразан баргашта омад. Сардор ҳам маҳз ӯро интизор буд. Дар рӯбарӯяш нишаста, суоломез ба ӯ нигоҳ кард.

– Мефаҳмам Бразан, чиро пурсиданӣ ҳастӣ. Гумон дорӣ, ки ман намедонам, ки бо ин лашкари хастаю маҷрӯҳ шабехун задан имкон надорад? Медонам. Мо шабехун намезанем. Аниқтараш, танҳо ту ҳамроҳи 5 нафари дигар шабехун мезанӣ. Бразан бештар дар ҳайрат афтод.

– Ту бояд имшаб аз ғарб оҳиста ҳаракат карда ба сипоҳи душман бипайвандӣ ва Вастанро наҷот диҳӣ. Ӯ худ танҳо қудрати як сипоҳро дорад. Фардо дар майдони муҳориба, барои ман Вастан лозим аст. Ӯ бояд дар майдони ҷанг фардо шамшер занад ва нерӯйи лашкарро бедор созад.

Бразан ба нақшаи оқилонаи сардор сарфаҳм рафта, табассум кард. Баъд оҳиста гуфт, ки иҷозат деҳ равам. Алҳол не, Бразан, бимон, то ҷосуси Саги зард хабари шабехунро ба қароргоҳи Кратер барад, то ҳама таваҷҷуҳро ба самти шимол ҷалб кунад. Бигзор лашкариёнаш, то саҳар оромиро фаромӯш кунанд. Дар ин сурат бо Вастан ҳамагӣ чанд посбон мемонад. Нобуд кардани онҳо саҳл аст. Қамишзори атроф ба мо кӯмак мекунад. Бехобӣ кашидани сипоҳи душман ҳам ба фоидаи мо аст.

– Хуб шудааст, сарвари ман, – гуфта равон шуд.

– Исто, Бразан. Ҷосусро шинохта гир, бубин ки кӣ меравад, бигзор равад, монеъ нашав. Баъди ду соати рафтани ӯ ту меравӣ. Қабл аз рафтани худ исмашро ба ман мегӯӣ.

– Хуб шудааст, сарвари ман, – гуфта, Бразан дар торикӣ ғайб зад. Бразан баъди ним соат гашта омад. Гуфт, ки сипоҳи

моро яке аз сарварони даста – Моҳак тарк гуфт. Дигарон ҳама дар ҷойи худанд.

– Гӯш кун, дӯстам, – гуфт Катан, – ту баъди расо якуним соати дигар ба роҳ мебарой. Ман бояд аз ҳоли шаҳр хабар гирам. Агар тавонам дар бозгашт бо самти ҷануб ҳаракат карда меоям, шояд ба шумо кӯмак расонам.

– Лашкарро бесоҳиб мемонем, сардор?

– Ҳа, аммо ман ва ту ҳам пинҳонӣ меравем. Гӯё лашкаргоҳро тарк накардаем.

– Фаҳмидам, сардор, – гуфта Бразан равон шуд. Чанд қадам дуртар рафта, маҳзунона ба сардор нигариста, оҳиста гуфт: – Сардорам, дар паҳлӯйи ту шамшер задану ватанро муҳофизат кардан шараф аст! – Сардор чизе нагуфт.

Оҳиста бархеста ба хайма даромад.

Баъди чанд дақиқа хафтон ва баргустувон дар тан аз хайма берун шуда, аспро аз пушти хайма аз тавила кушода, оҳиста ба поёни кӯҳ ҳаракат кард. Аз рафтани ӯ ба ҷуз посбони ҳамон самт касе дарак наёфт. Бразан ҳам дар вақти муайян, ҳамроҳи 5 ҷанговари тавонои дигар, пинҳонӣ лашкаргоҳро тарк гуфтанд. Дигарон ҳама мунтазири фармони сардор дар мавриди шабехун шуданд.

## Шабҳои Бобакон

Қурси зарҳалини моҳтоби пурраи фарвардинмоҳи соли 327 аз пушти теппаҳо баромада истода, рӯйи боми хонаҳои сокинони яке аз ободтарин шаҳри Тахористон – Бобакон рушноӣ меандохт.

Навои суруди беохир ва маҳзунонаи барги сарвҳои ду канори роҳи марказии шаҳр, гӯиё суруди алла барои мардум мехонданд. Садои шавшуви дарёчаи мавсимии дар ин фасл сероби маркази шаҳр бо суруди баргҳо ҳамовоз шуда, каме онро шавқмандтар мегардонид. Ба ин садо суруди паст, вале пурзавқи қурбоққаҳо – булбулони шабистони ботлоқзорҳои қисмати ғарбии шаҳр ҳамовоз мешуд. Вале ин садо хело пасттар аз ду суруди аввала буд, чунки ботлоқзорҳо дур аз маркази шаҳр воқеъанд.

Алҳол шаб нисф нашуда бошад ҳам, ҳама ба хоби ноз

рафтанд. Кӯдакони синни то 10-сола дар хотир надоштанд, ки 5 соли пеш чӣ гуна дар ин фасл то нисфи шаб мардум хобро фаромӯш карда, ҳамроҳи аҳли хонавода атрофи гулханҳои афрӯхта рақсу бозӣ мекарданд. Ҷавонон аз теппаҳои атрофи шаҳр гули сиёваш чида, ҳалқа бофта ба сари гулдухтарони дӯстдоштаҳои худ мегузоштанд. Ин маънии онро дошт, ки духтар банд аст ва касе ба ҷуз дӯстдоштааш ҳуқуқи ба хонаи онҳо хостгор фиристоданро надорад. Гашту гузори ҷавонон озод буд. То нисфи шаб атрофи гулханҳо шодӣ мекарданд ва барои зиндаю саломат аз зимистони сард баромадан ба Аҳуро дуруд мегуфтанд. Нидои марғуладори «Аҳуро зша хизва» то ба теппаҳои атроф паҳн гашта, акси садо медоданд.

Аммо дар асл муддати шаш сол боз Тахористон ноором аст. Аз рӯзи ба хоки муқаддаси Суғд қадам гузоштани урдуи юнонӣ мардум хобу оромро аз даст додаанд. Вазъияти ҷангӣ дар сартосари Суғдиёни паҳновар, ки аксарияти дунёяш мегуфтанд, ҷорӣ буд. Кишоварз барои ҷанговарон кишт мекарду музадӯз музаи ҷангӣ медӯхт, оҳангар шамшер месохту модари суғдӣ мардони корзор мезод ва пушти гаҳвора ба ҷойи аллаи муқаррарӣ суруди абадии нангу мардонагӣ месуруд. Ҳама ҷо муолиҷахонаҳо ба чашм мерасиданд, ки занҳои кордида маҷрӯҳони майдони корзорро табобат мекунанд ва дигарбора ба ҷанг мефиристоданд.

Кас намедонист, ки ин занҳои матинирода чӣ қадар ҷанговарро барпой гузошта ба ҳимояи Ватан гусел кардаанд. Ҳам худ дар хотир надоранд, ки кай орому хотирҷамъ дар оғӯши гарми шавҳарон шабро рӯз кардаанд. Ё кай бе ташвиш гаҳвора ҷунбонида бошанд. Балки фарзанд – муҳофизи Ватан мезоянду дастаи гаҳвораро ба дасти фарзандони бузургтар супорида, худ ба майдони корзор мешитобанд. Кишт мекунанду медӯзанд ва мепазанду месозанд. Фақат ҳангоми маконидани кӯдакон аз лабханди ширини онҳо лаззат мебаранд.

Бо ин ҳама, кас намедонад ин ҳол то кай давом мекунад, кай азобу уқубат поён меёбад. Бисёриҳо акнун зиндагии осоиштаро фаромӯш кардаанду аз зиндагӣ барои ҳимояи Ватан лаззат мебаранд.

Сарҳанг – Моҳуи якдаст интизори баромадани моҳтоб аст,

то бори дигар дар рушноӣ дидбонгоҳҳоро аз назар гузаронад. Бо роҳрав вазнин қадам монда, имшаб маротибаи шашум болои девор мебарояд, то як бори дигар аз аҳволи посбонон хабар гирад. Ӯ як бор дар Мароқанд заҳри ғафлатро чашида буд. Он вақт вазифаи сардори дастаи хурди посбононро иҷро мекард. Он шаб ҳамагӣ ду соат хобаш бурду сахт пушаймон шуд. Даҳ нафар сипоҳиёни ҷаррори легиони сарлашкари Александр – Птоломей аз хоби яке аз посбонон истифода бурда, нардбони дарози сабук болои девор монда, баромаданд. Шояд ба хотири кушодани дарвозаи шарқии шаҳр. Посбонро куштанд. Аммо посбонбаччаи саккоӣ қабл аз мурдан фурсат ёфта, садо баровард. Аз ҳавли ҷон буд ё қасдан, барои бедор кардани дигар посбонон, кас намедонад. Садоро шунида, Моҳу бедор шуд. Оҳиста ба болои девор баромада, меҳмонони нохондаро дид. Наъра зада ҳамаро бедор карду худ шамшер баркашида ба онҳо дарафтид.

Дуяшонро кушта буд, ки дигарӣ бо лагад зада ӯро аз болои девор ба замин афтонд. Посбонон дигаронро куштанд, аммо устухони поёни миёни Моҳу боз ду ҳафтаи дигар дард кард. Аз ин дард дида, тири нигоҳи ғазаболуди Бабри биёбони Суғд – Спитаман, ки муҳофизати шаҳр бар ӯҳдаи ӯ буд, дардноктар шуд. Вақте гуфтанд аз мавзеи муҳофизати ҳамин сарҳанг душманон гузаштанд, теғи нигоҳ ба рӯйи ӯ кашид. Аммо чизеро дарк карда, гузашта рафт. Шояд аз чашмони шармини Моҳу дид, ки бе ҳукми ӯ ҳам гирифтори азоби виҷдон аст? Боз кӣ медонад, Спитаман, ки юнониҳо Спитамен ва Александр Спантаманоаш мехонданд барои суғдиҳо ва барои душман низ пешгӯинашаванда набуд. Моҳу болои девор, ки қариб се метр паҳноӣ дорад, қадам зада аз ҳоли посбонон хабар гирифт. Ҳама ҳушёр буданду бедор.

Баъд ба поён фаромада буд, ки касе хабар дод: яке пушти дарвозаи шаҳр истода, мегӯяд Катан аст. Аз шунидани ин хабар Моҳу якбора ҳушёр шуда пурсид:

– Ту чӣ, Катанро намешиносӣ?

– Мешиносам, сардор, аммо дар рӯз.

Моҳу зуд ба назди дарвоза расида нидо дод, ки кистӣ?

– Дарвозаро кушо Моҳу, манам, Катан.

Овозашро шинохта Моҳу зуд дарвозаро кушод. Ҳарду гарм вохӯрӣ карданд. Моҳу аз вазъият пурсид. Катан бо чанд калима гуфта дод, баъд аҳволи шаҳрро пурсид. Моҳу қадамзанон сӯйи манзили Катан сарлашкарро бо вазъ ошно сохт. Баъди чанд қадам мақсади Моҳуро пай бурда, сарлашкар бозистод. Гуфт, ман вақти фарзандонамро дидан надорам, ба қароргоҳи муҳофизон меравем, лашкар бе сардор аст.

– Чи тавр, оилаатро дидан намехоҳӣ?

– Мехоҳам, аммо наметавонам, гуфтам-ку фурсат надорам, роҳ гард. Ҳама лашкариён мехоҳанд фарзандонашонро бинанд. Ман беҳтар аз онҳо нестам.

– Катан, духтарчаат Ноҳид туро сахт пазмон шудааст. Сиёваршан ҳам ҳар рӯз ба назди ман омада аз ту мепурсад. Чанд маротиб хост ба наздат биравад, намондам.

– Медонам, дӯстам, медонам, ман худам ҳам онҳоро сахт пазмон шудаам. Ҳама мехоҳанд пайвандонашонро бубинанд, ман аз онҳо беҳтар нестам. – Овози сардор ларзиду хомӯш шуд. Дигар ин мавзӯъро идома додан, барои Моҳу низ зиёдатӣ шуд.

Бобакро куштанд, якбора гуфт Катан. Хабар барои Моҳу ончунон ногаҳонӣ ва шигифтангез буд, ки пойҳояш беихтиёр аз рафтан бозмонданд. Мисли кӯҳе дар ҷой шах шуда, то дер гоҳ истод. Ӯ дигар ҳиссиёти навҳа кардан, ё ҳатто гиристан надошт.

Хабари ногаҳонӣ на ба дилаш кора карду на ба майнааш. Ӯ худ надонист, ки чаро пойҳояш худ аз кор монданд. Баъди чанд лаҳза, ягона дасташро ба рӯяш бурд. Дар нимторикӣ Катан надонист, ки ӯ бо ин даст ашкашро пок кард, ё биниашро.

– Дар ҳар сурат, Моҳу, – ба гап даромад Катан, – зан ва фарзанди ӯро дарёб. Мегӯянд Ҳумой ҳомиладор аст. Гуфтанд, ки модари ту ҳам ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекунад.

Моҳу боз хомӯш буд.

– Касеро ёб, ки рафта писарарӯсамонро ёфта, фарзандашро, агар писар бошад муҳофизат кунанд, то бузург шуда, интиқоми падари ҷасурашро гирад. Ӯ насли сеюми муборизони роҳи озодӣ хоҳад буд.

Якдаст базӯр аз қайди андӯҳ худро раҳонида, мавзӯи

суҳбатро ба дигар тараф гардонид, балки дар бораи дастаи «Гурбаҳо» гап кушод. Катан ба дастаи навҷавононе, ки иборат аз 100 нафар буданду ҳамагӣ 13-15-сола, чунин унвон гузошта буд.

– Омодаанд, сарвари ман, маҳорати хуби ҷангӣ доранд. Мехоҳӣ онҳоро ба наздат бифиристам?

– Не Моҳу, чиҳо мегӯӣ, онҳо ҳанӯз кӯдаканд. Тобу тавони зарбаи мардони ҷангиро надоранд. Онҳо баъди сари мо муқовимат хоҳанд кард, то пурра рондани аҷнабиҳо ва пок сохтани Суғди Муқаддас.

– Пас, Спитаманро ҳамроҳ гир!

Катан аз рафтан боз монда, лаҳзае дар ҷояш шах шуд. Ба қафо гашта ба Моҳу бо чашмони ҳайратзада нигарист. Киро?

– Спитаманро, сардор. Як навҷавони ман чунин ном дорад, ӯ аллакай ҷанговари хуб шудааст. Чанд бор хоҳиш кард ба лашкаргоҳ равад. Сахт мехоҳад туро бубинад ва аз ту ҳам машқи шамшерзанӣ биомӯзад, 16-сола аст.

– Мехоҳам ӯро бубинам.

– Болои девор ҳамроҳи посбонон аст, ҳоло мефиристам.

Моҳу ҳамаро бедор карда ба саф рост кард. Катан ҳамагӣ на бештар аз фурсати як пиёла чой нӯшидан сухан кард.

– Дӯстон, шояд фардо душман ба назди дарвозаҳои Бобакон биёяд. Ҷанговарони беруни шаҳр доди мардиро доданд. Нисфи лашкари душманро нобуд сохтанд. Акнун навбати шумо. Бешак, агар Кратер шаҳрро дар ду-се рӯз ишғол накунад Александр боз аз Бохтар нерӯҳои иловагӣ мефиристад. Инро шумо ҳам медонед. Вазифаи шумо муҳофизати шаҳр ва ҳарчӣ бештар куштани душманон аст. Имрӯз ҷойи нангу номус аст. Ҷони мо ширинтар аз ҷони Спитаман, Вахшунварт ва Рустам нест. Онҳо номи қабилаҳои суғдиро, барои абад дар саҳифаи таърих бо хатти заррин навиштанд. Шумо бикушед, ки онро доғдор накунед! Аҳуро мададгори шумо!

Баъд бо нигоҳаш Моҳуро ҷуста, ҷониби аспаш равон шуд. Дар рушноии маҳтоб симоеро дид дар назди асп истода, ба китфаш ҳарири сафед. Пай бурд, ки ин Спитамани гуфтаи Моҳу аст.

Тахмин кард, ки аз Моҳу шунидааст, ки либоси муқарра-

рии Бабр ҳамин порчаи ҳарир буд аз болои ҷавшан ё бе ӯ дар лаҳзаҳои фориғ аз муҳориба ва ба ӯ тақлид мекунад. Дар ҳақиқат ҳам, қадду басти ин навҷавон сахт ба Спитаман монанд буд. Шояд Бабр дар навҷавонӣ шабаҳи ӯ будааст? Спитаман чанд қадам ба пеш гузошта, наздик шуда, вохӯрӣ кард: дуруд ба Катан, марги истилогарон!

– Дуруд ба Спитаман! – Бо лабханд гуфт Катан ва наздик шуда, сари ӯро дар канор гирифт.

– Ана ту чи хел будай, Спитаман. Бозувонат ҳам мисли ҷанговарон. Ранги чашмонат чӣ гунаанд, ки дар торикӣ таметобанд?

– Сиёҳ, сарвари ман.

– Ҳеҷ гап не, муҳим ботини Спитаманро дошта бошӣ – пок, бебок, саркашу ғаюр.

– Дорам, сарвари ман, мегӯянд калон шавӣ ранги чашмонат Мисли Спитаман осмонӣ мешаванд.

– Аз ту мешаванд, аммо барои муҳофизати Ватан ва саркӯб кардани душман ранги чашмон ҳар гунае набошад, фарқ надорад.

– Сардор, маро ҳамроҳат ба лашкаргоҳ бубар.

– Ҳоло не, шумо бояд баъди мо муқовимат кунед. Баъди сари мо Ватан бояд бесоҳиб намонад. Шумо онро соҳибӣ кунед. Шумо «Гурбаҳо» то охирин лаҳза ҳамроҳи сарбозон шаҳрро муҳофизат кунед, баъд бо роҳи зеризаминӣ аз пушти занону кӯдакон ба кӯҳистон равед. Дар роҳ агар душман дучор ояд баҳри муҳофизати занону кӯдакон ҳар қадар хоҳед шамшер занед, то мурдан, аммо агар ҳодисае нашавад ба кӯҳистон равед. Заифонро зери ҳимоя гиред.

– Мо шаҳрро аз даст намедиҳем, сарвари ман. Дар ҷанг дилшикастагӣ ба хиёнат баробар аст-ку!

Катан фақат ҳамин дам ҳис кард, ки маҳз ӯ, сарлашкар ба дилшикастагӣ роҳ додааст.

– Дилшикастагӣ нест, ошно, тадбир аст.

– Аммо Моҳу инро дилшикастагӣ меномад.

Ва дуруст ҳам мекунад, каме хомӯш шуда аз дил гузаронд сарлашкар.

– Ман ҳамроҳи занон намеравам, сарвари ман, дар ҳамин ҷо, то охирин қатраи хун мубориза мебарам.

– Офарин, ошно, ту дар ҳақиқат сазовори исмат ҳастӣ, аммо… Спитаман дар ҷанг ба ҷуз зӯри бозӯ аз тадбир ҳам кор мегирифт.

Инро гуфта, Катан сабук ҷаста худро болои асп гирифта, бо нигоҳ боз Моҳуро ҷуст, нопадид буд. Дигар интизор нашуда, сӯйи дарвоза аспро ҳай кард. Ду сарбози олирутбаи дигари савора ӯро гусел мекарданд. Аз яке пурсид, ки фарзандони ман чӣ ҳол доранд. Гуфт мисли ҳама, ҳамсарат мисли дигар занҳо кор мекунад, писарат рӯзи дароз дар машқгоҳ, духтарчаат машғули бозӣ аст.

– Сарвари ман, шояд онҳоро бубинӣ, ба гумонам сахт пазмон шудаанд?

– Не, дигар ягон лаҳза вақт надорам. Катан қабл аз дарвоза берун шудан бо ҳасрат сӯйи хонааш, ки дар масофаи ду тирпартоб аз ин ҷо воқеъ буд назар дӯхт. Ҳанӯз 20 қадам дуртар аз дарвозаи шаҳр нарафта буд, ки аз пушт садои кӯдаке баланд шуд:

– Падар, падарҷон, исто, мо омадем.

Садои ошноро шунида, Катан аз асп парида фаромада ба қафо давид. Кӯдакон ва ҳамсараш Аноҳит ҳама ба оғӯшаш даромаданд. Аноҳит ашк резонда, мегуфт:

– Наход ҷанг туро он қадар сангил кардааст, ки аз майдони марг ба назди дарвоза омада, моро надида дигарбора баргашта биравӣ? Зан сару рӯйи Катанро бӯсида, рӯяшро бо ашки гарм тар кард.

– Бубахш, ҷонам, Аноҳит, фраваша – фариштаи ман, фурсат надорам. Наход гумон кунӣ, ки ман муштоқи дидори шумо нашуда бошам? Ҷанговарони ман ҳама мехоҳанд фарзандонашонро бинанд, аммо имкон надоранд. Ман беҳтар аз онҳо нестам. Худат медонӣ, ки майдони ҷангро тарк кардан хиёнат ба меҳан аст.

Духтарча гоҳ механдиду гоҳ мегирист ва сару рӯйи падарро мебӯсид. Падарро ёд карда буд, мисли дигар кӯдакони ҳамсинни ӯ дар шаҳр. Аз бошишгоҳ то шаҳр ҳамагӣ дусоата роҳ бошад ҳам, кам дидор муяссар мешуд.

Сиёваршан сахт ба китфи падар часпида, хомӯш буд. Дар ҳоле, ки аз қайди дастакони Ноҳид халос нашуда буд, падар рӯ ба писар оварда дар чашмонаш ашкро дида гуфт:

– Наход ҷанговар гиря кунад? Дилшикастагӣ баробари хиёнат аст. Ман гиря накардаам, – бо овози ларзон оҳиста дар гӯши падар гуфт ӯ.

Катан оҳиста кӯшиши аз оғӯши азизонаш раҳо шудан кард. Фурсат надошт, бояд мешитофт, ӯро Вастани асирафтода ва сипоҳ интизор аст. Билохира, тобу тавони кушодани дастакони хурду сафед ва гарми Ноҳидро накард. Фақат сарашро ба қафо карда аз чашмакони зебою хоболуди ӯ бори дигар бӯсида гуфт:

– Ҷонакам, ман бояд равам, тезтар душманонро нобуд созем, баъд ба назди ту меоям, дигар ба ҳеҷ куҷо намеравам.

Билохира кӯдак азизтарин гарданро раҳо кард, аммо садои гиряаш то дер гоҳ ба гӯши падар расид.

– Бобак куҷост? – Дар охирин лаҳза пурсид Аноҳит. Сарлашкар аз ҳама бештар аз ҳамин савол ҳарос дошт. Бояд ҳатман мепурсиданд, чунки ӯ фарзанди хонадон буд. Бародар буду писар.

Падар чунин вонамуд кард, ки нашунидааст. Зан хуб медонист, ки шунидааст. Даст ба китфи шавҳар гузошта, дигарбора бо изтироб саволашро такрор кард. Мард рӯ ба дигар тараф гардонида гуфт:

– Бобак…, Бобак мисли дигарон ҷанг карда гаштааст.

Аз оҳанги сухани Катан чизеро пай бурд, ки дили зан таҳ зад. Катан асп давонда, дигар ба қафо нигоҳ накард. Бод ду қатра ашки чашмашро сӯйи ду баногӯшаш ҷорӣ кард. Азизонаш бо ҳасрат аз қафо ба симои дар торикӣ нопадидшавандаи муқаддастарин шахс барояшон нигоҳ мекарданд ва зери лаб лаънат ба ғосибон мегуфтанд, ки шодиашонро рабудаанд.

Ин охирин дидори онҳо буд бо ин сарбози Ватан, падари азиз, ёри меҳрубон ва шавҳари фарзандон.

Аз пушти онҳо якдаст истода, дар торикии шаб ашки ҳасрат мерехт. Ӯ акнун бо баҳонаи фоҷиаи Катан дар сӯги Бобак мегирист. Балки дилаш ба духтаракаш сӯхт, ки дар синни 18-солагӣ бева монду фарзанди дар батнаш буда, рӯйи падарро надид.

Рӯзи дигар Аноҳити аз ҷавобҳои Катан пуриззтироб, баъди пурсупоси зиёд аз Моҳу хабари марги Бобакро шунид. Дунё дар назараш тор шуд. Сад уволи ҷони модароне гуфт, ки ҳамарӯза фарзандони лахти ҷигарашонро дар ин ҷанг бой медиҳанд. Бо ин ҳама, Аноҳит дар сӯги фарзандхондааш ҳатто баҳузӯр гириста наметавонист, чунки намехост кӯдаконаш огоҳ шаванд. Онҳо Бобакро сахт дӯст медоштанд. Огоҳ мешуданд дилашон мешикаст.

**Вастан, ту беҳуда назистаӣ!**

Шаб аз нисф гузашта буд, ки Катан ба бошишгоҳи сипоҳи душман наздик шуд. Қасд дошт дастаи Бразанро дарёбад, Вастанро раҳо кунанд, пас қабл аз дамидани субҳ ба бошишгоҳ расида, ягон соат бихобанд. Ҳатто худ ба иҷрои ин вазифа боварӣ надошт, аммо хуб медонист иҷрои ин ногузир аст.

Чуноне, ки худ гуфта буд, сарлашкар бо қисмати ғарбии бошишгоҳи душман роҳ пеш гирифт. Он ҷо макони ботлоқзорҳо ва қамишзорҳо ҳастанд, ки барои пинҳон шудан хело қулайянд.

Аз он сӯйи қамишзор рӯди мавсимии Окси дар ин фасл сероб ҷорӣ аст. Билохира ба қамишзор расида, пиёда шуд ва аспро кӯтал карда, аз миёни ботлоқзор роҳ ҷуста, ҳаракат кард. Ҳанӯз ба масофаи як тирпартоб нарафта, садои шавқуну ҳаёҳӯ ба гӯшаш расид.. Наздиктар рафта, садои шамшерзанӣ ва оҳу нолаи маҷрӯҳонро шунид, Ин ба ҷуз Бразан каси дигар буда наметавонад, тахмин кард Катан ва ба асп савор шуда, хело наздик омада, садо дод: – Бразан!

– Бале, сарвари ман, – гуфта Бразан посбони навбатиро аз пой даровард.

Катан ба паҳлӯйи ӯ омада, дар ҳоле, ки шамшер ба шиками посбони дигар зад, пурсид, Вастан куҷост.

– Ҳамин ҷост, мо ӯро аз дарахт кушодем, посбонон огоҳ шуданд, бо дастони баста, ӯ бархоста ба посбонон ҳамла кард. Ҳамин ҷо задухӯрд дорад.

– Вастан! – Нидо дод сардор. – Ин ҷоям дӯстам.

Катан барои кушодани дасти дӯсташ шитофта буд, ки сари

роҳашро ҷангиёни ба тозагӣ расида омада гирифтанд. Вастан бо дастони баста як нафарро зада аз пой афтонд. Дигарӣ хост роҳашро бандад. Сар хам карда аз шамшери задаи ӯ раҳо шуда, бо лагад ба байни пойҳояш сахт зада, ӯро аз пой афтонд ва сӯйи қамишзор бо тамоми нерӯйи боқимонда шитофт. Чанд савор аз қафояш. Катан саворони дар муқобилаш бударо зада аз пой дароварду сӯйи Вастан шитофт. Дар охирин лаҳза як таъқибгар найзаи дар дасташ бударо партоб кард. Найза ба пушти гуреза зада ба қадри ду ангушт дар пушташ нишаст. Қариб дар як вақт шамшери задаи Катан сари ӯро аз танаш ҷудо кард. Бо дигарон дар задухӯрд шуд. Вастан ҷисми маҷрӯҳу хуншорашро базӯр кашида аз байни қамишзор гузашта ба соҳил бурд. Дар рӯшноии маҳтоби пурраи понздаҳрӯза Катан ӯро медид. Сарлашкар мақсади ӯро пай бурда, шамшер зада истода нидо дод:

– Вастан, Вастан, Исто!

Аммо ӯ хуб медонист, ки лашкариёни душман ҳама бедор шудаву ба ёрии дигарон омадаанду ӯ барои Катан бо ин ҷароҳати марговар дарди сар мешавад. Ночор садо дод:

– Гурезед, Катан, ҷон ба саломат баред, фардо қасоси маро гиред! – гуфта худро ба оғӯши мавҷҳои лоёлуди Окси партофта, нопадид шуд. Катан охирин таъқибгари Вастанро кушта, аспро баргардонида нидо дод:

– Бразан, гурезед! Акнун тамоми лашкариёни душман бедор шуда ба ҷойи воқеа шитофтанд. Аввалин ёрӣ ба посбонон баъди қариб 15 дақиқаи задухӯрд расид, чунки тамоми лашкар аз рӯйи гуфтаи ҷосус омодаи ҳуҷум аз шарқ ва ё шимол доштанду дар он мавзеъ камин гирифта буданд. Аз издиҳом ду нафари дигар аз қафои Бразан берун шуда ба қамишзор даромада бо Катан пайвастанд. Душман дигар онҳоро таъқиб накард, чунки хуб медонистанд, ки тахориҳо дар қамишзор мисли моҳиянд дар об. Баръакс, онҳо санъати ҷанг дар қамишзор ва ботлоқзорро намедонистанд. Бо ҳамон дави асп то дамидани субҳ се соат монда буд, ки ба лашкаргоҳ расиданд. Садои суми аспонро шунида, ҳама барпой бархоста ба пешвоз баромаданд. Ҳама ҳайратзада буданд. Катан байни сипоҳ аспро боздошта фаромад. Ҳама гӯш ба ӯ дода буданд,

то аз вазъият ҳамаро огоҳ созад. Як сухани Катан ба вазъият рӯшноӣ андохт:

– Вастан худро ба ҳалокат расонд!

Аз шиддати ҳаяҷон ва ҳасрат тамоми рагу пайванди сарлашкар барҷаста буду бедор. Ба атроф назар карда, чашмаш ба Моҳаки ҷосус афтид. Дар рӯшноии маҳтоб ва гулханҳои афрӯхта, чеҳраи ӯ касифтарин чеҳраи дар тамоми умр дидааш ба назараш намуд. Моҳак худро ноҳин ҷор ҳис кард ва ноху-шиеро интизор шуд. Катан рӯ ба Бразан оварда бо ишораи тасдиқ фақат барои ӯ аён, сар ҷунбонд. Бразан дашнаи дар миёнаш бударо аз ғилоф кашида, ба хоин наздик шуда, бо дасти чап аз паси гарданаш дошта, дашнаро оҳиста ба гӯлӯяш халондан гирифт. Ӯ дасту по зад, аммо аз панҷаҳои қавии Бразан растан номумкин буд. Ҳама ҳайрону зор гоҳ ба ӯ ва гоҳ ба сарлашкар менигаристанд, вале касе ҷуръати гап задан надошт. Моҳак дар лаҳзаи охир чашмонашро сӯйи Катан гардонида бо нафаси хунолуда, бо овози паст гуфт:

– Бубахш сардор, маро бубахш, ба ман ваъда доданд… Хрхрхр.

Аз ҷойи воридгаштаи дашна хун якҷо бо охирин нафаси хоин фаввора зада баромад. Онҳое, ки лашкаргоҳро тарк кардани Моҳакро дида буданд, бе шарҳи иловагии Бразан ё Катан ба вазъият сарфаҳм рафтанд. То субҳ ҳамагӣ каме бештар аз 1 соат вақт монда буд. Ба ҷуз посдорон ҳама ба хаймаҳо даромада, ором шуданд.

## Барои Суғди муқаддас

Қурси зарҳалини миҳр (офтоб) аз пушти кӯҳ баромадан баробар, садои дуҳули ҷангӣ дар лашкаргоҳи тахориҳо ҳамаро бар пой хезонд. Фақат 5 сарбози шабона барои раҳонидани Вастан рафта, бо шумори Катан ба хоб монданд.

Боз як соати дигар касе ҷуръати онҳоро бедор кардан надошт. Баъди он ки ҳама омода шуда саф бастанд, яке ба хаймаи Катан даромада, ӯро садо дод. Катан аз зери болопӯш садо дод, ки хестам. Инро гуфт, то сарбоз берун бароянд. Метарсид, ки чашмони шабона аз гиря сурхшудаашро набинад.

Ӯ хоб накарда буд, балки фурсати муносибро барои мотам гирифтан дар ҳамин болишт ёфт.

Барои сӯги Вастан, дуввумин азизтарин шахс барояш дар майдони ҷанг. Аз лашкар ҳамагӣ каме бештар аз дуюним ҳазор ҷанговари солим боқӣ монда буд, ки 500 нафарашро саворагон ташкил медоданд. Ҳама саф ороста, мунтазири сардор шуданд. Баъди чанд дақиқа Катан савори аспи гулибодоми масту беқарор рӯёрӯйи сипоҳ қарор гирифт.

Ҳама хомӯш шуда гӯш ба ӯ доданд. Фақат садои фих-фихи аспҳо ва духули паст дар лашкаргоҳи душман хомӯширо халалдор мекарданд. Насими форами бомдоди миёнаи баҳор мӯйҳои дарозу сиёҳи Катанро алвонҷ медод. Ба ҷониби рости лашкар рафта ба чеҳраи ҷанговаронаш назар дӯхт. Дар чашмонашон ба ҷуз хастагӣ, ҳисси нафрат ба душманро дид. Ҳамин тавр ба чеҳраҳо назар дӯхта, аввал то охири саф рафт, баъд ба миёна омада истод.

Овози марғуладор ва қавии ӯ дар доманаи кӯҳ акси садо дод:

– Оне, ки бо ярок ба сарзамини мо омад, сазояшро аз яроқ мегирад! Аҷдодони мо тахориҳои ғаюру сарбаланд боре нашудааст, ки ба пешвози душман бо чеҳраи кушод шитофта бошанд. Оне, ки бо мақсади бад ба Тахористон омад, сазояшро дид. Бале, имрӯз мо бо душмани қавӣ сари кор дорем. Душмане, ки нисфи дунёро бе мушкилӣ ғасб карда омад. Аммо мо ифтихор аз он дорем, ки дар ҳамин ҷо, дар Суғдиён сазояшро дид! Қасоси тамоми мамолики мазлумро маҳз мо суғдҳо, аз ғосибони бераҳму ваҳшӣ ситонидем ва инро худи Александри хунхор гуфтааст, на ман! Сиюпанҷ ҳазор ҷанговари ҷаррору яккачинаш дар ҳамин сарзамин аз теғи мо тахориҳо, саккоиҳо, массагетҳо ва яксартҳо кушта шуданд ва туъмаи шағолон гаштанд. Имрӯз садои наъраи ҷанговари тахорӣ қалби Александрро ба ларза меорад. Онҳо аз мо метарсанд. Ва бояд тарсанд! Имрӯз охирин муборизаи мо аст бо душман дар сарзамини Суғди Муқаддас. Охирин имтиҳони ватандӯстӣ ва мардонагист! Имрӯз мо доди мардиро хоҳем дод! Ба пеш! – гуфта буд, ки аспаш бо ду пойи қафо рост шуда, шиҳаи ҳавлнок зада, аз фарози кӯҳ сарозер шуд, лашкар аз қафояш.

Водии фарохи Бобакон ҳама лашкарро ғунҷонид, балки даҳ баробари инро меғунҷонид. Водие, ки замоне ҷойи кишту кор, бозорҳои обод, боғу токзорҳои нодир ва чарогоҳи чорпои бешумор буд. Ин ҷо дар оҳангархонаҳои бешумор ҳунармандон аз оҳан, асбоби рӯзгор истеҳсол мекарданд. Ҳунармандони хуб, оташи оҳангархонаи навсохтро ҳатман аз кӯҳи Муғ ва оташкадаҳои қадимаи Саразм меоварданд. Водие, ки мардумаш умеди ҳама ҷаҳониён буд. Ҳама ихтироот дар ҳамин ҷо тавлид мешуд ва барои инсоният хизмат мекард. Водие, ки ҳама роҳҳои корвонгузари абрешим аз ҳудуди он мегузашт. Имрӯз ин водии зархези байни дарёи мавсимии ғарбии Окси ва кӯҳҳои шаркӣ ҷойи корзор шуд. Водии нангу номус ва матонату мардонагӣ. Садои суми аспонро шунида, Кратер-Визареша фармуд сипардорон ба сафи аввал бароянду найзадарозон аз пушти онҳо ва тирандозон аз қафояшон. Сафҳои саворони тахории ташнаи интиқомро дида, қалби Кратер ба ларза даромад. Ба дарунтари сипоҳ паноҳ бурд. Гумон кард замин зери пойи аспҳои даванда ва сипоҳи ташнаи интиқоми тахорӣ меларзад. Бо фармони Кратер тирандозон омода шуда, нишон гирифтанд. Якбора панҷсад тирандози моҳир зеҳи камонҳоро сар доданд. Чанд савори сафи пеши Катан ба замин афтоданд. Аммо ин бор кор дигаргуна ва на ба коми душман буд. Баъди зарбаи аввал саворони тахорӣ зуд ба ду ним шуда, оҳанги муҳосира кардани лашкари душманро карданд. Кратери ботаҷриба хунсардона, саросема нашуда, фармуд лашкар ба росту чап ду ним шаванд. Қаноти чапро Каллат ва ростро Менелай сарварӣ мекард. Ҳарду ҳам ҷанговарони ботаҷриба ва тавоно буданд. Байни ду гурӯҳи душман роҳраве ба андозаи 10-15 қадам пайдо шуд ва калонтар шудан гирифт. Баъди чанд лаҳзаи дигар дастаи пиёдагони тахорӣ ба роҳрав даромада, ҳамаро ба таҳлука оварданд. Задухӯрди шадиде оғоз шуд. Шарар аз бархӯрди шамшерҳо бархост. Бонги аспҳо ва наъраи мардони корзори тахорӣ ба само печид. Катан пешопеши сипоҳ ба тарафи рости сипоҳи душман ва Бразан ба тарафи чап ҳамла карданд. Дар як лаҳзаи кӯтоҳ садҳо ҷанговари душман қурбони тирҳои ҳаданги тахорӣ ва шамшерҳои сакоии бурро шуданд. Аспи хатлии беқарору хушзоти Катан

ҳар замон ба ду пой рост шуда, худро ба фавҷҳои нави душман мезад. Худи сарлашкар дуҷониба шамшер зада, сабзаҳои навдамидаи заминро аз хуни душман сероб мекард. Имрӯз ин замин ташнаи хуни душман буд ва инро ҳама дарк мекарданд. Панҷоҳ нафар тирандозони моҳири Бразан дуртар аз издиҳом истода, хуб ба нишон гирифта, тирпарронӣ мекарданд. Онҳо низ баробари саворон ба душман талафоти зиёд меоварданд.

Баъди ду соати муҳорибаи девонавори тахориҳо, Кратер шикастро ҳис карда, сипоҳро ба ақибнишинӣ фармон дод. Ҷангиёни сипоҳи душман аз чанги тахориҳо вораста ба як бор ба ҷануб фирор карданд, Кратер пешопеши сипоҳ. Аз пушт Каллат ва Менелай. Ин ду сарлашкар ва худи Кратер хуни садҳо тахориро рехта, ба лашкар нерӯ мебахшиданд. Кратер савори бодпоеро ба назадаш хонда таъкид кард:

– Чун бод бирав, ба Александр бигӯ, ки ёрӣ бифиристад, камаш 3000 савор! Қосид дар як они воҳид байни гарду ғубор нопадид шуд.

Ҷануб ягона самти гурез буд, чунки аз чап руди сероби Оксии хурд ва аз рост кӯҳҳо роҳро баста буданд. Баъди 5 соати шитобон фирор кардан, лашкари душман, ки на бештар аз 3 ҳазораш боқӣ монда буд ба болооби руди бузурги Окс наздик шуданд. Роҳи гурез баста шуд. Кратер фармуд сафҳоро рост ва низомро барқарор кунанд. Муқовимати шадид оғоз шуд. Дигар роҳи гурез набуд, бинобар ин юнониҳо аз ҳавли ҷон муқовимати шадид оғоз карданд. Боз қариб 1 соати дигар ҷанги шадид идома кард. Ҳарду ҷониб ҳам сахт монда шуданд. Балки бисёриҳо истода интизор мешуданд, ки душман ба сараш ҳуҷум кунаду баъд бо ӯ даровезад. Дигар маҷоли асп давондану дарёб карданро надоштанд. Ҳатто анқариб, барои нафас рост кардан ҳарду ҷониб ҳам қариб 1 соат беҳаракат шуданд. Шояд ҷиҳати хастагии зиёд буд, ки ҳарду ҷониб ҳам даст аз ҷанг бардошта, дуҳули фароғат заданд. Лашкари тахориҳо дар ҷойи будаашон хайма заданду лашкари душман хело дуртар рафта баъд ором гирифтанд. Ҳамин тавр шабро рӯз карданд. Рӯзи дигар бо дамидани субҳ ду лашкари ба хуни ҳамдигар ташна теғ ба рӯи ҳам ниҳоданд. Садои чакко чаки шамшерҳо ва бархӯрди онҳо ба сипарҳо, шингаи ҳавл-

ноки аспони хушзот ва наъраи мардон ба фалак печид. То нисфи рӯз муҳорибаи беамон давом кард. Сипас лаҳзае ҳама ҷо ором шуд. Ҳам ину ҳам он тараф бе фармони иловагӣ ором гирифтанд.

Баъди нафас рост кардан бо фармони Кратер қариб дар як вақт Менелай Катан ва Каллат Бразанро ба ҷанги тан ба тан даъват карданд. Ду лашкари хастаю маҷрӯҳ аз фурсат истифода бурда, дар ҷой истода ба наззора ва дар як вақт ба истироҳати муваққатӣ пардохтанд, то нерӯйи тоза гирифта, боз бо ҳам даровезанд. Ду ҷуфт ҷанговари беҳамто байни ду лашкари хастаю маҷрӯҳ дар масофаи ҳамагӣ 200-300 қадам дуртар аз ҳамдигар ба ҳам даровехтанд. Ғубори майдони хушку бегиёҳи қумзори соҳил ба само печид. Байни ғубор найзаи дарози Менелай пайдо шуд, ки сӯйи Катан дар парвоз буд. Тахорӣ бо як зарби шамшер найзаро рад карда дар навбати худ найзаи кӯтоҳро аз қарбуси зин ба қабза гирифта, партоб кард. Сипар ҷони Менелайро халос кард. Шамшерҳо баркашида ба ҳам дарафтоданд. Садои шамшерзании ҷуфти дуюм низ аз байни гарду ғубор ба гӯш расид. Ба ҳамлаи беамони Катан тоб наоварда, дар ҳоле, ки юнонӣ худро бо сипар пӯшонида буд, аспаш аз шиддати фишор ба қафо қадам зада, ҳаракат мекард. Баъди чанд қадам рафтан асп бозистод. Юнонии ботаҷриба аз ҳавли ҷон дар лаҳзаи охир дар ҳоле, ки бо дасти рост сипар дар даст дошт, аз бари шиками асп бо дасти чап сешохи ҷангии дастакӯтоҳро гирифта, ба шиками Катан халонд. Хун аз ҷойи ҷароҳат ҷорӣ шуд. Садои нишоти лашкари душман ба фалак печид. Катан лаҳзае даст аз кор монда, бо дасти чап ҷароҳатро дошт, то шояд хунаш камтар равад. Аз байни ангуштон хун равон шуд, аммо аз пиндори Катан камтар. Тахорӣ тахмин кард, ки ҷароҳат он қадар жарф нест. Менелай фурсатро ғанимат шуморида ба ҳуҷуми навбатӣ гузашт. Дар лаҳзае, ки Катан бо ҷароҳаташ андармон буд. Юнонӣ аз фурсат истифода бурда, шамшер ба сараш зад. Ӯ сар хам карда раҳо шуд. Ин бор аз дасти юнонӣ гирифта, ҳамроҳи худ ба замин кашид. Баъд дасташро ба тарафи китфаш тоб дода зер кард, то шамшер аз дасташ афтад. Аммо то шикастани даст юнонӣ онро раҳо накард. Садои шарақ шика-

стани банди дастро дар сафи пеши сипоҳ будаҳо шуниданд. Менелай нолиш карда ба зонӯ афтид. Зарбаи дигари Катан бо пой ба шикамаш ӯро лаҳзае беҳӯш кард. Садои нишот аз лашкари тахориҳо баланд шуд. Дар ҳоле, ки хун ба пойи Катан мешорид оҳиста рафта, шамшерро аз замин бардошта омада ба зонӯ зада бо дасти чап манаҳи юнониро бардошта, пӯсти гулӯяшро таранг карда, теғ ба он ниҳод. Фашшос зада баромадани хун бо нидои Хур-р-ри тахориҳо майдонро пур кард. Юнонӣ боз дер гоҳ пой зада, ҷон дод. Катан ҷароҳаташро дошта, ҷониби сипоҳ рафт. Чанд тан ба наздаш давида ба бастани ҷароҳат оғоз карданд.

Зарбаи навбатии задаи Бразан паҳлавони юнониро ба зер афканд. Каллат ҷанговари хуб буд, вале зӯри бозӯйи Бразанро надошт. Тахорӣ аз болои асп худро ба рӯйи Каллат партофт. Ҳарду байни хоктӯда афтиданд. Бразан нахуст бар пой хеста, мушт ба даҳони душман зад. Хун аз сару рӯйи Каллат равон шуд. Бо нигоҳ шамшерҳои аз дасташон афтидаро ҷустанд. Дур буданд. Баъди чанде муштзанӣ ба сару рӯйи ҳамдигар, оқибат юнонӣ аз зарбаҳои задаи рақиб суст шуда, парӯнокӣ ба замин афтид. Бразан аз пушт ба болояш нишаста аз манаҳаш гирифта, сарашро чунон сахт ба қафо хам кард, ки устухони гарданаш шараққос зада шикаст. Ҳама лашкар якҷо бо ғолиб ба як бор наъра заданд – Хур-р-р. Байни ин ҳама ғулғула, Кратер ба майдон баромада, девонавор шамшер ба сипари фӯлодинаш задан гирифт. Ҳама хомӯш шуданд. Майдонро фақат садои шарaққоси шамшеру сипари Визареша фаро гирифт. Одатан юнониҳо дар лаҳзаи ноумедӣ дар майдони ҷанг чунин рафтор мекарданд. Бразан сабук ҷаста, худро болои аспи сиёҳмушкинаш гирифт. Аз болои асп худро овезон карда, аввал шамшери худ, баъд найзаи ҳарифро аз замин бардошта, аспашро сӯйи Кратер маҳмез зад. Наздиктар омада, найзаро сӯйи рақиб ҳаво дод. Юнонӣ сипар бар рӯй кашида, бо шамшер зарбаи ҷавобӣ зад. Бразан сипар бар рӯй кашид. Кратер аз зери сипар бо лагад ба шиками тахорӣ зада, ӯро ба зер афканд. Тахорӣ ҳанӯз аз ҷой бар нахоста буд, ки Визареша ба пушташ бо найза зарба зад. Аз ҷойи ҷароҳат хун фаввора зада баромад. Лашкари душман ин зарбаро бо ҳаяҷони

гӯшношунид ва наъраҳои нишот истиқбол карданд. Катан рӯяшро бо панҷаҳояш пӯшонид. Кратер дод зада дар майдон давр зада нидо медод:

– Катан, Катан, Катан… – Визареша хуб дарк мекард, ки ҷароҳати бардошта, нерӯйи тахориро бояд хело кам карда бошад. Ӯ имкони соҳиб шудан ба шуҳрати бепоён дошт. Агар дар майдон Катанро мекушт дар Юнон қаҳрамони миллӣ мешуд. Набошад, онҳо ҷон коҳонда, ҷаҳон мегирифтанду шуҳрати бепоён насиби фақат Александр мешуд. Инак, ӯ ва шуҳрати бепоён. Дигарбора наъра зад: – Катан, Катан…

Катан фармон дод: – Аспро биёред!

Лашкариён гуфтанд, ки ҷароҳаташ вазнин аст, наравад, аммо ӯ гӯш накард. Чеҳрааш ба назар ором менамуд, аммо онҳое, ки ӯро хуб медонистанд ғалаёни шадиди ботинии ӯро пай набурда наметавонистанд. Сахт ташнаи хуни Визареша буд. Лаҳзае баъд ба майдон баромада, банди қабои сиёҳи аз болои хафтон пӯшидаашро аз гарданаш кушода, онро болои Бразан партофту дар қиболи Кратер рост шуд. Ана дар ҳамин ҳангом садои дуҳули ҷангӣ аз он сӯйи руди паҳновари Окс шунида шуд. Ғиреви шодӣ аз лашкари юнониҳои ин сӯйи руд ба фалак печид. Катан умедашро аз ғалаба барканд. Зарбаи ҷонкоҳе ба сари Кратер зад. Бо сипар рад кард. Боз зарба зад, рад кард, боз зарба, рад кард. Дигар Кратер фурсати зарбаи ҷавобӣ задан наёфта ба қафо ҳаракат карда, худро бо сипар ҳимоя мекард. Даҳҳо зарбаи ҷонкоҳи шамшер ба сараш фурӯ рехт. Ахиран ба зарбаҳо тоб наоварда, ҷуссаи вазнини Визареша аз болои асп ба зер афтод. Лашкари душман масти кӯмаки расида, дигар ризо набуданд, ки сарлашкари бузургашонро дар ин лаҳза аз даст бидиҳанд. Дастаи саднафараи посбонони шахсии Кратер ба майдон баромаданд, дигарон аз қафояшон. Қариб дар як вақт лашкари тахориҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Катан шамшер ба ҷигари яке аз посбонон зада онро ба поён кашида, рӯдаҳояшро пош дод. Байни гарду ғубор 10 нафар Кратерро кашида бурданд. Дигарон ба Катан даровехтанд. Ҷароҳати тахорӣ аз нав хунфишон шуд. Панҷ посбони дигарро меҳмони Аид карда буд, ки сипоҳиёни ӯ расида, корашро сабук карданд. Задухӯрди шадид оғоз шуд. Юно-

ниҳо баъди шикасти Спитаман байни водии беканори Мароқанд ва Киропол, чунин муқовимати шадидро надида буданд. Юнониҳо ба фишори тахориҳо тоб наоварда, сӯйи руд ҳазиматкунон бо умеди наздик шудан ба сипоҳи наврасида меҷангиданд. Лашкари наврасидаи пиёдаи душман дарёро бо пӯстҳои пур аз коҳ ва саворагон ҳамроҳи асп шинокунон убур мекарданд. Билохира, нисф бештари лашкар ба ин соҳил гузаштанд.

Қурси тиллоранги Митра (офтоб) ба уфуқ наздик шуд. Нисфи урдуйи юнонии ин сӯйи руд батамом торумор шуданд. Тақрибан, ҳамин миқдор сипоҳи муҳофизони Ватан низ талаф ёфтанд. Окси сероб аз хуни одамӣ сурх шуд. Ҳамроҳ бо сурхии ғуруби Митра гӯё руди пурхуне буду умуман об надошт ба ҷуз хуни одамон. Барои Катан аён буд, ки дигар сипоҳи ӯ ба фишори лашкари наврасида тоб нахоҳад овард. Худи ӯ бар асари хунфишонӣ хело суст шуд. Аз рафтани хуни зиёд баданаш суст мешуд ва пеши чашмонашро сиёҳӣ зер мекард. Бо вуҷуди ин, то ҷон дар рамақ дошт хуни душманро рехт. Баъд оҳиста бари шиками асп овезон шуда ба замин афтид. То ғуруби офтоб муҳориба идома ёфт. Аслан инро муҳориба номидан ҳам мушкил буд, балки куштори лашкари хастаю маҷрӯҳи Катан буд аз ҷониби нерӯҳои наврасида ва ташнаи ҷанг.

Муқовимати тахориҳо низ қариб поён ёфт. Ҳарҷо – ҳарҷо панҷ то даҳнафарӣ задухӯрд мекарданд. Аммо ба фишори нерӯҳои истироҳаткардаю ташнаи ҷанг тоб наоварда ба зудӣ кушта мешуданд. Чанд юнонӣ атрофи Катан ҷамъ шуда хомӯш, гӯё бо ҳисси тараҳҳум ба ӯ назар мекарданд. Сарлашкар ҳанӯз ҷон дошт ва ҳамаро медиду дарк мекард, аммо ёрои муқовимат надошт. Кратер мондаю абгор ба даври атрофи Катан наздик шуд. Сипоҳиён як сӯ шуда роҳ кушоданд. Оне, ки аз даҳшати шамшераш қалби ҳар юнонӣ ба ларза медаромад, акнун қариб беҳаракат ва безарар пеши пойи Кратер мехобид. Юнонӣ то дер гоҳ ба бозувони мустаҳками рақибаш чашм дӯхта ба андеша рафт: Агар Доро бекаллагӣ карда, мардуми Суғдро аз худ дур намекард ва тақдири сипоҳи сесадҳазорнафараашро ба дасти инҳо медод, мо дар ҳамон ҷо

дар Гавгамел ҳангоми задухӯрди аввал шикаст мехӯрдем. Бубин, ки дар ин ҷуссаи дар муқобили ман хурд чӣ қадар нерӯ пинҳон аст. Бо ин ҷароҳати вазнин чӣ рӯзи сиёҳе ба сарам овард. Қариб буд дар ҳамин ҷо кушта шавам.

Кратер пиёда шуда ба даст найза ба маҷрӯҳ наздик шуд, аммо замоне шах шуда истоду найзаро ба дигаре дароз кард, то ӯро бикушад. Сарбоз аз ҷой наҷунбид.

– Фармонро иҷро намекунӣ, сарбоз?

– Чӣ лозим, Кратер, ӯ худ мемурад.

– Найзаро гир, мегӯям, ӯро бикуш!

– Наметавонам, сардор.

Ҳамин дам садои суми аспон хомӯшии баъди ҳарбро дигарбора халалдор кард. Дастаи яккачини савораи ниқобпӯш чун барқ ба ин ҷониб мешитофтанд, ҳама ба таҳлука афтоданд. Ногоҳ аз он ҷониб борони тирҳои ҷонсӯз ба сари юнониҳо борид. Якбора 20-30 нафар сарнагун шуданду дигарон пароканда. Тири ҷонсӯзе ба пушти Кратер зад. Аз шиддати дард нолиш карда, канор рафт. Оне, ки тир ба пушти юнонӣ зада буд, камонро овехта, шамшерро ба даст гирифт. Кратер дар қиболи худ Спитаменро дида, ҳуш аз сараш парид. – Спанта, Спанта, – нидо доданд юнониҳо. Либосҳо, пӯшиш, асп ва ҳаракоту чолокиаш ба Спитаман шабоҳат дошт. Ҳама пароканда шуданд.

Кратери вазнин фурсати ба ҷанг омода шудан наёфта, гурехт.

Савораи ниқобпӯш шамшер дар даст аз қафояш шитофт.

Раҳорах Кратер шамшерашро аз ғилоф кашида, ба қафо гашта буд, ки садои Катан баланд шуд, ки: – Не, Спитаман, баргард!

Вақте Катан исми ӯро гирифт ҳайрати Кратер бамаротиб афзуд.

На танҳо либоспӯшӣ ва қади хадангаш, балки исмаш ҳам Спитаман буд. Ӯ ин ҷо, баъди якуним соли мурданаш Спитамани зиндаро медид. Ниқобпӯш ба қафо гашт. То ба худ омадани юнониҳо дастаи ниқобпӯшон бо як маҳорати хоса ва чолокии фавқулода ҳудуди 100 нафарро кушта, ду савор аз ду китфи Катан бардошта, байни гарду ғубор чун бод ғайб заданд. Сипоҳи юнониҳо, то як чақрим онҳоро таъқиб карданд,

аммо дарк карданд, ки суръати гурезаҳо бамаротиб тез аст, таъқибро бефоида дониста бозистоданд. Ҳудуди 70 нафар сарбоз аз боқимондаҳои қӯшуни Катан низ аз қафояшон.

Ниқобпӯшон Катанро ба фарози кӯҳ бароварда, рӯйи сабзаҳо фароварда, зери сараш зини асп гузоштанд. Торик шуда буд.

Ниқобҳоро аз сар гирифта, оташ гиронданд. Ҳама кӯдакони таълимдидаи Моҳу буданд.

– Спитаман!, – оҳиста ва бемаҷолона садо дод Катан. Ҷавон наздик омада, сар хам кард. Дар рӯшноии гулхан Катан чеҳраи ошноро дид. Моҳу куҷост?

– Аз қафост, ҳоло расида меояд.

– Чаро омадед, хилмакҳо? Кӣ шуморо ба коми марг равон кард?

Ҳама сар хам карда, дам фурӯ бастанд. Якдаст савори асп расида омад. Катан дигар маҷоли ҳаракат кардан надошт. Моҳу дузонӯ ба пеши маҷрӯҳ нишаст. Сарлашкар оҳиста ба Моҳу гуфт:

– Ҷиноят содир кардӣ, мардак!

Моҳу дарк кард, ки агар Катан нерӯ медошт ҳатман бо ин кори кардааш сар аз танаш ҷудо мекард. Сар хам карда, гунаҳкорона лаҳзае хомӯш шуд. Баъд гуфт:

– Инҳоро дар майдони муҳориба санҷидам.

Катан дигар дар ин бора чизе нагуфт, балки зери лаб боз исми Спитаманро гирифт. Навҷавон боз дар наздаш ба зонӯ зада, болои чеҳрааш сар хам кард. Катан барои охирин бор дасти серрагу пайванд, аммо ҳоло хеле бемаҷолашро ба гардани ҷавон ба хотири навозиш ҳалқа кард:

– Виза-реш-шаро тал-хакаф кардӣ… Писарам Сиёваршанро дарёб…

Катан ҷон дод. Ашкҳои Спитаман ба чеҳраи хастаю абгор, вале мардонаю ғаюри бузургтарин ҷанговари тахорӣ, сутунмӯҳраи муқовимат зидди хунхурони юнонӣ фурӯ рехт. Ҳама ашк мерехтанд. Чанд нафари зинда, вале хастаю маҷрӯҳи сипоҳи Катан аз майдони ҷанг баргашта омаданд. Писарбаччаҳо аз ҷой бархоста ба ҷанговарони хастаю маҷрӯҳи қаҳрамон роҳ кушоданд. Навҷавонон ба баданҳои маҷрӯҳ ва хастаю абгори сипоҳи ӯ, ки имрӯз дар майдони

ҷанг доди мардиро дода буданд, назар дӯхта, ҳар кадом орзӯ мекард, ки кош мо ҳам дар ин муҳориба дар сафҳои сипоҳи яккачини Катан шамшер мезадем ва барои абад дар саҳифаҳои таърихи муқовимат бо хунхортарин урду Юнонубохтариҳо номнавис мешудем. Дар нимторикии шаб ҳама рӯ ба Моҳу оварданд.

Байни зиндаҳо акнун ӯ муътабартарин тахорӣ буд. На танҳо барои он, ки дар рикоби Спитаман шамшер задааст, балки боз барои он, ки ӯ таҷрибаи муқовимат ва муҳофизати шаҳрро дорад ва ин санъатро беҳтар аз дигарон медонист. Барои ин мардум бошад ҳимояи Ватан ва шикори душман муҳимтар аз ҳама муқаддасот аст. Пирон тадбири муқовимат меҷуянд, ҷавонон дар майдони корзор шамшер мезананд, навҷавонон машқи ҳарбӣ меомузанд, кӯдакон бозии тирпаррони мекунанд, модарон фарзандони нави муҳофизи Ватан мезоянд, дигарон барои таъминоти моддии лашкар шабу рӯз заҳмат мекашанд. Суғдиён муддати шаш сол боз хӯру хоб ва роҳатро аз даст додааст.

Дар рӯшноии гулхани нимахомӯшшуда нигоҳҳо ба ҳайкали қавии якдаст қарор гирифтанд. Ӯ мисли як хорасанги кӯҳ хомӯш асту беҳаракат. Дар назари аввал ҳатто нафас намекашад. Катан барои ӯ на танҳо дӯсти дерина, балки умеди муқовимат – азизтарин ҳиссиёт барояш буд. Худ якдаст буду дар майдони ҷанг шамшер зада тавонад ҳам сипар гирифта наметавонист, яъне дар майдони ҷанг қариб оҷиз аст. Баъди ним соати хомӯшӣ аз лабони хушку парсинбастааш садои берабту бенизом баромад: фано шуд, фано шуд, фано шуд… войи ватан… Якдаст аз Авасто чизе мехонд:

«Роҳ якто аст роҳи ҳақ, ҳамаи роҳҳои дигар бероҳаанд…

Йата аҳу варйа..

Ситоишу ниёишу неруву зӯр хосторам,

Ради бузургвор Апам Напат ва оби Маздоофаридаро.

Ашем воҳу, эй ҷаҳони астуманд, эй Ашаван!»

Ин навҳаи ӯро фақат наздиктарин атрофиёнаш мешуниданд. Онҳо дарк карданд, ки чизе аз ботини ин мард канда шуд. Чизе муқаддас, аммо барои онҳо номафҳум. Мисли он ки дилаш канда ба замин афтода бошад.

– Спитаман, – ниҳоят бо лаҳни ғафсу вазнин садо баровард Моҳу, – шояд фардо ё пасфардо шаҳрро муҳосира кунанд. Шумо зуд биравед, мо расида меоем.

Навҷавон вазнин аз ҷой бархоста, ба назди аспаш рафт. Сабук болои он ҷаста, лаҷомро сар дод. Аспи бодпой чун тир ба поён парвоз кард, дигарон аз қафояш.

Якдаст ва чанд нафари дигар дар ҳамон баландӣ сангҳоро ҷамъ оварда, чаҳордеворе ба бузургии як қади одам ва дарозии ду қади одам сохта, аз рӯйи одати суғдӣ ҷасади қаҳрамонро ҳамон ҷо гузоштанд. Худ ба аспҳо савор шуда ба поён ҳаракат карданд.

Одат ҳамин буд, ки бояд тӯли чанд рӯз гӯшти мурдаро паррандаҳо мехӯрданд. Баъд устухони покашро зери хок мекарданд. Унсури дуюми фалсафӣ- хок барои суғдиҳо муқаддас аст. Ҳар чизи вайронмешударо бо он олуда сохтан гуноҳ аст. Ин таълимоти Авасто аст, аммо он ҷо дар он баландӣ бузургтарин ҷанговари тахорӣ дигар қалби душманро ба ларза намедарорад. Аз ин баъд Аноҳит дар оғӯши гарму серпашми ӯ худро ором ҳис намекунад. Сиёваршан фақат бо ёди ӯ ифтихор мекунад. Ноҳиди хурдакак азизтарин гарданро дигар бо дастакони нозукаш ба оғӯш намегирад. Насими саҳар, дигар мӯйҳои сиёҳу дарозашро алвонҷ намедиҳад. Ситораҳо штороят чашмак намезананд. Суруди нотамому ғамгини рӯди пурхуни Окс гӯшҳояшро навозиш намекунад. Катан дар он баландӣ хомӯш асту беҳаракату пурармон. Замини Муқаддас зери пои ғосибони дуруҷи бадкеш монд. Аммо ӯ чунон мурд, ки зиндаҳо орзуйи чунин марг мекунанд. Дар он гӯшаи дури дунё аз минбари колизейҳои хунолуди Рум императорҳо ёди ӯ мекунанд. Гладиаторҳои қаҳрамонони муҳорибаҳоро ба ӯ ва Спантамано нисбат медиҳанд. Имрӯз бахти Суғдиён вожгуна аст, аммо имтиҳони ин қавм идома дорад. Дарёфти шарафу номус шуғли асосии суғдиҳо гаштааст. Бошарафона дар ҳифзи Ватан ҷон додан имкон дошт ва байни ин ҳама маргу хун ва бадабахтӣ ана ҳамин шуғл тасаллобахши қалбҳо аст.

То расидан ба шаҳр аз пушт омадагон ҳис карданд, ки Моҳу тамоми роҳ, ноаён навҳа мекунад. Фақат бод гоҳо ноаён лаҳзаҳои садои навҳаи ӯро ба гӯш мерасонад.

## Хоби пурдаҳшати Ҳумой

Дар яке аз деҳоти кӯҳистон дар кулбаяки хурдакаки аз санг ва лой сохта ду дили гарм, аниқтараш се дил метапад. Пиразан, зани ҷавон ва кӯдаки дар батнаш буда, ки беист пой бар шиками модар зада, беқарорӣ мекунад. Нисфи шаб буду ҳарсе хоб.

Ҷавонзан якбора дар хобаш дод зада бедор шуд.

– Ҳумой, хоб дидӣ, духтарам, – баланд шуд овози бемаҷоли пиразан.

– Ҳа, момаҷон, хоби даҳшатнок. Гӯё Бобак дар Окс шино мекунад. Лашкари бешумори душман дар соҳил истода, ӯро бо тирҳои ҷоншикор ба нишон гирифтаанд. Окс аз хун сурх буд.

– Ҳеҷ гап не, духтарам, хоби саҳар аст, рост намебарояд.

Гоҳо ҷавонзани зебо даст болои шикам гузошта, гӯё кӯдакро тасалло медод:

– Тоқат кун, ҷонам, каме дигар монд. Мисли падарат сахт беқарорӣ. Медонам, Тахористон зери мӯзаҳои касифи юнониҳо мондааст. Вақташ расад, шамшер гирифта, барои раҳо кардани падарат меравӣ, аммо алҳол ором бош, ту бояд ҳамин ҷо омода шавӣ.

– Ҳа. То таваллуд шуда шамшергирак мешавад, ки падараш дар асорат пир шуда мемурад, агар барвақттар ӯро накушанд, дар нимторикӣ шунида шуд овози хиррии кампир.

– Мома, худат базӯр нафас мегирию ин қадар даҳани хунуката мезанӣ. Онҳо Бобакро намекушанд. Ӯ ҳоло ҷавон аст, аз сад гул як гулаш нашукӯфтааст. Дили кӣ мешавад ӯро бикушад? Катан ӯро раҳо мекунад, охир Бобак писархондаш аст-ку.

– Ту ҳоло кӯдакӣ, Ҳумой! Падари ту ҳам ҷавон буд, лекин ваҳшиҳои юнонӣ ӯро куштанд.

– Писари ман барои ҳифзи оташи муқаддас ҷон супурд. Ҳамин тасаллои дили мани пири фартут аст, набошад кайҳо аз ғами ӯ мемурдам. Чор бародари дигараш ҳам дар сипоҳи Доро барои ҳифзи ватан ҳамин гуна фидокорӣ нишон доданд.

– Мома, мегӯянд амаки бузургам, Моҳу зинда аст?

– Зинда, аммо дар қатори мурдаҳо. Дар ин 6 соли ҷанг дилаш ончунон сахт шудааст, ки ба ҷуз ҷанг кори дигареро на-

медонад. Ҳисси нафрат ба ғосибон қалби замоне нозукашро пур ва сангин кардааст. Маро хабар намегирад. Дар ин гӯшаи дури кӯҳистон байни ин харсангҳо ҷонам мебарояду писарам бедарак.

– Мома. Барои чӣ як моҳ пеш Бобак омаду гашта ба шаҳр рафт нагуфтӣ, ки ба амакам бигӯяд биёяд?

– Куҷо биёяд, ба назди ман? Ӯро чунин тарбия надодаам. Вақте, ки ватан дар хатар аст, фарзанд бояд онро ҳимоя кунад. Набояд ба ҷуз ин, шуғли дигаре дошта бошад. Агар медошт, чунин фарзанд бароям лозим набуд. Падари ту ҳам, агар баъд аз хомӯш шудани оташи муқаддас ҷон медод, ӯро намебахшидам.

Овози кампир ларзид. Духтар оҳиста ба болинаш омада, даст ба китфаш гузошт. Меларзид ва мегирист.

– Гиря накун, момаҷон, кӯдакро ба саломат таваллуд кунам, рафта аз Кӯҳи Муғ оташи муқаддас меорам.

– Овардани оташ кори саҳл нест, ту наметавонӣ, камаш даҳрӯза роҳ аст. Мубад ҳам пир шудааст, базӯр роҳ мегардад. Агар Бобаки ту биёяд, метавонад. Ҳамин бор омаданаш, ваъда дод.

– Хез барои Мубади Солор таом бубар.

– Ҳоло мебарам.

– Бубар духтарам, ӯ дигар танҳо асту пир. Умедаш ба мо. Ӯ раҳнамо аст.

– Медонам, модарҷон, меравам.

Духтар хӯрок ва об гирифта ба фарози кӯҳ боло шуд.

Пири куништ, байни харсангҳо ва вайронаҳои маъбад танҳо мезист ва ибодат мекард. Рисолати ӯ ибодат ба Аҳура Маздо буд, то якҷо бо Зардуҳишт ба лашкари тахориҳо кӯмак кунад, то зафар ёбад. Ибодат танҳо рӯзона мекард, чунки оташи муқаддас надошт. Рӯзона бошад Митра ба ҷойи оташ истифода мешуд. Ҳумой аз дур пирро дид, ки дар гӯшае ба харсанг такя карда дар ҳоли якпаҳлӯ қарор дорад. Ба назари зан намуд, ки солор ҷиҳати пирӣ бемадор гаштаю ба санг такя кардааст. Аммо чун наздиктар шуд, дид ки авзояш беҷо аст ва ҳатто аз пешониаш хун ҷорӣ аст. Зуд давида омада, сарашро рӯйи даст гирифта пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, бобо?

– Ҳеҷ духтарам, аз дасти ин сагҳои зарди дузди юнонӣ магар ибодат карда мешавад? Як бор омаданд, ҳама ашёи зарҳалини маъбадро ба ғорат бурданд. Ин бор уздонашон омада, миҷмари заркӯбро бурданд. Фано шуд шукӯҳи маъбад, хомӯш шуд оташи муқаддас, абрҳои сиёҳ ҳама ҷоро печонидаанд, вовайло бар ҳоли суғдиён, тахориҳо, яксартҳо, саккоиҳо, массагетҳо…Сипас порчаеро аз Авасто хонд:

«Эй Аҳура Маздо, эй ҷаҳони астуманд, эй Спандатарин Мену!

Эй Ашаван! Девони табаҳкори бадсиришт, давиданду гурехтанд.

Девони табаҳкори бадсиришт ба жарфои торикӣ, ба дӯзахи саҳмнок гурехтанд.

Ашем воҳу…»

Овози мӯйсафед базӯр баромад.

– Бобо, маро мешунавӣ, ана ин ҷуръаи обро нӯш. Аммо солор дигар намешунид, аллакай дар ҳузури Аҳура Маздо буд. Ашки шашқатор аз чашмони зебои зан ҷорӣ шуд. Ҳам дилаш ба ҳоли мӯйсафед сухт ва ҳам ҳасрати миҷмару оташи абадӣ ва хору зор шудани сарзамини Муқаддас вуҷудашро фаро гирифт. Гоҳ ба фарози кӯҳ менигарист ва гоҳ ба шиками дамидаи худ. Бо ин ҳама ҳисси нафрат ва интиқом дилашро пора мекард. Дастонаш меларзиданд. Оҳиста аз ҷой бархоста, рӯмолашро аз сар гирифта бо он шикамашро баст. Лаҳзаи дигар саросема ба фарози кӯҳ боло шуд. Раҳораҳ аз гӯшаи хаёлаш гузашт, ки ин роҳ ҷониби Бобакон мебарад. Дуздон шояд ҷосусони юнонӣ бошанд, ки тавассути бероҳа аз мавзеъҳои ишғолкарда сӯйи Бобакон роҳ пеш гирифтаанд. Дар ҳар сурат метавон миёнабур карда, дар мавзеъи Шағал онҳоро дарёб кард. Ҷару кӯталҳои қулай ва харсангҳои хурду бузурги овезон дорад. Аз рӯйи изи пойҳояшон тахмин кардан мумкин, ки бояд на бештар аз 20 нафар бошанд. Худашон ҳам тахминан 20 дақиқа пеш аз омадани ман рафтаанд. Ҳумой аз пайи онҳо равон шуд. Баъди ним соати бошитоб рафтан чашмони ҳамабини Ҳумой байни ҷарӣ дастаи саворонро дид, ки аз лаҷоми аспҳо дошта бо пайроҳаи хурду мушкилгузар базӯр

ҳаракат мекарданд. Роҳе, ки ӯ омада буд, хело фарохтару осонгузар бошад ҳам, баъди 100 қадами дигар дар ҷарӣ канда мешуд. Ин роҳ аз роҳи дуздон камаш 50 қадам болотари ҷарӣ қарор дошт. Зан то дидани дуздон хело монда шуда буд. Аммо баъд нерӯйи тоза гирифта, ҷониби Шағал, ки боз камаш 80 қадам дуртар мавқеъ дошт, шитофт. Дар он ҷо истода, пушти дарахти дулона пинҳон шуда, мунтазир шуд ва ҳам фурсат ёфта, нафасашро рост кард. Дар сурати зери сангҳо намонда-ни чанд нафари онҳо низ боке нест, аз дил гузаронд зан, онҳо ба фарози ҷарӣ аз пушти ман баромада наметавонанд. Сангҳои ин кӯҳ устувор нестанд, балки мисли дарё ҳаракаткунандаанд. Сангҳои қулай дар лаби ҷарӣ зиёданд.

Ҳар кадомашро метавон ба поён ғелонд. Ана ин харсанги начандон калоне, ки дар лаби ҷарӣ истодааст, ба ман имкон медиҳад, ки онро ба осонӣ ба сари ин лаънатиҳо ғелонам ва тамоми кӯҳро ба ҳаракат дарорам.

Баъди чанд дақиқаи дигар корвончаи дуздон ба ҷойи қулай расид.

Ҷавонзани бебок як бори дигар гиреҳи рӯмолро болои шикамаш сахттар кашида, мӯйҳои дарозу сиёҳу зебояшро пушти сар қабза карда, пеши чашмонашро бори дигар тоза кард. Баъд даст ба харсанг зада, онро ба ҳаракат даровард. Сангчаҳои хурдтар ба поён ғелиданд. Корвониён ҳама ба боло чашм духтанд. Мӯйҳои ҷафсу дароз ва ҷӯлидаю кушодаи занро дида, лаҳзае тарсида шах шуданд. Баъд ба худ омада, аз нияти зан огоҳ шуда, дод заданд:

– Гурезед, санг меғелонад.

Аммо дер шуда буд. Анқариб ҳамроҳ бо ин фармон харсанги аз каллаи одам бузургтар ба поён ҳаракат карда, ғубори ваҳмангезеро ба ҳаво хезонда, ҳазорон сангҳои дигарро ҳамроҳ бурд. Борони сангҳо ба сари саворагон фурӯ рехт. Аспҳою одамонро ба поён ғелонида бурд. Садои ҷонкоҳи аспҳо ба манзара ҳайбати дигар зам мекард. Фақат панҷ саворе, ки аз боқимондагон чанд қадам пештар ҳаракат мекарданд аз зарби сангҳо эмин монданд. Даҳ нафари дигар ҳамроҳи аспҳои худ оғӯштаи хоку хун ба поён ҷар шуда, меҳмони худои олами торашон – Аид гаштанд.

Баъди ба поён расидани охирин сангча ҳама ҷо хомӯш шуд. Зан лаб – лаби ҷарӣ ба болои сари боқимондаҳо ҳаракат кард, то санг ғелонад. Қариб ҳама ба як бор аз камонҳо занро ба нишон гирифта парронданд. Мавқеъи зан ки хуб буд онҳо осебе ба ӯ нарасониданд. Юнониҳо дарк карданд, ки тирпарронӣ бефоида аст.

– Ҷам, Ромин, ба боло бароед, – фармуд яке аз юнониҳо, ки шояд сардори даста буд. Ҳумой нигоҳашро ба фармондода равон карда, як марди бузургҷуссаи мӯйлабдорро дид. Аз дур ҳатто чашмони мисли чашмони бум гирд ва бинии минқормонандаш барало намудор буд. Ҳароси чашмони сардор ба зан нерӯйи тоза бахшид.

– Барои чӣ мо? – нидо дод Ҷам.

– Барои он, ки шумо аз ҷинси ҳамин вахшиҳо ҳастеду ҳаракат дар кӯҳҳо шуғли шумо. Боло бароед ва ин занро ба зер афканед.

Ҷам зери лаб боз ким-чӣ ғурғур карда ба боло ҳаракат кард.

Баъди каме боло шудан боз санг омад. Чолокона худро ба ҷойи бехавф гирифт. Боз ҳамин ҳол такрор шуд, боз Ҷам ҷон ба саломат бурд. Баъд ҳама ҷо ором гашт.

– Зуд бошед, мегурезад! – фармон дод сардор. Якбора Ромин, ки аз қафо меомад, ба пеш давида ба ҷарӣ боло шуд. Ба боло расидан баробар санге ба пешониаш хурда, пуштнокӣ ба ҷарӣ афтид.

Ҷам тарсида ба ҷойи аввалааш баргашт. Лаҳзаи дигар, сардор фармони гурехтан дода буд, ки чор нафари боқимонда бо пайроҳа чун бод давида рафтанд.

Ҳумой бо машаққати зиёд ба ҷарӣ фаромада, байни ҷасадҳо ва ашёи шикастаю валангоршудаи онҳо миҷмари муқаддасро ёфт. Ду аспи дуздон, ки баъди ба ҷарӣ афтидан зинда монда буданд дар наздикиҳо мечариданд. Зан якеро дошта савор шуд ва дигарашро кӯтал карда, бегоҳ ба хона баргашт.

Торикӣ медамид, ки кампир садои суми аспонро шунида, дар шигифт афтод. Барои эҳтиёт корди кӯҳнаеро, ки аз фарзандаш боқӣ монда буд, гирифта зери болин пинҳон карда,

интизори паёмаде шуд. Аммо Ҳумойи ҷӯлидамӯй ва хастаю абгорро дида, ҳайрон шуд:

– Ба ту чӣ шуд, ин чӣ аҳвол аст, чаро дер кардӣ?

– Солорро куштанд, миҷмарро дуздон бурданд, аз пушти онҳо рафтам, ана гир!

Кампир миҷмари пачақшудаи зарҳалинро ба чашмонаш молида, онро аз оби чашмаш тар кард. Ӯ болои он навҳа мекард:

– Аҳуро, ин чӣ рӯзи сиёҳ аст!? Маъбадатро вайрон мекунанд, оташи абадиро хомӯш месозанд, ашёи муқаддасатро ба яғмо мебаранд, эй, войи сарзамини муқаддас!

Баъд ором шуда, рӯ ба духтар оварда оҳиста гуфт:

– Туро, кӣ ҳуқуқ дод, ки худат ва фарзандатро ба хатар андозӣ? Вазифаи ту ӯро таваллуд ва тарбия кардан аст, то ин ки барои Ватан биҷангад. Рӯзе, ки муқовимат ба охир мерасад, мо шикаст хӯрдаем…

Зан сарашро болои болин гузошта, чашмони зебо ва хастаашро пӯшид. Ӯ вазифаашро хуб медонист. Бе ҳамин ҳам дар он гӯшаи диёр мардум дар муҳофизати ватан сарбаландона ҷон медоду ӯ дар ин гӯшаи дури диёр дар ин кулбаи вайрона интизор буд. Сахт азоби рӯҳӣ мекашид. Намедонист, ки азизтарин шахс барояш Бобаки диловару навҷавон сар рӯйи хоки муқаддас мондаасту дигар барои ҳифзи Ватан шамшер зада наметавонад. Рӯҳаш бошад умед ба фарзанди дар батни ин зан будаи худ бастааст, то солим таваллуд шуда, шамшери афтидаи ӯро бардорад. Ин мардум асоратро дар ҳеҷ сурат намепазирад.

**Муҳосира**

Тахмини якдаст дуруст баромад. Юнониҳо баъди ду рӯз шаҳрро муҳосира карданд. Боз барои ҷамъ овардани асбобу сукунати шикасти дарвозаҳои шаҳр ва девор, иборат аз ғулачӯбҳои бузурги рӯйи чарххо насбшуда ва манҷаниқҳои хурду бузург ду рӯзи дигар лозим шуд. Сокинони Бобакон ҳама ба муҳофизати шаҳр тайёрӣ медиданд. Садҳо нафар, мӯйсафедон, занон сангҳои хурду бузургро болои деворҳо мебароварданд. Даҳҳо тани дигар аз чӯбҳои гуногуни дарах-

тон ва қамиш тир месохтанд. Оҳангархонаҳо ҳама беист шабу рӯз кор карда, яроқ месохтанд. Як қисмати занҳо дар ҳар кучо дегҳои бузург монда, хӯрок мепухтанд. Касе кори шахсӣ ва ё хонаводагӣ надошт, шуғли ҳама иборат аз омодагӣ ба мубориза буд.

Якдаст баъди маротибаи даҳум ё бистум муайян кардани чойи чангиёни болои девор бори дигар ба урдуи бешумори душман назар карда, тахмин зад: шояд шаҳр то як ҳафта истодагарӣ карда тавонад. Дар Мароқанд маҳорати шаҳркушоии Саги Зардро дида буд. Қалъаи осмонии Сисимитрро ҳам ҳамин юнонии ташнаи хун кушода тавонист. Баъди он боз болои ҳамон қаторкӯҳ 5 қалъаи дигарро кушод. Деворҳои Бобакон он қадар ғафс нестанд. Рӯйи девор як нафар зани париваше ҳам баромада чашм ба нокучо духтааст, – Аноҳито. Мӯйҳои дарозу кушода ва фақат дар пешонӣ бастаашро боди баҳорӣ алвонч медиҳад. Дирӯз, вақте аз марги шавҳараш огоҳ шуд, дигар зиндагӣ барояш маъниашро гум кард. Нигоҳаш ба ҳамон чонибе, буд ки ҳамон шаби охирон шавҳараш бо онҳо видоъ карда рафта буд. Дигар ҳама ҳиссиёташ гум шудааст. Сиёваршан санги навбатиро болои девор бароварда ба назди модар омада, дасташро гирифта ба рухсорааш гузошта, назди ӯ ба замин нишаст.

– Оча, магар худат нагуфта будӣ ки дар ин вақт мо набояд ба сустӣ роҳ диҳем? Гуфтӣ-ку гиряи моро бояд касе набинад.

– Ман, намегирям, писарам.

– Чашмонат пури об аст-ку.

– Ин аз таъсири бод аст, писар. Бирав, хоҳаратро ба хона бубар, шамол мехӯрад. Ман ҳоло меоям.

Сиёваршан аз чой бархоста буд, ки рӯбарӯяш Моҳуро дид, як қадам дуртар аз уву модараш истодааст.

– Аноҳит, мотамро ба дигар вақт мавқуф гузор, – гуфт Моҳу.

– Ман мотам накардаам.

– Пас, ин чо чӣ кор мекунӣ?

– Санг мекашам.

– Дигар санг лозим нест, киссаҳоро аз тир пур кунед.

Овози якдаст ларзид. Қадаме ба пеш гузошта, хост бира-

вад, то заъфашро ин ду набинанд, аммо натавонист. Ба қафо баргашта, бо як даст сари занро дар канор гирифт. Ашки шашқатор аз чашмони модару писар равон шуд. Чашмони мардона ва аз бехобӣ сурхи Моҳу низ пуроб шуданд. Сиёваршан ба пойи модар часпида гиря мекард. Ҳарсе муддате дар ҳамин ҳолат шах шуданд. Оғӯши сарду дағали Моҳу барои зани мусибатзада беҳтарин ҷой барои холӣ кардани дил буд. Моҳу хуб дарк мекард, ки зан бояд талх гиря кунад, набошад аз ғами Катан ва ин ҳама мусибат дили нозукаш шояд тоб наорад.

Ҳамин тавр, чанд лаҳза гиряи талх кард. Баъд аз дасти писараш гирифта, оҳиста ба поён фаромад. Моҳу боз то дер гоҳ чашм ба ситораҳо дӯхта, хомӯш истод. Баъди марги Катан банди дилаш ҳамроҳи умед ба ғалаба кандааст. Аммо хуб дарк мекунад, ки ошкори рӯҳафтодагияш боиси дилшикастагии сипоҳиён мешавад. Медонист, ки ангезаи асосии муҳофизони шаҳр ӯ аст.

## Вопасин муҳориба

Рӯзи дигар, ҳанӯз чеҳраи зарҳалини Митра намудор нашуда, аз лашкаргоҳи душман садои дуҳули ҷангӣ ба фалак печид. Усули дерина, пушти сипарҳои дароз сипоҳиён пинҳон шуда, ғулачӯбҳоро тела карда меоварданд. Вазифаи онҳо дарвозаро шикастан аст. Чун ба масофаи тиррас расиданд, якдаст фармон дод: парронед! Нахуст Спитаман, баъд дигарон зеҳро кашида сар доданд. Борони тир ба сари ҳуҷумкунандагон фурӯ рехт. Фақат ду се нафар аз беэҳтиётӣ пушти сипарҳои нодуруст доштаи худ ба замин афтоданд. Якдаст фармуд бо тирҳои оташдор бизананд. Ин корро фақат «Гурбаҳо» ӯҳда мекарданд. Якбора сад тири оташдор ба ҳаво париданд. Баъди лаҳзае ғулачӯбҳо оташ гирифтанд. Юнониҳо аз пушти сипарҳо баромада ба хомӯш кардани оташ шурӯъ карданд, ана дар ҳамин ҳолат тирҳои тахориҳо ба нишон расидан гирифтанд. Якбора садҳо ҷанговари душман сӯйи деворҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Аз болои девор тир, найза, сангу чӯб, оби ҷӯшомада ва ғайраю ҳоказо ба сари душман фурӯ рехтанд. Занон, мӯйсафедон, маҷрӯҳон дар паҳлӯйи ҷанговарон рост

истода, болои сари душман санг мепартофтанд. Кӯдакони 9 – 10-сола аз поён ба боло тир бурда, кисаҳои холишудаи дар бари девор овезонро пур мекарданд. Сиёваршан дар қатори дигар кӯдакон буд. Гоҳо вақт ёфта аз болои девор тир мепаронд. Тирҳои задаи душман низ гоҳо ба нишон мерасид ва касе аз шумули муҳофизатгарон маҷрӯҳ ё кушта мешуд. Маҷрӯҳонро ба ҷойи махсус бурда ба дасти табибон месупурданд. Рӯзи саввум Моҳу мушоҳида кард, ки лавозимоти ҷангӣ хело кам мондааст. Хӯрокворӣ ҳам кам шудааст, бинобар ин, тасмим гирифт як қисмати заифтаринҳоро бо роҳи зеризаминӣ равон кунад. Аз мавҷудияти ин роҳ на ҳама дарак доштанд. Моҳу рӯзи аввал тавонист 1000 нафарро бифиристад. Он сӯйи нақб ба дарозии 2000 қадам сӯйи кӯҳистон мебурд. Якдаст ба Аноҳит гуфт кӯдаконашро гирифта равад, аммо зан розӣ нашуд. Моҳу ӯро маҷбур карданӣ шуд, аммо зан дар лаҳзаи охир гуфт, агар маҷбураш кунанд худро мекушад. Дигар касе ба ӯ кордор нашуд. Ҳамон ҷо болои девор дар либоси мардона боқӣ монд ва шаҳрро дар баробари мардон муҳофизат кард. Баъди марги шавҳараш ӯ дигар қобилияти зан будан ва фарзанд тарбия карданро аз даст додааст. Вуҷудашро ҳисси интиқом пур кард. Акнун на фарзанд, на зиндагӣ, на осоиш ва на ҳатто ишқ ҷойи ин ҳиссиётро гирифта наметавонист. Дар ҳоли муқовимат худро сабуктар ҳис мекард.

Дар дигар ҳолат бори андӯҳро бардошта наметавонист, ҳатман ҳалок мешуд.

### Мулоқоти Кратер бо Моҳу

Рӯзи дигар Кратер талафотро шумурд – ҳудуди 1000 ҷанговар. Инро Александр ба ман намебахшад, аз дил гузаронд сарвари легион, бояд чорае андешид. Ӯ худ чунин шаҳрҳои хурдро қариб бе талафот ишғол мекунад.

Нисфирӯзӣ ба ҷойи сипоҳ ба назди девор як кас омад, он ҳам қосид бо аломатҳои махсус. Нидо дод: Гӯш кун якдаст, Кратер суҳбат кардан мехоҳад.

Вақтро кашол додан ба манфиати кор буд. Яроқи асосӣ ва лозимии муҳориба дар шароити муҳофизати шаҳр санг болои девор хело кам монда буд. Вақтро кашол додан маънии имко-

ни овардани сангҳоро дошт ба воситаи нақб. Баъди лаҳзае якдаст аз дарвоза берун шуд. Рӯ ба рӯйи қосид омада гуфт: чӣ мехоҳӣ?

– Кратер мехоҳад бо ту, якдаст вохӯрад.

– Ту бигӯ, чӣ мехоҳад?

– Биё бо ман туро ба назди Кратер мебарам, вохӯрӣ ба фоидаи ту аст!

– Ман аблаҳ нестам, ки ба назди Кратери хунхору беақл равам. Агар метарсад, бигӯ ба масофаи берун аз тирпартоб биёяд, ҳамон ҷо во мехӯрем.

Чанд дақиқа баъди рафтани қосид, Кратер намудор шуда, омада дар ҷойи муайяншуда истод. Бо табассуми айёрона бо мақсади вохӯрӣ даст боло бардошта аз рӯйи одати юнониҳо вохӯрӣ кард.

Якдаст ҳамон гуна ҷавобаш дода пурсид: – Чӣ мехоҳӣ?

– Моҳу, бигӯ ки сирри Спитаман дар чист? Охир, ӯ мурда буд-ку!?

– Саволи бемаънӣ, сари мақсад биё, сирри ӯро дар муҳориба хоҳӣ дид.

– Майлаш якдаст, бигӯ, ки магар мо аз ӯҳдаи ишғоли шаҳр баромада наметавонем?

– Метавонед!

– Пас муқовимат барои чист? Супоред онро ва ба саломат равед, касе ба шумо кордор намешавад, фақат ту ва арвоҳи Спитаман бояд таслим шавед, то ман шуморо ба назди Александр барам, набошад шаҳаншоҳ маро барои суроғи шумо бозпас мефиристад.

Якдаст табассуми маънидоронае карда ба қафо гашта равон шуд.

– Исто, Якдаст, магар шумо ба ивази ҷони худ ҷони ҳазорҳо ҳамқабилаҳоятонро харидан намехоҳед?

Якдаст бозистода гуфт:

– Магар ту боварӣ надорӣ, ки мо боз садҳо саги зарди туро ба назди худои маргатон фиристода метавонем?

– Бовар дорам.

– Пас худатро ба асорати мо бидеҳ, то туро бикушем ва шаҳрро бисупорем. Ҷони ҷанговаронатро халос мекунӣ.

– Ҳа-а Якдаст, фаҳмидам, ҷони муқовимати шаҳр ту ҳастӣ. Чӣ мешавад, агар ман туро ҳамин ҷо бикушам.

– Ҳоло маълум нест, кӣ киро мекушад. Ман бо як даст ҳоло Чанде аз ту барин хунхорро ба дужаҳу фиристода метавонам. Панҷаҳои як дасти ман то ҳанӯз нерӯе доранд, ки ту барин сагро бӯғӣ кунанд.

– Майлаш, Якдаст, хафа шудӣ? Ман бо маъюбон намеҷангам. Омода бошед, фардо шаҳр бо сокинонаш ҳама ба коми оташ меравад.

То инро гуфтани Кратер Якдаст рафта буд.

Юнонӣ рост гуфта буд. Шаҳр ҳамагӣ як рӯзи дигар мепоист.

Инро Якдаст ҳам дарк мекард. Саҳари дигар боз задухӯрди шадид оғоз шуд. Садҳо тир аз зер ва боло ба сари инсонҳо рехтанд. Куштаҳои нав болои куштаҳои куҳан меафтиданд.

Манҷаниқҳои бузург, ки ду адад буданду то ин дам насб мешуданд ба кор даромаданд. Онҳо сангҳоеро ба бузургии тарбуз ва бузургтар аз он ҷониби деворҳои шаҳр ҳаво медоданд.

Билохира, баъди зарбаҳои зиёд як қисмати девор дарҳам шикаст. Спитаман ба он тараф шитофт, як қисмати «гурбаҳо» аз қафояш.

Задухӯрди шадид дар назди девори шикаста оғоз шуд.

Навҷавонони таълимдодаи Моҳу фидокорона меҷангиданд. Зери ниқоб касе кӯдак буданашонро пай намебурд. Юнониҳо баъди куштани ду нафари онҳо диданд, ки бо кӯдакон меҷанганд.

Моҳу расида омада фармон дод, ки «гурбаҳо» аз қафояш биёянд. Онҳоро ба назди дари роҳи зеризаминӣ бурда, фармуд бираванд ва дар кӯҳистон паноҳ баранду ба муҳорибаҳои минбаъда тайёрӣ бинанд. Ҳама шах шуда истоданд. Онҳо шаҳрро муҳофизат кардан мехостанд. Фақат баъди он, ки Моҳу гуфт занону кӯдакон дар кӯҳистон ниёз ба муҳофизат доранд, равон шуданд ба ҷуз Спитаман.

– Бирав, – гуфт Якдаст. – Ман меистам, кӯдак нестам, – гуфт навҷавон. Садояш ончунон қатъӣ буд, ки Якдаст дигар бефоида будани даъваташро ҳис кард. Ба назди асп рафта, бо

ёрии Спитаман болои зин нишаст. Рӯ ба сӯйи дарвозаҳои кушоди шаҳр, ки фақат қисмати болояшон аз ин ҷо намудор буд карда ба Спитаман гуфт: – Писарам, ту бояд зинда монӣ. Ин беҳтарин ҷой барои мурдани ман аст, на аз ту. Ҳамон ҷо, дар кӯҳистон бояд лашкар гирд оварӣ ва баргардӣ, ин фармони охирини ман аст. Катан чунин мехост. Инро гуфта, якдаст тарафи дарвозаи кушодаи шаҳр, ки юнониҳо ба он ворид мешуданд шитофт.

Задухӯрд дар ҷойи шикастаи девор ва ҳамин ҷо идома дошт.

Якдаст шамшер дар даст чун гург ба галаи гӯсфандон дарафтод.

Шамшер ба сари душман зада, якеро сар мебуриду дигариро дасту пой. Ба ҳар тараф ки ҳуҷум мекард, душман пароканда мешуд. Чанд нафарро аз дами теғ гузаронида, боз ба дигар самт ҳаракат мекард. Билохира сахт монда шуд. Чанд ҷароҳати баданаш ҳам хунфишон буданд. Сипар гирифта наметавонист, ки худро мисли дигарон аз зарбаҳо муҳофизат кунад. Тири навбатии партобкардаи яке аз душманон синаашро сӯрох кард.

Баъди ин ҳам якдаст боз чанд нафари дигарро оғӯштаи хун карда, аз асп ба зер афтид. Якбора чанд юнонӣ бо найза шиками ӯро сӯрох карданд.

Дар он сӯйи шаҳр муқовимат идома дошт. Ҳудуди 50 нафар савора ва пиёда рӯйи шикастапораҳои девор бо душман дар набард буданд. Спитаман ҳамон ҷо буд. Навҷавон ҳар замон бо тир синаи душманро сӯрох карда, дар ин овони кӯдакӣ қарзи ватандориро адо мекард. Кратер аз пушти сипоҳ вориди шаҳр шуд. Даромадан баробар тири ҳаданге аз болои девор ба пушташ расид. Нолиш карда, рӯйи асп хам шуд. Болои девор дар даст камон ҳамагӣ як нафар меистод. Кратер гурехта аз мавзеи тиррас худро зери девор гирифт. Тири дигар ба синаи яке аз муҳофизони ӯ зад. Ҳама пароканда шуданд. Якбора 10 юнонӣ бо роҳрав зуд ба боло баромаданд. Тахорӣ шамшер кашида, ба душман дарафтод. Баъди лаҳзае боз ду нафари дигар бо шиками чок аз боло ба зер афтиданд. Яке аз дур найза партофта пушти ӯро сӯрох кард. Даст аз кор

монда, хам шуда буд, ки кулоҳ аз сараш афтид. Мӯйҳои дарозу мушкинаш парешон шуданд. Ҳама дар ҳусну ҷамоли ӯ ҳайрон монданд. Аноҳит буд, зани Катан.

Тири партобкардаи зан ба қадри як ангушт ба пушти Кратер нишаст. Ӯ аз дард ба худ мепечиду дашном медод.

Захм марговар набуд. Яке ҷароҳатро баста хунро боздошт.

Сипоҳиён аз боло ба зер омаданд. Ба Кратер гуфтанд:

– Сардор, агар медидӣ он зани ҷанговар чӣ гуна зебо аст, ҷонат аз захми задаи ӯ дард намекард.

– Мурдааст? – Пурсид Кратер.

– То фаромадани мо зинда буд, мумкин мурда бошад.

Ҳисси кунҷкобии сарлашкар боло гирифту болои девор баромад. Дар ҳақиқат олиҳаеро дид, ки на камтар аз Рухшонак ва Зара зебо буд. Сарашро аз замин бардошт. Зан базӯр чашм во карда, болои сараш Визарешаро дид, зинда. Аноҳит ноумед шуд. Гумон карда буд тири задааш кори юнониро тамом кардааст. Кратер дар зебогии зан инони ихтиёр аз даст дода, сар хам кард, то ӯро бибӯсад. Аноҳит ҳама нерӯяшро ҷамъ карда, ба рӯяш туф карда, ҷон дод.

Чашмони калону зебояш беҳаракат шуданд, балки нигоҳаш рӯйи қурси зарҳалини Митра ях баст. Нигоҳи беҳаракат ва пурҳасрат. Ту гуфтӣ, ки ин чашмон ҳамагӣ як лаҳза пеш лабрези нафрат ба душмани ғаддор набуданд. Кратер боз дер гоҳ болои сараш истод. Билохира дудаста сарашро дошта дод зад:

– Лаънати Зевс бар Александр бод, ки ба ин мамлакати ободу зебо бо шамшер омад. Чӣ қадар мардумони зебо қурбони беадолатии мо шуданд, чӣ қадар юнонӣ дар ин ҷо барои абад сар ниҳоданд. Бо ин нарх ишғол кардани сарзамине лозим набуд. Агар ман ба монанди ин зан ҳамсар медоштам, ҳеҷ гоҳ аз канори ӯ дур намешудам, шамшер ба даст намегирифтам.

Зиҳӣ чунин мардумони ватандӯст! Александр бояд аз ин мардум мардонагӣ ва ватандӯстӣ биомӯзад. Куҷои ту Зе-евс! Биёву чархи таърихро ба қафо гардон, то ман зиндагии писари Пелиперхонтро интихоб кунам. То имрӯз ӯро маломат мекардам, аммо ӯ ҳақ баромад. Бо ин ҳама хунрезӣ, рӯйи ту барин писари худо – Оммон сиёҳ!

Ин суханон сахт ба ҷони ӯ таҳдид мекарданд. Агар касе ба

Александр хабар мебурд, пӯсташро меканд, аммо Кратер одамони шубҳанокро дар паҳлӯи худ роҳ намедод. Ба ҳар ҳол ду нафар аз шумули сипоҳиёнаш зуд омада, даст рӯйи китфонаш гузошта, ӯро ба худ оварданд. Баъд эҳтиёткорона сари занро ба замин гузошта, фармон дод:

– Спитаменро дарёбед, мехоҳам аз сирри ӯ огоҳ шавам. Яке нидо дод: дар қисмати шарқии шаҳр то ҳанӯз муқовимат мекунад. Дарёбед, сирраашро ба ман бигӯед! – Ҳама ба он ҷониб шитофтанд.

Муқовимат қариб ба охир расида буд. Фақат Спитаман ва боз понздаҳ бист нафари дигар муқовимат мекарданд. Навҷавон аз дур Кратерро дида, ҷониби ӯ аспашро маҳмез зад. Дар чашмонаш оташи нафрати бепоён ба Визареша шуъла зад.

Аспаш чунон оташин ва гарм шуда буд, ки сари роҳаш истодан маънии худкуширо дошт. Кратер кӯдакро дида, осуда шуд.

Фармуд ӯро зинда дастгир кунанд. Навҷавонончунон тезу чаҳон буд, ки касе боварӣ надошт, ҳатто бо тир ӯро дарёбад. Ҳама пароканда шуданд. Кратер ҳам аз ҳамлаи ӯ худро канор гирифт.

Аспи бодпо парвоз карда, савораро тарафи дарвоза бурд. Дар як они воҳид нопадид шуд. Кратер чашм ба он ҷониб дӯхта, шах шуда нигоҳ карда истод. Баъд оҳиста зери лаб гуфт:

– Ин фароштурук уқоби тезчангол шуда, бар мегардад. Аммо ман дигар аз ин сарзамин безор шудам. Ғайб мезанам, дигар ёди ин мардумро нахоҳам кард!

Юнониҳо ҷасади ду нафар – Якдаст ва Аноҳитро ҳамчун ҷанговарони бузург болои сипарҳо гузошта, бурда дар лаби дарёи Оксии хурд гузошта аз рӯйи одати суғдиҳо аз оташкада оташи муқаддас оварда дар он ҳардуро сӯзонида, хокистарашро ба об партофтанд.

Гиёҳҳои наврӯстаи диёр гӯё барои Суғди Муқаддас мотам гирифтанд. Муғчаҳои дамидаи дарахтон ба ёди қаҳрамонони ҷоннисори ин Ватан – Катан, Вастан, Бобак, Бразан, Моҳу ва Аноҳити париваш ба рӯй чодар кашида, дигар ба душмани ғаддор рӯй намудан намехоҳанд.

Ғунчаҳои гулҳои садбарги канори роҳи калони шаҳри Бобакон ба истиқболи муқовиматгарони навбатии ин диёр ҷонибиМитра лаб во карданӣ набуданд. Гӯиё медонистанд, ки ин мардуми ғаюру ҷасур ҳеҷ гоҳ нахоҳанд гузошт, ки аҷнабие болои онҳо равуо кунад. То ба ин дам гурезаҳои Бобакон аллакай хело ба фарози кӯҳҳои сар ба фалак кашидаи худ дур рафтанд, барои ваҳшиҳои юнонӣ дастнорас шуданд.

Спитман ба онҳо расида гирифт.

**Ба истиқболи Митра**

*Ҳамин тавр, шоҳ Александр Суғдиён (тамоми ҳудуди Осиёи Миёна)-ро ба пуррагӣ ишғол кард. Аммо юнониҳо дар ин ҷо барои аввалин маротиб буд, ки ба муқовимати сахт дучор шуданд. Суғдиҳо барои ҳар ваҷаб замини диёри худ ҷонбозӣ мекарданд. Александр дар ин ҷо қатли ом гузаронд. Фақат дар чанд моҳи муҳориба дар Мароқанд (Самарқанди имрӯза) ва Киропол (Уротеппа) 120 000 нафарро аз дами теғ гузаронд.*

*Юнониҳо ба занҳо, кӯдакон ва мӯйсафедон низ раҳм намекарданд. Баъди рафтани Александр Суғдиёни замоне ободу зебо ба чулистон мубаддал гашт. Аҳолӣ бошад камаш се баробар кам шуд. (Дройзен И. – Г. История эллинизма / Пер. с фр. изд. М. Шелгунова. Т. I. М., 1890 (переизд. : СПб., 1997).*

Дар дуртасттарин деҳае дар доманаи кӯҳҳои сар ба афлок кашида, дар подомани кӯҳи Пули Сангин Ҳумой гирифтори чаҳордард аст. Дар ҳуҷраи дигар кампири модари Моҳу ҷон медод. То лаҳзаи охирини дарди кӯдак гирифтанаш болои кампир нишаст баъд ба ҳоли худ шуд. Момодоя ӯро гирифта ба хонаи дигар бурд. Ҳумой дод мезад, мӯйҳои момодояи пирро кашида, фиғони ӯро ҳам ба фалак мебаровард. Аз шиддати дард либоси баданашро дарронда пора кард. Синаҳои булӯринашро ханҷол кашид. Пиразан ӯро дашном дода, курташро бардошта, бори дигар ба миёнаи пойҳояш назар дӯхт. Хабаре нест! Фақат хуну зардоб меравад. Момодоя ба ҷон расида, чанд бор хост каси дигарро ба ёрӣ ҷеғ занад, аммо дар атроф ба ҷуз чанд пирамард каси дигар набуд.

– Рӯйи ту барин зоянда сиёҳ, мӯйҳоямро кандӣ, дод зан,

ҷавр бигӯ, бизой охир, наход аз саҳар то бегоҳ зойида натавонӣ! Ту чӣ хели зан ҳастӣ?

Ду марди мусаллаҳ бо шамшер ва камон пушти девор мунтазир нишаста буданд. Инҳо гумоштагони Катан мебошанд.

Супориш доштанд аз ҳоли келинаш хабар бигиранд ва нагузоранд ба ӯ ва кӯдаки дар батнаш дошта зараре бирасад.

Рисолати онҳо ин занро ҳимоя кардан аст. Баъди шикасти шаҳр онҳо гурехта ба ин ҷо омаданд, то вопасин фармони сардорро иҷро кунанд. Рисолати онҳо ба кӯҳистон бурдани зани Бобак аст. Шербаччаи зоидааш бояд калон шуда, муқовиматро идома медод. Ин мардум баъди даҳсолаҳо низ назди аҷнабиҳо сар хам карданӣ набуданд. Балки муҳтавои умри боқимондаашон озод кардани Ватан – Суғди муқаддас аст.

Кампир ҳар замон сар аз сӯрохи девор, ки ба сифати равза истифода мешуд, бароварда об мепурсид. Бори дигар сар бароварда гуфт, ки дигар занро намезоёнад, безор шудааст.

Сарбози ҷавонтар ба назди равза омада таҳдид кард:

– Гӯш кун, кампир, агар ин зан мурад ту ҳам мемурӣ! Агар ба саломат зояд, ана ин сиккаҳои тиллоро ба ту медиҳам, – гуфта чанд сикка зарро бо тасвири шаҳаншоҳ Хувишка нишон дод. Кампир дам фурӯ баст.

Ҳамин, ки қурси зарҳалини Митра аз пушти кӯҳҳои сар ба фалак кашида намудор шуд, наъраи ҷонкоҳи зан ба фалак печида, баъд хомӯш шуд. Якбора садои гӯшхароши кӯдак фазои як лаҳза оромгаштаро дигарбора пурғавғо кард. Сарбозон ба назди сӯрох давиданд.

– Чӣ шуд, мома, писар ё духтар?

– Ана сархӯрро бинед, писар аст! Қариб буд занаки бечораро кушад. Мисли барзагов аст.

Қариб дар як вақт модари Моҳу дар ҳуҷраи дигар, ки бо муҷаррради бемор шудани Ҳумой дар сакарот буд, ҷон дод, аммо қабл аз ҷон додан садои гиряи кӯдакро шунид.

Баъди се соати дигар ҷасади кампирро дар ҳуҷра гузошта, занро болои маркаб савор карда, кӯдакро бардошта, сӯйи қуллаҳои баланд рӯ ба шимолу шарқ, ба он ҷонибе, ки ҳамқавмон рафтанд, равон шуданд.

## Охирсухан

### Мубориза идома дорад

Насими саҳар ин бор гулу майсаҳоро ба рақс намедарорад, балки онҳоро дилгиру якмаром муҷунбонад.

Шилдироси оби нуқрафоми дарёчаи кӯҳӣ ин бор ба гӯш шӯху мутантан садо намедиҳад. Мисли нахчирҳои маҷрӯҳи кӯҳӣ аз фароз ба зер шитофта, суруди нотамоми мотами Суғди Муқаддасро зери лаб такрор мекунад... Суруди якмаром ва орому ҳазин. Касоне, ки тобу тавон доштанд пушти кӯҳҳои сар ба афлок кашида панаҳ бурданд, то омода шуда, фурсат ҷуста, якбора ба сари тӯдаи хунхори ғосиб ҳуҷум кунанд. Ин мардум ба кӯҳистон ба ҷуз тиру камон ва шамшер китоби нимасӯхтаи муқаддаси «Авасто» бурданд. Ҳамагӣ чанд нусха. Бӯйи сӯхтаи Авастое, ки Ҳумой зери ҷойхоби кӯдак пинҳон карда буд ба димоғ мерасид.

Аз 25 китоби муқаддаси дар пӯсти оҳӯ навишта ҳамагӣ якто боқӣ мондааст, он ҳам нисфаш сӯхта. Ҳумой бояд онро ба кӯҳистон бурда, ҳангоми бузург шудани писараш тарзи хонданашро ба ӯ нишон медод. Бояд фарзандашро дар баробари ҳунари ҷанг пандҳои «Авасто»-ро меомӯхт, то барои озодии сарзамини аҷдодӣ муборизаи оқилона барад.

Ин бор мубориза анҷом ёфт, то бори дигар бо ангезаи навин оғоз шавад. Дар он ҷо, пушти кӯҳҳои сарбафалаккашидаи осмонбӯс Спитамани навҷавон бо дастаи яккачинаш, Сиёваршан фарзанди Катан ва фарзанди Бобак, бузург шуда, барои озодии сарзамини муқаддас тарҳи муқовимат мекашанд. Дар водиҳо бошад, Антиох ва Апама – фарзандони Бабри биёбони Суғд – Спитаман, дар камини душманони миллат буданд. Шикаст муваққатӣ аст, мубориза дар пеш аст!

Пушти ҳар хоросанги Суғди Муқаддас ғосибонро марг интизор аст.

*Қисми сеюм*

# ТАХОРИСТОН

## Гирдбод

Гирдбоди росту дарози девонаавзо дар дашти фарохи Тахористон сайр мекунад. Ҷо-ҷо пояҳои хушку бемадори гулу майсаҳои аз тирамаҳ боқимондаро ба ҳаво мехезонад. Ҳар сол дар ин фасли сол, аввали баҳор, одатан боронҳои пайдарпай безор мекунанд. Имсол ғайриинтизор, тундбодҳои шадид дар даштҳои фарохи қисмати шимолии Тахористон, ки наздик ба марзҳои Суғдиён асту доманакӯҳ кори кишоварзони баъзе аз қисмати аҳолии кӯҳнишини Тахорро, ки фақат барои зироаткорӣ аз кӯҳҳо фаромадаанд, ба қафо партофт. Кишоварзон аҳёнан ба чашм мехуранд. Кулбаҳои зист хело кам ба назар мерасанд. Ин ҳам ҳамон сокиноне, ки ба зиндагии сангини кӯҳистон тоб наоварда, ба доманакӯҳ муваққатан фаромадаанд. Асосан оилаҳое, ки дар ҳайаташон на ҷавонон доранду на занони зебо. Дар водиҳо ба ин ду тоифа талабот зиёд аст. Тӯдаҳои ғоратгари кӯчманчии чашмтанг ва баъзе аз гурӯҳҳои аз шаҳаншоҳ саркашикардаи селевкиён, то ҳанӯз бо гузашти беш аз 20 сол аз рафтани Александри ғосиб зулм ба ин мардуми бечора мекунанд. Тӯдаҳои бадзоту баддину бадкеш баъди рафтани Александр аз он сӯи кӯҳҳои сарбаафлоккашида ба ин ҷо омада, асосан дар шаҳрҳои вайронаи маҳсули дасти ғоратгари Юнонӣ маскан гирифтанд ва ба чорводорию ғоратгарӣ машғуланд. Мардуме, ки то омадани юнониҳо аз ҳайбаташ душман ба ларза меомад, ҳоло дар водиҳо бечора шудааст. Дар кӯҳистон бошад, гапи дигар. На юнониҳо ва на тӯдаҳои ғоратгари бодиянишин бо нияти бад дилу гурдаи ба кӯҳистон рафтан надоранд. Он ҷо мардуми кӯҳистон ҳукмрон аст. Истеҳкомҳою қалъаҳои дастнорасу мардони ҷангӣ доранд ин мардуми пурғурур. Падарони он мардум ҳамагӣ 20 сол пеш хун дар рагҳои Александр ҷӯшонида буданд. Ҳоло дар Афина ашрофзодаҳои юнонӣ фарзандони худро ба хоти-

ри диловарони суғдӣ ва тахорӣ Спитаман, Апама, Катан, Вастан, Бобак, Бразан, Сатибарзан, Аноҳит, Ноҳид, Рухшона, Моҳу мегузоранд. Ин мардум дар маъракаи муҳофизати Бобакон доди мардиро дода буданд. Ҳамин ҷо Кратер ду захми ҷонкоҳ бардошт. Дар ҳоле, ки аз Афина то Киресхатаю Мароқанд ва Бобакон ҳамагӣ 1 захми сабук дар маъракаи Гавгамел бардошта буд. Он ҷо бо лашкари сесадҳазорнафараи Доро ҳамагӣ бо ду легион муқовимат мекарданд.

Ҳоло ин дашту биёбон майдони тохтутози қабилаҳои кӯчманчӣ гаштааст. Кӯчманчиёне, ки ту гуфтӣ якҷо бо ҳамин тундбодҳои бегона аз он сӯи кӯҳҳои Ҳиндукуш омадаанд. Дар гузаштаи начандон дур ин тӯдаи пастқаду чашмтанг тамоман ҷуръати ба ин тарафи кӯҳҳои осмонбӯс гузаштанро намекарданду аз зарби шамшери Спитаман ва Катан барин ватандорон ёрои сар бардоштан надоштанд. Боварашон намеомад, ки зӯри касе ба диловарони Суғд ва Тахористону Бохтар расад. Юнониҳо баъди шикасти сипоҳи Катан ва кушта шудани худи ӯ бо талафоти бесобиқа Бобаконро ишғол карданд. Ҳазорҳо диловарони тахорӣ дар назди деворҳои баланду ғафси шаҳр баҳри ҳифзи пораи Суғди Муқаддас-Тахористон сар ба хок ниҳоданд. Боқимондаҳо як рӯз пеш аз шикасти девори шаҳр ва дар рӯзи муҳорибаи охирин бо фармони сарвари муҳофизон – Моҳуи якдаст аз хурд то бузург бо роҳи зеризаминӣ ба кӯҳистон фирор карданд. Қисмати ками аҳолӣ боқӣ монд. Барои талафоти аз ҳад зиёд додан Александр Кратерро зери маломату ҳақорат гирифт. Чӣ медонист, ки бечора Кратер бо чӣ гуна машаққат Бобаконро забт кард. Дар охир зӯраш омаду баъди тири дар пушт аз дасти Аноҳити париваши зани Катан хӯрдааш қариб буд аз Александр рӯ гардонда ба тарафи мардуми диловару зебои Тахористон гузарад. Ҳанӯз ҳам он паривашро дар хоб мебинад. Гоҳо нисфишабӣ Катанро дар хоб медид, ки каманд дар гарданаш андохта мекашид. Баъди маъракаи Бобакон хӯру хобро аз даст дода буд. Дар Мароқанд муқобили Спитаман чунин азоб накашид. Шояд барои он, ки он ҷо масъулиятро Александр бар ӯҳда гирифта буд.

Баъди ишғоли Бобакон – шаҳр дар маркази Тахористон,

юнониҳо барои барқарор кардани он омаданд, аммо чун нерӯи корӣ аз шумули аҳолии таҳҷой набуд, шаҳрро дигарбора насохтанд. Аксарияти аҳолӣ ба кӯҳистон гурехта рафтанд.

Ин ҷо дар сарзамини Тахористон, ки замоне қисми зиёди он ҷузъи Суғдиёни бузург маҳсуб мешуду мутеи Суғдиён буду ҷузъи Ирон, 32 шаҳри обод буд. Ҳоло бошад ҳамагӣ 12 шаҳр боқӣ монд. Байни ду кӯҳи бузурги шӯр бошад ҳамагӣ 2 шаҳри обод боқӣ монд. Ягона шаҳри ободи наздик ба Бобакон Навток буд, дар соҳили дарёи Окс. Онро ҳам юнониҳо нишемангоҳи ашрофзодаҳои худ карда, тарҳи меъмории юнонӣ доданд. Бобаконро бошад ҳамон гуна вайрона гузошта рафтанд. Охирин истеҳкомшаҳри сохтаи онҳо Шаҳри сангин буд дар канори руди Окс. Охирин шаҳри сохтаи тахориҳо қабл аз рафтанашон ба Кӯҳистон хеле фарох ва зебо буд. Сохтмони он бар асари ҳуҷуми юнониҳо нотамом боқӣ монд. Дигар ҳамон Навток буду Бобакони вайрона. Навток то ҳанӯз нишемангоҳи шоҳони юнонист. Дертар тӯдаи кӯчманчии аз он сӯи кӯҳҳои сарбаафлоккашида омада дар шаҳрҳо маскан гирифтанд. Барои онҳо биноҳои обод лозим набуд. Метавонистанд ду се оила дар як хонаи нимавайрона ба сар баранд. Ҳатто баъзан се-чор бародар як зан гирифта дар вайронае истиқомат мекунанд. Ин тоифа на фарҳанг дораду на маданият, балки маънавиёташон иборат аз чанд одати нафратовар аст. Барои ин тоифа зандуздӣ фарҳанг асту хуни тахорӣ рехтан. Дар аввал бо юнониҳо муносибати хуб карданд. Ҷуръат намекарданд бо онҳо хусумат варзанд. Ба тахориҳои аз кӯҳҳо барои ҳоҷате фаромада низ кор надоштанд. Ин қавм ҳам хеле ҷасур буду бебок. Ин ҳол ҳамагӣ 4-5 сол давом кард. Баъди он ки шумораашон афзуд ва диданд, ки мардуми таҳҷой хеле ҳалиму меҳрубонанду меҳмоннавоз, гумон карданд мардуми заифанд. Сипас ба ғоратгарӣ машғул шуданд. Тирамоҳи гузашта, ҳатто аввалин ҳодисаҳои ба юнониҳо дарафтодани онҳо низ мушоҳида шуданд. Мегӯянд пешвои онҳо Ар Сак хеле марди ҷасур ва ҷангдида аст. Ӯ бошиддат қавмашро машқҳои ҳарбӣ медиҳад, аммо маълум не барои ҷанг бо тахориҳо омодагӣ мегирад ё бо юнониҳо. Воқеан, барои онҳо фарқ надорад, ки кӣ аз кадом қавм аст. Мақсадашон дар

ҳамин сарзамин ба таври доимӣ маскан гузидан асту ҳарчи шумораи бештари ҳамқавмони худро овардан.

Ҳоло бедодгариҳои онҳо дар нисбати юнониҳо ончунон назарногир аст, ки селевкиён ба сари онҳо лашкар кашиданро салоҳ намебинанд. Балки аз тохтутози онҳо тахориҳои аз кӯҳҳо фаромада бештар озор мебинанд. Густохии гурӯҳе аз арсакиён то ба ҷое расид, ки дар мавсими гузашта, ҳатто оҳанги кӯҳистон-қалъаи мустаҳками тахориҳо карданд. 20 нафари онҳо кишоварзони гурезаро таъқиб карда, ҷониби кӯҳистон рафтанд. Саҳар мурдаашон туъмаи каргасон шуд. Ҳатто селевкиён ҷуръати ба кӯҳистон рафтан намекунанд, аммо тоифаи кӯчманчӣ рафт.

Кӯҳистон барои тахориҳои аз сипоҳи Александр фирор-карда, қалъаи мустаҳкам шуд. Он ҷо мардони ҷангӣ ҳастанду қалъаҳои мустаҳкам. Аз кӯҳистон бидуни зарурати хоса касе ба водиҳо намефарояд. Чанд соли пеш мефаромаданд. Селевкиён ба онҳо кордор набуданд, аммо бо пайдо шудани кӯчманчиёни ғоратгар ҳатто юнониҳои ҳокими мулк бе муҳофизони зиёд ба сафар баромада наметавонанд. Албатта, зӯри онҳо ба тӯдаҳои кӯчманчии ғоратгар мерасад, аммо дар саҳроҳои васеъ дарёфт ва дарёб кардани кӯчманчиён хеле мушкил ва заҳматталаб аст. Саворагони хуб ва бебок доранд. Ду соли пеш гурӯҳе аз ин тоифаро Селевк Сотер муқобили Мелеагр истифода бурд. Ахирӣ Селевкро аз нишемангоҳаш пеш карда қисмате аз сарзаминҳояшро бо шумули Суғдиён бо шумори Мароқанд ишғол карда буд. Боз Птолемеос Лаг – сарлашкари машҳури Александр ба ӯ кӯмак кард, ки қасосашро гирад ва Мелеагрро шикаст диҳад. Дубора айшаш тамом шуд ва боз вақташро бо тамошои муҳорибаҳои гладиаторӣ мегузаронад. Гоҳо ин муҳорибаҳо то дами марг идома меёбанд. Ин гуна ваҳшигариро мардуми таҳҷоӣ бори аввал 15 сол пеш дида буданд. Селевк Сотер барои дили мардуми таҳҷоиро дарёфтан бори аввал дар майдони кушод ин одати юнониҳои мастро намоиш дод. Албатта тамошобин кам буд, чунки аксарият ба кӯҳистон фирор карда буданд, аммо овозаи ваҳшонияти ғосибон ҳама ҷоро пахш кард. Ин мардум бори аввал медид, ки фақат баҳри дилхушӣ дар майдон инсонро бо

инсон ҷанг меандозанд. Баъзан ин муҳорибаҳо то рехтани хуни аввал буду баъзан то мурдани яке.

Гирдбод, акнун ба самти муқобил ҳаракат карда тоб хӯрда, тамоми ашёи сабуки заминро иборат аз гиёҳҳои хушк ба ҳаво бардошт. Осмони каб-кабуди саҳар, ҳамакнун тира асту пурғубор.

Байни гарду ғубор аз дур шабаҳи ду савор намудор шуд. Чашмони ҳарду ҳам аз таъсири ғубор ва бод сурх буданду пуроб. Қариб ҳамаи либосҳояшон аз пӯст ва пашми ҳайвонот дӯхта шудааст. Пӯсте, ки хеле хуб суфта ва коркард шудааст. Ҳунармандони кӯҳистон аз пашми ҳайвонот ва пӯст либосвориҳои хуб тайёр карда метавонанд. Ин либосҳо дар водӣ хеле хушхариданд. Либосҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳарду ҳам кӯҳистонианд. Яке ҷавони 20-22-солаи хушсурат асту дигарӣ марди расидаи 30-соларо мемонад. Шояд риши кӯтоҳи ялаққосии сиёҳ, киякҷо бо абрӯвони ҳамин гуна мушкин ва мӯи сари то китф фаромада синнашро калонтар мегирифт, аммо дар ҳар сурат қомати расо, мушакҳои барҷастаи бадан, ки ҳатто аз зери либосҳои чармин намудоранд, осори салобату мардонагиаш шоҳиди онанд, ки ҷавон аз 30-сола ҷавонтар нест. Навҷавон ҳам чашмони сиёҳи бодомӣ ва мӯйҳои сиёҳи то китф дароз дорад. Пӯсти сафед, бинии дуруст, лабони тунук, пешонии фарох, мӯйҳои дарозу аз ду бари рӯ овезон ва чашмони сермижжаву сиёҳаш ӯро бештар ба духтарон монанд мекунанд, агар риши навдамида, нигоҳи тез ва манаҳи каме паҳни мардона ва мушакҳои барҷастаи дастону чеҳраи каме ба назар ғазаболудаш намешуд.

– Бародар, – аспро боздошта ба қафо гашта нидо дод навҷавон, – ба Бобакон намедароем?

– Боз барои чӣ?

– Барои он ки он ҷо хуни падари ману ту рехтааст, – аз посухи ҳамсафараш каме оташин шуда гуфт навҷавон. Маълум буд, ки дар ин бора на як бору ду бор пурсидаасту бо савол посух гирифта. Имрӯз маротибаи сеюм аст, ки ин саволро медиҳад ва бо савол чунин посух мегирад:

– Мехоҳӣ хуни худат ҳам резад?

– Чӣ, метарсӣ?

– Наметарсам, аммо баръакси ту ақли тарс дорам.

– Мо ҳарду наход бо 10-20 дузди биёбон панҷа зада натавонем?

– Агар беш аз ин бошанд-чӣ? Хоса, мегӯянд арсакиён дар Бобакон маскан гирифтаанд, гӯё бо сухан фикр кард ҷавонмард.

– Онҳо ба мо чӣ кор доранд, шаҳрро мебинему меравем. Ин замини мо ва шаҳри мо аст. Наход дар замини худ бемалол қадам зада натавонем?

– Метавонӣ, сабр кун. Каме дигар монд. Мо ҳатман замини падаронамонро кашида мегирем, аммо на ҳоло. Барои мо яроқи зиёд лозим аст.

– Яроқ дорем-ку?

– Бо ин гуна яроқ, аз оҳани хом, касеро тарсонда наметавонӣ.

– Рафтем, бародар, мо барои ҷанг намеравем, онҳо ба мо кор надоранд.

– Чӣ хел кор надоранд, соли гузашта 20 нафарашонро барои чӣ куштем?

– Ҳа, дуруст, фаромӯш кардам. Моро аз рӯи либосамон ҳам зуд мешиносанд, ки аз кӯҳистон фаромадаем. Лекин ту ваъда дода будӣ, ки ҷои мурдани падарамро нишон медиҳӣ.

– Он ҷой дар шаҳр нест, балки дар ҳамин наздикӣ дар доманаи кӯҳ аст, ба ваъда вафо мекунам.

## Духти Спитаман

Ҷавон суханашро ба охир нарасонида буд, ки аз дур ғубор ба осмон хест. Инро дар аввал навҷавон дид ва бародарашро хабар кард. Ҳарду дар изтироб афтоданд.

– Гӯш кун, – гуфта насиҳат кард кӯҳистонии бузургтар, – касе набошад аҳамият надеҳ, бо сари хам гузашта меравем,. Ба чашмонашон ҳам нигоҳ накун.

– Салом диҳанд чӣ?

– Кӣ ба ту, хилмак салом медиҳад, хоса аз аробаҳояшон маълум аст, ки ашрофзодаҳои юнонианд, умуман ту на фикр кун ва на гап зан…

– Чӣ, ман одам нестам, – оташин шуд Хурдак.

– Хайр, шуд-шуд, одамӣ, фақат даматро гир!

– Кам бошанд ба онҳо дарафтода ярокҳояшонро гирем-чӣ? – Боз худро «одам» ҳис карданӣ шуда гуфт бача.

– Даматро гир, онҳо ба мо кордор нестанд, чӣ лозим лонаи замбурро кофтан? Хап кун, кӯдак, наздик шуданд, ту тамоман фикр накун, чизе гуфтам, ҳамонро бикун.

Саворахо расиданд. Тахмини ҷавон рост баромад, юнониҳо буданд. Рӯи аробаи дуаспа як зани миёнасол менишаст дар паҳлӯяш кӯдаки дӯстрӯяки 8-10-сола. Зан пероҳани ҳарири сафед дораду аз рӯяш пӯшише аз матоъи сурхи ялаққосӣ. Мӯйҳои тиллогини дарозу кушода, чашмони осмонӣ ва пӯсти хеле сафеду дилкашаш аз ашрофзодаҳои юнонӣ буданашро шаҳодат медод, аммо ба андешаи кӯҳистонӣ чашмони осмониаш мисли чашмони юнониҳо кабуди нилӣ нест. Салобат ва виқораш аз ашрофзода будани ӯ дарак медиҳад. Пешопеши саворагон як ҷавони тануманду зебо ҳаракат мекард. Пешонии фарох, чашмони гирди калон, мӯи сари тиллоранги каме ҷингила, худи гаронбаҳои сараш ва чодари дарози китфонаш аз рӯи ҷавшан ҳам либоси махсуси дастаи яккачини ашрофзодагони юнонӣ аст. Саворагон тахминан 200 нафар буданд. Чун хело наздик шуданд, дигар саворагони кӯҳистон сар ба зер афканда хостанд ноаён гузаранд. Ҳама истода ба онҳо нигоҳ мекарданд. Салобату виқори ҷавони калонсолтар диққати ҳамаро беихтиёр ҷалб накарда наметавонист. Мушакҳои дамидаи дасту шикам, ҳатто аз рӯи либоси чармин аён буданд. Чашмон ва қошу мижжаи сиёҳ, рагҳои дамида баромадаи дастон дарак аз нерӯи ҷисмонии мард медиҳад. Гардани серрагу пайванд, китфони паҳн шабоҳат ба гладиаторҳои Рим медиҳад. Маълум аст, ки фақат бо кори ҷисмонӣ чунин мушакҳоро рӯёнидан мумкин нест. Ин ҷо машқҳои махсус низ лозиманд. Чун ба ароба баробар шуданд, ҷавони сарҳанги даста рӯ ба онҳо оварда бо лаҳҷаи шикастаи қабилаҳои сакоӣ нидо дод:

– Дуруд бар шумо, дӯстони кӯҳистонии мо!

– Дуруд, бо лаҳни худи ӯ посух дод кӯҳистонии миёнасол.

– Аз шаҳр омадед?

– Кори ту чӣ, – аз каҷпурсӣ ва хӯҷаинии ӯ оташин шуда, ба

ҳар ҳол эҳтиёткорона, вале бо ғалаёни ошкорои ниҳонӣ, гуфт Хурдак.

Саворони юнонӣ ва зани дар ароба нишаста аз оташи ботинии ҷавон тааҷҷуб карда, аввал ҳайратзада шуданд, баъд чун диданд, ки бо ишораи дӯсташ сурх шуда сар хам кард, табассум карданд.

Сиёваршан рӯ ба юнонӣ оварда ҷавобан ба саволи ӯ пурсид: – Аз кадом шаҳр?

– Аз Бобакон, албатта.

– Не, баъди омадани Александр дар он ҷо одам зиндагӣ намекунад, фақат кӯчманчиён дар вайронаҳои он маскан гирифтаанд.

Посухи кӯҳистонӣ неше буд ба дили юнониҳо – ғосибони ин сарзамин, вале аз тӯдаҳои кӯчманчиро одам наҳисобидани ӯ завқ бурда хандиданд.

– Юнониҳо омада фақат вайрон накарданд, балки то имрӯз дар Суғдиён 11 шаҳри дигар сохтанд, – ҳанӯз аз ханда батамом фориғ нашуда гуфт сарҳанг.

– Магар ин ҷо то омадани шумо вайрона буд? – Қариб бо нафрат пурсид тахорӣ.

– Не, обод буд.

– Пас, гӯххурӣ омадед!? – Ба бародараш фурсат надода, дод зад ҷавон. Садо он қадар баланд буд, ки юнониҳо ба таҳлука афтода, баъзеашон якбора даст ба қабзаи шамшерҳо бурданд.

– Дамата гир, кӯдаки беақл! – Дод зад кӯҳистонии миёнасол.

– Ин ҷо биё, писарҷон, – баланд шуд овози зани ашрофзода. Инро бо лаҳҷаи суғдӣ гуфт. Маълум буд, ки мардуми таҳҷоӣ аст. Лаҳни шикастаи дигар юнониҳо тамоман ба ин монанд набуд. Садо он қадар маҳин ва зебо буд, ки ду кӯҳистонӣ чашмдор набуданд, ки садои зан чунин ширин буда метавонад. Садои занҳои кӯҳистон ғолибан дағалтар, аниқтараш мардонатаранд аз дил гузаронданд онҳо.

Бача бо маънии «хайр чӣ мегӯӣ» ба назди ароба рафт. Зан пурсид:

– Ту чаро ин қадар юнониҳоро бад мебинӣ?



– Он қадар бад мебинам, ки аз пиндори шумо ҳам, бонуи зебо, бештар, – посух дод навҷавон.

– Ба ту чӣ бадӣ карданд?

– Падарамро пеш аз таваллуди ман куштед, ғосибон, боз чӣ бадӣ кунед!?

– Падару модари ӯро ҳам куштед, хунхорҳо. – Навҷавон ба шарикаш ишора кард.

Рост мегӯяд? – Пурсид зан аз савораи калонсолтар.

Савора лаҳзае сар хам карда хомӯш истод. Баъд вазнин сар бардошта ба нишони тасдиқ сар ҷунбонд.

– Падарони шумо дар муқовимат бо Кратер 20 соли пеш ширкат доштанд? – пурсид зан аз савора.

– Доштанд, мо ҳам аз шумо наметарсем, – бо ҳамон ғалаён гуфт ҷавон. – Падари ӯ дар ин ҷо дар ҷанги тан ба тан Кратери визарешаро ба зону нишонда буд! Падари ман кӯдак буд, ки бо тири хаданг гулӯи Амфотери хунхорро шикофт. Лозим шавад бо шумо ҳам меҷангем, зӯрамон ба ҳамаатон мерасад.

Зан дигар ба суханони кӯдак гӯш надода, на бе изтироби дохилӣ аз кӯҳистонии дуртар истода, пурсид:

– Ту писари Катан ҳастӣ?

– Бале, писари Катан ва Аноҳит, ки шумо ғосибон ҳардуро куштед, – дигар илоҷ наёфта сирро ошкор кард ҷавон. Номам Сиёваршан аст. Ин ҷавон Хурдак ном дорад, писари Бобак. Падари ӯ ҳамсинни ин писараш буд, ки барои ҳифзи ватан муқобили шумо ғосибон ҷангида, ҷон фидо кард. На чун ҷангиёни шумо дар ғурбат зери бори нанг. Ҳоло бошад мо меравем, агар роҳро кушоед, нахоҳед ҷанг мекунем. Гарчанде, ки ҳоло мо бо шумо ҷанг карданӣ нестем. Агар газанде бар мо расонед, сипоҳиёни ҷаррори мо зуд ба шумо расида мегиранд, – гуфт ҷавон.

– Мо ба шумо кордор намешавем, – гуфт сарҳанги юнонӣ, хоса шуҳрати диловарии падарони шумо то ҳанӯз вирди забони юнониҳои ин ҷо ва Афина аст, аммо қабл аз он, ки равед, намехоҳед бидонед, ки ин зани дар дучарха нишаста аз кадом нажод аст?

– Селектрус! – Ба маънии «дамата гир» садо дод зан.

– Бону, бигзор бидонанд, ки бо кӣ муомилаи дағал карданд.

– Лозим не, бигзор раванд, онҳо дағалӣ накардаанд. Лаҳҷаи мардуми кӯҳистон чунин аст.

– Лозим шавад боз дағалӣ мекунем, – садо баланд кард Хурдак. – Мо мусофир нестем, дар ватани худ ҳастем. Шахсан ман, камтарин майл барои шиносоӣ бо туро надорам, – пешдастӣ карда гуфт Хурдак.

– Ман ҳам, фақат дар як мавзӯъ, – бо навҷавон ҳамфикр шуда гуфт Сиёваршан. Акнун ҳама гуна меҳрубонии сохтаро як сӯ гузошта ғазабашро ӯ ҳам ошкор кард.

– Ҳатто агар бигӯям, ки ин зан Апама, духтари Бабри биёбони Суғд – Спитаман аст?

Баъди ин сухан Сиёваршан дар ҳоле, ки аспаш аз ароба гузашта буд, лаҳзае шах шуда истод. Баъд оҳиста аз асп фаромада ба назди дучарха омад. Селектрус боз ду сарбози дигар ба ҳар ҳол шамшерҳо аз наём берун карданд. Кӯҳистонӣ хомӯшона дасти зебои занро аз чӯби ароба бо қабзаҳои пурқув-

ваташ гирифта бӯсид. Апама бо дасти чап мӯи сари гардолуди ӯро сила кард. Бону ҳам ҳамсинни ӯ буд, ки аз падар ятим монд. Ду ятим, яке тахорӣ дигаре суғдӣ, ки аҳли як мардуманд ва бо як забон, вале бо ду лаҳҷа гап мезананд. Ду ятим, маҳсули ҳуҷуми Александр ба сарзамини муқаддаси Суғд. Ду ятиме, ки на меҳри модарро диданду на навозиши падарро. Танҳо ба хотири як кӯдаки инҷиқи шуҳратпараст бо номи Александр. Кӯдакиашон бо ҳасад бурдан ба дигар кӯдакони падару модардор гузашт, кӯдакии барбодрафта…

Хурдак ба назди дучарха омад. Зан сари ӯро модарвор дар канор гирифт. Ду қатра ашк аз чашмони шаҳлояш ба бари рухсораҳои ҳанӯз ҷавон ва зебояш шорид. Катан бӯи модарро эҳсос кард. Танҳо ҳамин дам ҳис кард, ки мӯйҳои парешон, рухсораҳои сурх ва боз ким-чии дигари духтари Бабри биёбони Суғд ба модари ӯ шабоҳат дорад. Лаҳзае фаромӯш кард, ки ӯ калонсол аст, балки худро кӯдаке тасаввур карду Апамаро ба ҷои модараш.

Хурдак дасташро паси гардани кӯдаки дар паҳлӯи зан нишаста гузошта, сарашро ба сари худ наздик оварда пешонӣ ба пешониаш монда бо табассум пурсид: номи ту чист?

– Антиох Сотер.

– Писари кистӣ?

– Набераи Спитаман.

– Писари кӣ?

– Чӣ фарқ дорад, ман набераи Бабри биёбони Суғдам.

– Писари шоҳ Селевк, – ба ҷои ӯ посух дод Апама.

Сиёваршан ба ӯ наздик шуда, мӯи сари тиллорангашро сила кард. Антиох аз банди дасти ӯ дошта, сарашро ба кафи кӯҳистонӣ ҷафс кард.

Лаҳзае баъд ҳарду аз ароба дур шуда ба назди аспон рафта, сабук ҷаста рӯи онҳо нишастанд. Аспи беқарори Сиёваршан ба ду пой рост хеста, ғуборро ба осмон хезонд. Ӯро ҳам гиря гулӯгир карда буд, намехост заъфашро юнониҳо бинанд. Ҳама ҳасрати ятимӣ якбора ба гулӯяш дармонд. Намехост, ки ашки чашмашро касе бубинад, хоса ин савораҳое, ки барои ӯ душман буданд. Фақат бо овози ларзон рӯ ба Антиох оварда гуфт:

– Пас, фаромӯш накун, ки ин сарзамин беш аз ҳарвақта ниёз ба фарзандони содиқ дорад, то даме ки охирин аҷнабӣ аз он берун шавад. Ту фарзанди ҳамин диёр ҳастӣ, пас барои ҳимояи он омода шав!

Инро гуфта, аспро чун бод ба саҳрои васеъ ронд. Хурдак ҳам аз қафояш аспро маҳмез зад. Бо шунидани номи ватан ва сарзамини худ аз чашмони кӯдак шарар борид. То дер гоҳ аз пушти ду савори ҳамватани худ ва аз нажоди худ, наззора кард. Ӯ имрӯз сахт мехост ба ин ду кӯҳистонии ҳамнажодаш дар саҳрои васеъ аспдавонӣ кунад. Шуҷоату мардонагии он ду, ин як ва дастаи юнониро ба ваҷд овард. Дар чашмони зебои Апама низ ҳисси ифтихор аз ин ҳамшаҳриҳои зебо ва шуҷоаш ҳувайдо гашт. Ӯ ба ҳамқавмон нишон доданӣ мешуд, ки аждоди бошарафи ӯ аз ҳар ҷиҳат камтар аз юнониҳо нестанд. Бо шавҳараш Селевк борҳо дар ин мавзӯъ баҳс карда буд.

Дастаи дусаднафара аз қафои кӯҳистониҳо то пушти теппаи наздиктарин нопадид шуданашон нигоҳ карда истоданд. Баъд ба роҳ баромаданд.

Ду савора пушти теппа аспҳоро аз давидан боздошта нафас рост карданд, баъд оромтар равон шуданд.

## Задухӯрд бо роҳзанон

Ҳанӯз сесад қадами дигар нарафта буданду аз таассуроташон байни худ чизе нагуфта буданд, ки аз қафо садои пасти ҳою ҳуй ба гӯши Хурдак расид.

– Сиёваршан, аз он ҷониб садоҳои нигаронкунандаро мешунавам.

– Ҳеҷ чизро намешунавам, посух дод Сиёваршан.

– Чӣ гапе ҳаст, ба садои шавқуни ҷангараҳо монанд аст.

– Тинҷ аст, биё аз қафои ман, касе ҷуръат карда ба шоҳзода дар намеафтад.

– Ба ҳар ҳол ман ба теппа баромада хабар мегирам, якравӣ кард Хурдак.

Сиёваршан чашмонашро калон кушода, тамоми ғазабашро ба рӯи ӯ рехтанӣ шуд, аммо ҷавон аллакай асп давонда дур рафта буд. Ӯ ҳам баргашта аз қафои Хурдак асп давонд. Рӯи теппаи аввал баромада, гарду ғубори зиёдро диданд, аз теп-

паи дуюм саворагони зиёдеро диданд, ки ба дастаи юнониҳо дарафтида буданд. Сиёваршан аз рӯи либоспӯшиашон тахмин кард, ки ҳудуди 500 нафар ҷангиёни ғоратгари кӯчманчӣ ба юнониҳо дарафтидаанд. Кулоҳҳои нӯгтези дарозу дар болояш кокул дошта аз аршакиён будани онҳо дарак медод. Ин ҷо дигар қабилаҳо густохӣ намекунанд. Аспро боздошта Хурдакро нидо дод:

– Исто, сағира, гӯш кун чӣ мегӯям. – Хурдак аспро боздошта ба ӯ гӯш дод.

– Чӣ, мехоҳӣ ҷонамонро ба хатар андохта аз юнониҳо пуштибонӣ кунем? Кордор нашав, ҳарду ҳам барои мо душмананд.

– Аз юнониҳо не, бародар, медонӣ ки ман барои ҷони онҳо як пари коҳро дареғ медонам, мо бояд аз фарзанди Спитаман пуштибонӣ кунем. Баъд худамонро санҷем, ки аз дасти мо чӣ меояд.

Шумори арсакиён хело зиёд аст, дар ҳамин ҷо кушта мешавем, чӣ лозим ҷанг кардан, мо бояд ба кӯҳистон рафта, тилло гирифта омада, ярօқ харида барем.

– Э, бародар, аз чанд раҳзан тарсидӣ, биё, ба ин ду қавми ғосиб нишон диҳем, ки мо кӣ ҳастем. Бифаҳмонем, ки соҳиби ин сарзамин мо ҳастем, на онҳо. Солҳои дароз машқ кардем, акнун бисанҷем, ки ба чӣ қодирем.

– Исто, беақл, нарав вазифаи мо дигар аст…

Аммо Хурдак дур рафта буд. Ӯ ночор аз қафои навҷавон асп давонд. Ба ҷои ҳодиса дар лаҳзае расиданд, ки юнониҳо бо низоми махсус гирди ароба ҳалқа шуда саф бастаанду сипарҳои дарозро ба замин гузошта девор сохтаанд. Бо дасти дигар бо найзаҳо дучархаи Апама нишастаро ҳимоя мекунанд. Аллакай ҳудуди 20 нафарашонро куштаанд. Чанд нафар аршакӣ ҳам оғӯштаи хун дар замин мехобанд. Аммо бими рахна шудани сафи бонизоми онҳо ба миён омада буд. Апама умедашро аз муҳофизон барканда ба даст дашна гирифта, рӯи ароба рост истода ба муҳориба тайёрӣ дид. Антиох сахт ба бадани модар часпид. Берун аз саф Селектрус бо дастаи хурд бо душман дар задухӯрд аст. Дар ин лаҳза бо яке аз роҳзанон бо шамшер муҳориба мекард. Маълум буд, ки ҳарифаш ҷанговари хеле

қавиҳайкал ва бераҳм аст. Дар як вақт ду нафари дигар аз раҳзанон ба ин ҷанговар кӯмак мекарданд. Кӯҳистониҳо ба издиҳом наздик шуда, лаҳзае истода тирҳои хаданги худро ба камон андохта дар як вақт ба вазъият баҳо доданд. Селектрус шамшер ба сари яке аз он сенафара зада, сари ӯро то биннӣ дуним кард. Дигарӣ қариб дар як вақт ба сари ӯ шамшер зад. Бо сипар рад кард, юнонӣ шамшери дасташро зуд бо найза иваз карда ба паҳлӯи юнонӣ зарба зад, ки сарҳанг ба замин афтид. Ҷанговари қавиҳайкали чашмтанг шамшерро баланд бардошта, хост ӯро ду ним кунад. Ҳамин дам тири задаи Хурдак ба пушташ халид. Қавиҳайкал нолиш карда, якпаҳлӯ ба замин афтид. Селектрус дар ҳоле, ки дар замин мехобид, шамшер ба шиками ҷанговари сеюм халонда бо нишони миннатдорӣ дасти шамшердорашро сӯи Хурдак бардошт. Баъд зуд аз замин хеста, аспашро ёфта, худро болои зин гирифт. Сиёваршанро дид, ки тир ба чашми яке аз роҳзанон зада, шамшер кашида сахт наъра зада аз пушт ба роҳзанон дарафтид. Хурдак ҳам бо як чолокии хеле азим ба чапу рост шамшер зада, ду раҳзанро хунолуд кард. Чунон гарм шуда буд, ки дигар ҳама маҳорати ҷангиро фаромӯш карда, ғарқи ғазаб шамшер мезад. Сиёваршан инро зуд ҳис карда, чашм аз ӯ намеканд. Ҷанговари чашмтанге, ки аз беҳиссиётии Хурдак истифода бурда мехост найза ба пушташ занад аз зарби найзаи кӯтоҳи партобкардаи Сиёваршан нолиш карда ба замин афтид. Аз ин чолокии кӯҳистониҳо ҷангиёни Селектрус рӯҳи тоза гирифта, якбора ҳалқаро васеъ карда ба душман дарафтиданд. Сиёваршан ва Хурдак то ин дам аллакай сафи душманро дарида, онро ду ним карда буданд. Чунон тез шамшер мезаданд, ки юнониҳо аз чолокии онҳо дар ҳайрат монданд. Ту гуфтӣ, ки ин ду дар кӯҳистон ба ҷуз одамкушӣ шуғли дигаре надоштанд. Дар як лаҳза ҳудуди сӣ нафарро кушта ё маҷрӯҳ карданд. Ҳама саргарми куштори роҳзанон буданд, ки ҳудуди даҳ чашмтанг ҷангкунон ба аробаи Бону наздик шуданд. Селектрус инро дида нидо дод:

– Сиёваршан, шаҳбонуро дарёб!

Писари Катан чанд нафарро кушта, роҳро кушоду зуд худро ба назди ароба гирифта, шамшери паҳну кӯтоҳашро ба ҳалқуми яке халонд. То ин дам Хурдак низ ба назди ароба

расида, пушт ба бону бо раҳзанон дар набард шуд. Сиёваршан ҳар замон рӯ ба Хурдак оварда дод мезад:

– Пеш нарав, сағираи беақл, аз пушти ман ист. Исто, сагбачча, куҷо меравӣ, ҳамин ҷо ҷанг кун! – Ӯ навҷавонро сахт эҳтиёт мекард.

– Э, мардак, безор кардӣ, мемонӣ ҷанг кунем, ё не!?

Аз ин муносибат ва якравии ҷавон, баъди он, ки бону аз хатар эмин шуд, Селектрус хандид. Душманони зиндамонда оҳиста ақибнишинӣ мекарданд.

– Дидӣ, мардак, – рӯ ба юнонӣ оварда гуфт Хурдак, дар ҳоле, ки шамшер ба шиками дузде халонд, – ҳоли ман чӣ қадар бад аст? Ҳатто модарам дар ин майдон мешуд, ин қадар халал намерасонд.

– Дидам, офаринат, чӣ гуна тоқат мекунӣ?

– Мурда-мурда, – гуфта Хурдак шамшер ба пушти дигаре зад, ки мехост фирор кунад. Хурдак чун дид, ки Селектрус механдаду ҷавобашро бо шӯхӣ додааст, дар ғазаб шуда бо шамшер чунон сахт ба гардани дузди навбатӣ зад, ки сараш дар қафаси синааш овезон шуд ва хун фашшос зада аз рагҳои буридааш баромад.

Лаҳзаи дигар, дуздон ба фишори дастаи юнониҳо тоб наоварда, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Аммо то ин дам ҳудуди 200 нафарашон кушта шуданд. Ҷангиён онҳоро то сад-дусад қадами дигар таъқиб карда ба назди ароба баргаштанд.

Ҳама хунолуд буданду хомӯш. Баъзеҳо даст ва шамшерҳои хунолудашонро бо либосҳои чармину пашмини душманони мурда пок мекарданду баъзеи дигар ҷароҳатҳояшонро мебастанд. Садои яке аз юнониҳо аз байни издиҳом баланд шуд:

– Сардор, дили ман ба Хурдак месӯзад, бечора байни ин ҳама дашному итоби Сиёваршан чӣ гуна тоқат мекунад?

Ҳамаи онҳое, ки суханони Хурдакро шунида буданд, ба ханда даромаданд. Чанд дақиқа хандиданд. Хурдак ҳам табассум мекард. Танҳо Сиёваршан хомӯш буду аз асп фаромада, либосҳояшро дуруст мекард.

Баъди аз ханда фориғ шудан, Селектрус аз асп пиёда шуда ба писари Катан наздик шуд. Аз пушт даст ба китфи ӯ гузошт. Ҷавон рӯяшро ба қафо гардонд. Сарҳанг ӯро ба оғӯш кашид. Баъд оҳиста гуфт:



– Ташаккур, дӯстам, имрӯз шумо ду нафар ҷои сесад савор ба мо кӯмак кардед. Сиёваршан, биё ҳамроҳи мо, ба Селевк мегӯям туро сарлашкар мекунад.

Ҳама якбора хомӯш шуда, чашм ба ӯ дӯхтанд.

– Ташаккур, ошно, рисолати мо дигар аст, агар ту фақат шаҳбонуро муҳофизат мекунӣ.

– Муҳофизати шаҳбону камтарин рисолатест, ки ба сомон меорам.

– Бовар кардам, пас, барои чӣ бо Птоломеос Лаг ва писари ӯ ҷанг мекунед?

– Инро ту намефаҳмӣ, чунки асрори дарбориён аст.

– Ман ҳаминро мефаҳмам, ки чун Птоломеос бо Селевки шоҳи ту ва хеши Александр ҷанг кард, дар канор ист, то ҳарчӣ бештар хуни ҳамдигар резанд, онҳо барои молу ҷоҳ омодаанд якдигарро бикушанд, аммо шумо юнониҳои оддӣ мисли мо тахориҳоед, бо меҳнати худ ризқ меёбед.

– Рафтем, Хурдак, – гуфта сабук ҷаста худро болои зин гирифт.

– Истед, – баланд шуд садои бону. Ҳарду ҳам рӯ ба ӯ оварданд. – Хоҳиш дорам, наздик биёед!

Ҳарду итоат карда пиёда шуданд. Бону даст ба сари Хурдак гузошта, сарашро сила кард. Баъд рӯ ба Сиёваршан оварда гуфт:

– Диловарии падарони шуморо шунида будам. Онҳо мисли Бабри биёбони Суғд ватанро дӯст медоштанд ва онро то охирин қатраи хунашон муҳофизат карданд. Мисли ману шумо ҳазорҳо нафар кӯдакон ятим монданд. Ҳамаи ин барои шуҳрат ёфтани як нафар – писари Филипп – Александр. Баъди марги ӯ дигар касе аз юнониҳо ҷанг накард. Ҳама мисли мардуми кишоварз буданду ҳунарманд. Дар ин сарзамин онҳо шаҳрҳо бунёд карда бо мардуми таҳҷоӣ паҳлӯ ба паҳлӯ осуда зистанд. Худ бидонед ва ба мардуми кӯҳистон бигӯед, ки аз ин ба баъд юнониҳо душмани мо нестанд. Балки душман тӯдаи аршакиёнанд, ки рӯз то рӯз қудратманд шуда хеле густох шудаанд. Имрӯз аввалин бор аст, ки ба дастаи шаҳаншоҳ дарафтиданд. Шак нест, ки фардо густохтар шуда, қасди тахти шоҳӣ мекунанд. Бигӯед, ки шумо бо кадом зарурат ба водӣ фаромадед?

– Тани ту бегазанд бод, шаҳбону, – ба сухан даромад писари Катан, – мо барои харидани яроқ ба бозорҳои Мароқанд рафта будем. Нарху наворо дидем, акнун рафта пул оварда, яроқ мехарем. Мо бояд дар кӯҳистон соҳиби нерӯи бузург бошем, то ҳам худро муҳофизат карда тавонем ва ҳам ба водиҳо фаромада бо тӯдаҳои ғосиби аршакӣ бичангем ва ватанамонро аз нерӯҳои аҳриманӣ пок созем.

– Нияти нек доред, фарзандонам, – гуфт бону ва рӯ ба Селектрус овард:

– Ҳамаи яроқи ин duздони кушташударо бо аспу лавозимоти дигари ҷангӣ ба ин ду бидиҳед.

– Хуб шудааст, бону, ҳамаро ба онҳо бахшидам. Ба ҷуз ин, ба Мароқанд биёянд ман бо шоҳ маслиҳат карда ба онҳо ҳар қадар яроқ лозим бошад, якҷо бо ғаниматҳои дигар медиҳам.

Юнониҳо яроқи бесоҳиброн якҷо бо аспони дар майдон бесавормонда ғундошта ба назди Сиёваршан оварданд. Яроқҳоро ба аспон бор карда равон шуданд.

Якбора садои кӯдак онҳоро боздошт:

– Истед! Хурдак, наздик биё!

Хурдак омад. Кӯдак аз гарданаш гарданбанди тиллояшро берун карда, ишора кард, то Хурдак сар хам кунад. Баъд занҷири тиллоро ба гардани ӯ овехт. Хурдак аз зери чашм дид, ки расми касе рӯи тангаи гарданбанд ҳаккокӣ шуда. Хурдак ҳам аз наём корди хурди зебоеро, ки маҳсули дасти ҳунармандони кӯҳистон аст, бароварда ба Антиох дод. Кӯдак чанд лаҳза ба нақшу нигори корд нигарист. Сипас сар бардошта ба Хурдак гуфт:

– Баҳорон дар ҳавории назди Александрия муҳорибаҳои гладиаторӣ баргузор мегардад, ман шуморо таклиф мекунам, ба майдон набароед ҳам тамошо мекунед, – гуфт Селектрус.

– Барои чӣ ба майдон набароем? – пурсид Хурдак. Дар саволаш оҳанги норозигӣ буд.

– Маълум, барои чӣ. Касе тоби муқовимати гладиаторҳои тамоми умр машққардаро надорад.

– Квит, Дракил ва Кратер ҳам гладиаторҳои беҳтарин буданд, аммо дар назди Спитаман ва Катан ба зону заданд. Агар Спитаман розӣ шавад, – гуфт Хурдак, – меоем ва тамошо мекунем, – гуфта ба асп савор шуд.

– Спитаман? Ҳайрон шуд бону.

– Бале, посух дод Хурдак.

– Кист ӯ?

– Замони муҳофизати Бобакон, – гуфт Сиёваршан, – сардори муҳофизони шаҳр Моҳу бо супориши падари ман 100 нафар навҷавонони 13 то 15-соларо машқи ҳарбӣ медод, то баъди шикасти шаҳр ба кӯҳистон паноҳ бурда, бузург шуда баргарданд ва муборизаро давом диҳанд. Ҳоло корҳои ҳарбӣ дар кӯҳистон ба ихтиёри ӯ аст.

Бону бо ифтихор ба Селектруси юнонӣ нигарист, ки дидӣ ин мардум чӣ гуна ватанро дӯст медорад.

Маънии нигоҳи бонуро дарк карда, Селектрус – сардори муҳофизони шоҳ Селевк, ки худ ҷанговари асил буду дар навҷавонӣ якҷо бо Селевк бо Александр омада буданду қариб дар ҳама муҳорибаҳо иштирок доштанд, нидо дод:

– Зиҳӣ мардуме, ки то ба ин андоза муҳаббат ба ватан дорад, зиҳӣ қавме, ки худи Александри бузург ба мардонагиашон тан додааст!

Баъд Антиох даст бардошта, кафи Хурдакро дар ҳаво дошта, видоъ гуфт. Дар чанд лаҳза кӯҳистониҳо якҷо бо 150 аспи ғанимат гирифта ва аслиҳаи зиёд пушти теппа нопадид шуданд.

Ду кӯҳистонӣ аспҳоро кӯтал карда шитоб доштанд. Мехостанд то фарорасии шом ба подомани кӯҳ бирасанд. Он тарафаш мулки худ асту бехатар. Чун аз дур дарахтони домани кӯҳ ва талу теппаҳои ошно намудор шуданд, дами Хурдак кушода шуд.

– Сиёваршан, дидӣ ки як бор гапи маро гирифтӣ чӣ қадар фоида гирифтем? Аз Мароқанд ҳамин миқдор харида метавонистем?

– Ҳа дидам, дигар гапатро намегирам.

– Боз барои чӣ?

– Барои он, ки ҷонамонро барои чанд юнонӣ дар хатар гузоштем.

– Ҳар хел набошад, дасти холӣ барнагаштем. 150 аспи хуб ва яроқҳои беҳтарин дар пушташон. Аз Мароқанд мо беш аз ин харида наметавонистем. Баъд онро аз байни ин тӯдаҳои ваҳшии роҳзан гузаронида бурдан кори саҳл нест. Ҳоло бошад то кӯҳистони мо як қадам роҳ аст.

– Инаш дуруст. Баъзан гапи ту беақлро гирифтан фоида доштааст. Акнун зудтар бирон, бо фарорасии шаб ба Дарвоза расидан лозим.

– Шухӣ накун, то нисфи шаб ба он ҷо намерасем, – дар ҳоле, ки аз беақл гуфтани Сиёваршан хафа шуда буд, бо оҳанги тунд гуфт Хурдак.

– Танбалӣ накунӣ, дар аввали шаб мерасем.

– Ин аспҳои аршакиён пойҳои кӯтоҳ доранд, тез давида наметавонанд.

– Инҳоро хуб ҳай кунӣ, аз аспҳои мо дида тезтар медаванд.

– Бадзотанд, мисли худашон.

Аммо дигар Сиёваршан ба суханонаш аҳамият надода, ғарқи кор шуд.

Миёнаҳои шаб ба мавзее, ки Дарвоза ном дошту аввали кӯҳистон буд, расиданд. Садои ҳуштаки баланд дар дара садо дод. Ин садои посбонон буд, ки баъди ҳар 7 рӯз иваз мешу-

данд. Баъзан бо зану баччаҳояшон омада, посбонӣ мекарданд, то ягон нохалаф мисли соли гузашта тариқи дара – ягона роҳ ба кӯҳистон, гузашта наравад. Садои суми аспони зиёдро шунида, посбон фикр кард лашкаре ба ҳуҷум гузаштааст. Ин ҳуштак барои посбони дигар буд, ки дар қуллаи баландтарин истода дар лаҳзаҳои хатар бо ишораи посбони ба роҳ наздик, оташ мегиронд.

Сиёваршан ба Хурдак фармуд, то оташ гирондани посбон аспонро боз дошта, садо додан лозим, ки мо худием. Хурдак зуд аспашро ба пеш давонда, сари роҳи аспонро баст. Аспҳои хеле мондаю абгори мунтазири ишора зуд дар ҷояшон истоданд. Сиёваршан бо тамоми овоз садо дод:

– Посбон, оташ нагиронед, худи-и-и… – Аммо дер шуда буд, алангаи оташ ба ҳаво бархост. – Хурдак, омода бош, ҳоло дастаи 20 нафара дар меафтад, худро шиносонидан лозим, садо дод Сиёваршан.

– Медонам, – гуфта сӯи посбонон бо лаҳҷаи тахорӣ садо дод.

То ин дам гулханҳо болои теппаҳои дигар, ки аз якдигар дар масофаи 20-40 чақрим ҷойгир буданд, фурӯзон шуданд. Лаҳзае пас қиёмат барпо шуд. Якбора аз болои дара сангҳо ба сари саворон ва аспон фурӯ рехтанд. Сиёваршан садои тақар-туқурро шунида ба қафо гашта хост ба Хурдак дастур бидиҳад, то расидани сангҳо аспҳоро ба зери харсанги бузург биронад, аммо Хурдак пайдо набуд. Садои кӯҳистонӣ дар дара ғулғула андохт. Чун сангҳо расиданд, тахорӣ аллакай худро ба зери харсанги бузург гирифта буд. Ғайричашмдошти Сиёваршан фақат як баст сангҳо ҷар шуданд ва дигар ҳама ҷо хомӯш шуд. Дере нагузашта садои Хурдак баланд шуд:

– Сиёваршан, зиндаӣ?

– Ҳа зинда, ту куҷо гум шудӣ?

– Ба боло баромадам, то ба ин дуруҷҳо бифаҳмонам, ки моем.

Дар равшании маҳтоб аз пушти Хурдак сиёҳии ҷуссаи калони посдор намудор шуд.

– Дуруд ба писари Катан! Аз овози ғафсу марғуладор Сиёваршан соҳиби садоро шинохт. Ин Барзуи оҳангар, ҷавони

хеле бузургҷусса ва қавиҳайкал буд. Замони ҷанг ӯ яке аз кӯдакони хурдсоли ба воситаи роҳи зеризаминӣ аз Бобакон фирор карда буд. Падари ӯ ҳам дар муҳориба муқобили юнониҳо ҳангоми муҳофизати Бобакон кушта шуд. Хизматгори дари Беҳрӯзи оҳангар аст. Қисмати бештари аслиҳаи муҳофизони Бобаконро падархонди ҳамин оҳангар тайёр мекард. Ҳамакнун 4 нафарро аз шумори ятимбачаҳо шогирд гирифта, нозукиҳои касби худро ба онҳо омӯхта аст. Барои ин устоҳо фақат оҳан – ашёи хом намерасад, набошад дар як муддати кӯтоҳ ҳамаро соҳиби силоҳ мекарданд. Кори онҳо иборат аз дарёфти ҳар гуна ашёи оҳанин аст аз водиҳо ва об кардану ашёи рӯзгор сохтан. Ин ашёро то 4 соли баъди рафтани юнониҳо аз Бобакон мекашонданд, баъд Ар-сакиҳо омадандy роҳашон баста шуд.

Рӯзи обкунии оҳан ҳамагӣ 1 рӯз дар 1 моҳ буд. Дар ин рӯз ҳама гуна сӯзишвориро иборат аз чӯбу тапак то сангҳои сиёҳи сӯзанда дар оташдони бузурги ба табри махсус сохташуда мерезанд. Баъд гулхани бузург афрӯхта аз зер ба воситаи пӯстҳои бузурги гов дам меандозанд. Ҳама оҳани гирдовардашударо даруни деги бузурги дар баландии 3-4 метр рӯи охири сӯрохӣ нишондашуда меандозанд. Баъди дам андохтан оташи шадид ба боло башиддат ҳаракат карда, ба дег мерасид ва оҳан об мешавад. Чунин тарзи обкунии оҳан фақат дар кӯҳистон аст. Аз ин оҳан асбобу сукунати хеле хушсифати рӯзгор месозанд – корд, бел, дос, кӯзаву дег. Ин ҳафта навбати посбонии дастаи оҳангарони Барзу аст. Сеи дигар ҳам мисли Барзу мардони қавиҳайкал ва чармипӯш буданд. Дар кӯҳистон ҳунармандони дигар соҳаҳо – кулолгарон, чӯбтарошон, заргарон, матоъбофон, гилембофон, табибон, мубадон, чармгарон низ буданд, аммо фақат намояндагони сулолаи оҳангарон қавиҳайкал буданд. Дар маҷмӯъ бошад, ҳатто кӯдакони дар кӯҳистон таваллудшуда, назар ба кӯдакони водӣ дар ҷусса бузургтар ва қадбаландтар буданд. Дар муқобили Аршакиҳои аз он сӯи кӯҳ омада бошад, ҳатто баъзе аз кӯдакони кӯҳистон дар қаду баст баробари мардони онҳо буд.

Баъди воҳӯрии кӯтоҳ саворaҳо аспҳоро гузошта, худ аз байни дара сӯи деҳа равон шуданд. Дар ду бари дараи бузург

ду деҳа буд ба бузургии шаҳр. Дигар аз Карон то Бекарон ҳама шаҳр буду деҳоти хурду бузург. Дар охири кӯҳистон шаҳри Дарбанд воқеъ аст. Дар аввалаш Хум, ҷои зисти Сиёваршан ва Хурдак. Дарбандро Спитаман бо дастаи ҷанговарони худ муҳофизат мекунад. Баъди он, ки ӯ ва дастаи яккачинаш ба Сиёваршан ва бисёре аз дигар ҷавонони шаҳрҳои атроф ҳунарҳои ҷангӣ омӯхт ба он қисмати кӯҳистон рафта шаҳри Дарбандро бунёд карданд ва кӯҳистонро аз шимол муҳофизат мекунанд.

Сиёваршан хост ноаён вориди хона шуда, оҳиста дар бари ҳамсари меҳрубонаш Сияҳгесӯ бихобад, аммо ҷавонзани ҳушёр ҳанӯз вориди ҳавлӣ шудани касе бедор шуду дар даст корд гирифта, пушти дар меистод. Зан сахт тарсида буд, ки касе хеле хилват вориди ҳавлӣ шуд. Соя зери шуоъҳои маҳтоб ба долон гузашта, мехост вориди хона шавад. Инро Сияҳгесӯ дид ва ба хубӣ дарк кард. Ӯ омодаи зарба задан шуд. Ғайричашмдошт дар якбора кушода шуду мард барқвор ворид шуда дасти занро бо қабзаи шамшер ба даст гирифт. Зан бо тамоми нерӯ бо сар ба рӯи воридшуда зад. Садои Сиёваршан баланд шуд:

– Исто, қотил, ин манам, Сиёваршан. – Зан бо сари каме харош хурда хун омада, худро ба оғӯши шавҳар партофта, рӯяшро ба рӯи ӯ ҷафс кард. Сиёваршан ҳам ҳамсари меҳрубону ҷасурашро бо дастони қавияш ба оғӯш гирифт. Лаҳзае баъд ӯро каме ба қафо тела дод: – Исто, ҷонам, сарат шояд хун омадааст, чизе гарм ба рӯям шорид. – Зан зуд чароғ гиронда, хонаро равшан карда, даст ба пешонӣ ва рӯяш молид. Дар ҳақиқат сараш каме харош хурда буд. Баъди лаҳзае ҳарду завқ бурда хандиданд.

– Оҳиста, Сиёваршан, кӯдаконро бедор мекунӣ, – гуфт зан.

– Бигзор бедор шаванд, охир падарашонро ду моҳ боз надидаанд, пазмон шудагистанд?

– Пазмон шудаанд, азизам, аммо ман пазмонтар шудаам. То саҳар онҳо дар хоби ноз тоқат мекунанд, аммо ман ҳоло дар оғӯши ту даромадан мехоҳам.

Зан инро гуфта, зуд об гарм карда, барои шустани дастурӯи ғуборолуди шавҳар овард. Мард дасту рӯ шусту зан

пойҳояшро бо собуни махсуси тайёркардаи мардуми кӯҳистон дар дохили зарфи сафолӣ покиза шуст. Баъд хӯрок хӯрда, ҳарду ба ҷогаҳ даромаданд. Қабл аз оғози бӯсу канор Сияҳгесӯ пурсид:

– Сиёваршан, аз куҷо донистӣ ки ман пушти дар истодаам?

– Ялаққоси корд зери шуълаи аз равзана даромадаи маҳтоб хабар дод.

– Чун донистӣ, ки ман дар камин истодам, чаро садо набаровардӣ?

– Шӯхӣ кардам, азизам, мон ин качпурсиатрову беҳатараш куртаатро каш.

– Майлаш, мардак, ҷонам фидои оғӯши ту бод. Тамоми вуҷудам дар ихтиёри туст.

Зан тамоман урён шуда, бадани булӯрини гарму нарми худро ба бадани оҳанину пашмини шавҳар ҷафс кард.

Ҷуфти якдигарро сахт пазмоншуда то баромадани офтоб дар ҷогаҳ буданд.

Саҳар аз шавқуни кӯдакон бедор шуданд. Ду духтарчаи зебояки 6-8-сола ва писари 4-сола дар ҳавлӣ шавқун карда, аз боби омадан ва ё наомадани падар баҳс мекарданд. Аспро дар ҳавлии пас дида безобита шуданд. Сипас баҳри дарёфти ҳақиқат ҳама якбора ба сӯи ҷои хоби модар давиданд. То ин дам падару модар либосҳои саридастиашонро пӯшиданд. Шавқуну ҳаёҳуй сар шуд…

Лаҳзаи дигар, аҳли оилаи хушбахт сари дастархон нишастанд. Сиёваршан аз дидори оилааш хеле шод буду бо онҳо шӯхӣ мекард ва ба ҳама тухфаҳо медод. Духтаракони мисли модар сияҳмӯю бодомчашмаш Ғунча ва Беҳофарид аз ду паҳлӯ нишаста буданду писараш Сипеҳр рӯи зонӯ.

– Падал, боз ба Малоқанд мелавӣ? – бо лаҳни кӯдакӣ пурсид Сипеҳр.

– Не писарам, намеравам!

– Гуфта будӣ, ки он ҷо шаҳли худамон.

– Бале, аз мо, он ҷо ҳама мисли мо тахорӣ ва суғдӣ.

– Тахорӣ ё суғдӣ? – ба сухбат ҳамроҳ шуд Ғунча.

– Ҳарду ҳам як халқанд, фақат яке аз шимол асту дигарӣ аз ҷануб.

– Барои чӣ бо Хурдак рафта будед?

– Бозори Мароқанд рафтем, барои хариди туҳфаҳо.

– Дар бозорҳои наздик туҳфа набуд? – ба гап ҳамроҳ шуд Беҳофарид.

– Бист шаҳри ободро гузашта, барои шумо азизонам, туҳфа харидам.

– Ба машваратхона меравӣ? – Пурсид Сияҳгесӯ.

– Албатта.

– Хез, набошад, либосҳоятро пӯш, – ба суҳбат хотима бахшид зан.

## Машварат

Машваратхона ҳуҷраи бузургест ба дарозии тақрибан 25 қадам ва паҳноии 10 қадам, болои бино, рӯи сутунҳои бисёру нақшин устувор. Деворҳо ва замини бино сангфаршанд. Бо гузашти чанд сол ҳунармандони хушзеҳни кӯҳистон истифодаи сангҳоро ба хубӣ омӯхтаанд. Сангҳоро чунон ҷафсу ҳамвор чидаанд, ки ту гуфтӣ ҳама фарш аз санги яклухт аст. Сутунҳо низ якҷо бо зерсутунҳо яклухт ба назар мерасанд. Дар як кунҷаки ҳамин бинои бузург оташкада аст. Оташро ҳангоми аз Бобакон фирор кардан якҷо бо китоби нимасӯхтаи Авасто оварданд. Аз ҳамон замон то ин ҷониб оташи муқаддас хомӯш нашудааст.

Сиёваршан аз ҳалқаи заррин дошта, дари бузурги аз чӯби заранг сохташудаи Машваратхонаро кушод. Дар дохил аллакай ҳудуди 50 нафар сарварони шаҳру деҳоти атроф менишастанд ва Хурдак ба онҳо аз таассуроти сафар суҳбат мекард. Чун Сиёваршан ворид шуд, ҳама аз ҷой бархоста, ӯро гарм истиқбол карданд. Баъд ҳама рӯ ба пирамарди тақрибан ҳаштодсолае оварданд, ки дар назди оташи муқаддас менишаст. Аз салобату виқори ӯ бар меомад, ки сарвари ин ҳама шаҳру деҳоти атроф ҳамин пирамард аст. Аз омадани ин қавм ба кӯҳистон муддати зиёде нагузашта буду ҳанӯз сохти давлатдорӣ барқарор накарда буданд, аммо аллакай замина барои ин сохтор вуҷуд дошт. Ҳамин пирамард пешвои чанд шаҳрҳои кучаки атроф ва деҳоти дигар гашта буд. Аммо то ҳанӯз таъсири ҷанговарон ва шикорчиёни бузург байни ин мардум назар-

рас аст. Аввалӣ амнияташонро ҳифз мекарду дуввумӣ шикамашонро сер. Дертар бо тараққӣ кардани муносибатҳои кишоварзӣ нақши шикорчиён то андозае аз байн рафт.

– Дуруд ба писари Катан! – Бо муҷарради дидани Сиёваршан нидо дод пирамард.

– Дуруд бар Пешво ва пири Дайри Муғон Ҳушанги хирадманд!

– Биёву бигӯ, ки чӣ кардед? Мебинам, ки Хурдак ҳама гапро якояк гуфт, аммо дар чеҳраи ин мардум изҳори нобовариро мебинам.

Бо ин суханон пир Хурдакро рӯирост ба дурӯғгӯӣ айбдор карда, таҳқир мекард. Аммо Хурдак аз рӯи эҳтиром сар хам карда, хомӯш нишаст. Ба пир гап гардондан аз рӯи одати нави кӯҳистониҳо тамоман мумкин набуд.

– Дуруст аст, ки шумо дар роҳ духтари Спитаманро дидед?

– Ҳа, дидем, духтар ва набераашро.

Баъди ин посухи Сиёваршан табассуми тамасхуромез аз таъсири суҳбати Хурдак якбора аз чеҳраи ҳозирин ғайб зад. Таваҷҷуҳ ба ҳикояти Сиёваршан зиёд шуд. Хурдак бошад бо маънии «ана дидед» фотеҳона сар боло кард. Пир ҳам дар интизори идомаи суҳбат ях баст.

– Ба Мароқанд рафтем. Бозорҳо ва ибодатгоҳҳои обод, растаҳои ҳунармандон, ҳама ҷо садои нишоту тараб.

– Юнониҳо чӣ? – суҳбатро сари мақсад овард Пир.

– Юнониҳо зиёданд. Баъзеашон сипоҳианду баъзеи дигарашон ҳунарманд. Бо кӯмаки мардуми таҳҷоӣ кӯшкҳо месозанду ибодатгоҳҳо.

– Халқҳои таҳҷоиро ҳамчун ғулом истифода намебаранд? – савол дод марди тануманди тақрибан чиҳилсола. Ӯ сарвари шаҳри Қалъаи Сангин буд, ки аз ин ҷо, ки марказ унвонаш мекарданду Хум унвон дошт, тақрибан дар масофаи дурӯза роҳ бо асп ҷойгир аст. Қалъаи Сангин шарқтар ҷойгир асту рисолати мардонаш иборат аз марзбонӣ аст. Дар сурати пайдо шудани душман аз шарқ бояд онҳо ҳама деҳоту шаҳрҳои дохилро огоҳ месохтанд. Болотари шаҳр Қалъаи бузурги сангину мустаҳкаме сохта буданд, ки дилхоҳ сипоҳ барои ишғоли он на як моҳу ду моҳ сарф мекард.

Дар маҷмӯъ бошад ин ҳама хоҷагӣ на бештар аз масофаи Мароқанд буд то Киресхата, фақат кӯҳу ҷангалҳои кӯҳӣ ва деҳаю шаҳрҳои доманакӯҳ. Қалъае, ки хуни поки ин халқи ориёиро аз олудашавӣ бо аҷнабиҳо эмин нигоҳ медошт. Сокинонаш мардони ҷангиянд аз боқимондаи қабилаҳои суғдӣ, тахорӣ ва бохтарӣ.

– Не, намебаранд, – посух дод Сиёваршан. Фақат ҳис мешавад, ки дар умури давлатдорӣ юнониҳо ҳуқуқи зиёдтар доранд.

– Духтари Спитаман ва наберааш чӣ мақом доранд?

– Аз рӯи шунидамон ва дидамон мақоми олӣ, – посух гуфт писари Катан. – Ҳамон ҷо мегуфтанд, ки ҳангоми муҳорибаҳои гладиаторӣ онҳо дар паҳлӯи Селевк мешинанд.

– Чӣ хел муҳорибаҳо?

– Гладиаторӣ ном доранд. Он тӯдаи ваҳшӣ аз хунрезии одамон ҳаловат мебаранд. Ду ё зиёдтар одамонро ҷанг андохта тамошо мекунанд.

– Чӣ, он тӯдаи ваҳшӣ хурӯс надоранд, ки ҷанг андозанд? – ҳайрон шуда пурсид пир.

– Доранд, аммо ончунон маст шудаанд, ки бо хурӯсҷанг ҳаловат намекунанд.

– Ҳар рӯз одам мекушанд?

– Ҳар рӯз не. Пештар мекуштанд, ҳоло одамкушӣ камтар аст, асосан бо шамшерҳои чӯбин задухӯрд мекунанд. Якдигарро хуншор мекунанд, камтар мекушанд. Аммо ҳолатҳое низ мешавад, ки бо найзаю шамшерҳои оҳанин низ меҷанганд.

– Антиох, набераи Спитаман моро ба чунин як муҳорибаи ҷиддӣ даъват кард, – дигар тоқат накарда ба гап ҳамроҳ шуд Хурдак.

– Агар пешво касеро равон кунад ҳам ту аниқ намеравӣ, – гуфт Сиёваршан.

– Бародар, Антиох маро даъват кард, чӣ хел намеравам? Ӯ шамшер задани маро дид.

– Ту беҳтараш, бирав бубин, ки чашмсиёҳи ту якҷо бо модараш аллакай ба водӣ рафтаанд ё пагоҳ мераванд, – гуфта овоз баланд кард Сарвари оҳангар, ки узви Хонаи Машварат

буду аз машваратро халалдор кардани Хурдак норозӣ шуд. Маҳз ӯ соли гузашта Хурдакро бо ин духтари чашмсиёҳ, ки ягона фарзанди Бразани қаҳрамон буду исмаш Гулбасар дар нимароҳ боздошта буд, набошад ин ду навҷавони бебок баҳри дидани мавзеи ҷангҳои падаронашон ба водӣ мерафтанд. Он шабу рӯз Хурдак бо писарамаки Гулбасар, ки номзади ин духтар буд то хунолуд шудани ҳамдигар занозанӣ карда буданду «шуҳраи» Хум гаштанд. Модару духтар бояд ба назди амаку писарамак мерафтанд. Онҳо 6 моҳ пеш рафта буданд.

– Чӣ, бояд ба водӣ раванд? – Бе ҳаяҷони ошкоро пурсид Хурдак, вале посухро интизор нашуда, аз ҷой парида хеста давида аз дар берун шуд. Ҳама якбора ба ханда даромаданд.

Хурдак ин духтараки сияҳчашми шӯхро дӯст медошт. Аз хурдӣ якҷо ба воя расиданд. Модаронашон, ки хеле ҷавон бева монда буданд, бо кӯмаки мардони деҳа дар паҳлӯи ҳам хона сохтанд. Дар 10 сол деҳа шаҳри бузург шуду фарзандони ин ду бавазан ҳам ба воя расиданд, аммо шавҳар накарданд. Расму оин ҳамин гуна буд, ки ҳамсарони қаҳрамонон баъди марги шавҳар то охири умр танҳо мезистанд. Иттиҳоди ин ду зани танҳо ҳам чунон мустаҳкам буд, ки дигар ҳоҷат ба шавҳар баромадан нашуд. Муттакою ғамгусори ҳам буданд. Мудом фарзандонашонро таъкид мекарданд, ки онҳо мисли хоҳару бародаранд (Хурдак аз Гулбасар се сол калонтар аст. ) Аз куҷо медонистанд, ки ин ду ҷавон кайҳо марзи бародариву хоҳариро гузаштаанду дилдодаи ҳамдигаранд.

Хурдак ба хона даромада садо дод: – Модар, модар!

– Ҳа, чӣ шуд, даму дилат сӯхта аз куҷо омадӣ?

– Оча, Гулбасаршон кай ба водӣ рафтанд?

– Саҳари барвақт.

– Чаро онҳоро боз надоштӣ, охир медонӣ, ки водӣ бехатар нест?

– Нашуд, бачам, ҳамин қадар зорию тавалло кардам, нашуд. Модараш гуфт, ки духтараш қадрас шудааст, ягон хостгор пайдо шавад барои тӯй пулу пайса лозим. Ту худат ҳам медонистӣ, ки онҳо рафтанианд…

Зан суханашро ба охир нарасонда буд, ки Хурдак саросема ба ҳавлии пас гузашта, зинро дуруст карда, аспро чун тир да-

вонда аз болои сафил парида ба кӯча баромада, ғуборро хезонда дар як они воҳид нопадид шуд. Модар ҳатто фурсат наёфт, ки ӯро кӯшиши боздоштан кунад. Гарчанде хуб медонист, ки ӯ мисли падараш якрав асту ба гапи касе гӯш намедиҳад.

Баъди ду соати асп давондан бо пайроҳаи лаби ҷар байни гулӯ майсаҳои наврӯида тарҳи ду нафарро дид, ки рӯи аробаи дар пушти барзагов баста ба поин ҳаракат мекунанд. Ба масофаи овозрас расидан пас Хурдак нидод дод:

– Хола, хола-а-а.

Садои навҷавон дар дараи тангу дароз ҷавобак дод. Ароба истод. Ҷавон расидан баробар парида, аз асп пиёда шуда, ба назди духтар рафта, дастонашро ба даст гирифта, бо ҳаяҷон гуфт:

– Наравед, ҷонам, он ҷо барои шумо бехатар нест! Ҳангоми бозгашт мо он тӯдаи хунхорро дидем, онҳо занони зеборо медузданд.

Духтар Хурдакро дидан пас хеле хушҳол шуда рӯи ароба хеста рост шуд. Дастонашро ҳам ба ӯ дароз кард, аммо чун ба худ омада дарк кард, ки модараш ҳамин ҷост, дастонашро зуд кашида аз дастони Хурдак халос карду рӯй ба дигар тараф гардонда сурх шуд. Модар ҳам ҳайрон шуд, ки ин густохӣ дар ниҳоди духтар аз куҷо пайдо шудааст.

– Шин, – фамон дод ӯ.

Духтар нишаст. Зан то ба ин дараҷа расидани муносибати ин ду ҷавонро намедонист. Гумон мекард онҳо мисли хоҳару бародаранд. Ҳоло ҳам пайхас намекард, аммо «ҷонам» гуфтани ҷавон ва сараввал бо духтар вохӯрдани ӯ сирро фош кард. Пештар «хола» гуфта ҳар бор худро ба оғӯши зан афкандаанаш дигар муносибат буд. Аммо ҳама хуб медонистанд, ки ин ҷавон чун оташ гирад дунёро чаппа мекунад.

– Наравем намешавад, бачам. Гулбасар қадрас шудааст, ягон хостгор бояд, барои тӯй пулу пайса даркор, хонаро дуруст кардан лозим.

Зан «хостгор» гуфта донистанӣ буд, ки муносибати ҷавон бо духтараш то куҷо расидааст. Мехост духтараш ба ягон ҷавони падардор мисли фарзанди бародараш расад, то ҷои хо-

лигии падар барои духтараш пур шавад. Аммо бе ҳамин ҳам маълум буд, ки ҳар чиро, ки Хурдак аз они худ ҳисобад, дигар ҳатто Сиёваршан ва ҳатто Пешвои қавм аз ӯ ситонида наметавонад. Ин бор ҳам мехост духтарашро ба ҳамин хотир ба водӣ бараду тақдирашро ба дасти писари бародараш дода, хотирҷамъ шаваду баъд гашта ба кӯҳистон равад.

– Баъд, он ҷо, дар водӣ амакаш, мо назди ӯ меравем, моро ӯ даъват кардааст.

– Кадом амак, духтаратонро назди Баҳром мебарам, гӯед?

– Не, Баҳром барои духтари ман бародар мешавад.

– Чи хел бародар, хола, маро фиреб надиҳед, аз духтаратон пурсед, ки ӯ чи гуна бародар аст. Соли гузашта ӯ сари роҳи духтаратонро гирифта гуфта буд, ки то розӣ нашавӣ, роҳ намедиҳам. Бигӯ, Гулбасар, ки ман бинии ӯро барои чӣ шикастам.

Духтар сар бардошта буд, ки модар дарк кард ҷониби киро гирифтан мехоҳад, ба ӯ фурсат надода гуфт:

– Духтари ман аст, ба касе хоҳам медиҳам, ба куҷое хоҳам мебарам. Духтарамро ба ту диҳам дар куҷо зиндагӣ мекунед, мисли мо ҳамагӣ як хонача доред.

– Гап сари хонача не, хола, чӣ қадар пулу пайса лозим бошад ман ёфта медиҳам, барои Гулбасар қаср месозам, наравед баргардед.

– Ҳа, қаср месохтӣ, барои модарат месохтӣ, роҳро кушо, бача.

– Гулбасар, бигӯ, ки намеравӣ, бо ман ба шаҳр бармегардӣ, – илтиҷо кард ҷавон.

Модар теғи нигоҳ ба духтараш кашид. Ҳарду ҳам ба ӯ нигаристанд. Духтар дар ҳоле, ки гунаҳои бе ин ҳам сурхи зебояш сурхтар гашта бо сапедии рӯй гули наврустаи баҳориро мемонд, нигоҳи чашмони шаҳлояшро боло бардошта ноилоҷ ва бо дили абгору садои маҳини ларзон посух дод:

– Бо модарам меравам…

Як соли дароз дар кӯчаю паскӯча бо Хурдак гила аз он дошт, ки модараш мехоҳад ӯро ба водӣ барад, аммо ин ҷо аз тарси модар, шояд бештар аз эҳтиром, ҷуръат накард росташро гӯяд. «Бош, ҷонвар!» гуфта говро рондани зан ба баҳс хо-

тима бахшид. Хурдак то аз чашм нопадид шудани ароба аз пушташон нигоҳ карда истод. Тӯли ин муддат духтар боре ҳам сар бардошта ба қафо нанигарист. Балки байни рӯмоли гулдори кушодаи аз ду бари рӯ овезони худ рӯяшро пинҳон карда мегирист. Фақат ду китфи зебояш меларзид. Модар ӯро насиҳат мекард. ки ором бошад, амакаш ӯро келин карда мисли духтари худаш нигоҳубин мекунад. Гулбасар аз лаҳни гуфтори модар дуруст пай бурда наметавонист, ки дили модар бештар ба ӯ месӯзад ё ба Хурдак. Ӯро ҳам мисли фарзандаш дӯст медошт. Фақат оташи ниҳонии ҷавон ба ҷои гарм кардан дили модарро хунук мекард. Метарсид, ки бо ин тезӣ рӯзе рӯзи духтарашро сиёҳ накунад. Аммо духтар хуб медонист, ки Хурдак ҳеҷ гоҳ рӯзи касеро сиёҳ намекунад, хусусан аз ӯро, ки дӯсташ медошт.

Баъди нопадид шудани ароба Хурдак шикастаҳолу бечора баргашт. Дунё дар назараш тор шуд. Ҳама накҳати баҳори пуртаровat барояш ноаён шуду мисли хазони тирамаҳ. Бо вуҷуди он, ки баҳорро бисёр дӯст медошт шукуфаҳои ин баҳор дар назараш мисли хазон буданд. Осмони нилгун, талу теппаҳои сабзпӯш, дараҳои пурдарахт, чашмаҳои мусаффо, қуллаҳои барфпӯш ҳама дар як они воҳид барояш ғайб заданд. Хапу хомӯш бо сари хам сӯи шаҳр рафт.

Бегоҳ ба хона расида, аспро оҳиста дар ҳавлии пас баст. Модар аз равзана писарашро хастаҳол дида, хеле ғамгин шуд. Дарк кард, ки дугонаи ба ҷон баробараш дили писарашро шикастааст. На танҳо аз роҳ бар нагаштааст, балки бо сухани неке дили писарашро гарм насохтааст. Писар хапу хомӯш дар чашмаи канори ҳавлӣ дасту рӯй шуста, вориди ҳуҷра шуда дар кунҷаке дароз кашид. Модар ҳар қадар, ки хоҳиш кард то чизе бихӯрад, нахӯрду сухане ҳам нагуфт. Саҳар ӯро бедор кард, то ба ибодатгоҳ равад ва аз Аҳуро мадад пурсад, аммо Хурдак боз ҳам аз ҷой нахест. Фақат аз модар ҳамин қадар пурсид, ки чаро Аҳуро ӯро аз азизи дилаш ҷудо кард. Ӯ ҳам дигар барои он худо ибодат нахоҳад кард.

Дар ибодатгоҳи бузурги шаҳр баъди анҷоми маросими саҳар Сиёваршан ба паҳлӯи Пешво нишаста оҳиста гуфт:

– Дуруди бепоён ба Аҳуро Маздо ва паёмбари бузурги ӯ

Спанта-Зардушт. – Пешво дасти вазнину пурқуввати худро рӯи дасти писари Катан гузошта посух дод дуруд ва интизори матлаби мард шуд. Сиёваршан бо ҳамон лаҳни орому ботамкин пурсид:

– Оё Пешво салоҳ мебинад, ки ӯ як ҷо бо чанде аз ҷавонони шуҷоъ ба Мароқанд рафта дар бозиҳои гладиатории Селевк иштирок кунад?

Пешво хеле тӯлонӣ сукут карда, сипас ба гап даромад: – Оё писари Катан баъди ин ҳама омодагиҳо ба ҷанг тайёр аст, ки хашму ғазаби ин мардуми азияткашидаро бо бозӣ ба душманон иктифо бахшад?

– Бо ин нерӯе, ки дорем дар водиҳо мо бо нерӯҳои юнонӣ ҷангида наметавонем, – ҳамон гуна оҳиста гуфт Сиёваршан. – Магар беҳтар нест, ки мо нерӯи худро дар ҳамин бозиҳо ба душман бинамоем, то чашмашон битарсаду барои ба водиҳо фаромадани мо монеъ нашаванд? Мардуми мо дар ҳоли афзоиш аст. Дар ин кӯҳистони камзамин 20-30 сол баъд ҷой барои зиндагӣ намерасад. Мо бояд заминҳои падарии худро аз дасти тӯдаҳои кӯчманчӣ ва ваҳшиҳои селевкӣ бираҳонем.

Пешво вазнин аз ҷой бархосту сӯи дари ибодатгоҳ равон шуд. Сиёваршан ба хотири гирифтани посух аз пушташ равон шуд. Шуълаи миҷмари оташи абадӣ гардани ғафсу то ҳанӯз мустаҳками ӯро ялаққос занонда рушанӣ мебахшид. Дастони ғафсу кӯтоҳ ба танаш овезон буданду ҷиҳати пирӣ дигар маҷоли бардоштани шамшерро надошта бошанд ҳам, то ҳанӯз барои пири 80-сола мустаҳкам буданд. Сиёваршанро дигарбора ҳамон замон дид, ки ӯ дари бузургу чӯбини пурнақшу нигори ибодатгоҳро барояш кушод. Рост ба чашмони Сиёваршан нигариста гуфт:

– Биравед ва ба он падарсагҳо нишон диҳед, ки нерӯ чисту соҳиби ин сарзамин кист. Фақат бо Спитаман сухбат кунед.

Сиёваршан ба хона расида буд, ки Сияҳгесӯ дар ҳавлӣ аз сари роҳаш баромада, дар зарфи сафолини зебо ба дасташ гардоб дода гуфт:

– Ҳоли Хурдак хеле бад аст, мегӯяд модараш. Чои саҳарро дар ҳамон ҷо хӯрда бубин, ки чӣ ҳол дорад.

– Бемор аст? – пурсид шавҳар.

– Ҳа, бемори ишқ.

– Гулбасар бар нагашт?

– Не, якҷо бо модар ба назди амакаш рафт.

– Ҳа-а, – мад кашид Сиёваршан, – акнун дарди ин сағераро мефаҳмам. Талхакаф шудааст, ки духтар насиби Баҳром мешавад.

– Ин дарди шумо мардҳо ҳеҷ гоҳ даво намеёбад. Замоне ту чанд ҷавони бегуноҳро зада хуншор карда будӣ. Бо вуҷуди он, ки модарам мегуфт, ки розӣ аст маро ба ту диҳад, лекин боз ҳам хобу ором аз даст дода будӣ.

Шавҳар дар ҳоле, ки бо як даст косаро медошт бо дасти дигар Сияҳгесӯро ба оғӯш гирифта гуфт:

– Ман ҳоло ҳам омодаам барои ту дунёро чаппа кунам, азизам.

Зан бо муҳаббат аз бари рӯи шавҳар бӯсида ӯро гусел кард.

Сиёваршан наҳорӣ карда истода ҳар қадар Хурдакро ба назди дастархон даъват кард, аммо бефоида. Ҷавон ҳамоно орому сокин рӯ ба девор мехобид. Модар барои Сиёваршан чой рехта базӯр оби чашмонашро нигоҳ медошт.

– Хез аз ҷой! Заифӣ ба ту намезебад. Ту аллакай мард шудаӣ, дигар кӯдак нестӣ! Дар шаҳр духтарони зебо бисёр, дигарашро хуш карда гир. Барои ту барин ҷавон ҷонашонро медиҳанд.

– Ҷони онҳо барои ман лозим не, ба ман фақат Гулбасар лозим, – вазнину оҳиста гуфт Хурдак.

– Гашта меояд. Гулбасар мисли ту аловаку саркаш, ҳеҷ гоҳ барои издивоҷ бо Баҳроми камҳавсала розӣ намешавад. Як рӯз дидӣ ки гашта омад.

– Ман аз Баҳром нигарон нестам, магар он тӯдаи ваҳшие, ки дидӣ, мемонанд, ки чунин духтари зебо осуда бошад? Умуман, маро ором карда наметавонед, беҳтараш ба ҳолам монед.

– Ҳа, ором кардани ту якрав кори осон нест. Ту барои як духтар худатро мекушиву корҳои бузурги ин қавмро ба Баҳром барин номардҳо мемонӣ. Ман рафтам, дигар ту медониву Гулбасарат.

Сиёваршан ба ҷои хайрухуш аз дар баромада истода ба қафо гашта илова кард:

– Ман ба ҷои ту мебудам, ба машқгоҳ рафта, ҳамарӯза машқ мекардам, то аз имтиҳон гузарам, ки Пешво иҷозаи ба колизей рафтан диҳад.

Инро шунидани замон ҷавон аз ҷой парида хеста бо ҳаяҷон дод зад:

– Пешво розӣ шуд!?

– Ҳа, розӣ шуд, лекин ту бо ин заифӣ ба он ҷо намеравӣ, хоб куну мотам гир.

– Хестам, ака, ҳар рӯз машқ мекунам, дигар ёди Гулбасар намекунам.

Сиёваршан табассум карда аз хона баромад. Модар ҳам хушҳол шуд.

Аз ин рӯз эътиборан Хурдак дигар на ёди чорво карду на кишоварзӣ. Фақат дар машқгоҳ буд, аммо ёди Гулбасар оромаш намегузошт. Ӯро фаромӯш карда наметавонист.

**Хабари шум**

Хабари шум як шаби боронӣ ба гӯши Хурдак расид. Пушти равза модараш бо Сияҳгесӯ баҳс мекард, ки хабарро ба Хардак чӣ гуна расонанд. Хурдак хабари мудҳишеро пай бурда, ба берун давид:

– Модар, чӣ ҳодиса шуд, ягон хабар аз водӣ расид?

– Медонӣ чӣ, писарам, хабари хубе нест, аммо ту худатро ба даст гир, хуллас…Гулбасар…

– Чӣ модар, чӣ шудааст…?

– Кӯчманчиён Гулбасарро бурдаанд.

– Чӣ, кӣ хабарро овард?

– Баҳром.

Хабарро шунидан баробар Хурдак чун бод аз дарвоза баромада сӯи ҳавлии амаки Гулбасар давид. Пушти дар як бор Баҳромро чеғ зада вориди ҳавлӣ шуд. Баҳром ба ҳавлӣ баромад.

– Гулбасар куҷост? – пурсид Хурдак.

– Ӯро бурданд.

– Ту зиндай-ку!?

– Мо бо падарам бо дуи онҳо ҷанг мекардем, сеюмаш духтарро гирифта гурехта рафт.

– Ин ду чӣ?

– Ҳардуро куштем!

– Кош кушта мешудед!

– Ин тавр нагӯй, Хурдак, ҳар кор, ки аз дастамон омад, кардем, нашуд.

– Аз қафои дузд чаро нарафтед?

– Баъди аз ҷанг фориғ шудан мо надонистем ба кадом тараф рафт. Байни қамишзор се нафари дигар ӯро интизор буданд.

– Тарсидед, буздилҳо!? Дар қамишзор роҳи рафта нақши худро мегузорад, мерафтед онҳоро меёфтед.

Баҳром хомӯш шуда сар ба зер афканд. Хурдак ҳам чанд лаҳза хомӯш истода ба ӯ нигоҳ кард, садое набаромад.

– Акнун бо ман меравӣ ва ҷои рафтаи онҳоро нишон медиҳӣ.

– Ман намеравам, – оҳиста гуфт Баҳром.

– Ту буздил меравӣ, ё ман туро ҳамин ҷо мекушам, – гуфта Хурдак аз гиребонаш гирифта кашид. Баҳром аз банди дастонаш дошта панҷаҳои дастони ӯро кушоданӣ шуд, аммо ҳар қадар зӯр зад кушода натавонист. Билохира як қисмати гиребон дар як дасташ монду худ дасти дигарашро сар дод.

– Ту саг, ҳамроҳи ман меравӣ ва ҷояшро нишон медиҳӣ, – боз якравӣ кард ошиқ.

Намеравам гуфта буд, ки мушти оҳанини Хурдак ба рӯяш бархӯрд. Хуншор шуд. Баҳром ҳам мушт зад. Хурдак аз банди дасташ дошта бо маҳорати хоси ҷангии азхудкардааш дастро тоб дода Баҳромро ба замин афтонд.

Дар ин лаҳза падари Баҳром баромада ба пои Хурдак часпид, то ӯро ба замин афтонад, аммо ӯ шатта ба рӯи мард зада буд, ки ӯ пуштнокӣ ба замин афтид. Дар ҳоле, ки як дасти Баҳром дар дасти Хурдак буду ӯро бо пой мезад, падари Баҳром бо рӯи хуншор давида ба ҳавлии Сиёваршан омад. Баъди лаҳзае ҳарду бошитоб вориди хона шуда, Баҳромро дар ҳолати хеле ногувор ёфтанд. Аз зарбаҳои задаи Хурдак пур аз хун буду суст ҳаракат мекард.

– Истед, – фармон дод Сиёваршан, аммо Хурдак ҳамоно шуғли мудҳишашро идома медод. Сиёваршан аз қафо дасташро ба гулӯи Хурдак ҳалқа карда ба қафо зер карда буд,

ки ба қафо дуқад шуда пуштнокӣ афтид. Сиёваршан онҳоро ором кард. Падари Баҳром об оварда сару рӯи писарашро шуста унвонии Хурдак ва аҷдоди ӯ дашном дод. Сиёваршан ҳукм кард:

– Шумо падару писар хеле номардона рафтор кардед. Вақте духтарро аз дастатон duздида бурданд, бояд то мурдан duздонро таъқиб мекардед. Аммо шумо ба ҷои ин кор номардона гурехта ҷони худро халос кардед. Исто, ки модари духтар куҷост? – Якбора пурсид Сиёваршан.

Аз шунидани ин савол ҳама шах шуда рӯ ба Шидасп – падари Баҳром оварданд. Ҳамакнун зан ба хотирашон омад.

Мард нигоҳашро аз нигоҳҳои барқосои он ду гурезонда сар хам карда оҳиста гуфт:

– Намедонам.

– Чӣ гуна намедонӣ, пирсаг! – якбора дод зад Хурдак.

– Мо бо ду ғоратгар ҷанг мекардем, якеаш ба хона даромад, духтар ҳамон ҷо бо модараш буд. Баъд дидам, ки ҳама ба қамишзор даромада нопадид шуданд. Аз ин ду якеашро Баҳром кушт, дигараш маро хост бикушад, ки Баҳром давиду ӯ гурехт.

Лаҳзае ҳама хомӯш буданд. Падар хуни рӯи писарашро пок мекард. Хомӯширо аввалин шуда Хурдак вайрон кард:

– Ту бо ман меравӣ, номард, – гуфт ба Баҳром. – Роҳро нишон деҳу гум шав!

– Исто, Хурдак, ором шав. Шаҳрҳои мо бедарвоза нестанд. Инро бояд аз Пешво пурсем.

– Равед, пурсед, ман дар хона интизор мешавам, – гуфта Хурдак аз ҳавлӣ берун шуд.

Ҳамон замон Сиёваршан ба назди Пешво – Ҳушанг рафта қазияро баён кард. Пешво гуфт, ки:

– Барои ду зан шуда ҷанг оғоз кардан нашояд. Хоса мо намедонем бо кӣ биҷангем ва дар куҷо. Якеро фиристодан лозим, то бесару садо рафта аз паяшон гардад, ҷояшонро ёбад, сипас мардони ҷангии мо рафта раҳояшон мекунанд. Ин ду номардро бошад, – ишора кард ба Баҳром ва Шидасп, ки дуртар аз ӯ ба зонӯ менишастанд, – аз шаҳр ронед.

– Ба падарам раҳм кунед, Пешво, – илтиҷо кард Баҳром. –

Ӯ барҷомонда шудаасту дар кӯҳҳо мемирад. Ман бо Хурдак паи дарёфти занҳо мешавем.

Пешво ба Сиёваршан нигоҳ кард, ахирӣ сар ба зер афканд, яъне ман намедонам.

– Бигзор ҳамин тавр шавад, – ҳукм кард Пешво.

Аз хонаи машварат баромада буданд, ки Ҳумой рӯю мӯйканон ба назди пои Сиёваршан худро партофт:

– Писарамро дарёб, Сиёваршан, ки ба аспаш савор шуда ба водӣ рафт. Тӯдаи одамхор ӯро пора-пора мекунанд…

Инро шунида Баҳром чун тир ба тарафи хона давид. Баъди як лаҳзаи дигар ғубори кӯчаро ба осмон хезонда, ба роҳи сангфарши байни шаҳр баромада аспро маҳмез зада нопадид шуд.

Сиёваршан сари Ҳумойро дар канор гирифта дилбардориаш кард:

– Хурдак чӣ кор карданашро медонад, ӯ ҷанговари хуб аст, касе ба ӯ зиён расонда наметавонад. Касе, ки аз Спитаман ҳунари ҷангӣ омӯхтааст, хор намешавад. Ором бош, хола, бар мегардад. Ҳамин ҳоло ман ба назди Спитаман меравам ва аз қазия огоҳаш мекунам, агар бигӯяд бирав, ба дунболаш меравам.

– Бирав, писарам, бирав, – навҳа кард Ҳумой. – Ман дар умрам падари ӯро ҳамагӣ ду бор дида тавонистам, он ҳам боре як моҳ, дигарбора ҳафт рӯз. Писарашро дар ин синну сол гум кунам, рӯҳаш маро намебахшад. Зиндагӣ бароям ҳаром мешавад.

Сиёваршан ӯро ба ҳолаш гузошта ба хона баргашт. Рӯзи дигар бо Пешво видоъ гуфта ба қасди шаҳри бузурги Дарбанд Хумро тарк гуфт. Ӯ бояд қазияи Хурдакро мерасонд ва маслиҳат мепурсид, ки бо он тӯдаи дуздон, ки мардум аз дасташон ба дод омадааст чӣ кор кунанд ва ҳам аз боби колизеймусобиқаи юнониҳо маслиҳат мепурсид.

Субҳи барвақт бо пайвандонаш хайру хуш карда ба роҳ баромад. Ӯ шитоб мекард. Барои Хурдак сахт нигарон аст. Аз байни деҳот ва шаҳрчаҳои зебои кӯҳӣ гузашта баъди се рӯз ба ҳавории Дарбанд расид. Шаҳри бузургест дар миёнаи кӯҳҳои сар ба афлоккашида. Воридшавӣ ва баромадан аз шаҳр ба во-

ситаи ду роҳ сурат мегирифт, яке ба сӯи офтоббаромад, дигаре сӯи офтобнишин. Ҳангоми таҳдиди хатар мардони ҷангии шаҳр бояд ҳамин ду роҳро ҳимоя мекарданд. Тахориҳо он вақт дар водиҳо, ки мезистанд, Александр тавонист бо нерӯи хеле тавоно онҳоро шикаст диҳад. Агар ҳоло меомад, байни ин кӯҳҳои осмонбус лашкараш батамом торумор мешуд. Аз ду ҷониби дигари шаҳр ҷарии хеле жарф ва девори кӯҳи бузург шаҳрро муҳофизат мекунад. Ин шаҳрро ҳам мардуми аз водӣ омада бунёд кардаанд. Дарбанд нисбати дигар шаҳрҳо хеле бузург асту обод. Ин ҷо косибон, дуредгарон, оҳангарон зиёданд. Шуғли асосии ин мардум ҳамакнун чорводорӣ гаштааст. Мардуме, ки то омадани Александр дар водиҳо асосан ба кишоварзӣ машғул буданд, ҳамакнун хеле кам кишоварзӣ мекунанд. Аммо заминҳои ками кӯҳистонро хеле самаранок истифода мебаранд. Ҳамин заминҳо қариб басанда аст, ки мардумро бо донагиҳо ва меваҷот таъмин созанд.

Дар ин шаҳр Спитаман сарварии муҳофизонро ӯҳда мекунад. Умуман ин ҳамон ҷанговаре буд, ки салоҳи кори лашкари на танҳо ин шаҳр, балки боз 12 шаҳри дигари атроф низ бар ӯҳдаи ӯ аст. Албатта ҳама омодагии ҳарбиро мустақилона мегузаштанд, аммо дар ҳолати таҳдиди хатар зуд болои қуллаҳо оташ меафрӯзанд ва сарлашкарон ҳама ба Дарбанд гирд меоянду тадбир меҷӯянд. Замоне Катан қабл аз мурданаш аз Спитамани навҷавон хоҳиш карда буд, ки писарам Сиёваршанро дарёб. Ҳамин фармон басанда шуд, ки Спитаман расо ҳафт сол ба Сиёваршан ҳунари ҷангӣ омӯзад. Дар ин байн мардум бо меҳнати зиёд ва тадбир шаҳрҳо бунёд карданд. Кӯҳистон гурезгоҳи фирориёни тахории водӣ аст. Худи ҳамин қаторкӯҳҳои дароз мисли шаҳри Дарбанд ду роҳ дорад. Роҳи поён, шурӯъ аз Хум, то ба боло шаҳри Дарбанд. Ҳамин силсилашаҳрҳоро ҷангиёни яккачини тахорӣ дар ин ду шаҳр муҳофизат мекунанд. Агар дар водиҳо масолеҳи асосӣ барои ҳунармандон оҳан буд, дар кӯҳистон ашёи хом асосан чӯб, чарм ва санг ба ҳисоб меравад.

Сиёваршан ба урдугоҳи шаҳр наздик шуд. Хуб медонист, ки Спитаман рӯзи дароз дар ҳамин ҷо ба машқу тамрини лашкариён машғул аст. Ин мардум баъди як бор аз душман

шикаст хӯрдан хеле ҳушёр ва боэҳтиёт шудааст. Солҳои аввал барои муҳофизати шаҳрҳо омодагии ҳарбӣ мегирифтанд, ҳоло барои баргаштан ба водиҳо. Сол то сол мардум афзоиш меёбаду кӯҳистон барои зист тангӣ мекунад, бояд ба водиҳо фароянд. Дар водиҳо бошад онҳоро хатарҳои зиёде интизор аст. Инро ҳама медонанд, аммо илоҷи дигар нест. Ҳам орзуи қаҳрамононе, ки барои ин сарзамин ҷон дода буданд озод кардани ин ватан буд.

Сиёваршан аз дур симои ошноро дида нидо дод:

– Дуруд ба Спитаман!

– Дуруд ба писари Катани диловар – Сиёваршан! – Посух дод мард. Ӯ як марди чиҳилсолаи танумандест. Қади баланд, рагу пайванди боқувват, гардани ғафс, китфони васеъ, дастони дарози серрагу пайванд ба салобати Спитаман салобати дигар зам мекунанд. Ҳарду якдигарро гарм ба оғӯш кашиданд. Даҳ нафар сарони сипоҳ атрофи Сиваршан гирд омада як-як бо ӯ даст дода вохӯрӣ карданд. Барои баъзеҳо вохурӣ бо писари Катани диловар шараф буду ифтихор. То ҳанӯз аз қаҳрамониҳои Катан, Бобак, Бразан ва Вастан суҳбат мекарданд ва бо аҷдоди гузаштаи худ ифтихор доштанд. Имрӯз писари қаҳрамони тахориро дида, хеле хурсанд шуданд, мисли он, ки худи ӯро дида бошанд.

Спитаман фармуд Сиёваршанро ба гармоба баранд, то гарди роҳро аз сару рӯяш шӯяд. Худ бошад дар тараддуди омода сохтани дастархон шуд.

Баъди ду соат ҳама атрофи хони густурда нишаста суҳбат оростанд. Гӯсфанди бузургеро кушта гӯшташро обпаз карданд. Сиёваршан аз қазияи Хурдак лаб кушод. Ҳама сар ба зер афканда сукут карданд. Нахуст Спитаман ба сухан даромад:

– Бале, азизон, гап сари фақат Гулбасар ё як ду нафари дигар намеравад. Ин тӯдаи ғаддор даҳҳо нафар занони моро дуздидаанд. Дар ин кӯҳистони танг аҳолӣ то андозае афзоиш ёфт. Вақти он расидааст, ки мо ба заминҳои падариамон ба водиҳо баргардем. Маҳорату малакаи ҷангии омӯхтаамон бошад ҳамон ҷо корагар мешавад. Барои осуда зистан мо бояд бо тӯдаҳои чашмтанги кӯчманчӣ биҷангем ва онҳоро аз шаҳрҳои худ берун биронем ва зодгоҳҳои падариамонро обод

кунем. Ҳоло нерӯи мо муқобили ҳам ар-сакиҳо мерасад ҳам юнониҳо. Хоса Селевк дар Шарқ алайҳи Птоломеос Лаг, аниқтараш писари ӯ меҷангад. Худи Поломеос пир шуда бошад ҳам, аммо хеле ботадбир аст. Дар ин ҷанг ҳарду лашкар ҳам зиёни зиёд дидаанд. Ҳоло вақташ расидааст, бояд ба водӣ фаромада, шаҳрҳоямонро озод ва обод кунему заминҳои фароху серҳосиламонро истифода барем.

– Дар мавриди иштирок дар ҷангҳои гладиатории юнониҳо чӣ мегӯӣ? – пурсид Сиёваршан. – Тирамаҳ мо бо Хурдак тасодуфан бо духтари Спитаман ва набераи ӯ вохӯрда будем.

Аз шунидани ин хабар ҳама сипоҳиён аз ҷой парида хестанд. Спитаман ҳам чашмонашро калон кушода пурсид:

– Чӣ гуна, магар онҳо зиндаанд?

– Бале, зиндаанд. На танҳо зиндаанд, балки модар малика асту писар шоҳзода. Апамаро Селевк ба занӣ гирифт. Аз онҳо писаре шуд бо номи Антиох. Малика ҳамон рӯз аз нишемангоҳи Селевк – Навток бармегашт. Онҳо моро ба бозиҳои гладиаторӣ, ки дар наздикии Мароқанд баргузор мегарданд даъват карданд.

– Ин сагони ҷангара бозиҳои хунхоронаашонро дар сарзамини мо ҳам ҷорӣ кардаанд? – гуфт Спитаман. Дар бораи Апама ва Антиох дигар нахост чизе бигӯяд.

– Бале, мо тибқи мактуби ту барои дарёфти яроқу аслиҳа ҳангоми сафар ба Мароқанд шунидем, ки сагони зард ҳар сол дар вақти таваллуди худояшон Аполлон ҷангҳои гладиаторӣ ташкил мекунанд.

– Ҳоло вақти бозӣ нест, – гуфт Спитаман.

– Аммо мо бо Хурдак ваъда додем, ки иштирок мекунем.

Спитаман ба фикр фурӯ рафт. Баъди лаҳзае сар бардошта гуфт:

– Бозиҳо кай оғоз мегарданд?

– Миёнаи баҳор, ҳангоми гарм шудани офтоб. Гӯё модари Аполлон Тобистон ном доштааст, – шарҳ дод меҳмон.

– Шояд ҳатто дар ин муҳорибаҳо иштирок кунем, – андешаманд гуфт Спитаман, – то онҳо бубинанд, ки мо ба чӣ қодирем. Баъди ин шояд барои ба водиҳо фаромадани мо монеа нагузоранд. Бе хунрезӣ як қисмати водиҳоро соҳиб шудани мо хеле кори хуб мешавад?

– Албатта, мо собит месозем, ки аз онҳо зӯртарем!

– Гӯш кун, Сиёваршан, фардо оҷилан ба Хум баргарду омода бош. Ман аз ин ҷо ду ҳазор савораони ҷангӣ гирифта меоям, ту ҳам ҳамин миқдор омода соз. Дигарон бояд дар ҳоли омодабош қарор дошта бошанд. Исто, ки чӣ миқдор лашкар омода карда метавонӣ?

– Якҷо бо ҳунармандону чорвопарварон 8-то 12 ҳазор ҷанговар, – посух дод Сиёваршан.

– Навток дар дасти юнониҳост гуфтӣ?

– Ҳа. Боқимонда лашкар шояд алайҳи юнониҳо барои озод кардани Навток лозим шавад, – хулоса кард сарлашкар. – Ана ҳамин муҳорибаҳо машқи ниҳоӣ мешаванд барои иштирок дар колизейи юнониҳо.

Саҳар чашми рӯз накафида Сиёваршан аз хоб бархоста шустушӯ карда ба беруни ҳуҷра баромада Спитаманро дид, ки интизори ӯ аст. Ҳарду савора ба якроҳаи даромадгоҳи шаҳр расиданд. Ин ҷо ҷои видоъ буд. Ҳар бор ҳам Спитаман ӯро то ҳамин ҷо гусел мекард. Дар охирин лаҳза Спитаман Сиёваршанро ба оғӯш гирифта гуфт:

– Мушкилоти зиёд моро дар пеш аст. Гап сари озодии замини муқаддас меравад. Ман такя ба ту дорам, омода бош, ки ман зуд меоям.

– Мо кайҳо боз омодаем, Спитаман. Сарбозони ман барои ҳар ваҷаб замини ватан ҷонро дареғ намедоранд. Тӯдаҳои арсакӣ гурӯҳҳои начандон калон доранд. Мо онҳоро ба зудӣ шикаст медиҳем.

– Бале, дӯстам, аммо дар вақти зӯромад онҳо зуд муттаҳид мешаванд, – гуфт сарлашкар.

– Ҳамин тавр, лекин онҳо аз гирду атроф на бештар аз ду ҳазор савор ғундошта метавонанд, бо 4 ҳазор сипоҳ мо онҳоро зуд шикаст медиҳем.

Инро гуфту Спитаман даст ба ӯ дароз кард:

– Ташаккур, дӯстам, намедонам ман бе ту чӣ кор мекардам.

– Мисли ман боз чанд нафари дигарро таълими ҷанг дода омода месохтӣ, – гуфт Сиёваршан ва илова кард: – бе ҳамин ҳам камаш 2 ҳазор ҷанговар тарбия додаӣ.

– Муҳобот кардӣ, мардак, – нимшӯхӣ гуфт Спитаман, –

гурӯҳи саднафараи дастпарварони Моҳу лашкарро омода сохт. Шахсан ман бошам на бештар аз 200 нафарро тарбия додаам.

Спитаман, якбора оҳанги суҳбатро дигар карда гуфт:

– Сиёваршан.

– Бале дӯстам, гӯшам ба ту.

– Шарт аст, ки мо якбора 4 ҳазор сарбозро ба водӣ барем? Ҳоло он ҷо барои мо бегона аст, ин миқдор лашкарро хӯронда наметавонем.

– Бале, дӯстам, ман ҳам аз шаб боз дар ҳамин фикрам. Шояд ман гурӯҳи саднафараи худро бараму ту ҳудуди 200-300 нафарро. Дигарон бигзор омода бошанд. Дар сурати зиёд будани сафи душман, зӯрамон нарасид ба тангно гурехта пинҳон мешавему барои овардани лашкар кас мефиристем.

– Ман боварӣ надорам, ки он тӯдаи ваҳшӣ беш аз мо лашкар ҷамъ карда тавонанд.

Сипас дӯстон аз болои аспҳо якдигарро ба оғӯш кашида видоъ гуфтанд. То пушти теппаи наздиктарин пинҳон шудани Сиёваршан Спитаман аз қафо нигоҳ карда истод.

Сиёваршан ба Хум расидан баробар ҳанӯз ба хона нарафта аз мардуми сари роҳаш баромада аз Хурдак дарак пурсид. То ҳанӯз нопайдо буд. Дилашро сиёҳӣ зер кард. Ба хона баргашта Сияҳгесӯро ғамнок дарёфт. Хабар дод, ки Ҳумой аз ғами писараш тамоман беҳолу бемадор шудааст. Сиёваршан фавран ба хонаи Ҳумой рафта ӯро дар ҳолати хеле ногувор дарёфт. Сиёваршанро дида ба ӯ наздик шуда ба гарданаш даровехту навҳа кард:

– Шумо-ку бо писари ман якҷо бузург шудед. Ту ба ӯ машқи ҷанг додӣ ва одамгарӣ омӯхтӣ. Охир ӯ барои ту мисли фарзанд буд, чаро ӯро ба зудӣ фаромӯш кардӣ?

– Водӣ хеле фарох аст, апа. Дар он ҷо шаҳрро ёфтан мушкил аст, чӣ расад ба дарёфти як ду нафар. Ба наздикӣ мо бо Спитаман ба водӣ лашкар мекашем. Ҳама ҷоро кофта мурда ё зиндаи писаратро меёбам.

Ҳумой якбора гардани ӯро сар дода як қадам ба қафо гузошта гуфт:

– Ту писари маро кушта гумон мекунӣ?

– Не, апа, инро дар омади гап гуфтам. Куштани Хурдак кори осон нест, ман ҳам боварӣ дорам, ки зинда аст. Ӯ ҳатман бар мегардад.

Ҳумой ба хона даромад. То саҳар дигар дарро ба рӯи ҳеҷ кас накушод. Ҳамин тавр зан ҳафтае як ё ду маротиба аз хона мебаромаду дигар мотам гирифта дар хона менишаст. Сиёваршан ба Сияҳгесӯ гуфт, ки аз ҳолаш бохабар бошад.

## Юриш ба водӣ

Муҳлати сафар ба водӣ фаро расид. Тибқи маслиҳати пешакӣ Спитаман аз Дарбанд бо 100 нафар саворони ҷанг-дидааш ба Хум омаданд. Дар майдони марказии шаҳр 500 нафар ҷанговарони яккачини Сиёваршан якҷо бо гурӯҳи саднафараи Спитаман гирд омаданд. Пешво Ҳушанг ба минбар баромада ба ҷанговарон ва аҳолии шаҳр, ки беш аз 3 ҳазор нафар буданд, муроҷиат кард:

– Кӯҳистон ҳам сарзамини мо аст. Ин ҷо барои зист ҷои бад нест, аммо фаромӯш накунед, ки водиҳои Суғди муқаддас, ки Тахористон бо Балху Марв ва Навтоку Бобакон ҳама ҷои зисти падарони моянд. Чунин шаҳрҳои обод мо фақат дар Тахористон 40-то доштем. Дар тамоми Суғдиён бошад 200-то чунин шаҳрҳо бо тамоми сохтори шаҳрдорӣ мавҷуд буд. Пойтахти Суғди муқаддас Мароқанд аст, ки имрӯз зери тасарруфи сагони зард мондаасту мардуми таҳҷоӣ дастнигари аҷнабиҳоянд. Аз Мароқанд то Киропол 12 шаҳри бузурги серодам доштем. Мардуми мо хеле кам ба чорводорӣ машғул буданд. Ҳамагӣ ҳунарманд буданду кишоварз. Роҳи Бузург аз ин шаҳрҳои мо мегузашт. Тоҷирони тамоми дунё ба ин сарзамин барои хариди маҳсулоти истеҳсолкардаи ҳунармандони мо меомаданд. Олоти кишварзӣ, камонҳои хушзеҳ, кордҳои обгун, майи ноб, асали хуштаъм, матоъҳои хушбофт барои ашрофзодаҳо, маҳсулоти чармин, аспҳои хеле хушзот маҳсулоти мо буданд, ки шуҳраи ҷаҳон гаштанд. Мо ба кӯҳистон муваққатан фирор кардем, инак вақти он расидааст, ки ба марзу буми аҷдодӣ, ба водӣ баргардем. Замини падарони моро ҳоло тӯдаҳои бадзоту бадкеши ғоратгари ар-сакӣ соҳиб шудаанд. Ҳоло дастаҳои яккачини мо ба водӣ мефаро-

янд ва бо вазъият ошно мешаванд. Дигарон дар ин ҷо омодагӣ мебинем ва дар сурати зарурат ҳама ба як бор ба сари душманон мерезем ва заминамонро озод мекунем. Баъди боз 20-30 соли дигар кӯҳистон барои мо хеле танг мешаваду зиндагӣ кардан мушкил мегардад, бинобар ин мо илоҷи дигар надорем ба ҷуз рафтан ба шаҳрҳои вайронаи худ ва барқарор кардани онҳо. Ҳамин нақшаи сарлашкарони тавонои мо Спитаман, Катан, Вастан, Сатибарзан ва Бобаку Бразан буд. Ҳоло вақти он расидааст, ки орзуи онҳоро мо ҷомаи амал пӯшонем. Замоне сина сипар карда занону кӯдаконро аз чанголи маргу ғуломӣ раҳонида ба кӯҳистон равон карданд, то баъди бузург шудан баргарданд. Мо, ду нафар муҳофизони Бобаконро, замоне Катан фармуд, то Ҳумойро бо кӯдаки навзодаш аз чанголи ваҳшиҳои юнонӣ раҳонида ба кӯҳистон барем, то ин шербачча бузург шуда муқовиматро бо душманон давом диҳад. Кӯдакони дирӯз мардони ҷангии имрӯзанд, пас биштобед ба водиҳо ва раҳо кунед сарзамини муқаддасро – хур-р-р.

Якбора издиҳоми чандҳазорнафара нидои кайҳо фаромӯшшудаи ҷангӣ ба хотирашон омаду якбора наъра заданд, ки ту гуфтӣ синаи афлок бишкофт: – Хурррр-рр!!!

Спитаман бо Сиёваршан пешопеши лашкар равон шуданд. Ҳама мардони корзор буданду пурқуввати ташнаи корзор, баҳри раҳонидани ватан аз дасти тӯдаҳои ваҳшӣ.

### Задухӯрди аввалин

Дастаи яккачини шашсаднафараи тахориҳо баъди ду ҳафта ба тангно расиданд. Як рӯзи дигар ҳамин ҷо дар лаби чашмаи мусаффо ором гирифта кӯфти роҳро бароварданд. Чашмаи булӯрин фаввора зада аз қаъри кӯҳ мебаромад. Шилдирроси оби ҷоришуда бо хониши паррандаҳои хушилҳом ба кас рӯҳ мебахшаду майнаро ором месозад. Насими форами саҳар накҳати гулҳои атрофро ба дуриҳо пахш мекунад. Кӯҳҳои ин макон пур аз наботот аст. Ҳатто дулонаҳои аз тирамаҳ боқимонда зери баргҳои хушкида наппа нав боқӣ мондаанду баъди сардиҳои зимистон лаззати дигар гирифтаанд. Ҳама ҷо пур аз нахчирҳои кӯҳӣ асту ҳайвоноти дигари ваҳшӣ ва

шикорбоб. Спитаман қарор дод то саҳари дигар, даста ҳамин ҷо ором гирад ва хастагиро батамом барорад. Ин макone аст, ки понздаҳ сол пеш баъди фирор аз шаҳру ба ин ҷо расидан ҳама ором гирифта буданд. Дигар кӯҳистон қалъаи барои душман дастнорас аст. Спитаман хуб медонист, ки дар чунин тангно дастаи ӯ метавонист ба осонӣ ҳатто дастаи ҷаррори Кратерро, ки 15 сол пеш Бобаконро ишғол карда буд шикаст диҳад. Қалъаи мустаҳками Бобакон аз зарбаҳои манҷаниқҳои Кратер батамом дарҳам шикаст, аммо шикастани ин кӯҳҳо бамаротиб мушкил аст. Ин ҷо як сарбоз метавонад аз болои кӯҳ санг ғелонда, дастаи панҷоҳнафараро ба осонӣ шикаст диҳад. Хоса барои ғелондани санг Спитаман ҳанӯз 10 соли пеш мавзеъҳои махсусро муайян карда аст. Ин мавқеъҳоро чанд тан аз сарлашкарон медонанду бас.

– Барзу! – нидо дод сарлашкар.

– Бале, сарвари ман. – Ба назди сардор ҷавонмарде омад, ки китфони паҳн, дастони серрагу пайванд ва манаҳи паҳму бинии минқормонанд дошт. Қафаси синаи фарох, миёни борик аз нерӯи мардонаи ӯ дарак медиҳад. Қадаш баробари Сиёваршан асту ҷуссааш бузургтар. Фақат нигоҳаш аз Сиёваршан фарқ мекунад. Чашмони Сиёваршан мисли чашмони паланг буданду аз Барзу мисли асп ё ҳайвони дигари беозор. Маълум аст, ки офаридгор Барзуро на барои куштор офарида аст, аммо салобату ҷуссааш аз нерӯи хеле қавӣ доштанаш дарак медиҳад.

– Гӯш кун, Барзу, шамшерро гузору тиру камонро гиру ҳамроҳи Фаромарз пушти ана ин теппа равед. Он ҷо бояд селаи ғизолон маскан гирифта бошанд. Одатан баҳорон онҳо ба ин ҷо меоянд, чунки майсаҳо дар ин вақт фақат ҳамин ҷо бештар мерӯянд. Ду сол пеш мо бо Сиёваршан ин ҷо шикор карда будем.

Фаромарз ҳам як марди ҳамсоли Барзу ва Спитаман буд. Ҳарду ҳам аз дастаи саднафара буданду машқи ҳарбиро аз Моҳу гирифта. Фаромарз баръакси Барзу қади баланд, болотар аз Сиёваршан дошту каме пасттар аз Спитаман. Чашмони бодомии сиёҳ, мӯйҳои дарози ба пешонӣ баста ва дасту панҷаи боқувват дошт. Бинии рост ва чашмони гирду кало-

наш дарак аз мардонагию матонати ӯ медод. Спитаман беҳтарин ҷанговаронро интихоб кард, то ҳарчи бештар сайд шикор карда биёранд, то лашкар ба серӣ бихӯранд, фардо рӯзи сахте онҳоро интизор аст.

Баъди нисфирӯзӣ Спитаман 10 нафари дигарро барои кӯмак кардан ба шикорчиён фиристод. Бегоҳ 11 ғизоли фарбеҳ дар гардани ҳар кадом сипоҳиён яктогӣ ба бошишгоҳ расиданд. Якҷо бо хӯрданиҳои ҳамроҳ гирифта сипоҳ то нисфи шаб кайфу сафо карданд.

## Сарзамини падарон

Офтоб набаромада сипоҳи тахориҳо аз тангно баромаданд. Тез, вале хапу хомӯш ҳаракат мекарданд. Нахустин касоне, ки онҳоро бо дастафшонӣ ва табассуми умедворкунанда пешвоз гирифтанд тахориҳои кӯҳистонӣ буданд, ки ҳамагӣ чанд рӯз ё як ду ҳафта пеш барои кишту кори баҳорӣ фаромада буданд. Дар баъзе ҷойҳо оилаҳои алоҳидаи мардуми чашмтанги аҷнабӣ низ буданд, ки асосан чорво мечаронданд. Онҳо бо қавоқи овезон сипоҳи тахориҳоро пешвоз гирифтанд. Маълум, ки инҳо мисли тахориҳои кишоварз мардуми оддиянд, ҷангара нестанд. Касе ба онҳо кордор нашуд. Баъди боз ним рӯзи дигар дар ду тарафи роҳ қамишзор баромад. Сиёваршан ҳарҷо-ҳарҷо мардони кордидаро дохили қамишзор мефиристод, то бубинанд, ки мабодо тӯдаи ҷанговари чашмтанг дохили онҳо маскан нагирифта бошанд. Шояд ҳатто нишон аз Хурдак ва наздикони ӯ пайдо шавад. Ин нафарон баъди чанде дохили қамишзорро дидан боз ба роҳи калон баромада, ба сипоҳ расида мегирифтанд. Яке аз инҳо хабар дод, ки дар масофаи яксоата аз роҳи калон тӯдаи калони чашмтангон иборат аз 50 то 100 нафар мардони ҷангӣ гирд омадаанд. Спитаман Сиёваршанро гумошт то бо 200 нафар савори яккачин паи онҳо равад, бубинад, ки кистанд. Спитаман Фаромарзро ҳамроҳашон фиристод. Гумон кард, ки ҷанговарони Сиёваршан ҳама ҳунармандонанду ҷанговари касбӣ нестанд, барои ҳамин фикр кард, ки як ҷанговари касбӣ зиёдатӣ нахоҳад шуд. Худ бо лашкар ҳамон ҷо ором гирифтанд.

## Соҳиби Тахористон кист?

Сиёваршан якҷо бо дусад сарбоз дохили қамишзор зуд ба манзил расиданд. Бо муҷарради аз қамишзор баромадан диданд, ки тӯдаи аҷнабӣ ҳама савори аспон ва пиёда омода шудаанд. Саворагон дар даст шамшерҳои кӯтоҳ доштанду пиёдагон камонҳо зеҳ кашида интизори меҳмонони ноханда буданд. Сафи пеши даста сар аз қамишзор бароварда ин ҳолро дида дар ҷой истоданд. Сиёваршан даст боло бардошта ишораи истодан кард. Ҳама ба як бор дар ҷой шах шуданд. Шумори аҷнабиён хело камтар аз тахориҳо аст. Нахуст марди чашмтанги бинипаҳн, ки дар сар кулоҳи нӯгтез дошту болояш чизе мисли кокул овезон бо лаҳни шикастаи тахорӣ пурсид:

– Шумо кистед ва дар замини мо чӣ кар мекунед?

– Мо соҳиби ин сарзаминҳо, шумо худ кистед, ки бо яроқу аслиҳа ин ҷо саф бастаед? – посух ва ҳам савол дод Сиёваршан.

– Ин заминро мо ишғол кардем, аз мо будаст, шумо ишғол кунед аз шумо будаст. Ин қонуни бобои мо будаст.

– Гӯш кунед, тӯдаи аҷнабӣ, ҳамин ҳоло яроқҳоятонро ба замин гузоред, дар якҷо нишаста суҳбат мекунем.

– Мо яроқмона намегузарем, шумо то шамшер микашен кушта мишавен, – гуфт ҳамин аҷнабии бинипаҳн. Ришаки борики дар ҳарҷо-ҳарҷои рӯй баромадааш ҳангоми гап задан меларзид. Чашмони тангаш мисли чашмони уқоб медурахшанд.

Як лаҳза ҳама ҷоро сукути ваҳмангез фаро гирифт. Аз Сиёваршан то бузриш ҳамагӣ 10-15 қадам буд. Якбора Сиёваршан аз болои асп худро ба зер афканда, дар ҳоле, ки ҳанӯз ба замин нарасида буд дашнаи дар миёнаш бударо сӯи сарвари аҷнабиҳо барқосо партоб кард. Тахориҳои дар сафи пеш буда қариб дар як вакт сипар бар рӯй кашиданд. Корд ба синаи аҷнабӣ расида, қариб то дастааш даромад. Аҷнабӣ дод зада ба замин афтид. Ҳанӯз ӯ ба замин назада лашкариёнаш ба як бор тир кушоданд. Аксарияти тирҳои задаашон ба сипарҳо бархӯрданд. Фақат 6 нафар аз тахориҳо ба замин афтиданд. Ба як бор ду даста ба ҳам дарафтиданд. Қабл аз ин Сиёваршан фурсат ёфта, худро дубора болои асп гирифт. Сараввал Фаромарз аҷнабии ба пеш баромадаро бо зарби шамшер аз асп

сарозер кард. Сари дигариро Сиёваршан то бинӣ дуним кард. Задухӯрди сахт ба вуқӯъ пайваст. Дар як они воҳид дастаи ҷаррори тахориҳо беш аз 100 нафарро ба хун оғӯшта карданд. Ҳудуди 20 нафари дигар пиёдаву савора дузону ба замин нишаста, яроқҳоро партофта дастҳо рӯи сина ниҳода зинҳор хостанд. Тахориҳо аз музаффарияти аввал хеле хурсанд шуданд. Бо ин зафарашон собит сохтанд, ки ин сарзамини онҳо аст ва раҳо карданаш аз дасти ин тӯдаи бемаданият имкон дорад.

Фаромарз шамшер ба сари яке аз ғоратгарони ба зонӯ нишаста зада ӯро кушт. Хост дигариро ҳам бикушад, аммо Сиёваршан аз дасташ дошт.

– Чӣ мекунӣ?

– Инҳоро мекушам, сардор!

– Инҳо аз мо зинҳор хостаанд, – ҳайрон шуда гуфт сардор.

– Инҳоро зинда мондан тамоман мумкин нест, сардор, бояд ҳамаро бикушем!

– Не, куштани онҳо айни ҷавонмардӣ нест!

– Моҳу ва Спитаман ба мо омӯхтаанд, ки дар чунин вазъият касеро зинда намонем.

– Намедонам ба ту чӣ омӯхтаанд, аммо инҳоро ман бахшидам.

Фаромарз дигар дам фурӯ баст. Шунида буд, ки муқовимати лафзӣ бо сарлашкар хатар дорад.

Хонаҳои ин тӯдаи хеле ифлос иборат аз ҳуҷраҳои қамишин буданд. Масолеҳи аз ҳама зиёд ин ҷо қамиш буду ин тӯдаи чашмтанг аз он ба хубӣ истифода мебаранд. Ҳатто гилеми хонаҳо ва бисёре аз зарфҳояшон низ аз камиш аст. Дигар ҳама асбоби рӯзғори сафолӣ ва биринҷиву мисинашон аз афташ моли ғораткардаи онҳо буд.

– Сардор! – баланд шуд садои Фаромарз бо мурочиат ба Сиёваршан. – Инро бинед, – гуфта дари хонаеро кушод, ки баръакси хонаҳои дигар аз дастакҳои чӯбин сохта шуда буд. Сиёваршан ҳанӯз ба назди хона нарасида ҳафт зани ҷӯлидамӯй аз он хона базӯр роҳ гашта баромаданд. Пойҳои ҳама бо арғамчини чармин баста шуда буд. Ҳама занҳои тахорӣ буданд. Сиёваршан бифармуд банд аз пойҳои онҳо кушоянд ва барояшон об ва ғизо бидиҳанд. Чун каме ба худ омаданд

Сиёваршан пурсид, ки дӯшизаеро ин ҷо наоварданд, ки чашмони калони сиёҳ дошту мӯи дароз ва зери чашми чапаш холи сиёҳ ва номаш Гулбасар?

Дар ҳоле, ки дигарон ҳанӯз батамом аз хӯрдан фориғ нашуда буданд, яке аз занҳо посух дод:

– Он духтари паривашро фаромӯш кардан мушкил аст. Ӯ рӯйҳои чанде аз ин дуздонро канда хуншор кард. Чанд тозиёна ҳам ба пушташ зада ӯро беҳӯш карданд. Ҳамаи инро мо аз пушти деворҳои чӯбини ин хона медидем. Барои ин духтар ҳатто ду ғоратгар бо якдигар ҷанг карда яке маҷрӯҳ шуду дигарӣ кушта гашт. Сипас чанде дигар чашмтангон расида омада бо ҳамдигар дастбагиребон шуданд. Ҳар кас мегуфт духтар моли ӯ аст. Ниҳоят духтарро ҳамроҳи мо ба ин зиндон афканданд. Рӯзи дигар ҳама ба мувофиқа омада ӯро болои асп савор карда ба куҷое бурданд. Баъди чанд рӯзи дигар ҷавоне ба ин ҷо омада, ду посбони ин хонаро кушту ворид шуд. Аз он духтар дарак пурсид. Дар бораи бурданаш хабар додем. Мехост моро озод кунад, ки аҷнабиҳо бедор шуданд. Навҷавон боз гулӯи ду каси дигарро бурида, худро ба қамишзор афканда нопадид шуд. Инҳо аз қафояш рафтанд.

Ин сағера бешак Хурдак аст, хулоса кард Сиёваршан. Зинда бошад ё мурда? Кош як бори дигар ӯро зинда медидам. Дигар намегузоштам, ки чунин аблаҳӣ кунад.

Ҳар лавозимоти ҷангие, ки ба касе лозим буд аз дасти мурдаҳои аҷнабӣ гирифтанду аз қафои Сиёваршан ва Фаромарз лашкар ба роҳ баромад. Дар ин муҳориба аз ҷониби тахориҳо ҳамагӣ 12 нафар ба ҳалокат расида буд.

Онҳо аз қамишзор баромада зуд ба сипоҳи Спитаман расиданд. Сиёваршан ҳамаро якояк ба ӯ баён кард. Сарлашкар чашм ба водии фарох дӯхта андешаманд гуфт: Ҷанг раҳму шафқатро намеписандад. Фаромарз дуруст гуфт, бояд ҳамаро мекуштед.

– Байни мо ва байни ин ваҳшиҳои зандузд чӣ фарқ мемонад? – норозӣ шуда гуфт Сиёваршан.

– Дар ҷанг бояд ҳеҷ фарқ намонад. Душманон модар ва падари туро куштанд. Ту бояд то ба воя расидан аз меҳру илтифоти онҳо баҳравар мешудӣ, аммо раҳм ба онҳо накарданд.

– Хуб, бародар, фаҳмидам хатоямро, дигар такрор намешавад, – сар ба зер афканда гуфт Сиёваршан.

– Метарсам, ки хатои ту ба ивази ҷони мо набошад…, – гӯё худ ба худ гуфт сарлашкар. Фаромарз фотеҳона нигоҳашро сӯи Сиёваршан гардонд.

– Дар чанд ҷой чунин маскан гирифтаанд? – пурсид Спитаман ва худ зуд посух гуфт: маълум нест. Ин тӯдаҳо дар дохили қамишзорҳои беохир шояд хеле зиёданд, аммо хушбахтона пароканда. Бинобар ин тӯли 1 моҳи дигар мо бояд ҳатман Бобаконро аз дасти онҳо раҳо кунем. Мо мисли ин сагҳои бадзот дар дохили қамишзорҳову ботлоқ зиндагӣ карда наметавонем. Бояд ба Бобакон равем, хулоса кард Сиёваршан. Бо шунидани ин сухан сипоҳиёни атроф якбора истода чашм ба Спитаман дӯхтанд. Рафтан ба Бобакон ва озод кардани шаҳр орзуи ҳар кадоми онҳо буд. Гурӯҳи саднафараи Спитаман ҳама дар Бобакон таваллуд шуда буданду кӯдакиашон ҳамон ҷо гузашта буд. Аз гурӯҳи панҷсаднафара бошад, қариб нисфашон зодагони ҳамин шаҳр буданд. Онҳо сахт мехостанд зодгоҳи падариашонро зудтар озод кунанду дар ҷои хонаҳои худ хона сохта аз сари нав зиндагӣ оғоз кунанд.

Спитаман чеҳраҳои самимӣ ва ғарқи ҳиссиёти рафтан ба Бобаконро дида мутмаин шуд, ки ин мардон барои озод кардани Бобакон ҷонашонро дареғ намедоранд.

– Сиёваршан, – нидо дод сарлашкар, – ду нафарро аз сипоҳи худ бифрист, то барои мо аз Бобакон хабар биёранд, дар он киҳо зиндагӣ карда истодаанд, чанд нафар онро муҳофизат мекунад.

Сиёваршан Қорани оҳангарро даъват кард. Ин ҷавонро падараш, ки худ оҳангар буд, ба хотири Қорани писари Коваи оҳангар аз ривоятҳо чунин ном гузошта буд. Ҷавоне буд чорпаҳлӯ ва баландболою пурқувват. Барои худ гурзе сохта буд, ки вазнин буду шигифтангез. Бардошта бурдани онро дигарон ҳатто ба муддати ду рӯз розӣ намешуданд. Дар муқобили ин гурз сипар корагар набуд. Дастони бузургу пурқуввати ӯ ба осонӣ ин гурзро бардошта истифода бурда метавонистанд. Бо вуҷуди ин ҳама ҷуссаи бузург хеле ҷавони чолок ва ботадбир буд.

– Либоси ҷангиро каш, – фармуд Сиёваршан, – ва пироҳани тоҷирон бипӯшу ба Бобакон рав! Бубин, ки барои ишғоли он барои мо чӣ миқдор лашкар басандааст. Роҳҳои воридшавӣ, миқдори аҳолӣ ва киҳо будани онҳоро бубин!

– Хуб шудааст, сардор, – гуфта Қоран бо нигоҳ аз Спитаман низ иҷоза гирифта равон шуд.

## Оқибати хатои Сиёваршан

Ҳамагӣ як рӯзи дигар гузашта буд, ки тӯдаи ваҳшӣ ба сипоҳи тахориҳо шабохун заданд. Он шаб чизе аз бадбахтӣ дарак намедод. Аввали шаб Спитаман бо Сиёваршан машварат ороста, нақшаи ҳуҷум ба шаҳрро мекашид. Сарлашкар гуфт:

– Шунидам, ки дар баъзе аз қисматҳои шаҳри вайроншуда мардуми чашмтанг маскун шудаанд. Ин тоифа обод намекунад, балки чанде сангу шағалро як тараф карда, дар хонаҳои нимавайрона истиқомат гузидаанд. Ҳамин аст маълумоти дар даст доштаи ман. Аз ин мебарояд, ки қисмати шикастаи девори шаҳрро ҳам онҳо барқарор накардаанд. Агар ин тавр бошад, кори мо бамаротиб осон мешавад. Фақат ҷосуси мо хабар биёрад, ки оё қувваҳои муҳофизи шаҳр боқӣ мондаанд? Агар ту ба он чанд нафар кӯчманчии зиндамонда зинҳор намедодӣ мо онҳоро ғафлатгир мекардем. Ҳоло, ки онҳо зинда монданд, аҷаб не, баъзеашон ба шаҳр фирор карда боқимондаҳоро аз омадани лашкари мо хабар диҳанд.

Сиёваршан боз ҳам худро ноҳинҷор ҳис карда сарашро ба поён андохт.

Баъди ин посбонҳоро гузошта ҳарду мисли дигарон ба хоб рафтанд. Шаби хеле равшан, вале ҳавлангез буд. Ҳув-ҳуви шамоли аз тарафи ҷануб вазида якҷо бо шиш-шири қамишзорҳои наздик суруди нотамому хеле ҳузнангезеро мемонд. Гоҳо мешуниданд, ки ҳамин тӯдаи аҷнабӣ чунин суруд мехонданд. Сурудашонро кас намефаҳмид, ҳатто оҳанги махсус надошт. Инҳо баъди рафтани Александри хунхор аз он сӯи кӯҳҳои Тяншон ба ин сарзамини вайроншуда омаданд. Тӯдае аст, ки сохтмон надоранд ва ободгарӣ пешаашон нест, ҳатто зироаткорӣ намекунанд, балки ризқашонро фақат аз чорводорӣ ба даст меоранд ва қисман шолипарварӣ мекунанд.

Таъми нонро фақат дар ҳамин сарзамин чашиданд. Он ҳам пораҳои нонро аз хонаҳои мардум дуздида. Шуғли асосиашон озори тахориҳои аз кӯҳҳо барои кишоварзӣ фаромадан буду занҳои беҳимояро дуздидан.

Лашкар аз бонги задаи посбон қабл аз марг огоҳ шуд. Посбонҳоро бо тезии барқ куштанд, аммо яке аз онҳо фурсат ёфта қабл аз ҷон додан садо баровард. Ин тӯдаи ваҳшӣ санъати шамшерзаниро беҳтар аз юнониҳо ва тахориҳо медонанд.

Нахуст Спитаман бедор шуда садо дод:

– Хатар, шамшерҳо баркашед!

Ҳама ба як бор аз ҷой парида хестанду бо либоси сабук даст ба шамшерҳо бурданд, аммо ваҳшиҳо аллакай ҳудуди 100 нафарро аз дами теғи обгун гузарониданд. Дар рӯшноии маҳтоб кулоҳҳои нӯгтези кокулдор намудор буданд. Ба ҳар ҳол Спитаман, Сиёваршан ва баъзе дигар ҷанговарони ботаҷриба инро дарк мекарданд. Баъди каме ба худ омадан сарлашкарон, Барзуй ва Фаромарз умури лашкарро ба даст гирифта фармон доданд:

– Саф бандед! – ҳама аз пушти онҳо саф бастанд, дигар бесарусомонӣ хотима ёфт. Маълум шуд, ки кӣ дӯст асту кӣ душман. Ба як бор ҳама сари душман рехтанд. Мурдаи мардумони қадпасти паканаи аҷнабӣ зери по монданд. Ду сарлашкари сафдар пешопеши лашкар чунон барқвор шамшер мезаданд, ки ҳатто ваҳшиҳо аз маҳорати онҳо дар ҳайрат монданд. Зиндамондаҳо ҷангкунон ҳазимат карданд.

– Истед! – фармон дод Спитаман. – Тирандозон ба пеш! – якбора ҳама дар ҷой шах шуданду як саф сипоҳиёни тирандоз ба пеш баромаданду ба як бор тир кушоданд. Оҳу воҳи душман ба фалак печид. Ҳар қадар, ки тирандозон имкони ба нишон гирифта паррондан надоштанд, аммо бисёре аз тирҳои ҳавоӣ андохта низ ба ҳадаф расиданд. Аз он ҷониб ҳам тир меандохтанд. Ваҳшиҳо ҳам тирандозони бомаҳорат буданд, аммо низоми лашкари Спитаман ҳадафҳои онҳоро барбод дод.

Бо дамидани субҳ ҳама ҷо сокит шуд, ба ҷуз нолаи маҷрӯҳони ду тараф. Равшан шуда буд, ки Спитаман дуртар аз худ яке аз чашмтангонро дид, ки маҷрӯҳ асту нола меку-

над. Наздик омада бо як зарбаи шамшер ӯро сокит кард. Ин фармони махсусе буд бе садо. Ҳама гурӯҳи саднафараи ӯ пароканда шуда ҳар кучо маҷрӯҳони душманро дарёфт карда, куштанд. Дар ин кор сипоҳи Сиёваршан коҳилӣ мекарданд. Фақат баъзеҳо душманеро аз дами теғ мегузаронданд, он ҳам чашмҳоро пӯшида бо дили нохоҳам. Ин мардум косибон буданду чорводорон ва ҳунармандон, ки дар зарурат ҳунари шамшерзанӣ омӯхта буданд. Гурӯҳи Спитаман бошад ҳанӯз дар навҷавонӣ ваҳшонияти юнониҳоро бо чашми сар дида буданд. Онҳо шоҳиди ҳол буданд, ки он тӯдаи ваҳшии хунхор чӣ гуна шиками занҳоро чок мекарданду мӯйсафедонро аз дами теғ мегузаронданд. Баъзеашон дар охирин лаҳза Аноҳити зеборо оғӯштаи хун диданд, Моҳуро диданд, ки якбора чандин захми шамшеру найза хурд, ҷароҳатҳои хунфишони Катанро диданд, ки баъди рафтани хуни зиёд чӣ гуна рангаш сафед шуду баъд ҷон дод. Руди Оксро диданд, ки аз хуни худу бегона сурх шуда буд. Инҳо дигар раҳм ба душман надоштанд.

Спитаман ба Сиёваршан фармуд, ки маҷрӯҳи дуртар аз худ истодаро синачок кунад. Сиёваршан дар ҷанг ҳар киро, ки лозим буд мекушт, аммо ин тавр шахси беяроқ ва хоса маҷрӯҳро ба ин осонӣ кушта наметавонист. Шамшер дар даст ба назди маҷрӯҳ омад, ӯ нола мекард ва ба лафзи худ чизе мегуфт. Тахорӣ як лаҳза болои сари ӯ беҳаракат истод.

– Бикуш ӯро! – бо тамоми овоз дод зад Спитаман, – Такягоҳи ман туӣ, агар ту дар муқобили душман раҳмгин бошӣ, муқовимати мо беҳуда аст, ба қафо баргашта ба кӯҳистон меравем, Бобакон бигзор аз душман бошад, гӯри падари ту, Катан ва модарат Аноҳит зери пои ин нокасон мемонад, замини муқаддас барои мо бегона мешавад!

– А-а-а, – дод зад Сиёваршан ғарқи обу арақ чунон зарбаи сахт ба миёни маҷрӯҳ зад, ки ӯро ба ду ним кард ва рӯй ба дигар тараф гардонда шах шуд. Тамоми вуҷудаш карахт шуда буду сангин. Ту гуфтӣ мушакҳояшончунон таранг шудаанд, ки ҳаминак дарҳам мекананд. Ҳама шах шуда ба ӯ менигаристанд. Нахустин шуда Спитаман ба ханда даромад. Ба дунболи ӯ аввал ҳама лашкариёни ӯ ба ханда даромаданд. Сипас

сипоҳиёни Хум чун диданд, ки дар лабони Сиёваршан табассум ҳувайдо шуд, онҳо низ ба ханда даромаданд.

Маънии фармони Спитаман хеле жарф буд. Ҷанг раҳму шафқатро намеписандад. Гузашта аз ин, дар ҷанг раҳму шафқат баробари марг аст. Мардуми кӯҳистон бераҳмии аҷнабиёни юнониро дида, худ монанди онҳо гашта буданд. Баъди он, ки раҳму шафқат аз дили Сиёваршан берун шуд, Спитаман худро осуда ҳис кард. Такягоҳи асосиаш ҳамин ҷавон-писари Катан буд. Хуни Катани диловар дар рагҳои ин ҷавон ҷорист. Барои зафар ёфтан бошад Катан барин фидокорон лозим буданд. Ҷосус Қоран омад, хабар дод яке ба Спитаман. Ӯро ба наздаш ҷеғ зада аҳвол пурсид.

Қоран хабар дод, ки шаҳр умуман ҳимоя намешавад, гарчанде, ки ҳудуди ҳазор мардони ҷангӣ бо аҳли хонаводаҳои худ дар дохили шаҳр зиндагӣ мекунанд. Девор мисли пештара шикастаасту шаҳр умуман дарвоза надорад. Ба ҷуз ин дар қамишзорҳои атроф ва даштҳои фарох маълум нест боз чандин сарбози дигар умр ба сар мебаранд.

– Ҳазор сарбози ҷангдида барои 500 нафари мо зиёд аст, – андеша кард Спитаман. – Ғофилгир кардани онҳо, албатта, ба фоидаи мо аст, аммо ба ҳар ҳол…

– Сиёваршан, – нидо дод сарлашкар. Сиёваршан наздик омад.

## Ба Бобакон!

– Ба Бобакон! – гуфта нидо додани Спитаман, ту гуфтӣ фармоне буд, ки ҳама интизораш буданд. Ба як бор 500 нафар сарбозони диловари ду сарлашкар ин нидоро такрор карданд: – ба Бобакон!

Ҳама ба як бор аз қафои ду сарлашкар рахти сафар бастанд. Гӯё аспони ҷангӣ низ интизори ҳамин фармон буданд, ки шиҳазанон зери фишори лаҷомҳо ба пеш ҳаракат карданд.

Хабари кушта шудани ҳамқавмонашон кайҳо ба шаҳр расида буд. Балки ин ҳам натиҷаи ҳамон хатои Сиёваршан аст. Дар шаҳрбудаҳо, ки асосан аз ашрофзодаҳои онҳо буданд, бахри истиқболи нерӯи тахорӣ омодагӣ гирифтанд. Ба ҳар тараф кас фиристода қавми парокандаро муттаҳид, яроқу

аслиҳаашонро дуруст карданд. Ин мардум баъзан дар масофаи якрӯза роҳ ҳамагӣ 10-20 оила иқомат мекарданд, он ҳам дохили қамишзор ё майдони фарох. Қавм хеле пароканда ки буд, ҷамъ овардани онҳо низ мушкил афтод. Мардумони гарданшахе буданд, ки ба якдигар усулан итоат намекарданд. Дар як ҳафтаи расидани хабари сипоҳи тахорӣ тавонистанд боз 500 ҷанговари дигар дар шаҳр гирд оваранд. Инҳо аз лой ва чӯб бутҳои хурду бузург сохта, ба онҳо ибодат мекарданд. Сарваронашонро на аз рӯи хирад ва тадбир, балки зӯри бозӯ интихоб мекарданд. Чун якуним ҳазор лашкар дар дохили шаҳр омода шуд, масъалаи интихоби сарлашкар ба миён омад. Байни 12 нафар довталаб мусобиқаи гӯштин, тирпарронӣ, шамшерзанӣ ташкил карданд. Яъне агар гӯштин ғолибро муайян накард, тирпарронӣ мекарданд, агар касе ғолиб наомад, шамшерзанӣ мекарданд. Боз ҳам касе дар миёнаҳои муҳориба таслим нашуд, задухӯрд то кушта шудани яке идома меёфт. Аз 12 нафар довталаб ҳамагӣ 4 нафар боқӣ монд. Аз ҳашт нафари мусобиқаро бохта шаш нафарашон таслим шуданду ду нафар кушта. Сарлашкарон Хой-хой, Ҷағатаг, Чусанбат ва Ханчу интихоб шуданд. Хеле ҷанговарони қавипанҷа ва ҷасуранд. Аз маҳорати аспсаворӣ, тирпарронӣ ва шамшерзании онҳо ҳама дар ҳайрат афтоданд. Се нафари ин ҷанговарон ба ҷуз Хой-хой сарварони дастаҳои хурди худ дар дохили қамишзорҳоянд.

То омадани тахориҳо тӯдаҳои чашмтанг дар беруни шаҳр, ҳамон ҷое, ки замоне Катани диловар дар муқобили урдуи юнониҳо лашкар гирд оварда буд, бошишгоҳи муваққатии ҳарбӣ сохта омодаи муҳориба шуданд. Аз ин ҷониб лашкари тахорӣ дар вақти муайян дар муқобили душман саф оростанд. Тирандозони бомаҳорати тахорӣ ба сафи пеш баромаданд. Аз ҷониби душман ҳам ҳудуди 100 нафар тирандозон ба пеш баромаданд. Тирандозони тахорӣ аксаран пиёда буданд. Ин гурӯҳи сипоҳиён ақида доштанд, ки савори аспи беқарор ба нишон гирифтан бамаротиб мушкил мешавад. Бист нафар тахориҳо савора буданду дигарон пиёда. Тирандозони тахорӣ ғайричашмдошти душман чун тирҳои худ тез давида замоне дар ҷой шах шуда тир кушоданд. Ҳудуди 20 нафари душман

ба замин афтиданд. Тирандозони душман ҳам тир кушоданд. Аз ин ҷониб низ тақрибан ҳамин миқдор ба замин афтид. Тирандозон зуд ба қафои лашкар давида найзазанони тахорӣ ба пеш баромаданд. Чун тез медавиданд, тирҳои задаи тирандозони душман ба онҳо нарасид. Ба душман хеле наздик омада, найзаҳоро ҳангоми давидан сӯи душман ҳаво доданд. Тири 20 нафар қариб бехато қалби душманро сӯрох кард, лашкари душман ба таҳлука афтод. Хой-хой, ки хеле ҷавон буд саросема шуда ба пеш баромада сӯи лашкари тахорӣ ба ҳуҷум гузашт. Чашмтангони дигар аз қафояш асп давонданд, аммо ӯ чунон чусту чолок буд, ки дар як они воҳид аз лашкари худ хеле дур рафт. Аз ин ҷониб Сиёваршан ҳамин гуна тез сӯи ӯ асп давонд. Расидан баробар Хой-хой хост бо найза кори Сиёваршанро тамом кунад, аммо ҳангоми зарба задан тахорӣ дар як даст шамшер аз болои асп худро ба зер афканда ду пой бар замин кӯфт ва дигарбора худро болои зин гирифт. Чашмтанг ба дигарон кордор нашуда, боз асп ба қафо гардонда бо найза ба ҳуҷум гузашт. Ин бор Сиёваршан сар ба канор гирифта аз зарби зада раҳо шуду шамшери дар дасташ бударо то даста ба шиками Хой-хой халонд. Қисмати зиёди шамшер аз пушти ҷанговар баромад, душман садои ҷонкоҳе бароварда ба замин афтид.

То ин дам Чусанбат савори аспи бодпои кӯтоҳқад сафи тахориҳоро чун барқ дарида, ба қалби сипоҳ рафт. Ӯ дуҷониба шамшер зада ба пеш ҳаракат кард. Инро дида Спитаман душмани навбатиро сар бурида сӯи ӯ шитофт. Чун роҳ баста буд найзаи кӯтоҳашро аз бари зин гирифта сӯи ӯ партоб кард. Масофа, ки дур буд найза шасташро суст карда ба сари Чусанбат, ки бо худи ҷангӣ ҳимоя мешуд, бархӯрд. Бо вуҷуди ин ҳам ҷанговар аз болои асп ба зер афтид. Якбора чанд нафар тахориҳо ӯро иҳота карданд. Аҷнабӣ шамшер ба сари ҷанговари наздиктарин зада ӯро ба хун оғӯшта карда, фурсат ёфта, дубора худро болои асп гирифт. То ин дам Спитаман лашкариёни худро тела дода ба назди ӯ расид. Рӯбарӯ ба ҳам даровехтанд. Лашкариён пароканда шуданд. Ҳарду ҳам чунон тез ва бомаҳорат шамшер мезаданд, ки баъзе аз лашкариён ҷангро монда онҳоро тамошо мекарданд. Зарбаи навбатии шамшери

Ҷусанбатро Спитман бо сипар рад карда шамшерро тоб дода гардонда, чунон ба гардани душман зад, ки сари ӯ болои китфаш овезон шуд. Хурр-р, – нидо дод тахорӣ. Аз фатҳи Сиёваршан ва Спитаман сипоҳиёни тахорӣ рӯҳи тоза гирифта ба сари душман ҳуҷум карданд. Сару дасти аҷнабиён ба замин рехтанд. Магар мушкил сари Ҷағатаг буд, ки дар иҳотаи чанд тахорӣ чун барқ шамшер зада, чанд нафарро ба хок яксон кард. Чун Барзу ва Фаромарз ба ӯ наздиктар буданд, Сиёваршан нидо дод, ки ба ӯ даровезед ва худ сӯи Ханчу шитофт, ки дар қисмати чапи сипоҳ машғули шикори тахориҳо буд. То ин дам гурӯҳи саднафараи Спитаман қисмати зиёди лашкари душманро кушта буданд. Теъдоди душман баробар ба тахориҳо шуд.

То расидани Сиёваршан Ханчу тир ба камон андохта, даст аз кори дигар бозмонда, сарлашкарро хуб ба нишон гирифта парронд. Сиёваршан сипар бар рӯй кашида раҳо шуд. Дигарбора сипар аз рӯяш гирифта буд, ки тири дигари партобкардаи Ханчу ба китфаш зада, то пайкон ба баданаш нишаст. Сиёваршан хам шуда хост тирро аз китфаш кашида гирад, аммо Ханчу ба ӯ фурсат надода, чун барқ ба сараш тохт. Спитаман чун дид, ки ҷони Сиёваршан дар хатар аст, насиҳати Катан ба хотираш омад, ки дар охирин нафасаш гуфта буд: «Писарам, Сиёваршанро дарёб!» Гӯё ҳамин ҳоло қаҳрамони Тахористон ин суханонро дигарбора ба гӯшаш гуфт. Спитаман наъраи ҷонкоҳ зад. Аз ин нидои ҳавлангез ҷанговарони атрофӣ лаҳзае аз кор боз монданд. Аммо ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ то расидани душман ба Сиёваршан дарёб карда наметавонист. Шамшери ба боло бардоштаи Ханчуро диду умед аз зинда мондани Сиёваршан батамом канд. Дунё дар назараш торик шуд. Аммо, шигифто, ғайричашмдошти ӯ Ханчу ба сари Сиёваршан шамшер назад, балки баръакс, тахорӣ шамшер ба ҷигаргоҳи ӯ халонд. Спитаман чизеро нафаҳмида, дар ҳайрат афтод, гумон кард, ки арвоҳи Катан дар майдони ҷанг пайдо шудааст. Аз ӯ бештар Сиёваршан дар ҳайрат афтод. Чун аҷнабӣ бо ҷигари чок рӯи дасти Катан дуқад шуд, тахорӣ дид, ки тири ҷонкоҳе ба пушти Ханчу то нисфаш халида даромадааст. Ҳардуро наъраи задаи ҷанговаре ба худ овард, ки чун бод худро ба лашкари душман зад, ӯ тамоман ношинос буд. Дар

тарафи дигари лашкаргоҳ Барзу ва Фаромарз ба Ҷағатаг даровехта буданд. Баъди чанде задухӯрд аҷнабӣ теғе ба паҳлӯи Барзу зада ӯро аз асп ба зер афканд. Фаромарз чун дид ки зӯри бозӯи душманро надорад ҷангкунон ба қафо ҳазимат кардан гирифт. Ҷанговари ношиносе, ки ҷони Сиёваршанро навакак харида буд, чун бод худро ба назди Ҷағатаг расонда, Фаромарзро паси пушт карда, теғ ба рӯи аҷнабӣ бинҳод. Зарбаи навбатии душманро ин ҷанговар бо зарби шамшер гардонда, бо дасти рост дасти ӯро бо шамшер якҷо дошта ба зер кашида ба замин афтонд. Сипас шамшерро ба ғилоф андохта найзаро кушода чунон сахт ба синаи Ҷағатаг зад, ки ӯро ба замин дӯхт. Дигарбора шамшер аз наём кушода наъра зад: – Хур-р-р. Спитаман ҷавобан чунин нидо дода буд, ки тамоми лашкар нидоро такрор карданд.

Сиёваршан дар наъраи ҷанговари ношинос Хурдакро шинохта, дилаш ором гирифту гарм шуд. Спитаман, Сиёваршан, Қоран, Фаромарз ва Хурдак ҳама як саф баста душманро таъқибкунон сӯи шаҳр ронданд. То расидан ба дарвозаи шикастаи шаҳр ҳудуди 80 нафари боқимондаи душман аз аспҳо пиёда шуда ба замин дузону афтиданд ва дастҳо рӯи сина гузошта таслим шуданд. Сипоҳи ҷаррори тахорӣ 10 нафар таслимшудагонро кушта буданд, ки дигарон аз ҷой хеста фирор карданд. Тахориҳо ба шаҳр ворид шуданд. Баъзе аз ҷанговарони калонсолтаре, ки ҳамин ҷо таваллуд шудаву кӯдакиашонро гузаронида буданд аз аспҳо фаромада, хоки шаҳрро бӯса мекарданд. Сиёваршан ин тарафу он тараф асп давонда, нидо дода Хурдакро меҷуст. Ниҳоят Хурдак пайдо шуд. Аз болои асп худро ба зер афканда ба пешвози Сиёваршан давид. Сарлашкар ҳам пиёда шуда ба истиқболи азизтарин шахс барояш шитофт. Якдигарро ба оғӯш кашида лаҳзае шах шуданд. Сипас Сиёваршан аз китфаш дошта ӯро аз оғӯшаш раҳо карда итоб кард:

– Шунида будам, ки падарат ҳам мисли ту лашкарро партофта, гоҳо ба ҷустуҷӯи занон мебаромадааст. Ту ҳам хокшуда гом дар гоми падар мегузорӣ?

– Падарам ҳар гунае, ки набудӣ тарбияи Катан ва Аноҳитро гирифта буд.

– Куҷо будӣ, дайду, чӣ гуна дар байни ин ваҳшиҳо зинда мондӣ? Мисли худи онҳо, дохили қамишзорҳо пинҳон будам ва Гулбасарро меҷустам. Ниҳоят ӯро дар зиндони як гурӯҳи онҳо пайдо кардам.

– Инашро медонам, – пешдастӣ карда гуфт Сиёваршан, – ту бигӯ, ки ӯро аз он зиндон гирифта куҷо бурданду дӯстдоштаат боз сари чанд бадбахти дигарро хӯрд?

– Се нафари онҳо чун Гулбасарро байни худ тақсим карда натавонистанд, духтарро гирифта ба Навток мебурданд, то ба юнониҳо фурӯхта фоидаи хуб ба даст оранд. Дар нимароҳ онҳоро дарёб карда ҳарсеро куштаму Гулбасарро раҳо кардам, лекин афсус, ки модарашро пайдо накардам. Сабаби асосии зуд ба кӯҳистон барнагаштанам ҳам ҳамин аст. Ҳоли модарам чӣ гуна аст?

– Ҳоли бад дорад, аз ғами ту месӯзад. Бояд зуд ба кӯҳистон рафта, аз ҳолаш бохабар шавӣ. Исто, ки Гулбасар ҳоло куҷост?

– Ӯро дар ҳамин наздикӣ пинҳон кардаам.

– Чаро ба хона нарафтӣ? – якбора пурсид Сиёваршан.

– То ҳамин наздикӣ омадаму хабари омадани шуморо шунидам. Шуморо меҷустам. Аз кишоварзони атроф шунидам, ки ба Бобакон омадаед.

– Дар вақташ баргаштӣ, додар, ҷонамро халос кардӣ.

– Хурдак, писари Бобаки қаҳрамон ҳамин бача аст? – баланд шуд овози Спитаман.

– Бале, сардор, ҳамин бача!

– Охирин бор ман ӯро хеле хурд буд, ки дида будам. Хеле калон шудааст.

Хурдак наздик омада даст дароз кард, то бо ӯ вохӯрӣ кунад. Спитаман дасташро як тараф карда ӯро ба оғӯш кашид.

– Ана ту чи хел шудаӣ, ҷанговари таппа-тайёр. Имрӯз кореро ба анҷом расондӣ, ки ду ҷонро раҳо додӣ. Агар Сиёваршанро мекуштанд, ман то дами марг худро намебахшидам. Зиндагии ман ҳам бемаънӣ мешуд. Ба падараш ваъда дода будам, ки писаратро ҳифз мекунам. Офарин ба ту, писар! Исто, ки чаро туро Хурдак ном ниҳодаанд, он қадар хурд-ку нестӣ?

– Ба хотири ҷусса не, сардор, балки ба хотири китоби хур-

ди Авасто, ки он ҳам «Хурдак» унвон дорад, чунин номам додаанд.

– Ту ба хотири китоби бузурги Авасто низ меарзӣ, ба Хур ҳам, ки митраи муқаддасро мегӯянд. Офарин бар ту бод, писари Бобаки қаҳрамон. Акнун омода шав, бо дастаи панҷоҳнафара барои овардани мардум ба кӯҳистон меравӣ. Хурдак хело хурсанд шуд. Хурсанд аз он, ки ба назди модараш меравад. Сиёваршан гуфт, ки Гулбасарро рафта ба шаҳр биёр, то омадани шумо ҳамин ҷо меистад. Хурдак сабук ҷаста рӯи зин баромаду чун бод ба тарафи девори шикаста рафт.

Аз ин ҷониб Спитаман фармуд, то ҳамаи хонаводаи ваҳшиҳоро дар майдони марказӣ ҷамъ оваранд. Ҳафтсад нафар занону кӯдакон буданд. Спитаман фармуд, то ба онҳо иҷозат диҳанд ҳар чизеро, ки мехоҳанд аз ғизо ё ашёи дигар бигиранду аз шаҳр баромада раванд. Ҳамқабилаҳояшонро ёфта байни қамишзорҳо истиқомат кунанд. Аз ин беҳтараш тарки ин сарзамин кунанд. Аз ин ба баъд тахориҳо аз кӯҳистон баргашта ба шаҳрҳои худ меоянд.

Хурдак ба зудӣ Гулбасарро оварда, дар шаҳр гузошту бо 50 нафар ҷавонони савори аспони бодпои хатлӣ сӯи Хум шитофт. Сиёваршан таъкид кард, ки аз Хум мардони ҷангӣ ва дигар хоҳишмандонро гирифта ба зудӣ баргардад. Ба шаҳрҳои дигар то ба Дарбанд одам фиристода аз озод шудани Бобакон ва имкони баргаштан ба водӣ башорат диҳад. Дар охирин лаҳза дигарбора таъкид кард, ки шумори ҷангиёни мо дар ин ҷо хеле кам мондааст, дар сурати таҳдиди хатар аз дасти мо коре барнамеояд, бинобар ин биштобад.

Боқимонда ҷанговарон иборат аз 250 сарбоз бо фармони сарлашкар ба барқарор кардани девори шикаста ва таъмири дарвозаҳои шаҳр шурӯъ карданд. Ҳамагон хуб медонанд, ки бе мустаҳкам кардани девор ва дарвоза ҷонашон дар хатар аст. Худи ҳамин кӯчманчиёни шикастхӯрда метавонанд аз даштҳои дуртар ваҳшиҳоеро мисли худашон муттаҳид карда, дигарбора ба Бобакон юриш кунанд. Он гоҳ ҳоли тахориҳо бад мешуд.

Сиёваршан вайронаҳои хонаашонро бо ёрии Спитаман дарёфт. Лаҳзаҳои кӯдакиашро ба хотир овард. Якҷо бо хоҳарчаи

зебояш Ноҳид рӯи сабзаҳо менишинанду модари паривашаш Аноҳит ба онҳо дар бораи падараш Катан суҳбат мекунад. Ё рӯи девори шаҳр истода модараш аз ғами падари қаҳрамонаш гиря мекунад. Моҳу омада мепурсад:

– Гиря мекунӣ? – Модараш оби чашмашро пок карда посух медиҳад, ки не! Ин лаҳзаҳо қабл аз шикасти шаҳр буданд. Баъди шикасти шаҳр дигар ёде аз модару падараш надошт. Кӯдак буд, ки хоҳараш аз ғами модар баъди ба кӯҳистон расидан дар 4-солагӣ бемор шуда ҷон дод. Агар Спитаман намебуд ӯ ҳам шояд зинда намемонд. Аммо ҳамноми Бабр ба ваъдаи ба падараш додааш содиқ монд.

Вайронаҳоро тарк карда ба назди девор шитофт, то ба дигарон кӯмак кунад, ки зудтар деворро барқарор кунанд.

Хурдак аз пиндори Сиёваршан дида тезтар омад. Кори девор ҳам қариб ба сомон расид, ки Хурдак аз дарвоза ворид шуда нидои шодӣ баровард. Ӯ бо худ ҳазор нафар мардони ҳузарб ва ҷавонони чолок ва ҳунармандону барзгарони солим ва боз 1000 нафар ҷанговаронро овард. Мужда дод, ки дигарон аз қафо мерасанд. Пешопеш рӯи аспи бодпо худ менишасту аз пушт модараш Ҳумой савори аспи дигаре вориди шаҳр шуданд. Сипоҳиён ҳама ба истиқбол баромаданд. Муждаи расонидаи Хурдак хеле дилгармкунанда буд. Ҳама гумон мекарданд, ки қисмати ками мардум аз кӯҳистон ба водӣ мефароянд. Аммо хабари расонидаи Хурдак, ки бисёре аз мардумон розианд ба водӣ фароянд ба сипоҳиён рӯҳу илҳоми тоза бахшид. Ҳумой ба Сиёваршан наздик шуда мисли фарзандаш сарашро ба канор гирифта, миннатдор шуд ва гуфт, писарамро ҳифз кун, ман шавҳарро дар навҷавониаш аз даст додам, ҳама ормонҳоям ба Хурдак аст.

Нерӯҳои навомада якҷо бо дигарон имкон дод, ки боқимонда девори шаҳр ба зудӣ пурра азнавсозӣ шавад. Ҳунармандон барои сохтмони дарвозаҳо омодагӣ гирифтанд. Дар муддати 1 моҳи тамом девори шаҳр мустаҳкам шуду дарвозаҳо азнавсозӣ ва мустаҳкам шуданд. Шаҳри Бобакон дигарбора қалъаи мустаҳкам шуд. Ҳама осуда шуданд. Акнун имкони муҳофизат аз ҳар гуна нерӯҳои бадхоҳ пайдо шуд.

Дар бораи нақшаҳои оянда нахуст Хурдак аз Спитаман пурсид. Посух гирифт, ки бегоҳ машварат оғоз хоҳем кард.

Қурси зарҳалини митра охирин шуоъҳои хасиси худро ба сари Бобакон пошид. Дарахтони бузурги сафедорҳои ду тарафи роҳи марказии шаҳр, ки замоне аз таъсири насими форами бегоҳӣ бо баргҳояшон суруди нотамоми Суғди муқаддасро барои қаҳрамонони Тахористон – Катан, Вастан, Бобак, Моҳу, Бразан, Аноҳит месуруданд, акнун аз норасоии об ва нигоҳубин хеле хушку лоғар шудаанд ба ҷои суруд марсияи ҳазинеро зам-зама мекунанд. Баъди омадани Александр фақат аз ин шаҳр 12 ҳазор нафар аз сарбозону сокинон аз дами теғ гузаштанд. Аммо қасоси ин мардумро қаҳрамонони тахорӣ аз душман ситониданд. Ҳашт, то нӯҳ ҳазор сарбозони яккачини Александри хунхор сар ба замин ниҳоданд. Руди Окс аз хуни худӣ ва бегона сурх шуд. Юнониҳо дар ин сарзамин намунаи олии мардонагӣ ва ватандӯстиро диданд.

Ин бегоҳ моҳтоби тиллоранг рӯи осмони беғубор ҳукмрон шуд. Сарони сипоҳ як-як ба машваратгоҳ, ки дар ҷои ибодатхонаи пештара муайян шуда буд, меомаданд. Ин ҷо мардум дарси Авасто меомӯхтанд ва панди пири муғон мегирифтанд. Ҳоло бошад оташи муқаддас хомӯш аст. Барои дигарбора дар гирондани он ва сурудани яштҳои сеҳрангези Авасто аз Балх ё Саразм рафта оташ овардан лозим буд.

Чун ҳама гирд омаданд, Спитман ба сухан даромад:

– Хурдак мепурсад мо кай ба Навток ҳуҷум мекунем. Саволи хубест, ки ман худ сахт мехостам ба он посух дода тавонам. Худи фардо мо метавонистем ба он ҷо ҳуҷум карда, шаҳрро ба муҳосира гирем, аммо магар салоҳи кор дар ҳамин аст? Мехоҳам ягон-ягон фикри худро бигӯед, – ва бо нигоҳ ба Қоран иҷозати гуфтан дод. Қоран қадаме ба пеш гузошта, даст боло бардошта бо ҳамин ишора арзи сипос карда, фикрашро баён дошт:

– Ҳоло мо шаҳрро мустаҳкам кардем. Музаффарияти ахирӣ ба сипоҳиён илҳоми тоза бахшидааст. Бисёре аз сипоҳиёни мо ташнаи интиқоманд, ба андешаи мо ҳоло беҳтарин фурсат аст барои ҳуҷум ба Навток. Фақат фардо не! Як моҳ муҳлат лозим, то мо омодагӣ бигирем ва яроқу аслиҳа

дуруст кунем, – инро гуфта Қоран хотима кард, – ман чунин мепиндорам, – ва қадам ба қафо гузошт.

Дар нимторикӣ рӯи Қоран нопадид шуд, гӯё, ки ҳаргиз набудӣ. Ин ҷо ҳатто бо нигоҳ халал расондан ба суханронии дигаре мумкин набуд.

Спитаман рӯ ба Барзуй овард, ки ҳанӯз ҷароҳати дар задухӯрд бардоштааш батамом дуруст нашудааст. Ӯ қадаме ба пеш монда гуфт:

– Ман ҳам муқобили ҳуҷум кардан ба Навток ва аз дасти душман ситонидани он нестам! Аммо фаромӯш набояд кард, ки дар ҷанг фақат зӯри бозӯ басанда нест. Ба ҷуз ин боз маҳорат ва аслиҳаи хуб лозим аст. Ҳамин аст фикри ман.

Барзуй қадам ба қафо гузошт. Ҳама дарк карданд, ки чӣ мехоҳад бигӯяд. Яъне ҷанговарони касбии мо ҳамагӣ 600 нафар буданд, ки 300 нафараш дар муҳорибаҳои ахир ҷон супурданд. Нерӯҳои наврасида ҳамагӣ барзгарононанду чорводор ва ҳунармандон. Онҳо малакаи хуби ҷангӣ надоранд. Баъди ҳаминро андеша кардан Спитаман рӯ ба Сиёваршан овард: – Мехоҳам бародари ман фикрашро баён созад!

Сиёваршан ҳам мисли дигарон, аз рӯи қоида, қадам ба пеш гузошта каме сукут карду сухан кард:

– Бародарони ман дуруст қайд карданд. Оне, ки мо аз пештара дида омодаем ба Навток ҳуҷум кунем, дуруст аст. Аммо то кадом андоза ба муҳорибаи лашкари ҷангдидаи юнонӣ истодагарӣ карда метавонем суолест беҷавоб. Тасмими мо ҳам, гумон дорам, бояд ба ҳамин посух вобаста бошад. Оне, ки Бурзуй гуфт айни ҳақиқат аст, ҳоло нерӯҳои мо барои фатҳи Навток басанда нестанд, барои ин камаш як сол омода шудан лозим. Ба андешаи ман хуб мешуд, агар аввал дар бозиҳои гладиатории юнониҳо дар ҳавории Мароқанд иштирок мекардем. Ҳамон ҷо мо бояд нишон диҳем, ки ба чӣ қодирем. Агар мо дар муқобили ҷанговарони юнонӣ дар ин бозиҳо ғолиб наоем, пас маълум аст, ки дар назди деворҳои Навток шикаст хоҳем хӯрд. Ғалабаи мо дар колизей шикасти рӯҳии онҳо мешавад. Қонуни ҷанг ҳамин аст, ки ҳамоне зафар меёбад, ки бештар боварӣ дорад. Ҳамин аст фикри ман. – хулоса кард Сиёваршан. Ҳама лаҳзае хомӯш монданд. Аз ин

ба баъд ҳукм ба сарлашкар буд. Аммо барои ҳукм баровардани сарлашкар ҳанӯз далел кофӣ набуд. Барои дарёфти мадад рӯ ба Хурдак овард. Хурдак қадам ба пеш гузошта гуфт:

– Ман аз фикри пештараам гаштам, бо Сиёваршан розиам, иштирок дар муҳорибаҳои колизей, гумон дорам, ки нисфи ғалаба аст.

Ҳамин басанда шуд, ки Спитаман хулоса кунад. Аз ҷой бархоста ба миёни маҷлис омада ҳукм кард:

– Сиёваршан ва Хурдак маҳорати кофии ҷангӣ доранд, онҳо озодона машқ мекунанд. Барои Қоран, Фаромарз ва Барзуй машқҳои ҳарбӣ ҳар рӯз аз саҳар то шом ҳатмианд. Баъди як ҳафтаи дигар панҷоҳ нафар савор бо тамоми абзорҳои ҷангӣ ба роҳ мебароем. Гумони ғолиб ҳамин аст, ки ба майдон шаш нафари мо мебароем. Дар ин муддат омадани мардум аз кӯҳистон ва маскун шуданашон дар дохил, атроф ва дигар мавзеъҳои водӣ давом мекунад. Бояд кӯшид, ки дар навбати аввал мардум аз шаҳр хеле дур маскан нагузинанд, то аз ҳимояи лашкар бархӯрдор бошанд. Онҳое, ки қабл аз мо ба водӣ фаромадаанд, метавонанд бо хоҳиши худ ба шаҳр наздиктар кӯчанд. Тамом!

Ҳама пароканда шуданд. Сиёваршан монду Спитман.

– Писари Катан боз гуфтание дорад? – Пурсид сарлашкар.

– Бале.

– Пас бигуй!

– Ман аз гурӯҳи хеле ҷангии ин тӯдаи ваҳшӣ, ки ба дастаи юнониҳо дарафтида, буд дар хавотирам. Онҳо ҳатто қариб буд дастаи юнониҳоро шикаст диҳанд. Агар мо бо Хурдак намешудем, шояд шикаст ҳам медоданд. Мабод, ки он тӯдаи ваҳшӣ дар гӯшае аз нерӯҳои парокандаи кӯчманчӣ лашкари пурқувват созмон дода, дар набудани мо ба шаҳр ҳуҷум кунанд.

Спитаман ба андеша фурӯ рафт. Баъди лаҳзае сукут сар бардошта гуфт:

– Дӯстам, ҳар киро хоҳӣ бигир ва дар атроф ба ҷустуҷӯи он гурӯҳ машғул шав! Коре кун, ки то рафтан ба Мароқанд онҳоро дарёфта нобудашон созӣ. Мо бояд ҳангоми сафар хо-

тирҷамъ бошем. Ҳатто шояд дар ин даштҳои фарох инҳо ягона нерӯи мусаллаҳи душман набошанд.

Рӯзи дигар Сиёваршан бо Хурдак машварат карда сад нафар мардони ҷангиро аз сипоҳи Хум ва 20 нафарро аз гурӯҳи саднафараи Спитаман гирифта, ба беруни шаҳр баромад. Бо Хурдак на аз боби ҷанг машварат кард, балки ба ӯ шарт гузошт, ки бе иҷозат ягон ҳаракат намекунад, набошад ӯро бо худ намебарад.

– Сардор, мо чӣ, магар хеле беандешаем, ки бе фармони ту коре кунем? Бе иҷозат як қадам канор нахоҳам гузошт.

– Медонам якравии туро, дар як лаҳза фикратро дигар мекунӣ, – гуфт Сиёваршан. Ба сари Гулбасарат гулчанбар пӯшонидӣ, ки то омадани мо дигаре ӯро аз худ накунад?

– Гулбасари ман, сардор, бе гулчанбар ҳам ба ҷуз ман ба касе намерасад, ӯ маро сахт дӯст медорад.

– Ҳа, дӯст медорад, ки ҳамин ду моҳи пеш Баҳромро баргузид, – заҳр зад Сиёваршан.

– Сиёваршан, шарм дор, бо Баҳром нарафта буд, бо модараш барои дарёфти ризқ рафт.

– Ҳоло ҳам чизе надоред, чӣ гуна тӯй мекунед?

– Ту гумон мекунӣ ман ин қадар аҷнабиёнро кушта боигарии онҳоро ба дарё мепартоям? Баъзан чизу чора ғундоштаам, ками дигар меғундораму каме дигар ту ёрдам мекунӣ, ана баъд туй.

– О балое, ана то куҷоҳо фикр кардаӣ. Медонӣ, ки дар бораи ин гуна сарват дар Авасто чӣ навишта шудааст?

– Бигуй чӣ?

– Оне, ки гуноҳ карда сарват ғундоштаасту худро хушбахт меҳисобад, бидонад, ки ин хушбахтӣ бадтар аз бадбахтист.

– Ман гуноҳ накардаам-ку, душманонро куштаам.

– Ба ҳар ҳол, Хурдак, инсон дар Авасто арзиши олӣ аст, ҳар оина куштани он гуноҳ аст, хоҳ нек бошад хоҳ бад.

– Аммо медонам, додар, ту соҳиби сарват ин тавр ё он тавр мешавӣ, аммо бо ин саркашиву якравӣ соҳиби як чиз намешавӣ.

– Он чиз чӣ будааст?

– Хирад аст. Сарват ғундошта фақат бо Гулбасар тӯй ме-

кунед, аммо агар хирад ғун дорӣ ҳам, тӯй мекуниву ҳам дар зиндагӣ муваффақ мешавӣ. Дар ин бора Спитама-Зардуҳишт дар китоби муқаддас гуфтааст: «Беҳтар аз ҳама хирад аст, чунки заминро метавон бо хирад обод кард ва осмонҳоро зери тасарруф даровард. Маълум аст, ки Ҳурмузд ҳама мавҷудоти оламро бо хирад офарид. Замин ва осмонро метавон бо хирад идора кард.»

– Бародар бигӯ, ки хирадро аз куҷо омӯзам?

– Хирад ҳам дар Авасто ҳаст.

– Ман-ку Хурдак Авасторо азёд медонам.

Хурдак Авасторо ҳама медонанд. Ин як пораи хирад аст. Авасто аз 21 китоби бутун иборат буд, ки Саги Зард (тахориҳо Александрро ҳамин тавр меномиданд) онро сухт. Инак 20 сол мешавад, ки мубадони мо онро барқарор карда истодаанд.

– Хайр, дарси хирад бас аст, ба қамишзорҳо наздик шудем, ҳушёр бош!

Даста ба масофаи нимрӯза роҳ пароканда шуда атрофро шурӯъ аз даштҳои ҳамвор то қамишзору доманакӯҳ ҷустуҷӯ карданд, лекин то бегоҳ осоре аз мардони мусаллаҳ наёфтанд. Тибқи маслиҳати пешакӣ бегоҳ ҳама боз дар маркази сафи пароканда ҷамъ шуда шабро рӯз карданд.

Рӯзи дигар хеле аз шаҳр дур шуданд. Ҳамин дам сарбозони қисмати ғарбӣ ба дастаи 50 нафараи душман бархӯрданд. Ду нафар сарбозе, ки тасодуфан ба онҳо дучор омаданд, садо баланд карда, сарбозони наздиктаринро огоҳ карданд. Дар навбати худ онҳо низ бо занҷираи саф якдигарро огоҳ карда шунидаҳо ба тарафи хатар шитофтанд. Гурӯҳи 50 нафараи ғоратгарон барои зист хонаҳои хасин сохта буданду барои зимистонгузаронӣ заминро кофта мисли ҳайвонҳои ваҳшӣ барои худ лонаҳо сохтаанд. То омадани сарбозони дигар аҷнабиёни сафи пеш ҳама яроқ ба даст гирифта зуд шитофта сарбозони наздиктаринро аз дами теғ гузаронданд. Сиёваршан бо вазъият ошно шуда, сарбозонро бо ишора боз дошт, то теъдоди кофии онҳо ҷамъ шаванд, сипас ба сари душман ҳуҷум кунанд. То ин замон ваҳшиҳо даҳ нафари наздикомадаро куштанду чун бод асп давонда, ба тарафи сипоҳи ҷамъшуда, ки на бештар аз 20 нафар буданд шитофтанд. Хур-

дак ҳам, ки расида омад нидо дод, ки фурсат намешавад, ҳуҷум кардан лозим.

– Исто, аз ҷоят наҷунб, тиру камонро омода кунед, – фармон дод Сиёваршан. Аммо Хурдак ба фармон гӯш надода ба пеш асп давонда дод зад «Аз паси ман!». Даҳ нафар якбора аз гурӯҳи 20 нафара саросема шуда аз пушти Хурдак ба ҳуҷум гузаштанд. Ҳамин, ки наздик расиданд Хурдак фармон дод: Ду тақсим мешавем, бигзор аз байни мо гузаранд, сипас аз ду бар ба онҳо ҳуҷум мекунем. Саворони сафи пеши онҳо чун ба гурӯҳи Хурдак расиданд тахориҳо ба ҷои ба онҳо дарафтидан зуд ба ду шоха тақсим шуданд. Ғоратгарон ба таҳлука афтоданд. Тахориҳо аз пушти онҳо гузашта тоб хурда ба қафо гаштанд. Аҷнабиҳо барои аз пушт зарба нахӯрдан ҳама аспҳоро боз дошта буданд, ки бесарусомонӣ дар сафҳо пайдо шуд. То ба қафо гашта омода шудан дастаи 10 нафараи Хурдак аллакай 6 нафарро ба хун оғӯшта карданду фақат 1 нафарро аз даст доданд. Чун омода шуданд дастаи 10 нафараи Сиёваршан аз қафо ба онҳо расида гирифт. Сиёваршан чун шер ба дохили саф даромада якбора 5 нафарро ба дужаҳу фиристод. Хурдак ҳам аз рӯбарӯи дуздон ҳуҷум карда чанд нафарро аз дами теғи обгун гузаронда сафро дарронда дохил шуд. Душман ба ду ним шуд. Ин ба ҷанговарон рӯҳи тоза бахшид. Ҷангиёни Спитаман низ чун гургон ба рама дарафтида, душманкушӣ карданд. Хуни ҷавонии Хурдак ҷӯш заду якбора аспро бо ду пой рост карда ӯро байни душман зад.

– Исто, беақл! – дод зад Сиёваршан. Аммо ҳам асп ва ҳам соҳибаш ончунон гарм шуданд, ки дигар чизеро намешуниданд. Байни издиҳоми душман даромада буд, ки худро танҳо дида хатояшро фаҳмид. Ҳам ба хотираш омад, ки навакак садои Сиёваршан баланд шуда буд, аммо онро нашунид. Якбора 5 нафар бо корду найзаҳои кӯтоҳ ба ӯ ҳуҷум карданд. Аввал яке аз найзадорон зарба зад, Хурдак сар хам карда, базӯр раҳо шуд. Фавран рост шуда шамшер ба пушти ин ҷанговар халонд, аммо зарбаи задаи найзадори дигар ба бари шикамаш расида ӯро аз болои зин ба замин афтонд. Дар ин лаҳза наъраи ҷонкоҳи Сиёваршан баланд шуд. Ончунон садо ҳавлнок буд, ки ҳатто душманон як лаҳза шах шуда истоданд.

Сарлашкар аспашро ҷониби ӯ маҳмез зада, худиву бегонаро пахш карда сафҳоро дарронда дар як они воҳид ба Хурдак расид. Чор нафари дигар якбора бо найза ва шамшер мехостанд ба сари Хурдак зарба зананд, аммо Сиёваршан чун барқ аз асп ба зер ҷаҳида сипар бар рӯи Хурдак кашид. Аз зарбаҳои задаи душман Сиёваршан болои Хурдак афтида ӯро ба оғӯш кашида дар замин ғел хӯрда аз зарбаҳои навбатӣ раҳо шуд. Ду нафар аз ҷанговарони Спитаман аз байни сафҳо гузашта худро ба назди Сиёваршан гирифтанд. Саввум зарбаи задаи он чор душмани ғадорро бо сипарҳо рад карданд. Сиёваршан ба як ҷастан худро байни ин ду ҷанговари худӣ гирифта бо дасти чап яке аз сипардоронро як сӯ карда, аз пушти он сар бароварда шамшер ба ҷигаргоҳи яке аз душманон халонд. Қариб дар як вақт ҷанговари тахорӣ зарба зада дасти якеро аз китфаш ҷудо кард. Бо ҷанговари чаҳорум даровехта буданд, ки Сиёваршан рӯ ба Хурдак оварда дид, ки хун аз бари шикамаш меравад. Сиёваршан парида, худро болои аспаш гирифта аспи Хурдакро, ки дар наздикӣ буду байни издиҳом роҳи гурез намеёфт, дар ҳоле, ки дар дасти рост шамшер дошт, бо дасти чап дошта наздик оварда дод зад:

– Чӣ хобидаӣ, бархезу савор шав!

Чашмтанги дигарӣ хост ба сари Хурдаки нимҷон зарба занад, аммо зарбаи барқвор задаи сарлашкар шикамашро пора кард. Хурдак фурсатро ғанимат ёфта базӯр аз ҷой бархоста боазоб худро болои асп гирифт. Аз қафои ман ҳай кун, гуфта Сиёваршан боз ду нафари дигарро кушта шамшер зада роҳ кушод. Ду ҷанговари ба мадад шитофта аз қафо маҷрӯҳро ҳимоя мекарданд. Бо машаққати зиёд Худракро аз майдони ҷанг берун бароварда Сиёваршан гуфт:

– Дуртар рафта ист!

Хурдак дар ҳоле, ки бо дасти чап ҷароҳаташро медошт, то хун камтар равад бо дасти чап лаҷоми аспро дошта онро ба дур ҳай кард. Ба ҷуз дашнаи дар ғилоф дошта яроқи дигар надошт. Яроқ ҳам фоида надошт, чунки аз шиддати ҷароҳат ёрои бардоштани яроқ намекард. Чун Хурдак ба ҷои бехатар расид Сиёваршан худро осуда ҳис карда дигарбора чун шер ба галаи оҳувон дарафтида, сару дасти душманро бурида ба

миёна даромад. Акнун теъдоди лашкар баробар шуда буд. Касе аз душманон пеши ӯ истодагарӣ карда наметавонист. Ба кучое ҳуҷум мекард, душман пароканда мешуд. Яке аз душманони миёнасоле, ки чанд тори риши дароз дар манаҳаш овезон буд бо лафзи худ ба ҷанговари ҷавонтаре, ки чанд қадам дуртар аз ӯ меистод, бо забони шикастаи худ чизе гуфта буд, ки он ҷавон чун тир ба тарафи Сиёваршан асп давонд. Нафаре, ки аз ҷанговарони тахорӣ сари роҳашро гирифт аз зарби шамшери задаи ӯ аз асп ба зер афтид. Сиёваршан ҳам сӯи ӯ асп давонд. Расидан баробар Сиёваршан шамшер ба сари ӯ зад. Ҷавони чолок бари шиками асп хам шуда раҳо ёфт. Сарлашкар гумон кард, ки ӯ аз асп афтидааст. Аммо ӯ худро ба шиками асп ҷафс карда ғайричашмдошт ба қафо нагашту бо ҳамон шаст аз байни ҷанговарони худу бегона гузашта рафт. Ҳама гумон карданд, ки ӯ аз майдони ҷанг гурехта барои овардани нерӯҳои дигари худ меравад, аммо ӯ асп давонда рост ба тарафи Хурдаки маҷрӯҳ рафт. Сиёваршан инро дида саросема шуда ду нафари дар муқобилаш бударо бо шамшер оғӯштаи хун карда аз майдони ҷанг баромада ба дунболи он ҷанговар сӯи Хурдак асп давонд, аммо ягон зарра умед набуд, ки ба Хурдак ёрӣ расонда тавонад. Чанд қадами дигар то Хурдак монда буду душман шамшерашро болои сар алвонҷ дода қасд дошт зарба занад, аммо дар охирин лаҳза Хурдак тамоми нерӯяшро ҷамъ карда дашнаро аз миён кушода сӯи ӯ партоб кард. Партоби маҷрӯҳ он қадар сахт набошад ҳам бо шасти давидани аспи душман чунон ба дилаш сахт зад, ки то дастааш пинҳон шуд. Бо ҳамон шаст асп ба асп бархӯрда ҳарду ҷанговар ба зер афтиданд. Сиёваршан расидан баробар аз асп пиёда шуда сари Хурдакро ба канор гирифт. Беҳуш буд. Сиёваршан гумон кард, ки мурдааст. Ба ҷароҳат нигарист хеле ҷароҳати жарф ва васеъ буд. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Ғайричашмдошт баъди як лаҳзаи дигар Хурдак чашм кушода оҳиста гуфт:

– Ака, дидӣ, ки бо он нобакор чӣ кардам?

– Ҳа, дидам, аммо ту намур ба худ ой…

– Гиря мекунӣ, бародар? Осмон ба замин назадааст-ку, фақат Хурдаки саркашу гапнодаро мурдааст… Хуб не, дар

майдони ҷанг ашк рехтан. Ҳоло кор бисёр, ин заминро батамом аз дасти аҷнабиён раҳо кардан лозим.

Сипас каме сукут карда, боз бемаҷолона рӯ ба тарафи майдони ҷанг карда:

– О-о бубин, ки ҳоли душман чун аст, ҳама дар гурезанд, лекин аз дасти гурбаҳои Спитаман халосӣ не-с-т…

Хурдак дам фурӯ баст. Ашки шашқатор аз чашмони сарлашкар равон шуд.

Кори душманро тамом карда, ҳама атрофи Хурдаку Сиёваршан гирд омаданд. Сиёваршан пушти даст ба бари гардани Хурдак расонда набзашро ҳис карда дод зад:

– Зуд ашёи чарминро ба ин ҷо биёред!

Ҳама саросема шуда либосҳои чармини дар тан доштаро кашида ба замин партофтанд. То ин дам сарлашкар либосҳои Хурдакро дарронда ҷароҳатро бо оби дар қарбуси зин доштааш покиза шуста онро маҳкам баст. Лаҳзаи дигар аз ашёи чармин ҷойхобе омода кард бо ду даста ва маҷрӯҳро болои он хобонд. Зуд худро рӯи асп гирифта ба яке фармуд то аз дастаи дигари ҷойхоб гирад ва ҳарду чун бод ба тарафи шаҳр асп давонданд. Дигарон аз онҳо қафо намонда асп медавонданд. Ҳангоми хаста шудани яке дигарӣ ӯро иваз мекард. То бегоҳ ба шаҳр расиданд. Хурдакро ба табобатгоҳи муваққатӣ, ки дар як гӯшаи шаҳр кушода буданд, оварданд. Табибон наздик шуда ба даҳони Хурдак май рехтанд. Ӯ гоҳ ба худ меомаду гоҳ бехуд мешуд. Табиб зуд Хурдакро рӯи кат хобонда теғро дар оташ сурх карда, ҷои ҷароҳатро васеътар карда онро дигарбора бо маҳлули махсус шуста безарар кард, сипас ба ҷароҳат малҳами махсус омодакардашуда аз гиёҳҳои кӯҳӣ молида, онро маҳкам баст.

Спитаман расида омад. Сиёваршан болои Хурдак хам шуда, беҳаракат менишаст. Спитаман даст ба китфи ӯ гузошт. Сиёваршан аз ҷой бархоста аз дарду алам худро ба оғӯши сарлашкар ҳаво дод. Дигарбора ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Спитаман дар ҳоле, ки сари Сиёваршанро дар канор гирифтааст бо ишора аз табиби пири кӯҳистонӣ ҳол пурсид. Табиб сар ба зер афканда бо аломати инкор сар ҷунбонд, яъне умед

ба зинда монданаш нест. Хурдакро бардошта ба хайма даровbooарданд.

## Ба колизей!

Саҳар ҳанӯз митра аз пушти кӯҳҳои сар баафлоккашида набаромада, сипоҳ дар назди дарвозаи шаҳр саф баст. Ҳама интизори Спитаман буданд. Сиёваршан ҳам аз хаймаи табибон аз назди Хурдак баромада ба саф истод. Қариб дар як вақт Спитаман омада ба пеши саф қарор гирифт. Марди 38-солаи расида ва хеле пурқувват баъди ҳоли Хурдакро дидан хеле пажмурда менамуд. Тамоми рагу пайвандаш хабар аз нерӯи зиёди ҷисмониаш медод, аммо ин бор онҳо на он ҷисмеанд, ки баъди ғалаба мешукуфанд. Қади баланд, бари синаи барҷаста, миёни борик, дастони серрагу пайванд, умуман тамоми ҷуссаш ба Бабри биёбони Суғд ба Спитамани сакоӣ монанд аст, аммо на он Бабре, ки шамшер ба ҳалқуми Квит халонда аст, ё на он Бабре, ки парвоз карда теғ ба сари Александр зада буд. Сарлашкар аз овони кӯдакӣ ба Бабр тақлид мекард. Кӯшиш мекард либоспӯшӣ, рафтор ва ҳатто гуфтораш ба Бабр монанд бошад. Умуман ба Бабри биёбони Суғд бисёриҳо тақлид мекарданд. Ба ӯ монанд шудан орзӯи қариб ҳама навҷавонони сакоӣ, массегетҳо, яксартҳо ва тахориҳо буд. Ҳамаи суғдиҳо Бабрро дӯст медоштанд. На танҳо дар Суғдиён, балки навҷавонони Юнон ҳам ба ин суғдии далер, ки боре қариб буд худи Александрро ба зонӯ нишонад, тақлид мекарданд. Фарзандонашоро бо исми ӯ ва Катан мегузоштанд. Спитамани сакоӣ ва Катани тахорӣ ҳарду фарзанди як халқ буданд бо як забон ҳарф мезаданд. Инҳо намунаи олии ватандӯстӣ буданд. Ҳарду то қатраи хуни охирин барои ватан ҷангиданд ва дар ин роҳ қурбон шуданд. Инак, дар рӯбарӯи сипоҳ шахсе қарор дошт, ки сахт ба Спитаман шабоҳат дорад ва имрӯз ифтихори тахориҳост.

– Дӯстон, – хитоб кард Спитаман, – имрӯз чанд тан аз ихтиёриёни мо рахти сафар мебанданд, то дар бозиҳои гладиатории юнониҳо иштирок кунанд. Он ҷо мо бояд доди мардиро бидиҳем, то душманони мо бидонанд, ки ин мардум ба чӣ қодир аст. Онҳо зарби шамшери тахориро боре дар ҳунарнамоии Сиёваршан ва Хурдак диданд. Танҳо ду тан аз ҷанговарони мо ҷони духтар ва набераи Бабрро аз чанголи аҷнабиҳо раҳо доданд. Чунон ҳунарнамоӣ карданд, ки хун

дар рагҳои юнониҳо хушк шуд. Ҳамон ҷо тахориҳоро ба бозиҳои гладиаторӣ даъват карданд. Иштироки мо дар ин бозиҳо муҳим аст. Бигзор он тӯдаи ғосиб бубинанд, ки ин мардум нашикастааст. Ғосибон дар ҳоли таназзул ва заъф қарор доранд, мо бошем дар ҳоли эҳё! Боре моро куштанд, ҳамакнун аз нав эҳё шудем ва ҳаминак ватанамонро аз тӯдаҳои бадхоҳ раҳо мекунем. Зафари мо дар колизей замина мешавад барои озод кардани Навток ва Балх!

Инро гуфта Спитаман шамшери ялаққосиашро болои сар бардошта нидои шодӣ дод. Якбора тамоми сипоҳ бо нидои ҷавобӣ посух доданд. Аз ғавғои зиёд Гулбасар аз хаймаи табибон баромада ба онҳо наззора мекард ва мегирист. Аз дил гузаронд, ки ҳама ҳастии Хурдаки ӯ пур аз орзуи иштирок дар ин бозиҳо, аниқтараш муҳорибаҳо буд. Акнун беҳуш асту маҷоли чашм кушодан надорад. Э кош, зинда мемонд... “Агар воқеае бо ӯ рух диҳад, ман дигар зиндагӣ нахоҳам кард”, инро аз дил гузаронда Гулбасар фиғон бардошта вориди хайма шуд.

– Бо мо, – идома дод Спитаман, – ҳамагӣ 20 нафар ихтиёриён мераванд. Аксарият бояд ин ҷо бимонанд, то ҳангоми хатар аз ӯҳдаи муҳофизати шаҳр баромада тавонанд. Маълум нест дар дохили қамишзорҳои атроф боз чӣ миқдор душман боқӣ мондааст. Ҳушёр бошед, ки роҳзанон ба мардуми аз кӯҳистон меомада ҳамла накунанд. Дар сурати таҳдиди хатар бояд нисфи шумо ба муҳофизати онҳо беруни шаҳр бароед. Сиёваршан, Барзу, Фаромарз, Қоран мераванд. Касе мехоҳад равад, ба пеш барояд. Якбора тамоми сипоҳ қадам ба пеш гузоштанд. Маълум буд, ки бо чунин усул интихоби ихтиёриён номумкин аст.

Ниҳоят Спитаман худ 20 нафарро номбар кард, ки онҳо мераванд. Инҳо беҳтарин ҷанговарон набуданд, чунки Спитаман дар нақша дошт, ки ба ҷуз 4 нафари номбаркарда ва худи ӯ ба майдон дигар кас намебарояд. Масъулият хеле гарон аст. Бояд дастикам 3 нафар дар задухӯрд бо юнониҳо ғолиб меомаданд.

Баъди 1 соати омодагӣ ҳама ба роҳ баромаданд. Сиёваршан бори охир ба назди бистари Хурдак омад. Гулбасар бар-

хоста ба ӯ ҷо дод. Сиёваршан дар назди ӯ дузонӯ нишаста, сар ба китфаш расонда оби чашм рехт. Пӯзиш хост, ки ӯро ҳифз карда натавонист ва барои охирин бор бо дӯсташ видоъ гуфта, вазнин бархоста ба берун бaромаду ба аспи гули бодомаш савор шуда, онро маҳмез зада зуд рафт. Гулбасар бо чашмони пуроб боқӣ монд.

Сипоҳ аз дарвозаи шаҳр берун мешуду мубадони аллакай аз кӯҳистон омада ду саф баста дар даст миҷмарҳои оташ яштҳои Авасторо замзама мекарданд. Аҳолии бо Хурдак омада, ки на зиёдтар аз се ҳазор нафар буданд, ҳама дар назди дарвоза ҷамъ гашта онҳое, ки баъзе аз готҳои китоби муқаддаси Авасторо азёд медонистанд, бо мубадон ҳамовоз шуданд:

– Эй, Аҳура Маздо! Инак барои дастёбӣ ва пирӯзӣ, туро ба барангезатарин ниёишҳо меситоем ва ба ту мепайвандем. Бишавад, ки дар партави Аша ва Маниши Нек раҳнамуну ёвари мо бошӣ.

– Эй Маздо! Бо сурудҳои баландовозаи бархоста аз шӯри дил ва бо дасти баровaрда ба ту рӯй меоварем ва дар партави Аша ҳамчун порсое туро намоз мегузорем ва ба дастёрии ҳунари Маниши Нек ба ту наздик мешавем!

– Эй Маздо! Худро ситояндаи ту медонем ва то бад-он ҳангом, ки дар партави Аша тӯшу тавон дорем, ситоишгари Шумо хоҳем буд. Бишавад, ки офаридгори ҷаҳон дар партави Маниши Нек беҳтарин хости дурусткирдорон – сохтани ҷаҳони навро бар оварад!

Шиори мо гуфтори нек, пиндори нек, кирдори нек аст!

Та ве Мазда поурвим
Тайибйача армаите
А ве геуш ҳеманти
Аҳура зша хизва.
Кутра ароиш, кутра мереждика
Кутра йасо, ку Спента армаитиш.
Кутра мано ваиштем кутра.
Ке урвато Спантамаи,
Ке ва Аша
Ке ва манхеуш мананхо.

Тамоми фазои шаҳрро садои мутантан фаро гирифт. Зери

ин нидоҳои барои мардуми бошараф муқаддас ҷангиён аз дарвозаи навсохти шаҳр берун баромада рафтанд. Замоне зери ин садо ва ин матни муқаддас Катан, Вастан, Бобак, Бразан ва дигар родмардони тахорӣ барои ҳифзи ватан аз ин дарвоза берун шуданд ва дар майдони ҷанг доди мардиро доданд. Он вақт матни Авасто пурра буд. Александр ба ин китоби осмонӣ, ки пур аз панду андарз ва ҳикмату илм буд, рашк бурда, қариб тамоми китобро аз ҳар гӯшаи Суғди муқаддас ғундошта оташ зад. Дар назди мазмуни волои Авасто фасонаҳои гуфтаи Ҳомери нобино дар Иллиада ва Одиссея хеле содалавҳона намуданд.

Баъди шикасти Доро ва забти Тахти Сангин низ болорҳои баланди пурнақшу нигорро дида даҳони Александр во монда буд. Ӯ дар умраш чунин санъати волои меъмориро надида буд. Ақлаш намегирифт, ки инсон ба чунин ҳунар қодир аст. Ғуломдухтари юноние бо исми Таис дар хилватгоҳ рӯ ба ҳамтоҳои худ оварда гуфта буд, то даме, ки намунаи ҳунари ин мардум боқист, юнониҳо ва худи Александр шуҳрат намеёбад. Инро тасодуфан Александр шуниду саҳари рӯзи дигар он кӯшки ҷаннатро ба коми оташ кашид. Ӯ интизор буд, ки дар ин сарзамин мардумони бехираду бедонишро ёбад, аммо дар назди хиради ин мардум ба зону зада, аз рашки зиёд худ ба ваҳшӣ бадал гашт.

Ба ҳамаи ин вайронкориҳои юнонӣ нигоҳ накарда, ин мардум имрӯз матни Авасто ва қиссаҳои Виштоспу Спитама Зардуҳиштро барқарор мекард. Зери ин нидо ба ҳимояи ватан мерафту зафар меёфт. Готҳои Авасторо дар гоҳи шодӣ ва ранҷ месуруду рӯҳи тоза мегирифт.

Гурӯҳи хурдакаки Спитаман бо низоми хоса ба самти шимол ҳаракат карданд. Сипоҳиёни савора ҷуфт-ҷуфт дар паҳлӯи ҳамдигар асп меронданд. Ин низом дар роҳҳои танг қулай аст. Ҷанговарон болидарӯҳанд. Ин мардум дар 20 соли ахир бо даштҳои васеъ асп нарондаанд. Нишемангоҳашон ҳамон оғӯши кӯҳҳои баланд буд. Он ҷо ҳаракат бамаротиб мушкил аст, ин ҷо бошад, дар водии беканор, ҳам савор ҳам маркаб мехоҳад чун бод бидавад. Ҳарҷо-ҳарҷо тахориҳои барвақт аз фарози кӯҳ барои кишту кор фаромада ва якҷо бо

сипоҳ омада, акнун хеле болидарӯҳ машғули зироаткorианд. Қаблан худро мусофир ҳис мекарданду бо тарс машғули кишоварзӣ буданд, акнун ҳомӣ доранду сипоҳ. Аҳёнан занону мардони чашмтанги кӯчманчӣ низ дучор меомаданд, ки машғули чорвопарварӣ ва сарпаноҳсозӣ буданд. Маълум аст, ки ин тоифа ҷангара ва ғоратгар нестанд. Як мард ё ду мард бо аҳли хонаводаи хеш машғули дарёфти қути лоямутанд. Бисёре аз онҳо дар ҳамсоягии тахориҳо истиқомат мекунанд, аммо додугирифт надоранд. Албатта, агар чорвои кӯчманчиён ба замини зироати тахориҳо дароянд, ҷанҷол мекунанд, лекин зуд ором мешаванд.

Сиёваршан дар паҳлӯи Спитаман мерафт. Қариб ним рӯз хомӯшона ҳаракат карданд. Сиёваршан барои Хурдак хеле ғамгин буд. Ӯро мисли бародар, балки фарзандаш дӯст медошт. Ҳамон гуна, ки замоне падарони онҳо Катан ва ҳамсараш Аноҳит Бобакро дар хонаи худ бузург карданду мисли писарашон Сиёваршан дӯст медоштанд. Онҳо Бобакро дар навҷавониаш аз даст доданд. Имрӯз писари ӯ Хурдак дар ҳамон синну сол дар ҷогаҳи марг хоб аст.

Саворагон аз байни марғзорҳои биҳиштосо гузаштанду биёбонҳои тафсон. Ҳавориҳои Мароқанд падид омаданд. Ҳама ҷо мардум машғули кишту кор асту ҳунарҳои гуногуни дигар, аз қабили чармгарӣ, чӯбтарошӣ, оҳангарӣ, рангсозӣ, қолинбофӣ ва заргарӣ. Инҳо асосан аз қабилаҳои суғдӣ буданд. Ҷо-ҷо мардуми юнонитабор низ дучор меомаданд, ки ба матоъбофӣ, сутунтарошӣ ва сангтарошӣ шуғл доранд. Ин ду қавми замоне ба ҳамдигар душман, акнун бо ҳам унс мегирифтанд ва ҳамзистӣ меомӯхтанд. Суғдиҳо чун гурӯҳи Спитаманро диданд, ҳама даст аз кор монда ба тамошо баромаданд.

– Шумо аз кадом қабилаед? – пурсид яке аз ҳунармандоне, ки машғули чармгарӣ буд.

Спитаман ишораи истодан карда посух дод:

– Мо тахорием.

– Магар тахориҳо ба водӣ фаромаданд?

– Фаромада истодаанд.

– Чуноне, ки мебинам, – гуфт Спитаман, – шумо суғдиҳо бо юнониҳо унс гирифтаед?

– Гург бо гӯсфанд ҳамзистӣ намекунад, – посух дод чармгар.

– Шумо, ки тахорӣ ҳастед, бо ин аслиҳа куҷо равонед? Мабод, ки бо лашкари Селевк барои ҷанг меравед?

Инро гуфта буд, ки ҳама атрофиён ба ханда даромаданд. Сиёваршан хост чизе бигӯяд, аммо Спитаман ишора кард, ки лозим не. Сиёваршан дам фурӯ баст. Мазоҳгар чун дид, ки тахориҳо оташин шуданд, хеле нарм шуда, мулоим худро сафед кард:

– Бисёр аҷиб аст, ки шумо ҳамагӣ бистучанд нафар бо аслиҳа вориди шаҳр мешавед.

– Мо барои иштирок дар колизей равонем.

Аз шунидани ин посух ҳунарманд ҳайрон шуда, рӯ ба дигарон овард, ба ин маънӣ, ки ин мардуми кӯҳистон девона шудаанд.

– Албатта, ба шумо маълум аст, ки мардони мардонаед, аммо магар намедонед, ки тоифаи гладиаторҳои юнонӣ аз рӯзи таваллуд шамшер ба даст доранду шуғлашон одамкушист?

– Медонем. Аз касофати ин қавми аҳриманӣ мо ҳам аз овони кӯдакӣ шамшер ба даст гирифтем, – ба гап ҳамроҳ шуд Сиёваршан.

– Ин тавр бошад Аҳура Маздо мададгори шумо бод. Мо ҳама рӯзи оғози бозиҳо барои тамошо меоем, бошад, ки ақаллан як нафари шумо пирӯз шаведу собит созед, ки мардуми ин сарзамин ба чӣ қодир аст.

– Исто, ки мо симои Бабри биёбони Суғд Спитамани далерро то ҳанӯз дар хотир дорем. Ту ба қаҳрамони Суғд бисёр монандӣ, кистӣ ту? – Пурсид ҳамон ҳунарманд аз Спитаман.

– Номи ман Спитаман аст. Дар Тахористон падару модарон ин номро зиёд ба фарзандони худ мегузоранд.

– Зиҳӣ Спитамани тахорӣ! Спитаман, Зардуҳишт мададгори ту бод! – Нидо дод ҳунарманд ва дигарон ҳамовоз шуданд. Мардум ҳар кадом сипоҳиро ба таври алоҳида истиқбол гирифтанд ва падруд гуфтанд.

Дастаи тахорӣ бо як салобати хоса вориди дарвозаҳои кушодаи шаҳр шуданд. Даромадан баробар дастаи дигари қаби-

лаҳои кӯчманчиро бо яроқу аслиҳа дар муқобили худ дида, ҳама ба як бор даст ба шамшерҳо бурданд. Аз ин кирдори кӯҳистониҳо чашмтангон ба таҳлука афтода, пароканда шуданд ва шамшер кашиданд. Инро дида ду юнонии дарвозабон бо либосҳои фохир ва кулоҳҳои чун тоҷи хурӯс сурху зебо ба миёна даромаданд.

– Истед, ин ҷо ҷои задухӯрд нест. Ҳамаатон ба колизей даъват шудаед, саросема нашавед, барои ҳамаатон фурсат мерасад. – Спитаман шамшер ба ғилоф пинҳон кард, дигарон ҳам.

Шоҳбону Апама тахориҳоро дар майдони сенат интизор аст, хабар дод яке аз сипоҳиён ва бо даст ба он тараф ишора кард.

Дар майдон як даста муҳофизони шоҳ нимдавра саф бастаанд. Байни онҳо аробаи дучархаи зарҳалие меистаду дар дохилаш шаҳбонуи Мовароуннаҳр, духти Спитаман – Апамаи моҳсурат. Дуртар ки буд Сиёваршан чеҳраашро то ҳанӯз намедид. Ҳама дар ҷой истоданд. Нахуст Селектрус дар либоси хеле зебои низомӣ дар сар кулоҳ бо пари товус ба пеш баромада нидо дод: Дуруд ба писари Катан Сиёваршани шердил ва наҷотбахши шоҳбону!

– Дуруд бар Селектруси диловар ва муҳофизи содиқи шоҳбону!

Ҳарду ба ҳам наздик омада аз аспҳо пиёда шуда, ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Ҳар кӣ аз қазияи қаблӣ огоҳ набуд, дар ҳайрат афтод, ки Сиёваршан аз куҷо юнониҳоро мешиносад. Апама наздик омадан баробар фармуд дучархаро дар назди Сиёваршан нигоҳ доранд. Антиох-Сотер, ки дар паҳлӯи модар менишаст, Сиёваршанро дида аз ҷой бархост. Шоҳбону даст ба дастаи дучарха ниҳод. Сиёваршан дасти шоҳбонуро бӯса карда ба рӯяш табассум кард. Антиох барои вохӯрӣ сӯи тахорӣ даст дароз кард. Сиёваршан мисли мардон бо ӯ вохурӣ кард. Антиохи хурдакак худро ҷанговари баробарҳуқуқ ҳис кард. Бо ифтихор ба модар нигарист, яъне дидӣ, ки ман ҷанговари асил шудаам.

– Ростӣ бовар надоштам, ки меоед, – гуфт шаҳбону.

– Хурдак бисёр мехост, ки биёем, оҳиста ва ғамгин посух дод Сиёваршан.

– Хурдак куҷост? – Фикри модарро пай бурда пурсид Антиох.

– Хурдак сахт маҷрӯҳ асту дар ҷогаҳи марг хоб. – сар ба зер афканда посух дод Сиёваршан.

– Кӣ зури бозӯи ӯро дорад, кӣ маҷрӯҳаш кард? – пурсид шоҳзода.

– Кӣ мешуд, ҳамон қавми бадзоту бадкеш.

– Оча, чанд бор гуфтам, ки ба падарам бигӯ сӯи онҳо лашкар бикашад. Ин падарсагҳо ба ҳама кор қодиранд.

– Ором бош, писарам, вақташ ояд, онҳо барои кирдорҳои бадашон посух мегӯянд.

– Ба тарафи рост бингар шоҳбону ва Спитаманро бубин, – сарлашкарро шинос карданӣ шуд Сиёваршан. Бону гашта нигоҳ кард, ҳамон симои барои ӯ хеле шинос ва ширин дар канор меистод. Ҳамон қаду баст, ҳамон либос ва ҳамон хафтони барояш азиз. Ин хафтони сафедро Спитаман ҳамвора аз болои зиреҳ мепӯшид. Апама пиёда шуда, наздик рафта, лаби хафтонро гирифта бӯсиду сиришк аз дида фурӯ рехт. Ӯ падарро ба хотир овард. Рӯи зонувонаш менишасту аз рӯю мӯйҳои дарозу тиллогини падар бӯса мекард. Ин Спитаман фақат чашмони нилгуни осмонии падарашро надошт.

– Ту дар ҳақиқат Спитаман ном дорӣ?

– Бале, бонуи ман, Спитаман. Бо исми ӯ бо мардонагии ӯ болидаам ва ба ӯ тақлид кардаам.

– Сипоси беҳад бар ту бод, тахорӣ, ки лаҳзае падари азизамро ба хотирам овардӣ. Ту ба номи ӯ арзандаӣ.

Инро гуфта бону фармуд, ки тахориҳоро ба хаймаҳои қаблан омодашуда ҷой кунанд. Сипас майдони колизейро ба онҳо бинмоянд. Ҳақ доранд ҳар рӯз ба он ҷо рафта машқ кунанд. То оғози мавсими колизей ҳамагӣ ду ҳафтаи дигар мондааст. Инро гуфта Апама ба дучарха савор шуд.

Антиох боз ба назди Сиёваршан омада, дасташро ба даст гирифта пурсид:

– Бигу Хурдак мемирад?

– Ман намедонам, писар… – инро гуфта Сиёваршан дигар оҳанги суҳбат накарда равон шуд. Ӯ намехост, ки ашки чашмонашро бегонае бубинад. Антиох бо чашмони пуроб аз

қафояш нигоҳ карда, то дергоҳ интизори посух истод. Ба ин савол посухро на танҳо ӯ интизор аст.

## Колизей

Дар соати муайян, ҷои муайян бадтарин шуғли одамизод-колизей оғоз шуд. Дар тамоми дунё ҳайвонотро бо ҳам ҷанг меандозанд, аммо дар ватани мардуми тамадунофар – юнони қадим одамонро ҷанг андохта, тамошо мекунанд ва ҳаловат мебаранд. Ин мардум ҳар куҷо, ки рафтанд, шуғли хунинашонро бо худ бурданд. Аммо дар муддати ҳазорсолаҳо миллати дигаре аз онҳо ибрат нагирифт. Ҳунар ва хирадашонро гирифтанд, аммо ин шуғли нангборро не. Имрӯз ҳам юнониҳо бо умеди зиёд барои ҳаловат бардоштан ба ин ҷо гирд омада буданд ва аз Селевк барои ин муъҷиза – яъне колизей миннатдор ҳастанд. Фалсафаи ин чорабинӣ низ дар ҳамин аст. Ин набардгоҳ мисли колизейҳои Спарта, Афина ё Помпея набошад ҳам, бо ҳамон шакл ва ҳамон ҳаҷм, аммо аз чӯб сохта шудааст. Барои сохтмони ин иншооти бузург 1000 нафар ҳунармандони беҳтарини тахҷоӣ ва юнонӣ сафарбар шуданд. Ҳама аз чӯб асту барои мардуми таҳҷоӣ хеле боҳашамат менамояд. Аввалин колизейи сангинро бошад фақат соли 70-ӯми қабл аз мелод дар Помпея сохтанд. Ин бошад ҳоло соли 292 қабл аз мелод аст. Дар ин марҳилаи таърихӣ ҷаҳон ҳанӯз байни сарлашкарони Александр то охир тақсим нашуда буд. Байни Птолемеос Лаг ва Кратер баҳсҳо дар мавриди тақсими империяи Александр идома дошт.

Ва аммо ин ҷо дар ҳавории Мароқанд ва Александрияи Ақсо дар соҳили дарёи Танаис беҳтарин бозиҳои, ҳатто ҷангҳои гладиаторӣ маротибаи чандум оғоз мешуданд. Ду дуҳули бузурги ҷангӣ бо ишораи Селевк – бузуртарин шаҳаншоҳи Мовароуннаҳр ба нағма даромаданд. Нағмаи ин ду асбоби бузург чунон баланд ва ваҳмангез буданд, ки ту гуфтӣ ба дилҳо асар мекунад. Ба ҷуз гладиаторҳои ҷанговаре, ки бо Александр омада ин маконро забт карданд ва дар рикоби Селевк боқӣ монданд, боз гладиаторҳои тавоно аз Рум низ даъват шудаанд. Ин бозиро фақат шаҳрвандони Юнон ҳуқуқи тамошо кардану ҳаловат бурдан доранд. Аҷнабиён фақат ба

ҳайси ғулом ва ҷанговар ҳуқуқи иштирок доранд. Бо ин ҳама ғуломӣ ва асбоби дилхушӣ будан бисёре аз фарзандони ашрофзодаҳои рум ба гладиаторҳо ҳасад мебаранд, занонашон ошиқи ин ҷанговаронанд. Тахориҳои кӯҳистон бошанд, албатта барои юнониҳо дастрас набуданд, фақат бо даъвати тасодуфии Антиохи хурдсол ба ин ҷо ташриф оварданд. Антиох Сотер, писари нахустини Селевк Сотер аст. Селевк, ки хешованди наздики Александр аст ҳамсинни писари Филипп, яъне 22-сола буд, ки тирамоҳи соли 328 – баъди шикасти Спитаман ба ин сарзамин омад. Бахташ омад карду баъди бо Александр ба Ҳиндустон рафтану корнамоӣ нишон додан, ҳамин ҷо шаҳаншоҳ таъин шуд. Аз корномаҳои мардӣ ҳамон як буққаи бузурги ҷангиро ҳам дар майдони колизейҳои муваққатӣ, бе яроқ мағлуб карданаш буд. Александр он гоҳ зинда буду ин саҳнаро наззора мекард. Воқеан ин охирин тамошои ҷолибе буд барои ҷаҳонгир. Сипас лашкари парокандаи Кратерро дид, ки аз Сисимитр ва Бобакон омад. Ҳам корномаи тахориҳои далер Катан, Вастан, Бобак, Бразан ва ҳатто Аноҳити париваш дар хотираш монд. Баъди ин ҳама ривоёти ширин ӯ дар муҳорибаи аввалин дар Ҳиндустон ҳам бо зарбаҳои сахти ҳиндуҳо дучор шуд. Гирифтани охири дунё (ба андешаи ӯ Ҳиндустон охири дунё аст) барояш хеле гарон афтид. Дар охири маъракаи забти Осиё захмҳои дар Мароқанд ва Киресхата аз дасти суғдиҳо гирифтаи ӯ корагар шуданду якҷо бо бемории дигар кори ӯро тамом карданд. Аҳура Маздо ҷонашро бо хориҳои зиёд биситонид. Дар охирин рӯзҳои ҳаёташ ҳатто ақлаш тира шуд. Саранҷом дар оғӯши Ҳефестиони дӯст ва маъшуқаш дар роҳ ба ватан дар дохили киштӣ ҷон бохт. Киштиҳо бояд наздик ба соҳил ҳаракат карда аз Ҳиндустон то Юнон мерафтанд ва сипоҳро бо Александри маҷрӯҳ мебурданд. 20 июли соли 323 қабл аз мелод буд, ки он вақт Александр ҳамагӣ 33 сол дошт.

– Сардор, ин бозиҳо ҳар бор то мурдани яке аз ҷанговарон идома меёбад? – ба бари Спитаман рост шуда пурсид Бразан.

– Не, на ҳар бор. Дар ҳар мусобиқа хуни иштирокчиён мерезад. Дар баъзеи онҳо ҳатто одамон кушта мешаванд. Аммо ҷанг то мурдан мувофиқи дархости ашрофзодаҳои юнонӣ су-

рат мегирад, аниқтараш мутобиқи табъи онҳо. Хурсанд бошанд нарангушт ба боло мебардоранд, хеле ошуфта бошанду аз муҳорибаи гладиатори ба дил наздикашон розӣ набошанд, ҳукми қатли ӯро медиҳанд.

– Зӯртарин ҷанговарон ҳамин гладиаторҳоянд? – боз пурсид Фаромарз.

– Не, зӯртаринҳо пушти парда истодаанд. Онҳо узви горди шоҳанд. Бисёре аз онҳо дар гузашта ғулом ва гладиаторҳои номдор будаанд. Хеле солҳо ҳунарнамоӣ карда, қаҳрамони мардум мешаванд ва билохира император ба онҳо шамшери чӯбин тақдим мекунад, ин маънии аз ғуломӣ озод шуданро дорад. Ба гумонам Селектруси ошнои Сиёваршан (рӯ ба Сиёваршан овард) дар гузашта ҳамин гуна ғулом будааст. Бубин, ки дар гарданаш қариб ҷои обод нест, баданаш ҳам шояд пур аз захм бошад?

Ҳамин замон шаҳаншоҳ Селевк Сотер пеш-пеш, Апама ҳамсари ӯ ва духтари Бабри биёбони Суғди муқаддас аз пушт, даст дар дасти Антиох, узви сенат аз пушти онҳо аз кадом роҳи барои тахориҳо номаълум баромада, байни ҷойҳои нишасти чандқабата ҷо гирифтанд. Мавзее, ки онҳо менишастанд, бо деворҳо аз ҷойҳои нишасти мардум ҷудо карда шудаанд. Фақат ҷои нишасти онҳо курсиҳои пуштбаланди мулоим ва бароҳат дошт. Шоҳро дидан баробар ҳудуди 3000 нафар юнонӣ, ки баъди фатҳи ин сарзамин барои дарёфти зиндагии беҳтар ба Мовароуннаҳр омада буданд ва узви оилаҳои ҷанговарон ва худи сипоҳиёни пиру ҷавон аз ҷой бархоста қарсак заданд. Зинда бод, император! Садо медоданд баъзеҳо, шоҳ бошад даст бардошта, бо нишони миннатдорӣ ишора мекард. Ғавғою нидоҳои шодӣ фазоро пур карданд.

– Поло кала-поло кала, – яъне зиҳӣ, зиҳӣ садо медоданд ашхоси алоҳидае, ки махсус байни мардум менишастанду шоҳро васф мекарданд. Ҳамин дам чанд сарбоз давида ба назди император омада ба гӯшаш чизе гуфтанд. Император аз пушташон бо яке аз дарвозаҳо ба берун баромад. Ҳама аз якдигар савол мекарданд, ки чӣ воқеа шуд, чаро император майдонро тарк гуфт? Шоҳ баъди лаҳзае баргашта ишора кард,

ки хомӯш. Ҳама ба умеди дарёфти сирри муаммои рафтани шоҳ якбора сукут карданд.

– Шаҳрвандони азиз, – ба гап даромад шоҳ, – ин ҷо хабар оварданд, ки чанд ҳазор мардуми таҳҷоӣ аз қабилаҳои сакоӣ, массагетҳо, гетайрҳо, яксартҳо ба пушти дарвозаҳои колизей омадаанд, то дохил шуда, муҳорибаи ҳамшаҳриҳои худро тамошо кунанд. Мо тасмим гирифтем, ки салоҳи корро аз шаҳрвандони комилҳуқуқи юнонитабор пурсем. Фаромӯш накунед, ки боре мо дар Афина барои ворид шудани ғайриюнониҳо ба баъзе аз қабилаҳои ваҳшии Галл ва Фрикийҳо иҷозат дода будем. Бесарусомоние барпо карда буданд. Шоҳ сукут кард ва интизори тасмими мардум шуд.

– Бигзор дароянд, – нахуст садо дод Қоран. Шояд садои марғуладори ҳамин тахорӣ буд, ки баъзеҳо ба ӯ тақлид карда садо доданд: бигзор дароянд!

– Иҷозат диҳед ворид шаванд! – садо дод Барзуй, ки дар паҳлӯи Қоран меистод. Якбора нисфи мардуми дар колизейбуда ба ӯ тақлид карда нидо доданд: Да-ро-янд, да-ро-янд…Ғиреви мардум ба фалак печид-дароянд, дароянд…

Спитаман ба Қоран ва Барзуй нигариста табассум кард.

Ҳама ворид шуданд. Инҳо ҳунармандони бо тахориҳо вохӯрда ва мардуми дигари таҳҷоӣ буданд, ки чун дарак ёфтанд, ки дар ин задухӯрд суғдтаборон ҳам иштирок мекунанд, оҳанги тамошо карда буданд. Онҳо сахт мехостанд, ки мардуми тахорӣ ормонҳои онҳоро дар майдони ҷанг муқобили ғосибони юнонӣ бароварда кунанд. Ҷои нанг буду номус. Мардуми юнонитабор ҳамвора ин мардумро дуюмдараҷа ҳисоб мекунанд. Дуруст аст, ки баъди муқовимати оқилонаи шадиди ин мардум бо сипоҳи мағлубнашавандаи Александр ва диловарии гурдони суғдӣ ва зарбаи ҷонкоҳи Спитаман ба сари Александр чунин маҳорати ҳунармандони ин мардум ва китоби пурмазмуни Авасто бovарӣ ҳосил карданд, ки ин мардуми ориёитаборро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ваҳшӣ унвон кард, чуноне, ки юнониҳо ҳар қавми дигарро чунин ном мебурданд. Ҳамакнун собит шуд, ки юнониҳо ба ин мардуми далеру шуҷоъ амдан эҳтиром қоиланд. Баъди ворид шудану ба қисмати холии колизей, ки синаи офтоб буд, ҷо гирифтани

мардуми суғдитабор, ҳама ҷо сокит шуд. Император боз хост зимоми суханро ба даст гирад, ки ду нафар аз шумори қабилаҳои кӯчманчӣ вориди майдон шуда, рост рӯбарӯи император қарор гирифтанд. Селектрус, ки бо даҳ нафар ҷанговарони яккачини дигар аз пушти шоҳ ва хонадони ӯ рост меистоданд, ба пеш баромада, шамшер аз ғилоф берун карданд, аммо бо ишораи шоҳ боз қадаме ба қафо гузошт.

– Мо барои додхоҳӣ омадем, – бо лаҳни шикастаи массагетҳо садо дод яке аз онҳо.

– Бигӯед, чӣ мехоҳед?

– Шума моро ба му-соби-ка гуфтед биёед. Ду паҳлавони мо бо панҷ нафари дигар ба ин-ҷа мио-мадан. Як нафар онҳоро куш-тай. Фақат гладиатар-ҳои шума зураш мерасид, магар ҳамин мардияй? Шаш нафари моро куштаст, ана ҳамин мард зинда мондай, – гуфта чашмтанг ба марди дар паҳлӯяш буда ишора кард.

Тамоми 4 ҳазор тамошобин ба гуфтаи ду нафар гӯш доданд, сипас рӯ ба шоҳ оварданд, ки фармон чист.

Ман императори Мовароуннаҳр ва Хуросон Селевк Сотер, дар ҳузури Жупитери тавоно қасам мехӯрам, ки шахсан чунин фармон надодаам. Шумо меҳмонед ва касе ҳақ надорад, ки даст ба рӯи шумо бардорад. Фармон медиҳам, ҳар касе, ки хуни ин меҳмонони мо рехтааст маълум шаваду ба даст афтад дар ҳамин майдон кушта мешавад! Ин марде, ки кушандаро мешиносад, метавонад озодона дар дохил ва беруни колизей ҳаракат кунад. Дар сурати дарёфти қотил ба мо хабар диҳад.

Дар оҳанги гуфтори шоҳ, ки акнун ҳам бо юнонӣ садо медоду ҳам бо суғдӣ, ғазаб ҳувайдо буд. Ӯ аз дил гузаронд, ки фақат гладиаторҳои ботаҷриба ё Селектрус барин ҷанговари асил қодир ҳастанд 6 нафар ҷанговари беҳтаринро тани танҳо бикушад. Ба маҳорати он қотил тан надода наметавонист, аммо ин бор ин маҳорат ба обрӯи ӯ зарба задааст. Якбора рӯ ба Селектрус овард, ба маънии он, ки мабод ту бошӣ ё ҷангиёни ту. Селектрус ба маънии инкор сар ҷунбонд.

– Ҳоло бошад, ботантана оғоз кард шоҳ, ба оғози кушодашавии колизей ба шарафи худои худоҳо Аполлон ҳусни оғоз мебахшам!

Якбора садои ғиреви мардум ба фалак печид: зиҳӣ император, зиҳӣ император, садо медоданд баъзеҳо ва мардум ин садоро такрор мекарданд. Шоҳ ба муҷассамаи бузургу сафед ва дурахшони Аполлон, ки дар як гӯша берун аз майдони муҳориба насб шуда буд ишора кард.

– Колизей, сиёсат аст! – дигарбора бо нерӯи тоза нидо дод Селевк.

– Колизей фароғат аст! Колизей шуҷоат аст! Колизей шараф аст! Колизей зиндагист! Колизей ҳама чиз аст! – Бо тамоми овоз эълон кард шоҳ. Ҳама шиорҳои ӯро мардуми юнонитабор такрор мекарданд, дигарон, ки чунин воқеаро бори аввал медиданд хомӯш буданду фақат қарсак мезаданд.

– Марҳабо ба колизей!

– Сараввал Галлҳои мағлубнашаванда ба майдон мебароянд. Ҳар касе, ки ҳунар дорад ба майдон барояд, як кас дар муқобили як кас. Баъди Галлҳои ғуломони шуҷоъи мо Фрикийҳо ба майдон мебароянд. Танҳо баъди ин галадиаторҳо, диловарони бошарафи юнонӣ ҳунар намоиш медиҳанд! Баъди ин мо ду ҷанговаре дорем, ки бо як зарба кӯҳро чаппа мекунанд. Ин ду дар чунин майдонҳо хуни садҳо нафарро рехтаанд. Агар дар ин ҷо ҳам барои онҳо ҳарифи арзанда пайдо шавад, ба майдон мебароянд! Задухӯрд то хуни аввал сурат мегирад, – гуфта нақшаи муҳорибаҳоро пешкаш кард Селевк ва ба ҷой нишаст. Дигарон, аҳли дарбор ва баъд тамоми мардум ба ӯ тақлид карда нишастанд. Дуҳулҳои бузурги ҷангӣ садо доданд, ончунон баланд, ки ту гуфтӣ гӯши фалак кар шуд. Зери ҳою ҳуи мардум садои ҳавлангези дуҳулҳои бузург ҷанговаре сартопо пӯшида бо ҷавшан пиёда ба майдон баромад. Оҳиста, гӯё базӯр қадам зада ба миёнаи регистон омада истод.

Деймос аз шумори ҳамон галлҳоест, ки 20 соли пеш шамшер ба даст гирифтааст. 25 нафар баҳодурони номдорро дар ҷангҳои тан ба тан дар колизейҳои Помпея ва Афина ба назди худои марг Аид фиристодааст. Аз ҳунару майдондориаш Ҳеракл ва Ахиллеси тавоно ангушти ҳайрат газидаанд. Ҳарифи ӯ Керберос, яъне Дев гладиатори фрикиягӣ аст, эълон кард ҳамон садо. Ту гуфтӣ, ки худи Аполлон аз нерӯи худ ба ӯ арзонӣ дошта. Истиқбол кунед! Садои валвала гӯши фалакро

кар кард. Ҳарду ба ҳам дарафтиданд. Чанде бо ҳам бо шамшерҳои кӯтоҳ радду бадал карданд. Баъди ҳар зарба издиҳом ғирев мебардошт. Фрикиягӣ ниҳоят ба сари галл ҳуҷуми барқвор карда, бо шамшер ба сараш зад, аммо галл сипар бар рӯй кашид. Фрикиягӣ бо лагад чунон сахт ба шиками галл фуровард, ки ахирӣ ба замин афтид. Сипас болои сараш омада, шамшер ба гулӯяш гузошта, рӯ ба император овард. Император аз ҷой бархоста даст ба пеш баровард. Ҳама сокит шуда, чашм ба ӯ духтанд. Антиох ҳам аз ҷой хеста ба падар нигоҳ мекард, ки чӣ ҳукм мебарорад. Апама ҳар бор дар чунин ҳолатҳо чун нарангӯшт ба поён ишора мекард, чашмонашро мепӯшид, то саҳнаи қатлро набинад. Ин бор ангушт ба боло шуда буд, ки Апама қарсак зад. Антиох бошад нарангушти худро ба зер карда «ҳукми» қатли галлро баровард, аммо ҳоло ҳукм ба дасти ин кӯдак набуд. Тахориҳо хомӯшона ба ин саҳна нигоҳ мекарданд. Бо муҷарради баланд шудани ангушти шоҳ издиҳом ба фиғон даромад, дуҳулҳо табли ғалабаи фрикиягиро фурӯ кӯфтанд.

– Меҳмонон метавонанд бо хоҳиши худ ба майдон бароянд. Мо мувофиқи қаду баст дар муқобили ӯ гладиатор мегузорем, – гуфт ҳамон садо аз пушти дуҳулҳо. Ин сухан ба тахориҳо дахл дорад. Ҳар гоҳ хоҳад, метавонад бо хоҳиши худ аз муҳориба даст кашад.

Спитаман ба Фаромарз нигоҳ кард. Омодагии ӯро дида, иҷозаи ба майдон баромадан дод. Тахорӣ аз асп парида фаромада, байни майдон омада рост истод. Аз он ҷониб ҷанговаре бо силоҳи сабук ва сешох дар даст баромад. Бо ҷусса ба Фаромарз баробар буд.

– Адрастос, зӯри бозӯи қаҳрамони Афина – Ҳектор дар ниҳоди ин гладиатор ниҳон аст. Бо тахории гумном мубориза мебарад!

Ӯро гумном номидани баранда Фаромарзро ба ғазаб овард Аз гарди роҳ найза сӯи гладиатор партоб кард. Юнонӣ бо сипари хурд худро муҳофизат карда, пеш омад. Ин бор тахорӣ шамшер баркашида ба ӯ дарафтид. Аз чапу рост зарба мезаду юнонӣ гоҳ аз чап бо сипар гоҳ аз рост бо сешох худро муҳофизат карда, ақибнишинӣ мекард. Баъди камаш даҳ қадам

ақибнишинӣ кардан, юнонӣ якбора ба ҳуҷум гузашт. Ин бор Фаромарз худро ҳимоя мекард. Дар охирин лаҳза тахорӣ пуштнокӣ ба замин афтида буд, ки юнонӣ бо сешох ба шиками ӯ зарба зад. Фаромарз бо шамшер рад карда, фавран бо ҳамон шамшер чунон сахт ба рони пои гладиатор зад, ки хун фаввора зада баромад. Ғирев аз ниҳоди мардуми суғдитабор баромад. Ҳама бо як овоз садо медоданд: тахорӣ, тахорӣ. Имрӯз ин мардуми боғурури кӯҳистон аз номи Суғди Муқаддас баромад мекард. Дер боз юнониҳо зарбаҳои ҷонкоҳи ҷангиёни ин сарзаминро фаромӯш карда буданд. Селевк аз ҷояш бархоста тамошо мекард. Антиох ҳам ба ӯ тақлид карда хеста буд. Аз рӯи қоида бояд бо ҷорӣ шудани хуни аввал муҳориба поён меёфт, аммо ҳамагӣ як лаҳза баъд аз зарбаи Фаромарз юнонӣ сешохро баргардонда ба шиками тахорӣ халонд. Хун аз ҷароҳати Фаромарз ҷорӣ шуд, аммо зарба бо сабаби маҷрӯҳ шудани юнонӣ он қадар сахт набуд. Ҳарду хунфишон сокит монданд. Селевк ишораи хотимаи муҳориба дод. Ҳарду ҷароҳатҳои худро дошта аз майдон баромаданд. Баромадан баробар табиби юнонӣ ба назди Фаромарз омада ӯро бо худ ба хаймаи табибон бурд.

– Ман чашмдор набудам, – гуфт шоҳ, – ки як нафар кӯҳистонӣ дар ин майдон бо гладиатор баробар мешавад, офарин! – гуфта буд, ки мардум ғиреви шодӣ баровард.

Боз талаби ҷанговар карданд, ки Спитаман ба Барзуй ишора кард. Дар ҳамин ҳангом чашмаш ба савораи сиёҳпӯше афтид, ки дар тан ҷавшан ва зери он либоси чармин дошту дар сар ниқоб. Нисфи рӯяшро ниқоб пӯшонда буду нисфи дигарашро кулоҳи сакоии тигрохауд. Ин кулоҳе буд, ки нӯгаш тез буду аз ду бари рӯ гӯшак дошт. Спитаман ба Сиёваршан ишора карда бо сар ба тарафи ниқобпӯш ишора кард, бо маънии он, ки кист ин. Сиёваршан ишораи ноогоҳӣ кард. Ҳарду хулоса карданд, ки ё кадом ҷанговари сакоии тигрохауд аст ё гумоштаи Селевк, ки аз ҳоли тахориҳо бохабар бошад.

Тахорӣ пиёда ба майдон баромад. Аз он ҷониб марди бузургҷуссае савори аспи сиёҳ ба майдон ворид шуд. Қоран зуд аспи Барзуйро гирифта ба майдон даромад.

– Ин ҳамон галлест, ки то молик шуданаш ба шамшери чӯбин ҳамагӣ як гоми дигар мондааст. Нерӯи Пасейдон – худои баҳрҳо дар ниҳоди ӯ пинҳон аст. Боз ҳам дар муқобили саворaи гумном қарор дорад! – эълон кард баранда.

Барзуй савор шуда дар муқобили гладиатори галлтабор рост шуд. Ҷуссаи бузург ва пурқуввати ӯ ва қариб молик шуданаш ба шамшери чӯбин бозгӯи ҳамон ҳақиқат аст, ки ӯ аз Барзу дида пурқувваттар аст. Аз ин, тахорӣ заррае наҳаросида бо найза ба ӯ ҳуҷум кард. Ду зарба заду ӯ бо сипар рад кард. Дар навбати худ галл бо шамшер ба ҳуҷум гузашта ба Барзу дигар фурсати ҳуҷум надод. Барзу Худро ҳимоякунон ҳазимат мекард. Дар охири майдон дигар роҳи гурез набуд. Галл ҳамоно зарба мезад. Дар ҳоле, ки бо ҳамин усул тахориро маҷбур ба ҳимоя мекард, сипарро як сӯ партофта найзаи кӯтоҳи худро аз қарбуси зин гирифт.

Ҳама наззора мекарданд. Селевк, Антиох, Апама аз ҷой хеста, лаҳзаҳои аҷиби муҳорибаро росто тамошо мекарданд. Апама аз Аҳура Маздо илтиҷо мекард, то яке ҷароҳати сабук хӯрда, хунаш резаду муҳориба ба анҷом расад, аммо амри тақдир имрӯз дигаргуна буд. Гладиатор тахории камтаҷрибаро дар ғафлат ёфта якбора бо найза зарбаи ҷонситоне ба гулӯи Барзуй зада буд, ки аз ҷои ҷароҳат хун фавора зада баромад. Ғиреви шодӣ аз ниҳоди тамошобинони юнонӣ баромад. Апама чашмонашро пӯшид. Селевк қарсак зада, аҳсан гуфт. Спитаман чун ҳайкали сангин рӯи асп беҳаракат шуд. Қоран бо як нафари дигар ба майдон давида Барзуйро бардошта оварданд. То ҳанӯз ҷон дошт. Сиёваршан болояш сар хам карда оҳиста гуфт: бубахш, дӯстам. Ҳамин охирин сухане буд, ки Барзуй шунид, сипас рӯҳаш сӯи рӯҳи пок парвоз кард. Тамошобинони тахорӣ ҳама карахт шуданду умед аз дарёфти шараф батамом канданд. Қоран найза дар даст ба майдон давид. Бонги дуҳул ва садои мардум баланд шуд. Ба гладиатор наздик шуда ярoқро партоб кард. Найза рост ба шиками асп зада ҷонварро аз пой афтонд. Ҷуссаи вазнини гладиатор ба замин зада буд, ки ғубор ба осмон хест. Галл аз ҷой бархоста лангон-лангон худро аз зарбаҳои ҷонкоҳи Қорани далер ҳимоякунон ақибнишинӣ кард. Шояд чизе ҳангоми афтидан тани гладиаторро каме ха-

рош дода буд, ки ӯ ба гарданаш ишора карда фаҳмонданӣ буд, ки хун ҷорӣ шудаасту муҳорибаро боздоранд. Ниҳоят Спитаман ва Сиёваршан ҷасади Барзуйро ба ҳоли худ гузошта, чашм ба майдон дӯхтанд. Аммо Қоран боз ҳам аз ғафлати галл истифода бурда бо шамшери обгун чунон ба гардани галл зад, ки сараш ба китф овезон шуд. Ғиреву шодӣ аз ниҳоди тамошогарони тахорӣ ба фалак печид. Танҳо баъзе тамошогарони юнонӣ аз ҷой бархоста, ба ҳунари кӯҳистонӣ қарсак заданд. Селевк аз ҷой бархоста ишора кард, ки ҳама хомӯш бошанд. Издиҳом якбора дам фурӯ баст.

– Ман, шаҳаншоҳ Селевк, шаҳодат медиҳам, ки зарбаи тахорӣ баъди рехтани хуни аввал ба вуқӯъ пайваст. Аз ин мебарояд, ки тахорӣ ба ноҳақ галлро кушт! Бинобар ин, дар ҳамин майдон кушта мешавад.

Фиғон аз ниҳоди тамошогарони суғдӣ баланд шуд. Саворагони суғдӣ бо шумори Сиёваршан ва Спитаман шамшерҳо бараҳна карда ба задухӯрд омода шуданд. Рӯзи сиёҳе дар колизей ҳукмфармо шуд. Спитаман ба қафо гашта хост бо ишора ба мардуми суғдитабор фаҳмонад, ки муқобили ҳукми шоҳ баландтар садо бароранд. Ногоҳ боз чашмаш ба ҳамон савори сиёҳпӯш афтида, нигоҳаш рӯи ӯ шах шуд. Савор чун ҷисми беҷон болои асп рост меистод. Чизе аз зинда будани ӯ дарак намедод.

Селевк бо ишора Селектрусро ба наздаш даъват карда сар ба сари Апама наздик карда, маслиҳат пурсид. Вазъият аз пиндори шоҳ дида мураккабтар аст. Бе ҳамин ҳам шӯришҳои пайдарпайи ин мардумро бо машаққати зиёд ҳамагӣ панҷ соли пеш бо додани тухфаҳою ободкориҳо фурӯ нишонда буд. Акнун бими аз сар гирифтани нооромиҳо ба миён омад. Баъди лаҳзае шоҳ аз ҷой бархоста, ишора кард, ки хомӯш. Ҳама хомӯш шуда гӯш фаро доданд, то чӣ мегӯяд.

– Ман, император Селевк Сотер фармон медиҳам, ки дар ин майдон ду тахорӣ, якеаш ҳамин марди гладиаторро кушта, дар муқобили чаҳор ҷанговари юнонӣ муҳориба кунанд. Ҳамин ҷазо мешавад барои хуни ноҳақи рехташуда.

– Зиҳӣ шоҳ! Зиҳӣ адолат! – баланд шуданд садоҳои одамони шоҳ дар байни издиҳом. Таъсири ҳамин садоҳо буданд, ки

мардум ҳукми шоҳро қабул карданд, ҳам юнониҳо ва ҳам тахориҳо.

Сиёваршан теғ баркашида чанд қадам ба пеш гузошта ба назди Спитаман омад, то иҷозаи вуруд ба набардгоҳ гирад. Қоран байни майдон дар назди ҷуссаи пурхуни гладиатор фотеҳона рост меистод. Селектрус чор нафар ҷанговари пуртаҷрибаро ба майдон баровард. Роҳи иҷрои фармони Селевк дар мавриди қатли Қоран ҳамин буд. Ҷанговарон ба тарафи Қоран асп давонданд.

Ана дар ҳамин маврид савораи сиёҳпӯш аспашро бо ду пой рост карда, лаҷомро як тараф кашида, аспи ваҳширо якпаҳлӯ гардонда, аз пушти сипоҳи тахориҳо ба пеш баромада, онро бо тамоми нерӯ ба ҷои дарвоза сӯи панҷараи атрофи майдон давонд. Ҳама ба ӯ наззора карданд. Аспи бодпой аз болои панҷара, ки камаш як қади одам баланд буд ҷаста, вориди майдон шуд. Нахуст шамшер ба сари яке аз ҷангиён зада буд, ки сар якҷо бо худи ҷангӣ то абрӯвонаш дарид. Се ҷангии дигар Қоранро гузошта ба савори сиёҳпӯш ҳуҷум карданд. Сиёҳпӯш ҳам муқобили онҳо асп давонд. Вақте ба ҳамдигар бархӯрданд, сиёҳпӯш дар як даст найза дар дасти дигар шамшер ҷигаргоҳи дуи дигарро чунон чолокона пора кард, ки ту гуфтӣ ин мардро фақат барои куштор офаридаанд. Селевк бо аҳли дарбор чашмҳоро калон кушода ин манзараи хунборро наззора карда, чизеро сарфаҳм намерафтанд. Бо чашмони худ бовар накарданд, ки як нафар савораи беному нишон се нафар ҷангии ботаҷрибаи онҳоро ба ин осонӣ кушт. Қоран аз ин кирдори савора рӯҳи тоза гирифта дар ҳоле дид, ки савори чорум ба савораи сиёҳпӯш ҳуҷум мекунад аз пушт найза ба сутунмӯҳраи ӯ халонд. Майдон пур аз ҷасади юнонӣ шуд. Издиҳом аз ин ҳунарнамоии тахории сиёҳпӯш ба ваҷд омада, ба шарафи ӯ ғирев бардоштанд. Антиохи хурдсол аз ҷой баланд шуда, бо издиҳом ҳамовоз шуд.

Як тараф Қоран як тарафи дигар сиёҳпӯш дар даст яроқҳои пур аз хун рост меистоданду ду нафар аз ҷангиёни юнонӣ то ҳанӯз ҷон медоданд.

Ҳангоме, ки сиёҳпӯш аз майдон берун шуд, то ба пушти сипоҳи тахориҳо равад, Спитаман аз ӯ пурсид:

– Кистӣ ту, мард?

Савор гӯё нашунида бошад, ба ҷои худ рафта қарор гирифт. Тамоми мардуми колизей ба ӯ нигоҳ мекарданд. Ҳар кадом мехостанд ному насаби ӯро бидонанд, аммо сиёҳпӯш муаммо буд барои ҳама.

Қабл аз он, ки Шоҳ ба муҳорибаҳои имрӯза хотима бахшад, сӯи Спитаман садо дод, ки исми қаҳрамони имрӯзаро бигӯянд. Спитаман, ки худ бештар аз ӯ мехост, номи он родмардро бидонад, каме дасту по гум кард. Охир, агар юнониҳо медонистанд, ки ин савор ҳамроҳи онҳо нест, метавонистанд ӯро ҳамчун ҷинояткор маҳв кунанд. Ӯ ба ин бозиҳо даъватшуда набуд. Баъди лаҳзае сарлашкар худро ба даст гирифта, рӯ ба издиҳом оварда гуфт:

– Исми ин ҷанговари моро фардо хоҳед шунид.

– Фардо беисм кушта мешавад, – нидо дод шоҳ. – Фардо Аполинарис – вайронкунанда бо лақаби «Гурги Троя» ва Зенмарг бо лақаби «Паланги Фрикия» ба майдон мебароянд! Апама, – рӯ ба ҳамсараш оварда, – ба онҳо бигӯ, ки «Гурги Троя» ва «Паланги Фрикия» кистанд, набошад ҳамшаҳриҳоят дар ин майдон дар ҳузури мардуми худ шарманда мешаванд. Албатта, аз салобати Спитаман ва Сиёваршан маълум аст, ки коре аз дасташон бар меояд, аммо дар муқобили гладиаторҳои мо чун ҳубобанд.

Инро гуфта Селевк домани яктаки дарозашро ба даст гирифта, хандида равон шуд. Апама аз пушт ба ӯ гуфт, ки: – Агар ҳатто ҳамшаҳриҳои ман дар қиболи ин ду ваҳшӣ тоб наоранд ҳам, шарманда намешаванд.

– Барои чӣ, азизам шаҳбону?

– Чунки касби он ду куштор асту касби ин ҳарду ҳифз ва поксозии ватан.

– Поксозии ватан аз кӣ, аз мо юнониҳо?

– Не, аз қабилаҳои аҷнабии кӯчманчии бефарҳанг.

– Ҳа-а, шаҳбону, ту мисли Рухшонаки ҳамшаҳриат ҳеҷ гоҳ аз ашрофзодаҳои юнонӣ намешавӣ. Ӯ ҳам то охир ба Александр сар нафуровард. Ғами Суғд ва Оксиартро бештар аз Александр мехӯрд.

– Ашрофзода шудан номумкин аст, балки ашрофзода таваллуд мешаванд. Ман аллакай ашрофзода таваллуд шудаам.

Селевк истода рӯ ба Апама овард, баъд ба Селектрус, ки дуртар меистод ишора кард, ки Антиохро барад. Баъди он, ки бурд боз ба шаҳбону нигариста заҳр зад:

– Ин сарзамин ҳам ашрофзода доштааст? Ростӣ ман гумон мекардам ашрофзодаҳои Ирон дар ҳамон Хуросонанд, на Мовароуннаҳр.

– Ту гумон мекунӣ, ки як нафар маҷҳулу безот шамшер ба сари Александр зада буд? Агар чунин гумон дорӣ, пас обрӯи Александрро мерезонӣ.

– Не, ман нагуфтам, ки Спитамани падари ту маҷҳул буд ё беҳунар. Баракс, ҳатто Александр аз маҳорати ҷангии Бабр ангушти ҳайрат газидааст. Лекин агар ашрофзода бошанд, чаро ба пойтахт рафта дар дарбори Доро наменишастанд?

– На ҳамаи дарбориён ашрофзодаанд ва на ҳамаи ашрофзодаҳо қаҳрамон. Дар дарбор Пердикка ҳам буд, ки ба ҷуз хору залил кардани Зара (баъди хиёнат карданаш Апама Зараро модар намегуфт) ва рӯфтани поруи аспҳо ҳунари дигар надошт. Дар дарбор яке бо ҷаҳонгирӣ ашрофзода будани худро исбот мекарду дигаре бо куштани чорпоён.

Апама «ҷаҳонгир» гуфта Александрро дар назар дошту «чорвокуш» ҳамин Селевк – хешованди Александрро, ки қаҳрамониаш ба ҷуз дар майдон куштани ҳамагӣ як буққаи ҷангӣ чизе дигар набуд.

Шаҳаншоҳ аз ин зарбаи задаи шаҳбону хеле оташин шуда бошад ҳам, худро ба даст гирифта бо табассуми айёрона гуфт:
– Он буққа зӯри бозӯи Спитаменро дошт…

Апама аз шунидани ин сухан ва ин ташбеҳ хеле дар ғазаб шуда, барқи нигоҳ сӯи ӯ афканда буд, ки Селевк чун мум мулоим шуда илова кард:

– Ман албатта, азизам, Спитаменеро дар назар дорам, ки фардо дар майдон ба дасти «Гурги Троя» ё «Паланги Фрикия» кушта мешавад.

Дар дарбор Апама на танҳо ҳамсар, балки намояндаи мардуми таҳҷоӣ буд. Худи духтари Бабр намедонист, ки ин ҷо

ӯро ҳамчун ҳамсар бештар эҳтиром мекунанд ё ҳамчун духти Спитамани қаҳрамон ва намояндаи мардуми ғасбшуда.

Баъди ин шарҳ ҳарду бо сари хам аз колизей баромаданд.

Чун издиҳом пароканда мешуд Спитаман сӯи савораи сиёҳпӯш асп ронд, то аз шахсияташ бохабар шавад. Аммо сиёҳпӯш дар як они воҳид байни издиҳом ғайб зад.

Атрофи хаймаҳои тахориҳо то нисфи шаб пур аз мардумони қабилаҳои гуногун буданд. Ҷасади Барзуй дар саҳни хаймаҳо гузошта шуда буду мардум бо ӯ видоъ мекарданд. Сипас нисфи шаб аз рӯи оини зардуштӣ ҷасадро ба беруни шаҳр бурда, дар дахмаи шаҳриҳо ҷо карданд, то гӯшту пӯсташро паррандаҳо бихӯранд ва устухонҳои покашро ба замини муқаддас гӯронанд. Мувофиқи таълимоти Зардушт хок, об, бод ва оташ унсурҳои муқаддас ҳастанд, бинобар ҳамин олуда сохтани ин чаҳор унсур гуноҳ аст. Айни ҳол дар хок мумкин аст фақат устухонҳои одамро гӯронид, ки орӣ аз ҳар гуна ахлоту ифлосиҳои дигаранд.

Ҳама хоб рафтанд, ба ҷуз Спитаман ва Сиёваршан.

– Гӯш кун, дӯстам, – гуфт Спитаман, – ба андешаи ту кист ин сиёҳпӯш, тахорӣ, сакоӣ, массагет ё яксарт, чаро рӯяшро пӯшидааст? Гумон дорам ҷонибдори мо асту дар назди юнониҳо гуноҳе содир кардаасту рӯяшро мепӯшонад.

– Ба ҳар ҳол, агар ӯ намешуд Қоранро мекуштанду мо шарманда мешудем.

– Ҳа, дар ҳунари шамшерзанӣ ҳамто надорад. Гумон мекунам ин шахсест аз сипоҳи Спитаман, фақат онҳо чунин хуб ҷанг мекарданд. Агар дар замони зинда будани Спитаман 25-сола мешуд, ҳоло 45-46-сола аст.

– Ман бошам, – гуфт Сиёваршан, – андеша дорам, ки ӯ хеле бояд ҷавон бошад. Гумон надорам, ки марди 45-сола ба ин тезӣ шамшер занад. Гӯш кун, сардор, ҳоло ба андешаи ман, беҳтарин кор барои мо баҳузур хоб кардан аст. Селевк гуфтку, фардо кадом «гург»-у кадом «паланг»-еро ба майдон мебарорад. Куштани онҳо вазифаи мо аст. Мабод, ки дар ҳамин ҷо кушта шавем. – Спитаман андешаманд бархоста ба хаймаи худ рафт.

Шаб аз нисф гузашта буд, ки касе Сиёваршанро бедор карда

гуфт, ки дар берун кӯдаке ӯро мепурсад, мегӯяд Антиox писари Селевк аст. Сиёваршан ба берун баромада Антиохро дид.

– Ҳа, ошно, дар ин поси шаб чӣ ташвиш дорӣ?

– Модарам равон кард. Гуфт ба шумо бигӯям, ки ҳамин шаб биравед. Ду нафаре, ки фардо ба майдон мебароянд ҳатто дар колизейҳои Юнон ҳамто надоштаанд. Чӣ лозим ба беҳуда кушта шудан? Шумо ҳоло барои ин мардум лозим ҳастед.

– Бирав, ошно, ба модарат бигӯ, ки мо роҳи дигар надорем ба ҷуз ҷанг кардан. Ҳамааш хуб мешавад, бирав дӯстам ва фардо барои мо кафкубӣ кун. Бубин, ки мо бо он ду қотил чӣ мекунем.

– Албатта, Сиёваршан, ман аз саҳар то бегоҳ барои шумо кафкубӣ кардам.

– Наметарсӣ, ки падарат хафа мешавад?

– Шудан гирад, ман шаҳрванди озодам.

– Сиёваршан, бигӯ, ки сиёҳпӯш кист?

– Спитаман гуфт-ку фардо хоҳем донист.

Рӯзи дигар чун қурси зарҳалини Митра аз пушти кӯҳҳои дур сар бароварда, ҷаҳонро мунаввар кард, мардум баъди ибодат ва арҷгузории оташи муқаддас фавҷ фавҷ ба тарафи колизей равон шуданд.

Насими форами саҳар накҳати гулӯ гиёҳҳои наврустаи атрофи шаҳрро ба машом мерасонд. Боронаки шаб борида ғубори бархостаи дирӯзаро батамом фурӯ нишонд. Ҳаво хеле покиза шуду рӯз равшан. Абрҳои кулча-кулча зери таъсири насими саҳарӣ пароканда шуда, ба тарафи ғарб ҳаракат карданд. Шарқ бошад ҳанӯз чашми рӯз накафида, аз абрпораҳо батамом покиза шудааст. Баъди он, ки дастаҳои пиёда ва саворaи сипоҳи юнониҳо вориди колизей шуданд, сипоҳи тахориҳо низ аз пушти Спитаман ва Сиёваршан ворид шуда, дар ҷои дирӯзаи худ қарор гирифтанд. Фақат саворaи сиёҳпӯш намерасид. Бисёриҳо ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда, ӯро меҷӯянд, аммо вақти задухӯрд фаро расида бошад ҳам аз ӯ дарак набуд. Аз ҳама бештар Спитаман мехост, ки ӯ биёяд. Имрӯз бояд тахориҳо дар ин майдон доди мардиро медоданд. Сиёҳпӯш бошад, хеле ҳунари хуби ҷангӣ дорад, метавонад имрӯз ҳам чанде аз гладиаторҳоро нобуд созад.

Садои духулҳои ҷангӣ аз оғози бозиҳо дарак дод. Тамошогарон, ки қабл аз омадани сипоҳиён ба ҷойҳои худ нишастанд, ба ғирев даромаданд. Имрӯз теъдоди суғдтаборон ду баробари дирӯза буд. Бисёриҳо рост меистоданд. Дар сафи пеши тамошогарон имрӯз мубадони дайри Мароқанд ҷо гирифтанд. Қиссаи ҷанги рӯзи аввалро шунида, мубади мубадон ба чанд нафар мубадон фармуд, то барои рӯҳбаланд гардонидани тахориҳо ба тамошо раванд.

Сиёваршан маротибаи чандум буд, ки ба қафо нигариста, бо нигоҳ сиёҳпӯшро меҷуст, аммо аз ӯ дарак нашуд.

Император вориди майдон шуд. Ҳама ӯро бо кафкӯбӣ ва нидоҳои шодбош истиқбол гирифтанд. Аз пушти ӯ Апама, Антиох ва Селектрусу дастаи яккачин. Селевк сӯи издиҳом даст афшонд, сипас ба ҷои худ омада, боз камаш 10 дақиқаи дигар аз ғиреви мардум ҳаловат бурд, сипас бо ишораи «хомӯш» даст боло кард. Колизей сокит шуд.

– Имрӯз ман бо камоли майл Аполинарисро пешкаши шумо месозам, ки маънои номаш вайронкунанда аст. Дар майдонҳо он қадар ҷанговаронро куштааст, ки агар хуни онҳоро ба ҳандақ резӣ даҳ нафар бемалол дар он оббозӣ мекунанд! Номи ҷангии ӯ «Гурги Троя» аст, истиқбол кунед!

Шоҳ инро гуфта буд, ки гладиаторе ғарқи ҷавшан ва мусаллаҳ бо шамшер, дашна ва найза ба майдон баромад. Ғиреви тамошогарон якҷо бо садои духулҳо фазои колизейро пур кард. Ҷанговар пиёда ба майдон баромада, зери муҷассамаи Аполлон, ки зери шуои офтоби саҳар ялаққос мезад, омада истод.

– Имрӯз, имрӯз, – идома дод шоҳ, – ман бо хушнудӣ гладиатори номдори дигареро пешкашатон месозам, ки Зен, яъне «марг» ном дораду лақабаш «Паланги Фрикия» аст. Бист сол боз дар банд аст. Занҷирҳои ӯро танҳо дар майдон, қабл аз муҳориба мекушоянд. Баъди он, ки ҳарифашро бо дандон пора мекунад боз дастаи яккачин ӯро ба банд меоранд ва ба қафас мешинонанд. Ин ду нафар то ҳанӯз мағлуб нашудаанд. Имрӯз худи шумо шоҳид мешавед, ки чӣ нерӯи бузург дар ниҳоди ин ду ваҳшӣ ниҳон аст!

Зери ҳою ҳуи мардум шахсеро ба майдон оварданд, ки

бештар ба ҷонвар монанд буд. Ҷуссааш аз одамони оддӣ бузургтар асту миёни борик синаи фарох ва чашмони калону бинии овезон дорад. Дастҳои дароз, пойҳои кӯтоҳу каҷ ва бинии паҳну пешонии фурӯрафтааш ӯро бештар ба маймун шабоҳат медиҳад. Дастонаш бо занҷирҳо баста шудаанду аз нӯги занҷир ду ҷанговари бузургҷуссаи дигар доштаанд. Мӯйҳояш чунон дарозанд, ки қариб тамоми рӯяшро пӯшондаанд. Ҳангоми роҳ гаштан рӯяш ҳамон вақт метобад, ки бод мӯйҳоро парешон кунад. Чашмони сурхаш зери шӯоъҳои офтоб медурахшанд.

Дар асл бошад ин гладиатори хеле бомаҳорат аст, ки нақши ваҳширо бозӣ мекунад, то тамошобоб шавад. Ӯ ҳам мисли дигарон инсони хокӣ буд.

– Ҳам инак, байни ғиреви мардум эълон кард шоҳ, шамшери «Гурги Троя» хун металабад, вақти касе сар кардааст ба майдон дарояд. Спитаман ба Сиёваршан ишора кард, ки дарояд, аммо Қоран пешдастӣ карда, бе иҷозат ба майдон баромад. Спитаман ӯро боздоштанӣ шуд, аммо аллакай ӯ шамшер кашидаву ба сари Гург ҳуҷум карда буд. Шояд сахт ташнаи корнамоӣ буд. Чанд зарбаи обдор бо шамшер ба сари юнонӣ зад, аммо ӯ ҳамаи инро ба осонӣ баргардонд. Дар охир аз зери шамшер ва сипар лагад ба шиками Қоран зада, ӯро аз пой афтонда, хост бо шамшер шикамашро пора кунад, аммо тахорӣ тоб хурда аз зарбаи ӯ эмин монд. Худ фавран дашнаро кашида ба рони пои Гург халонд, аммо корд чуқур надаромад. Бо вуҷуди ин ҳам хун аз ҷароҳат фурӯ рехт. Зарбаи задаи Гург дашнаро аз қабзаи Қоран раҳо кард, аммо тахории чолок шамшери дар дасти чапаш бударо сӯи Гург халонд. Юнонӣ аз дами шамшер дошта онро аз дасти Қоран кашида гирифта, шамшери худи ӯро ба бари шикамаш халонд. Хун фаввора зада аз шиками Қоран баромад. Гурги Троя шамшер болои сар бардошта бо тамоми нерӯ наъра зад. Издиҳом ҳам бо ӯ ҳамовоз шуд. Фақат суғдиҳо хомӯш буданд. Тахориҳо ҳама шах шуда наззора мекарданд. Қоран ҷароҳаташро дошта, ба қафо мерафт. Тибқи қоидаи муайяншуда, бояд ҳангоми ҷароҳат бардоштани Гург муҳориба қатъ мешуд, аммо Гург қоидаро вайрон карда, фавран ба шиками Қоран шамшер зад.

Дигар Қоран ҳаракат карда наметавонист. Ҷароҳати дирӯзааш ҳанӯз хунфишон буд. Гург шамшер ба бари гардани Қоран монда, рӯ ба Селевк овард, то ҳукм чист. Селевк бидуни қоидаҳои гузоштаи худ зуд нарангуштаშро ба зер афканда буд, ки ғиреви мардуми юнонӣ ба осмон печид, онҳо ҳам нарангушт ба зер афканда фиғон бардоштанд. Аполинарис шамшер ба гардани Қоран халонда кори ӯро тамом кард. Сиёваршан дар ҳоле, ки рӯяшро ба дигар тараф нагардонид, чашмонашро пӯшид, то ҷонкании Қоранро набинад. Гург сипари хурдакак ва шамшери кӯтоҳашро болои сар бардошта, фотеҳона якҷо бо издиҳоми ба ваҷд омада фиғон бардошт.

Сиёваршан аз асп пиёда шуда ба майдон даромад. Аполинарис шамшерро дар қабза сахттар фишурда омодаи ҳарб шуд. Тахорӣ сахт ташнаи интиқом буд. Селевк, Апама, Антиох, Селектрус ва дигарон бо ҳаяҷони зиёд чашм ба майдон дӯхтанд. Издиҳоми чандҳазорнафараи суғдитаборон аз ҷой бархоста, бо нидоҳои хурсандӣ истиқбол гирифтанд. Сиёваршан нахуст бо найза ба ҳуҷум гузашт. Зарбаи задаи ӯро Гург ба осонӣ бо сипар баргардонд, аммо Сиёваршан найзаро гардонда бо чӯби он чунон ба гардани ғафси Гург зад, ки аз чашмонаш аланга парида, якпаҳлӯ ба замин афтид. Тахорӣ бо ҳамон найзаи дасташ хост синаи юнониро шикоф кунад, аммо ӯ аз миён болояшро зуд бардошта аз зарба халос шуд. Дар навбати худ бо пой ба поҳои Сиёваршан чунон сахт зад, ки ахирӣ ба замин афтид. Найза аз дасташ парида рафт, фақат сипар монд. Дар ҳоле, ки Аполинарис ҳанӯз дар замин мехобид бо шамшери дасташ зарба зад, Сиёваршан сипарро партофта шамшер аз наём бароварда, худро ҳимоя кард. Дар ин маврид Гург фурсат ёфта, аз ҷой бархост ва боз зарба зад. Сиёваршан зарбаро боз бо шамшер баргардонид, аммо зарба бисёр шадид, ки буд шамшер аз дасти тахорӣ парида рафт. Сиёваршан худро гум накарда, бо лагад ба байни пойҳои юнонӣ сахт зад. Зарба чунон сахт буд, ки юнонӣ фиғон бардошта, аз зарби дард хам шуд. Писари Катан парида аз ҷой бархосту хост ба пушти юнонӣ зарба зада, корашро тамом кунад, аммо юнонӣ якбора рост шуда аз банди дасти Сиёваршан дошт. Чанд дақиқаи дигар кашмакаш идома ёфт. Било-

хира юнонӣ зер карда, шамшерро аз дасти рақиб ба замин афтонд. Ҳамин дам Сиёваршан бо лагад ба сару рӯи ӯ зада, ӯро ба замин афтонд ва ҳамон гуна шаттаборон карда, пешо-пеш андохта, то ба зери муҷассамаи Аполлон бурд, аммо на ба хотири Аполлон, балки ба ин хотир, ки шамшери Қоран ҳамон ҷо мехобид. То ба ин дам сару рӯи гладиатор хуншор шуда буд. Сиёваршан худро бо шикам болои шамшер партофта онро гирифта, тоб хӯрда, барқвор зарба зад, то рақиб фурсати бархостан надошта бошад. Гург илоҷи дигар наёфта, бо даст баданашро пӯшонд. Шамшери задаи тахорӣ дасти ӯро аз оринҷ ҷудо кард. Аз даст хун фаввора зада баромад, гладиатор ноумед шуда ба замин афтид. Ӯ дигар муқовимат накард. Сиёваршан шамшер ба гарданаш гузошта сар бардошта аввал ба издиҳом, сипас ба шоҳ нигоҳ кард. Фиғони тамошогарон ба фалак печид. Селевк-Никатор нарангушт ба боло кард, яъне накуш. Издиҳом бошад қариб ҳама ангушт ба зер афканданд, ки бикуш. Сиёваршан шамшерро то дастааш аз боло ба зер ба гардани Гург халонда, дилашро шикофт.

Аз ғазаб арақ аз пешонии Никатор берун баромад. Апама дар изтироб афтид. Антиох ҳамоно ангушташро ба поён хам карда, бо хушнудӣ дод мезад. Изтироби Апама аз он буд, ки дар чунин ҳолат шоҳ фармони қатли гапнодароро содир мекард.

Баъди он, ки гладиатори қурбонии Сиёваршан аз пой задан монду беҳаракат шуд, ҳама дам фурӯ бастанд. 12 хазор нафар тамошогарон, ба қавле, гӯё нафас намекашиданд. Ҳеҷ мумкин набуд, ки як ҷавони кӯҳистонии ба қавли юнониҳо ваҳшӣ бо ин осонӣ як гладиатори императорро, ки ифтихори юнониҳо буд, ба ин хорӣ бикушад. Аммо зарбаи задаи тахорӣ ва ҷисми беҷони гладиатор исботи хеле якрав буданд. Оҳиста оҳиста нигоҳи 12 ҳазор тамошобин, аз ҷумла шаҳбону Апама ва фарзанди ӯ Антиох ҳам рӯи Селевк ях бастанд. Император таҳқир шуда буд. Ҳукми куштан ё накуштани мағлубшударо маҳз ӯ бояд бо бардоштан ё ба зер хам кардани нарангӯшт медод. Аммо кӯҳистонии якрав ва хеле бебок дар куштани рақиб аз касе иҷоза напурсид. Ин қасоси ӯ буд барои Қоран.

Баъди лаҳзае Селевк чашмони гирду кабудашро ба сӯи Селектрус гардонида, бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонд. Ин фармони муҳориба буд. Дар ин лаҳза Антиох ба умеди он, ки шаҳбону ба ин ҳукми хеле ноодилонаи шоҳ муқобил барояд, назар кард, аммо дар чеҳраи Апама фақат тараҳҳум ба Сиёваршанро ҳис кард. Дар қиёфаи Селектрус бошад хастагӣ ва норозигиро дид. Бо вуҷуди ин ҳам юнонӣ кулоҳи зебои бо пари товус орододаашро аз сар гирифта, худи ҷангӣ ба сар карда, банди хафтон ва баргустувонро мустаҳкам карда, шамшер дар наём овехта, найза ба даст, худро болои аспи тезпой гирифт. Касе, ки беш аз дигарон намехост бо ӯ набард кунад, ҳамин кӯҳистонӣ буд, ки ҳамагӣ чанд моҳ пеш ҷонашро аз марг наҷот дода буд. На барои он, ки метарсид, балки барои он, ки сахт мехост бо ин кӯҳистонии бебок дӯст бошад, на рақиби хундор. Хоса якбор маҳз ҳамин тахорӣ якҷо бо Хурдак ҷони онҳоро раҳонида буд. Бо вуҷуди ин ҳам байни муҳаббати Сиёваршан ва фармони шоҳ, албатта дуввумиро интихоб кард.

Ду дуҳули бузурги ҷангӣ ба садо даромаданд. Садои онҳо ба дилҳо ваҳм андохт. Ин бозие буд пур аз хун. Ин сиёсат буд! Аз рӯи қоида Селектрус бояд бо чаҳор ҷанговари дигар вориди майдон мешуд ва кори ҷангии саркашро тамом мекард. Ин ҳам муҳориба буду тамошояш ҳаловат мебахшид, ҳам ҷазои гунаҳкор.

Спитаман ба зери нишастгоҳи шоҳ омада эътироз кард: Нахуст худи шумо қоидаро вайрон кардед. Баъди хуни аввал иҷозаи набард додед.

– Шоҳ хато намекунад, – посух дод Селевк.

– Бале, шоҳони асил, аммо шумо хато кардед ва мехоҳед, ки ҳукми қатли Сиёваршанро бароред?

– Ин ҷо қатлгоҳ нест, дӯстам, – посух дод Селевк, – ин ҷо набардгоҳ аст, метарсед, баромада равед.

– Ин тавр бошад теъдоди ҷангиёни шумо ва мо бояд дар майдон баробар бошад.

– Ана инаш дар ихтиёри соҳиби ин сарзамин, ин колизей, яъне ман аст ва ана ин издиҳом.

Инро гуфта буд, ки издиҳом аз ҷой бархоста бо нидоҳои

шодӣ ва кафкубӣ истиқбол гирифт. Сиёваршан дарк кард, ки дар муқобили издиҳом коре кардан амри муҳол аст. Ба паҳлӯи Спитаман омада оҳиста ба гӯшаш гуфт:

– Сардор, бигзор, тақдир чизе бошад ҳамон мешавад.

– Чӣ мегуӣ Сиёваршан, сагони зард фармони қатли туро баровардаанд.

– Бегумон, Маздо беҳтар аз ҳама ба ёд дорад, ки девону мардумони дурманд чӣ карданд ва огоҳ аст, ки дар оянда чӣ хоҳанд кард. Додгустар дар ҷаҳон танҳо Аҳуро аст. Пас онҷӣ хости ӯ бошад, ҳамон хоҳад шуд.

Сипас Сиёваршан аз Авасто азёд хонд:

«Эй Ардвисура Аноҳита! Эй нек! Эй тавонотарин! Маро аз комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар Гандареваи зарринпошна, дар каронаи дарёи пурхезоби Фароҳкарт пирӯз шавам: ки ман бар ин замини паҳноварӣ гӯйсонӣ дуркарона тохткунон ба хонаи устувори дурванд бирасам.»

Инро Сиёваршан аз дафтари якуми китоби муқаддаси Авасто аз қисмати «Гоҳон» ва Хурдод-яшт гуфт. Спитаман дам фурӯ баст ва ба ҷои худ омада истод, то бубинад чӣ мешавад. Селектрус бо чаҳор сарбози савораи дигар ба майдон баромаданд. Бо ишораи Спитаман яке аспи Сиёваршанро вориди майдон кард. Тахорӣ ҷаста худро болои он гирифта, найзаро озмоишкорона дар дасташ тоб дод ва зиреҳу лавозимоти ҷангии дигари баданашро бори дигар аз назар гузаронд. Селектрус дар муқобили ӯ омада истод, чаҳор нафар аз пушташ.

– Бубахш, дӯсти кӯҳистониам, фармони қатли туро шоҳ баровард, ман фақат иҷро мекунам.

– Ҳоло маълум нест кӣ фармони қатлро иҷро мекунад.

Селектрус дигар чизе нагуфта шамшер болои сар бардошта, омодагии худро исбот кард ва издиҳомро ба ғавғо овард. Сипас аспро ба дигар тараф гардонда аз тахорӣ дур шуданд. Аз дур якбора ҳама ба сари тахорӣ ҳуҷум карданд. Тахорӣ ҳам сӯи он панҷнафара дар як даст шамшер дар дасти дигар найза асп давонд. Расидан баробар шарақкоси баланд ба фалак печиду Сиёваршан аз байни онҳо гузашта буд, ки Спитаман дид, ки аз китфаш хун ҷорӣ шуд. Дуртар рафта буданд, ки яке аз саворагони юнонӣ аз болои асп ба зер афтид. Танҳо

баъди афтиданаш ҳамагон диданд, ки гарданаш то нисф бурида аст. Ҷароҳати китфи тахорӣ он қадар жарф набошад ҳам хунфишон буд. Спитаман боз эътироз карданӣ шуда ба тарафи шоҳ равон шуд, аммо касе бошаст роҳашро бурида гузашт. Дид, ки ҳамон савораи сиёҳпӯш аст. Савора ба назди панҷара рафта, тир дар камон андохта, яке аз ҷангиёни юнониро нишон гирифта парронд. Тир дар синаи яке аз онҳо нишаста, ӯро аз асп ба зер карда буд, ки Селектрус ҳуҷумро қатъ карда ба он тараф нигарист. Сиёваршан ҷароҳатро дошта буд, ки хуни зиёд наравад. Шоҳ оташин шуда аз ҷой бархоста буд, ки издиҳоми аз ҳунарнамоии савор ба ваҷд омада аз ҷой бархоста ғирев бардошт. Сиёҳпӯш қаҳрамони колизей буд. Пайдо шудани ӯ издиҳомро ба ваҷд овард. Рӯзи сиёҳе дар колизей ҳукмфармо шуд. Ҳам тахориҳо ҳам юнониҳо бо ғиреви худ дархост карданд, ки савораи сиёҳпӯш дар муҳориба иштирок кунад, то нерӯҳо баробар бошанду муҳориба тамошобоб.

Император роҳи дигар наёфта бо даст ишора кард, ки ӯ розӣ аст. Аспи сиёҳпӯш чун бод аз болои панҷара гузашта ба майдон баромад. Мардум, Антиох ва худи Селевкончунон ба ваҷд омаданд, ки агар ҳамин лаҳза империя барбод мерафт ё оташи вулқони Визувийи Помпея ба Мароқанд ва Александрияи Ақсо мерехт, касе парво надошт. Сиёҳпӯш ба бари Сиёваршан омада истод. Сиёваршан оҳиста гуфт:

– Хок бар сарат, Хурдак, ин чӣ масхарабозист? Рӯятро кушо!

– Наметавонам, ин ҷо ҷои суҳбат нест.

– Кушо мегӯям, – гуфта Сиёваршан чанг зада ниқобро кушод. Касе, ки ӯро мешинохт дар ҳайрат монд. Тахориҳо, Апама ва Антиох баъзе юнониҳои дарборӣ ӯро дида, бо даҳони боз нигоҳ карда, дам фурӯ бастанд. Дар ин лаҳза кӯчманчие, ки дар оғози колизей гуфта буд кушандаи рафиқонашро медонад давида ба назди шоҳ рафта дод зад: ҳаминай, ҳаминай ҳамон нохалаф!

Колизей ба як бор дам фурӯ баст. Сиёваршан хатояшро дарк кард.

Ва шумо боз мехоҳед, ки ба ин ду ҷинояткор мо ҳукми қатл надиҳем? Рӯ ба издиҳом оварда нидо дод Селевк.

– Не, не, не… – садо дод Антиох ва тамоми нишастагон аз ҷой бархоста ҳамин ду ҳарфро такрор карданд. Сипас Антиох дод зада Хурдакро мухлисӣ кард: Хур-дак-Хур-дак!

Бо вуҷуди ин ҳам бо ишораи шоҳ дучархаи дуаспа ва болои он се савори мусаллаҳ ба майдон баромад. Сиёваршан ва Хурдак ба ду тарафи майдон тақсим шуданду аспҳоро чун бод гирдогирди майдон ронданд Онҳо хуб медонистанд, ки истодан дар як ҷо баробар ба худкушист. Хурдак, ки дар муқобили аробаи ҷангӣ худро дид, рост ба болои он асп давонд.

– Исто, девона, аз паси ман биё! Баланд шуд садои Сиёваршан, аммо дер шуда буд, то ароба масофаи хеле кам монд. Ҳамин, ки се қадами дигар монд Хурдак аз болои асп худро болои ароба ҳаво дода, ҳангоми афтидан ба сари яке аз сарнишинон бо шамшер зарба зад. Яке машғули ароба буд. Дигарӣ дашна кашида хост ба дили Хурдак халонад. Ӯ худро бо даст ҳимоя карданӣ шуд, ки шамшер аз дасташ парида рафту дасташ маҷрӯҳ шуд, аммо зарба корагар набуд, даст кор мекард. Лаҳзаи дигар мушт ба рӯи савор зада буд, ки ӯ каме гаранг шуд. Дар он тарафи майдон Сиёваршан бо се юнонии боқимонда дар набард буд. Хурдак аз фурсат истифода бурда, дашнаро аз ғилоф кашида ба гулӯи сарнишини ароба халонд. Ғирев аз ниҳоди тамошобинон ба фалак печид. Сипас дашнаро гардонда, ба дили аробасавори сеюм то гӯшҳояш ғарқ кард. Антиох ба ваҷд омада, мушт канда гӯё ба Хурдак тақлид мекарда бошад мисли он, ки зарба мезанад даст афшонд. Селевк ӯро дида оҳиста зери лаб гуфт: морбачча мор мешавад.

Хурдак ҷасадҳои нимҷонро аз дучарха ба зер афканда, лаҷоми аспҳоро ба даст гирифта, аробаро гардонда сӯи Сиёваршан ва юнониҳо чун бод ҳаракат кард. Сиёваршан пушт сӯи ароба ки буд баъд аз ҳама онро дид. Чун ҳарсе юнонӣ ба он тараф назар карданд, Сиёваршан бо шамшер ба шиками яке зада рӯдаҳояшро болои зин пош дод. Сипас аробаро дид, ки ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз онҳо аст. Якҷо бо ду юнонии боқимонда дар гурез шуданд, аммо ароба чунон тез ҳаракат мекард, ки ҷои гурез набуд. Дар як лаҳзаи дигар ҳамаро зер

карда гузашт. Аспҳо якҷо бо саворон ҳарсе ба замин афтиданд. Ароба чун бод ба дигар тарафи майдон рафта буд, ки ду нафар аз занҷирҳо дошта Зенро ба майдон бароварданду занҷирҳоро раҳо карда гурехтанд. Ваҳшӣ чун хирс ва паланг садо бароварда ба тарафи Сиёваршан ва ду юнонии дигар давид. Ҳарсе гурехтанд. Хурдак аробаро болои ӯ ҳай кард. Ғайричашмдошт ваҳшӣ нагурехт. Балки дар ҷояш истода занҷирҳои дасташро ба ҳайси ярок тоб додан гирифт. Чун ароба расид наъраи ҷонкоҳ зада буд, ки аспҳо рамида ба ду пой рост шуданд. Ваҳшӣ дасташро ба гардани яке аз аспҳо ҳалқа карда бо тамоми нерӯи ғайриинсониаш тоб дода буд, ки асп ба замин афтид. Аспи дигар бо ароба якҷо чаппа шуд. Хурдак аз болои ароба ба замин парида фаромада, лангонлангон гурехт. Маълум, ки пояш осеб дидааст. Зен ғурридаю наъра зада аз пушташ давид. Ҷони Хурдак дар хатар буд. Сиёваршан бо ду юнонии дигар дар задухӯрд буд. Дар ин асно Спитаман байни Хурдак ва ваҳшӣ пайдо шуд. Шоҳ ҳис кард, ки вазъият аз дасти ӯ кайҳо раҳо шуда ба дасти издиҳом задааст. Ҳама умедаш ба ваҳшӣ ва Селектрус шуд, ки ҳамаи ин тоифаи саркашро ҷазо бидиҳанд. Ғайричашмдошт Спитаман найза ба синаи ваҳшӣ зада буд, ки фиғони ҷонкоҳе аз ниҳоди ӯ ба фалак печид. Наъра он қадар сахт буд, ки садои ғавғои издиҳомро пӯшонд. Лаҳзае колизей сокит шуд. Спитаман дид, ки найза фақат то пайконаш ба синаи душман халидааст, яъне наъраи ваҳшӣ, наъраи дард не, балки наъраи ғазаб буд. Зен бо занҷири дасташ ба Спитаман зарба зад. Тахорӣ занҷирро дошта сӯи худ кашид, аммо ваҳшӣ аз ҷой начунбид. Спитаман донист, ки ин ҷонварро бо зӯр куштан ғайриимкон аст. Ҳанӯз занҷирро сар надода буд, ки ваҳшӣ кашида Спитаманро ба замин афтонд. Сипас баҳузур найзаи дар қафаси синааш дармондаро кашида гирифта, онро шикаста як сӯ ҳаво дод. Ҳам ангушт ба хуни худ зада лесид ва ба сари Спитаман ҳуҷум кард. Ҷони сарлашкар дар хатар шуд. Ҳамин замон Қорани маҷрӯҳ, ки болои асп нишаста ин манзараро наззора мекард тир ба пушти ваҳшӣ зад. Ӯ ба қафо гашта Қоранро дида, ба тарафи ӯ давид. Шоҳ ду нафарро фармуд фавран ин ҷанговари қоидаро вайронкардаро даст баста биёранд, аммо

қабл аз онҳо ваҳшӣ ба ӯ расид. Қоран шамшер аз наём кушода ба ваҳшӣ ҳуҷум кард. Зарба зада буд, ки ваҳшӣ аз банди есташ дошта ӯро аз асп ба зер афканд. Шамшер аз дасташ яксу афтид. Қоран мушти обдоре ба рӯи ваҳшӣ зад. Ваҳшӣ наъраи ҷонкоҳ зада ба ҷои он, ки худро ҳимоя кунад рӯяшро наздик овард. Қоран мушти дигар ба рӯяш зад, хун аз бинии ваҳшӣ ҷорӣ шуд. Тамоми издиҳом, ҳам тахориҳо ва ҳам юнониҳо ба ваҷд омада, фиғон бардоштанд ва аҳсан ба Қоран гуфтанд. Аммо амри тақдир дигаргуна буд. Дар як они воҳид ваҳшӣ гардани Қоранро ба қафо тоб дода, мисли гардани гунҷишк шикаст.

Спитаман расида аз пушт бо найза ба ваҳшӣ зарба зад. Найза ба қадри як ваҷаб дар пушташ нишаст. «Марг» наъра зада мушти оҳанинашро ба чаккаи сари Спитаман чунон сахт зад, ки сарлашкар беҳуш ба замин афтид. Дасти муҳофизони шоҳ байни тахориҳо ва дар майдонбудагонро девор гирифтанд, то халал нарасонанд. Сиёваршан Селектрус ва ҷанговари дигарро гузошта ба ёрии Спитаман шитофта ба сари ваҳшӣ ҳуҷум кард. Ваҳшӣ даст дароз карда, найзаи пушташро шикаста ба тарафи Сиёваршан ҳаво дод, ӯ бо шамшер зарбаро рад карда ба ваҳшӣ расид. Аз ҷароҳатҳои хурда, Марг заррае суст нашуда буд, ту гуфтӣ, ки ин зарбаҳо ҳамагӣ ӯро бедор кардаанд. Аз гардани аспи Сиёваршан дошта онро бо савор ба замин зад. Хост бо пойҳо ба сару рӯи Сиёваршан зада, кори ӯро тамом кунад, аммо Спитаман ба худ омада, аз замин бархоста корд ба пушти ӯ зад. Ин ягона зарбае буд, ки ба ваҳшӣ корагар шуд. Хун чун чашмаҳои кӯҳистони Тахористон аз пушти ҷонвар ҷорӣ шуд. Ваҳшӣ аз дард чунон зуд ба қафо гашт, ки дасташ расиду корд аз дасти сарлашкар раҳо шуд. Спитаман мушт ба даҳони ваҳшӣ зад. Душман аз зарби корд суст шуда буд ё Спитаман сахт ба ғазаб омада, ки аз зарби ҳамин мушт Зен якпаҳлӯ ба замин афтид. Хурдак фавран кордашро ба гулӯи ӯ халонд. Фихх-х садо баровардани ҷонвар якҷо бо хун аз гулӯяш берун шуд. Дар ин ҳангом Селектрус расида омада, Спитаманро дар ғафлат ёфта найзаи кӯтоҳ ба пушташ халонд, аз ин зарба сарлашкар ба замин афтид. Шамшер баркашида хост зарбаи ниҳоӣ бизанад, аммо Хурдак

ба пойҳояш бо пойҳои хеш сахт зада буд, ки юнонӣ ба замин афтид. То ин дам Сиёваршан аз замин бархост, аммо зарбаи задаи юнонии дигарро гардонда натавонист. Юнонӣ найзаро сӯи Хурдак патоб карда буд. Найза ба ҷои ҷароҳати ҳанӯз сиҳатнашудаи Хурдак расида, ба қадри ду ангушт даромад. Сиёваршан корди дар дасташ будаše партоб карда, синаи юнониро шикофт. Дар майдон Сиёваршан монду Селектрус. Ҳарду ҳам аз хуни худу хуни душман сартопо хунолуд буданду хаста. Спитаман дар замин беҳӯш буду Хурдак ҷисмашро ба канори майдон мекашид.

– Фраваширҳои неруманди пирӯзи нахустин омузгорони кеш ва фравашаҳои ниёконро ситоишу ниёишу хушнудиву офарин! – баланд шуд садои хеле марғуладор ва пурқуввати мубади дайри Мароқанд. Ӯ наздик ба шоҳ буд. Якбора нӯҳ мубади дигар, ки суғдиҳо оварда буданд ба ниёиш даромаданд. Аз Авасто мехонданд, то ба ҷангиёни худ нерӯ бахшанд:

«Йата аҳу варйа, ки Заут маро бигӯяд: Асаратуш ашатчит ҳача!

Аҳура Маздои ройуманди фаррамандро меситоем.

Амшоспандон, шаҳриёрони неки хубкунишро меситоем.

«Гоҳон»-и ашаван, сармади шаҳриёрон ва ашаманонро меситоем.»

Тахориҳои дар зер буда ва тамоми ҳудуди се ҳазор суғдии дигар бо мубадон ҳамовоз шуданд:

«Аҳунавард»-гоҳи ашаван, ради ашаваниро меситоем.

«Уштавадгоҳ»-и ашаван, ради ашаваниро меситоем.

«Спантамадгоҳ»-и ашаван, ради ашаваниро меситоем.

«Воҳуҳшатрагоҳ»-и ашаван, ради ашаваниро меситоем.

«Воҳиштаиштигоҳ»-и ашаван, ради ашаваниро меситоем.

«Йата аҳу ваирйа, Ашем воҳу, Йата аҳу ваирйа, Ашем воҳу.»

Ғулғулаи ниҳоят шигифтангез дар фазо печид. Селевк ба таҳлука афтод, фармуд то ду дастаи дигар аз муҳофизонро ба колизей биёранд. Шоҳ дар ҳайрат афтод, ки чӣ гуна Авасто то ҳанӯз маҳфуз аст, вақте Александр ҳама нусхаҳои онро ғун дошта сӯзонда буд.

Зери ана ҳамин садои мутантани Авасто Сиёваршан ба тарафи Селектрус давид. Расидан баробар аз гардани ӯ дошта тоб дода ба заминаш зад. Рӯи регу хок ҳарду ҷанговар тоб хӯрда ҷангкунон ба ин тарафу он тарафи майдон ғел мехӯрданд. Муштҳои ба сару рӯи Селектрус задаи Сиёваршан бо нидоҳои шодӣ истиқбол мешуданд. Антиох аз ҷой бархоста ба тахорӣ мухлисӣ мекард, падараш ба Селектрус. Ниҳоят юнонӣ фурсати муносиб ёфта аз ҷой хеста аз зарбаҳои тахорӣ гурехта ба тарафи асп давид. Аз тарс чунон тез медавид, ки Сиёваршан ба ӯ расида натавонист. Ҷаста болои асп баромада, канор тохта аз болои асп хам шуда, шамшери дар замин хобидаро гирифта, сӯи тахорӣ аспро маҳмез зад. Сиёваршан дигар на ҳимояе дошту на яроқ барои зарба задан. Камтарин яроқ найзае буд дар масофаи камаш 8 қадам дуртар аз ӯ, ки маълум буд фурсати бардоштани он нест.

Маълум буд, ки аз сад ҷон як ҷони тахорӣ раҳо намеёбад. Селевк аз ҷой парида хеста барои аввалин бор дод зад: бикуш ӯро-бикуш ӯро... Издиҳом кӯр-кӯрона нидои ӯро такрор кард. Якбора тамоми аҳолии юнонитабори масти муҳорибаҳои имрӯза чун мардуми нашъаманд нидо доданд бикуш-бикуш-бикуш...

Садои дуҳул ба фалак печид. Сиёваршан аз зиндагӣ ноумед шуд. Дастаи тахориҳо ба ҳуҷум гузаштанд, аммо қатори ҷанговарони яккачин садди роҳи онҳо шуданд. Дар охирин лаҳза Селектрус шамшер бардошт, ки сари Сиёваршанро аз танаш ҷудо созад, аммо ғайричашмдошт байни гарду ғубор якбора аз болои асп ба замин афтид. Тамоми колизей дам фурӯ баст. Ҳама ҳайрон шуданд. Селевк чашмони гирди кабудашро калон кушода ба ин тарафу он тараф нигоҳ мекарду чизеро сарфаҳм нарафт. Ончунон дар ғазаб буд, ки аз шиддати ҳаяҷон меларзид. Апама бошад чашмонашро сахт пӯшида, сад лаънати Спитама Зардушт ба ташкилкунандагони ин хунрезӣ кард.

Баъди нишастани ғубор ҳама диданд, ки тире ба пушти Селектрус халидааст. Ҳама гашта ба тарафи муқобил нигаристанд. Хурдак дар ҳоле, ки ҳанӯз найзаро аз шикамаш накашида буд, базӯр рост истода буду камон дар дасташ. Ғиреви

шодӣ ва ҳаяҷон аз ниҳоди мардуми тамошобин ба само печид. Сиёваршан болои Селектрус сар хам кард. Дар охирин лаҳза юнонӣ ҳамин қадар гуфт, ки бубахш маро, дӯстам... ва ҷон дод. Апама сиришк аз дидагон фурӯ рехт. Селевк аз ғазаб фаромӯш кард, дар бораи хотимаи бозиҳо эълон кунад, ҳамин тавр баромада рафт.

Дастаи сипоҳи юнониҳо майдонро тарк карданд. Тахориҳо ҳама ба як бор ба майдон даромада ҷисми нимҷони Спитаман ва Хурдакро бароварданд. Сиёваршан дар такяи ду нафари дигар хастаю абгор сӯи ҷасадҳои нимҷони сарлашкар ва Хурдак омад. Онҳо дар интизори омадани табибон дар замин мехобиданд. Сиёваршан дар назди ҳарду дузону нишаста, озмоишкорона ба ҳарду нигарист. Ҷароҳатҳояшон хунфишон буд.

– Чунӣ ту, дӯстам? – Пурсид Сиёваршан аз Хурдак.

Хурдак ба ҷои посух ҳамон ниёиши Авасторо зери лаб такрор кард: “Агар бе-мо-рии маргзой шом-гоҳон фароз ояд, дар-мони он бом-до-дон бира-сад”.

Спитаман базӯр дасти пурқувваташро дароз карда дасти Сиёваршанро маҳкам дошта, охири ҳамин ниёишро такрор кард: «Бишавад, ки борон обҳои тоза фурӯ борад; хокро нав кунад; дарахтонро сарсабз кунад ва тандурустии наву тавоноии тоза дар кори дармон падид оварад.»

Ҳамин дам Антиох расида омад. Сиёваршан бархоста ба ӯ роҳ дод. Антиох дар назди Хурдак ба замин нишаста, дасташро ба даст гирифт.

– Фақат намур, Хурдак, намур, ту пурқувватӣ-ку.

Хурдак ба ӯ нигоҳ карда базӯр оҳанги табассум кард, аммо сухан гуфта натавонист.

Табибони юнонӣ омада ҳардуро бардошта бурданд. Расо баъди як моҳ Спитаман ва Хурдак батамом шифо ёфтанд. Юнониҳо дар ҳақиқат дар илми тиб аз мубадони кӯҳистон кам набуданд. Фақат инҳо бо набототу муолиҷа мекунанду кӯҳситониҳо бо гиёҳҳо ва мумиё. Ҷароҳатҳои Сиёваршан низ тӯли ин муддат батамом сиҳат ёфтанд. Апама ва Антиох қариб ҳар рӯз ба аёдати тахориҳои ҳамқавмони худ меомаданд. Барои табобати онҳо чизеро дареғ надонистанд. Се рӯзи охир аз табобатгоҳ баромада ба хаймаҳо рафтанд, то

рахти сафар банданд. Бегоҳ Антиох бо модараш ба назди онҳо омаданд. Апама сарашро ба китфи Сиёваршан монда талх гиря кард. Сиёваршан ҳис кард, ки зеботарин ва пуршарафтарин зани Суғди Муқаддас, духти номдортарин марди сакоитабор – бабри биёбони Суғд Спитамани диловар ғариб асту дар асорат. Дилаш ба ӯ сухт.

Антиох ба назди Хурдак омада рӯбарӯяш нишаст:

– Гӯш кун, Хурдак, агар ман туро ба дарбор даъват кунам, ҳамин ҷо мемонӣ?

– Не, дустам, мо гургему бо гӯсфандони юнонӣ созиш намекунем.

– Бо юнониҳо не, бо ман созиш кун. Ба наздикӣ Александр писари Рухшонак, ҳамсари Александр аз Юнон меояд. Ӯро ҳам бо худ мегирем, ба сари Птолемей ва Кратер юриш карда, онҳоро шикаст медиҳем, сипас ман туро волии Тахористон таин мекунам.

Хурдак табассум карда ба Сиёваршан нигарист.

– Чӣ механдӣ, волӣ, рост мегӯяд, – гуфта тамасхур кард.

– Майлаш дӯстам, аввал ту бузург шав, ҷои падаратро гир. То он дам ман гашта меоям.

Антиох аз кисса як ҳамён зар бароварда ба панҷаҳои Хурдак гузошт. Пурсид ин чист? Гуфт зар аст, туҳфа барои ту.

– Не дӯстам, ҳоло ту хурдсол, ҳуқуқи чунин туҳфа доданро надорӣ.

– Дорад, – аз пушти Сиёваршан баланд шуд садои Апама. – Ин пули худи ӯ аст, бигир, аз туҳфа рӯй намегардонанд.

Хурдак туҳфаро қабул кард. Фикр кард бо ин пул ҳам тӯй кардан мумкин, ҳам туҳфаи зиёд барои модарашу Гулбасар харидан мумкин.

Дами дарвозаи шаҳр як даста юнониҳо онҳоро интизор буданд. Ҳама ба таҳлука афтоданд. Сиёваршан даст ба шамшер бурд, ки Спитаман ӯро боздошт.

–тТуҳфаҳои шаҳаншоҳ Селевкро қабул кунед, қаҳрамонони колизей мардони бошарафи Тахористон. – Инро гуфта сарбоз ба чап ишора кард. Он ҷо 100 аспи хушзот, лавозимоти наппа нави ҷангӣ ва зару ҷавоҳири дигар онҳоро интизор буд.

– Аз ин ба баъд шумо дӯстони хонадони шаҳаншоҳ Селевк

ба ҳисоб меравед, – гуфт сарбози тухфа оварда, – дарбор ба рӯи шумо кушодааст. Ин лавозимотро барои мубориза бо душманони умумии мо – кӯчманчиҳои роҳзан истифода баред. Дар он ҷо шумо дар паноҳи шоҳед!

Дастаи хурди тахориҳо аз дарвозаи Мароқанд берун шуданд. Дар берун мардумони зиёдеро дида дар ҳайрат афтоданд. Ҳама дуқатора дар ду бари роҳ саф баста буданду бо тахориҳои шердил видоъ мекарданд. Сояҳои дарози қаҳрамонони тахорӣ аз таъсири митра дар ҳаракат буданду мардум онҳоро ҳамчун шарафу номуси ин қавм гусел мекарданд. Ин ҳамон тоифае аст, ки ба Тахористон баргашта, мардуми аз кӯҳистон фаромадаро истиқбол мегирад ва муҳофизат мекунад. Ин мардум ба сарзамини бумии худ – водиҳо бар мегардад ва маданияти фаромӯшнашудаи худро бо маданияти дар кӯҳистон ба даст оварда омезиш дода, сайқал медиҳад. Ин мардуми сарбаланди ориёӣ дубора шуҳраи ҷаҳон мешавад. Замоне фаро мерасад, ки ин мардум бо илму фарҳанг хиради воло ҷаҳонро тасхир мекунад, аммо ҳоло хирад дар ҷои дуюм аст. Ҳама баҳсҳоро шамшер ҳал мекунад, ҳама ҳақиқатро яроқ собит месозад. Тӯдае, ки ин сарзаминҳоро ишғол кардаанду мардуми бумиро ғорат мекунанд, на фарҳанг доранду на ҳарф ва на китобеву насиҳатгаре. Қаҳрамонони тахорӣ ба хубӣ дарк мекунанд, ки бо ин тоифа бо забони хирад сухан гуфтан маънӣ надорад. Ҳатто онҳое, ки хирад доштанду худро шуҳраи ҷаҳон меҳисобиданд, бист соли пеш хуни ин мардум рехтанд. Гумон карданд, ки баъди вайрон кардани кӯшкҳои пурнақшу нигор ва сӯхтани Авасто дигар фарҳанги ин мардумро зинда кардан номумкин аст, аммо имрӯз дар колизей диданд, ки не ин мардумро ба ғуломон табдил додан номумкин аст. Балки болотар аз ин, соҳибони аслии ин сарзамин ҳаминҳоянд. Ҳама дигар нерӯҳое, ки аз набототи ин сарзамин истифода мекунанд, муваққатианд. Рӯзе ин мардум барои ватани аҷдодии худ қиём мекунад ва онро дубора ба даст мегирад. Баъди наззораи шамшерзании ин мардум дар колизей шоҳ дарк кард, ки империяи Александр ҳам муваққатӣ аст. Фақат метавон бо тадбир умри онро дарозтар кард. Баъди сари тахт омадани Антиох – набераи Бабри биё-

бони Суғд қаҳрамонони ин сарзаминро метавон ба дарбор наздик кард ва бар алайҳи душманон шӯронид. Мо бояд бар алайҳи Птолемей бар зидди Миср, бар зидди Лизимах бо қисмати шимолии Осиёи Хурд ва Фракия, бар зидди Касандр бо Юнон ва Македония биҷангем. Ҳоло дигар Александр зинда нест, ки сипоҳи ҷаҳонгир таъсис диҳад. Маҳз ҳамин мардуми аллакай омода метавонанд тамоми дунёро дар пеши пои ман ниҳанд.

**Аҷузаи Киропол**

Аз он лаҳза солиёни зиёд сипарӣ шуд. Чӣ қадар обҳо ҷорӣ шуданд ва чӣ қадр моҳтоб ҷойи офтобро иваз кард. Аммо то ҳанӯз дар Суғдиён ва дар Юнон мардум аз қаҳрамониҳои Спитаман ва хиёнати Зара суҳбат мекунанд.

Ҳар рӯз ба назди девори Киресхата аҷузае омада, бо кадом забони барои мардуми бумӣ номаълум, то дер гоҳ бо нидоҳои ваҳшатнок чизе мегӯяд. Ба назди дарвозабон омада, таҳдид мекунад, Александри қотил ва бачабозро бо бадӣ ёд мекунад, Олиҳа Ашаро номбар мекунад ва билохира, исми Спитаманро гирифта, болои посбон мушт меканад. Гоҳо сипоҳӣ бо лагад ба шикамаш зада, ӯро пеш мекунад, аммо боз баъди чанде ба худ омада, ҳарза мегӯяд. Баъди аз ҳол рафтан, аз дарвоза хело дур шуда, сарашро болои қуми тафсон монда, хоб меравад. Корвониёни ба шаҳр омада, аз рӯи раҳму шафқат барои ӯ об ва хӯрок таҳия мекунанд.

Ин аҷуза 60 сол қабл зани зеботарини Мовароуннаҳр, ҳамсари бошарафтарин мард – қаҳрамони суғдиён Спитаман аст, ки Пердикка баъди бозгашти қисме аз сипоҳи Александр аз Ҳиндустон ба ин ҷо оварда, ҷиҳати дарди сар буданаш, партофта рафта буд. Духтари ӯ Апама, баъди тороҷ шудани мулки Ороба зинда монд. Шаҳаншоҳи нави Мовароуннаҳр ва Хуросон – Селевк он миқдор боигарӣ барои ӯ ҷудо намуд, ки то ба воя расиданаш, ҳам ба канизаки сарпарасташ ва ҳам ба худи ӯ басанда шуд. Духтари зеборо шаҳаншоҳи Суғдиён – Селевк ба занӣ гирифт. Даҳ сол қабл Апама низ аз ҷаҳон даргузашт, аммо ҷони Зараро Аҳура то ҳанӯз намегирад.

Бод ғубори даштро бардошта, ба сару рӯйи аҷуза мезад.

Гоҳо ба назараш мерасид, ки шавҳараш болои аспи зебояш дар даст корди дурахшон ҷониби ғарб мешитобид, он сӯе, ки лашкариёни Александр рафта буданд. Гӯё арвоҳи қаҳрамон онҳоро таъқиб мекунад. Якбора аз ҷой парида хеста, наъра мезанад, чӯберо дар даст гирифта ҷониби дарвозаи шаҳр мешитобад. Билохира, вопасин садои ҷонкоҳи Бабр: Зара-а-а-а… осмонро пур карда, пардаи гӯшашро медарад.

Билохира мурдаи ӯро корвониён дар биёбон ёфта, зери хок карданд.

## Охирсухан

Бо гузашти беш аз ду ҳазор сол аҷдодони Спитаманро то андозае саркӯб намуданд, ки бостоншиносонаш дилу гурдаи ҳатто аз қаҳрамониҳои аҷдодашон ҳарф заданро надоранд. Дар он гӯшаи дунё, дар кӯчаҳои Афина бошад, мардуми барои ӯ бегона то ҳол бо ифтихор аз рақиби арзандаашон сухан мегӯянд. Кӯдаконашон болои аспчаҳои чӯбин ба Спантамано тақлид карда, шартан сари Дракилро бо корди чӯбинашон «мебурранд.»

Чӣ рӯзгоре, чӣ қисмате… Ҳоло аҷдодони Бабри биёбони Суғд – Спитаман хеле заиф шудаанд. Онҳо ҳатто метарсанд дар асарҳои бадеӣ, намоишномаҳо ва наворҳо Бабрро ҷавон нишон диҳанд. Аз рӯи хислати «хирадмандпарастиашон» Спитаманро ҳам мӯйсафеду хеле хирадманд нишон медиҳанд. Гӯё бо панду насиҳат ин ҳама лашкари душманро саркӯб мекард на бо зӯри шамшер. Имрӯз шиори ин миллат «гардани пастро шамшер намебуррад» шудааст. Бо гузашти бештар аз ду ҳазор сол қабилаҳои дузду ғоратгари аз он сӯи кӯҳҳо ба ин сарзамини пурфайз омада, аз фазои қаҳрамониҳои Суғдиён нафас кашида, нерӯ гирифта, худро соҳибватан ва аҷдоди Бабри биёбони Суғд меҳисобанд. Чӣ рӯзгоре, чӣ нанге… чӣ оре!

Соли 2010

# ҲИКОЯҲО

## РОҲИ ПУРХАТАР

Барои дарёфти қути лоямут мошини кӯҳнаи аз падари раҳматиям мерос мондаро таъмир карда мусофиркаш шуда, ду сол аз рӯи ин касби бароям бегона нон хурдам. Мутаассифона даромади ҳаррузаи ман ба маънои аслиаш фақат барои хариди нон мерасид. Рӯзе ба ҳисоби миёна се-чор сомонӣ даромади соф магар барои хӯрондану пӯшонидани шаш узви оила мерасад? Бечора занам аз саҳар то бегоҳ, баъзан шаб то ба рӯз ба пухтани анвоъи ширинӣ машғул асту духтараки дувоздаҳсолаам ба фурӯхтани онҳо. Гоҳо аз назди бозор гузашта мебинам духтарам дар сармо таги як ҷомаи кӯҳна ва калӯшҳои дарида аз сармо ларзида дар даромадгоҳи бозор нишаста, машғули савдо аст дилам реш-реш мешавад. Қариб ҳамарӯза тасмим мегирам, ҳамин рӯз агар пули хуб дарёфт кунам як миқдорашро пас партофта, дар як ҳафта ҳатман барои ӯ жемпери гарм ё калӯши нав мехарам, аммо бегоҳ ҳамон мушкили нон корро вайрон мекунад.

Касби навам аз касби пештараам, ки муаллимӣ буд, ба куллӣ фарқ мекунад. Мусофиркаш ҳар рӯз бо одамони нав во хӯрда чизи наве ёд мегирифтааст. Дар ду соли мусофиркашиам воқеоти зиёде аз сарам гузаштанд, бисёрашон фаромӯш шуданд, лекин воқеае, ки се моҳ пеш рух дода, қариб решаи умрамро барканад, тамоми умр дар хотирам мемонад. Ҳоло ҳам ҳангоми ба хотир овардани он дилам таҳ мезанад. Андӯҳи бузурге ҳастиамро фаро мегирад. Сияҳрагҳои рустии қалбам ба ларза медароянд. Хотироти талху ҳамзамон ширине вуҷудамро фаро мегиранд. Баъзан шабҳо бедор шуда занамро гирён мебинаму сабабашро мепурсам. Оби чашмонашро пок карда мегӯяд: ба паҳлӯ хоб кун, қариб ҳар шаб дар хобат кадом як Сурайёро ҷеғ мезанӣ. Бисёр ошиқи зор шуда бошӣ, рафта ӯро ҳам ба занӣ гир. Чӣ худатро ин қадар харобу хазон кардаӣ?!

Бечора занам чӣ медонад, ки Сурайёи ман манзили охираташро дохили мошини кӯҳнаам интихоб карду якҷо бо

муҳаббати аввалину охиринам ба як бор ғайб зад. То ҳанӯз чашмони маҳзуну пуробаш пеши назарам меоянду гулӯямро гиряи талхе маҳкам мебандад.

Дар он рӯзи сармо симоби сурхи ҳароратсанҷи ҳавлӣ ба 13 дараҷа паст фуромада буд. Аз шиддати хунукӣ ва роҳҳои барфпӯшу яхбаста ягон ронанда ҷуръат намекард паси рули мошин нишинад, аммо ман ҷуръат кардам. Маълум буд, ки роҳи Кӯлоб-Ховалинг бастааст, аммо бо вуҷуди ин ба истгоҳ омадам. Агар ягон мусофири корафтода пайдо мешуд, мебурдам. Илоҷи дигар надоштам. Намерафтам ҳамон рӯз бо кӯдаконам гурусна мемондем. Моҳи шарифи Рамазон ки буд шириниҳои пухтаи занам ба савдо намерафтанд, набошад як бало мекардем. Кӯчаҳои шаҳр яхпӯш буданду лағжонак. Аҳёнан баъзе мошинҳои пурқувваттар ба чашм мерасиданд, ки ҳатто онҳо ҳам рӯи ях лағжида базӯр ҳаракат мекарданд. Дар истгоҳи мо низ ҳамагӣ ду мошини кирокаш меистод. Ман сеюм шудам. Рӯзҳои дигар 15-20-то буд.

Тахминан як соат интизор шудам, ягон мусофири ба истилоҳи таксистон «вақтрасида» пайдо нашуд. Аз шиддати сармо аз осмон ба ҷои барф яхча меборид. Танҳо чик-чик ба шишаи мошин бархӯрдани онҳо ба гӯш мерасид. Баъди чанде боридани яхча ба барфи лаклакбор мубаддал гашт. Дар як лаҳза барф шишаҳои мошинро тамоман пӯшонида гирифт. Умедамро аз ёфтани мусофирони ховалинграв канда бошам ҳам, қарор додам боз каме сабр кунам, шояд то роҳҳои наздиктар, масалан Сангпару Зиракӣ ягон кас пайдо шавад. Ба палтои кӯҳнаам печида, миёни тӯдаи барф ба фикр фурӯ рафтам: То кай ба ин аҳвол рӯз мегузаронида бошем? Нисфи мардони қобили меҳнат дар ҷанги шаҳрвандӣ ҳалок шуданду нисфи дигараш дар Руссия ғуломӣ мекунанд. Боқимондааш героинфурӯш шуда ба маҳбас афтиданд. Маоши муаллиму духтур барои хӯронидани худи онҳо намерасад. Тамоми ҷаҳон дар фикри компутеркунонӣ асту технологияи муосир. Баъзеҳо дар Ғарб аллакай дар болои моҳу дигар сайёраҳо замин харидаанд, аммо мо тоҷикон бошем дар ғами рӯшноии хонаамон. Як бурда нони басерӣ намеёбем, ки бемалол бо кӯдаконамон нӯши ҷон кунем. Ҳамин, навакак аз ҷанги шаҳрвандӣ халос

шудем. Аҷиб, нони хӯрдан надорему ба куштори ҳамдигар даст задем. Ба ҷои он, ки шукри истиқлолият карда, ватанро обод созем, даст ба гиребони ҳамдигар задем. Дигарон месозанду мо месӯзем. Лекин шукр, ки Худо як бори дигар раҳмамонро хурд, то охир нест нашудем. Сарвари ғамхор ҳам дорем, як бало карда ин ватанро обод месозем, аммо ҳоло бошад мусофир ёфта нонпулӣ кор кардан даркор.

Риштаи хаёламро шарақкос кушода шудани дари мошин буррид:

– Душанбе меравӣ, – шунида шуд овози маҳини занона. Қариб дар як вақт бӯи атри қимматбаҳо ба машомам расид ва чеҳраи пурсандаро дидам. Рухсораҳои суп-сурхи зан дар шафати рӯи сафеду беғубор ва чашмони бодомии сиёҳу зебояш барқу барқ ҷило медоданд. Як даста мӯи мисли чашмонаш сиёҳ ва нӯкҳояшон яхбаста аз ду тарафи рӯй то ба манаҳи булӯринаш мерасид. Кулоҳи сабук ва қимматбаҳояш, ки аз пӯсти ким-кадом ҳайвони куҳӣ буд, то ба абрӯвони ҳамчун камонаш мехамбид.

– Шумо саҳв кардед хонум, ин ҷо истгоҳи Душанбе не, балки Ховалинг аст, – намедонам аз чӣ бошад табассум карда гуфтам ман, дар ҳоле, ки на майли табассум доштаму на сабаб.

– Агар инро ба ман на Акрами «лихач», балки дигар кас мегуфт ҳайрон намешудам.

– Шумо лақаби маро аз куҷо медонед? – акнун хандида пурсидам ман.

– Ҳо ана он таксисти дар пеш истода гуфт.

– Шумо, хонум, ғайрат карда он касро боз мепурсидед, ки барои чӣ ба ман ин лақабро додаанд, ба наздам намеомадед.

– Хайр, агар махфӣ набошад барои чӣ?

– На барои тез ҳай кардану бебокӣ, балки барои ноуҳдабароӣ ва ба ҳар чуқурӣ бархӯрдан.

– Лақабро муҳим нест барои чӣ гирифтаед, аммо ман ба ҳар ҳол пули хуб медодам, – боз кӯшиши маро розӣ кардан кард зан.

– Пули хуб куҷову киссаи чунин зебосанам куҷо?

Аҷиб, то ин дам ақидаам ҳамин буд, ки занони зебо пули

бисёр бояд дошта бошанд, аммо бо дидани ин духтар якбора ақидаамро дигар кардам. Шояд барои пур кардани фазои холӣ гуфтам? Боз шояд барои холӣ намондани фазо бо киноя гуфтам: сад доллар медиҳед? Духтар аз киса як саддоллара баровардa, болои курсӣ партофт.

Аз зуд розӣ шудани духтар ҳайрон шудам. Одатан мусофирон нархро боисрор паст мекарданд, ин бошад якбора пешпардохт кард. Интизор будам аз кинояи ман хафа шуда меравад, аммо дар ҳоле, ки нархи як мусофир то Душанбе ҳамагӣ 10 сомонӣ буд ин духтар сад доллар дода истодааст.

– Не духтари нағз, мошини ман кӯҳна, дилпур не. – Ба гумонам ин дафъа дар оҳанги гуфторам пай бурд, ки ман тамоман рад накардам, балки чанд фоиз бошад ҳам розӣ шудам. Аммо фоизи розигиам хело кам буд, ки дарро пӯшида дуртар рафта болои барф нишаст. Акнун боз нигарон аз он шудам, ки мошини дигар розӣ шуда ӯро мебараду ман мемонам. Ин дар ҳоле, ки маълум буд ман на танҳо ғами сад доларро мехӯрдам.

Аз афташ дар Душанбе кори заруре дорад, аз дил гузаронидам ман. Хуб медонад, ки мошини ман дар барфу лой аҷал. Ҳанӯз дар даврони Шӯравӣ «Нива» бо «передокаш» шуҳрат пайдо карда буд. Имрӯз ҳам дар кӯча аҳёнан «Нива»-ҳо ҳаракат мекунанд.

Аз афташ дар ин рӯзи хунук касе ба Ховалинг рафтан намехоҳад. Дар ин шоми моҳи шарифи рамазон бенон мемонем, изҳори нигаронӣ кардам ман. Шояд чархҳои нави мошини Карими ҳамсояро гирифта ин занро барам? Чанд бор Карим то харидани чархи нав чархҳои маро гирифта буд. Бешак, пурсам медиҳад. Сад долларро бошад ман дигар дар хоби шабам ҳам намебинам. Дар роҳ бошад суҳбат бо ин зан нархи сад доллари дигар меистад. Ба ҳар ҳол илоҷи дигар надоштам, ҳарчи бодо бод гуфта дарро кушода занро ҷеғ задам. Гуфтам пулро пешакӣ медиҳӣ, то ман тавонам бензин харам. Зан албатта гуфта дигарбора саддоллараро болои курсӣ партофт. Гирифта ин тарафу он тарафашро аз назар гузаронидам. Фикрамро пай бурда, духтар хандида гуфт: натарс, қалбакӣ не. Баъд қалбакиро бо чунин тарз намесанҷанд, балки бо даст рақами садро палмосида мефаҳмӣ.

Мо аз он мепалмосидагиҳо не, гуфтаму зуд пушаймон шудам, ки хафа нашуда бошад, аммо духтар дар ҷавоб табассуми ширин кард. Шин гуфтаму мошинро гарм карда ба роҳ баромадам. Зери чарххои мошин барфи хушк ғиҷиррос зад. Ба хонаи Карим расидан замон мошин лағжида ба ҷӯйбори кӯча даромад. Аз такони ногаҳонӣ ба назарам зан тарсид, ки рангаш парид. Ҳайрон шудам, ки ин гуна ин зани дар нигоҳи аввал бебок дар як бархӯрди ночиз ба ҳарос афтид? Тахмин кардам, бояд қаблан аз касе тарсида бошад. Боз чӣ гумон кардед, сағераҳои бетарбияи шаҳр чунин «луқмаи» зеборо ғам надода намемонанд. Дар ҳоле, ки ман ҳам сағераи ҳамин шаҳр будам тамоман майли сухани ноҷо гуфтан ба ин духтарро надоштам ва ҳангоми гап задан бо ӯ аз лаҳзаҳои аввал эҳсос мекардам, ки банди диламро ларзаи сабук ва гуворо фаро мегирифт. Ин дар ҳоле, ки духтар ҳамагӣ шояд 25-28-сола буд, яъне ягон 10 сол аз ман ҷавонтар.

Баъди як лаҳзаи дигар духтар аз мошин фаромада чолокона онро тела дод. Ин хислаташ ҳам ба духтарони таҳҷоӣ монанд набуд. Духтарони мо тамоман мошин тела намекунанд. Ин бошад бо ин ҳусну ҷамол ва чунин либосҳои қимматбаҳо мисли мардон мошин тела медиҳад. Вақте дидам ҳангоми тела додан дастакони нозукаш аз шиддати хунукӣ дар оҳани мошин мечаспиданду бо ҳавли даҳонаш онҳоро гарм мекард, ҳатто дилам сӯхт.

Маълум, ки мехоҳад зуд ба роҳ бароем. Ман ҳам он қадар бафурҷа набудам, чунки мехостам то бегоҳ торик шудани ҳаво ба хона баргардам.

Зани зеборо дида, ҳамсояҳои ҳамсинну-солам, ки рӯзи дароз аз бекорӣ дар кӯча рост меистоданд маънидорона сар ҷунбонда табассум карда ба духтар ишора карда гуфтанд: «ҳа, бале Акрамбой, хубашро ёфтаӣ, моли тоза.»

– Ҳой, беодобҳо, ба ҷои онки мошинро тела кунед, боз гапи зиёдатӣ мезанед, дӯғ задам ба онҳо. Дар асл ҳавою ҳавас як ӯу, алҳол барои ман муҳим ҳамон сад доллар буду бас. Майнаамро фикри дигаре гиҷ намекард.

Хуллас, чарххои Каримро гирифта часпондаму сад долларро майда карда ба мошин бензин рехта, сад сомониашро ба

занам додам, то худи ҳозир барои духтарчаам калӯшҳои резинии нав харида диҳаду боқимонда пулро барои хариди хӯрокворӣ сарф кунад. Зани бечораам дар чанд соли ахир нав сад сомониро дар даст гирифта, бисёр хурсанд шуд. Вале агар он зани зеборо дар мошинам медид аз рашк талхакаф мешуд, аммо ман ҳам, ки сода набудам мошинро дар назди дарвозаи Карим, ки қариб дусад метр дуртар аз хонаи ман буд, гузошта пиёда омада будам. Билохира тинҷу осуда ба роҳ баромадем.

Шоҳроҳи Кӯлоб-Душанбе барфпӯш буду зери барф яхпӯш. Барфи лаклакбор ҳамоно мебораду меборад. Дар берун ҳатто дар ҳамин вақти чошт ҳарорат на камтар аз 8 дараҷа хунук аст. Дохили мошин гарм, ки буд метарсидам ки духтар хоб наравад, то аз лаззати суҳбати ӯ маҳрум нашавам. Сахт мехостам бо лабони зебояш сухан гӯяду ман гӯш кунам. Оҳ чӣ қадар лаҳни зебо дошт ин париваш…

– Дар Душанбе кори зарур доштагистӣ? – Хомӯширо барҳам доданӣ шуда пурсидам.

– Бале, хело зарур. – ҷавоб дод ӯ ва илова кард: – хоҳиш мекунам чизе напурсида саргарми рондани мошин шавед.

Чун донистам, ки майли суҳбат надорад, сахт маъюс шудам. Дар дигар ҳолат сухани охири занро ҳамчун таҳқир ҳисобида дар ҷавоб ягон кинояи мезадам, аммо ин дафъа сад доллар ва чашмони ғазалини зебосанам дамамро фурӯ баст. То Данғара зан хомӯш буд. Аҷибаш ин, ки миҷҷа таҳ накард. Одатан мусофирон дохили мошини гарм ё суҳбат мекунанд ё хоб мераванд, аммо ҳамсафари ман мисли дигарон нест. Аз тирезаи мошин чашм ба саҳроҳои беканори барфпӯш дӯхта, ғарқи хаёл аст. Дар оинаи пеши мошин ба чашмони сиёҳу зебояш назар дӯхтам. Нохост дар онҳо он қадар ғаму андӯҳ дидам, ки дилам таҳ зад. Ба назар намуд, ки чашмонаш дар асл на сиёҳ, балки аз шиддати андӯҳи ниҳонӣ хокистарианд. Худоё, ба дил гуфтам ман, ин зан дар ин синну сол чӣ сирре дар дил дораду чӣ андуҳе гулӯгираш гашта? Аммо, мутаассифона, зуд ба ин саволҳоям ҷавоб пайдо кардам, кош намекардам….

Ҳар бор, ки мошин болои ях лағжида аз роҳ мебаромад зан зуд фаромада тела медоду баъд саросема ба қафо гашта

лаҳзае ба роҳи тиҳӣ аз мошин нигариста, зуд ба мошин менишаст. Тахмин кардам аз чизе ҳарос дорад. Нигаронии аввалин дар дилам пайдо шуд. Фикри аввалине, ки дар сарам омад, ҳамин буд, ки бо шавҳараш ҷанҷол карда ҷудо шудаасту аз ӯ мегурезад. Ба дил гуфтам, барои ман фарқаш чӣ, муҳим ҳамон сад доллар аст. Кош аз шавҳараш ҷудо шуда бошад…

Боз саргарми рондани мошин шудам. Дар ин барфбод, албатта роҳи ағбаи Шар-шарро бастаанд, ба худ устувор кардаму мошинро чап тофта ба шоҳроҳи Данғара-Қӯрғонтеппа ворид шудам. Қабл аз он ки Данғара пушти теппаҳо пинҳон шавад, дар роҳи рости мошингард аз дур мисли холи пушти лаби ҳамин духтар сиёҳие пайдо шуд. Нуқтаи сиёҳро дар оинаи мошин дидам. Фурсати муносиб барои бори дигар кӯшиши суҳбат кардан дарёфта гуфтам: Як ҷонкани дигар низ ҷуръат карда ба роҳ баромадааст. Нигоҳ кун, ҳо ана як мошини сиёҳе аз қафоямон меояд. Инро гуфта бо оина ба духтар нигаристам, то шоҳиди табассуми зебояш шавам, аммо ба ҷои табассум дар чеҳрааш осори тарсу ҳарос ва ғазаб дарёфтам. Ба қафо гашта бори дигар ба мошин нигариста «Ҷип» гуфта тамғаи мошинро муайян кард. Ҳарромзодаҳо, ёфтанд сагони бӯйгир, дашном дод зан.

– Шумо мошинро мешиносед? – пурсидам аз ӯ.

– Чӣ хел нашиносам, ҳарромзодаҳо, ҳамагӣ ду рӯз қабл дар кӯҳистони Шӯрообод шавҳарамро парронданд.

Ҳуш аз сарам парид. Дод задам: – Кистед шумо, барои чӣ шавҳаратро куштанд?

– Гӯш кун, ака, ҳозир фурсати гап задан нест. Хуллас ману шавҳарам аз деҳаи Ёл се килограмм героин харида хостем бо лётчикҳои самолёти Маскав бурда бо нархи гаронтар фурӯшем. Ин лаънатиҳо дарак ёфта шавҳарамро кушта, хостанд героинро аз худ кунанд. Дору бошад дар дасти ман буд. Имкон ёфта гурехтам. Хостем бо ин роҳ пул ёфта хоҳиши шавҳарамро, ки табобати модари бемораш буд ба ҷо биёрем, акнун маълум, ки ба мақсад нарасид. Ин лаънатиҳо маро низ зинда намемонанд. Доруро бошад дар ҳамин ҷо пинҳон кардам, агар наёбанд, ту ёфта барои худ гир.

Аз тарс сарам гаранг шуда дилам беҳузур шуд. Сараввал ёрои сухан гуфтан накарда аз дил гузаронидам: Худоё, чӣ гуноҳ кардам, ки ба ин бало гирифторам кардӣ!? Хонаам сӯхт! Баъд якбора ғазабамро ба сари героинфурӯш рехтам:

– Шумо, ки ҷинояткор будед, маро барои чӣ ба ин варта кашидед!?

– Дод назан, мо аз аввал ҷинояткор набудем. Мо дар Руссия ҳамроҳи шавҳарам кор карда маблағи табобати хушдоманамро ҷамъ кардем, аммо ҳангоми убури марзи Ӯзбакистон гумрукчиён шавҳарамро латту кӯб карда маблағро аз дастамон гирифтанд. Дар он роҳи пурхатар саг соҳиб дораду тоҷик не. Бинобар ин, маҷбур шуда ба ин ҷиноят даст задем.

Баъди ин суханон ҳис кардам, ки зан худашро сафед карда тавонист, чунки ғазабам нисбати зан ба тарс мубаддал шуд, ба суханонаш бовар кардам. Дертар фаҳмидам, ки меҳри ниҳоние дар дилам нисбати ин офаридаи зебо пайдо шуда будааст. Ба қафо гашта нигоҳ кардам, ки Ҷип аллакай моро дарёб кардааст. Чароғҳояш якбора фурӯзон шуда, таҳдидомез чашмак задан гирифтанд. Бо тамоми қувва педали газро зер кардам, аммо ҳайҳот, мошини кӯҳнаи ман куҷову он балои осмонӣ куҷо. Дар як они воҳид аз паҳлӯям гузашта, аз пеш роҳро баста истод. Ноилоҷ, ман ҳам мошинро боз дошта худро гизала гирифтам. Ду ҷавони ҳузарб аз Ҷип фаромада, болои сарамон рост истоданд. Нафари сеюм дар мошин менишаст.

– Канӣ фароед бузичаҳо, – таҳқир кард яке. Лаҳзаи дигар яке аз онҳо, ки мисли занон мӯи сари дароз дошт, дарро кушода бо дастони боқувваташ аз гиребонам гирифта кашида бароварду бо сараш ба рӯям чунон фуровард, ки беҳуш ба замин афтидам. Намедонам чанд вақт беҳуш будам. Ба худ омада худро болои барфи сурх оғӯштаи хун дарёфтам. Курсиҳои мошинро канда, ҳамаи ашёи дохили мошинро шӯрида ба ҳар тараф партофта буданд. Героин кофтаанд, худозадаҳо, хунамро бо остин пок карда хулоса кардам ман. Чашм ба Ҷип дӯхта нафари сеюмро надидам.

– Гап зан, қанчиқ, дар куҷо пинҳон кардӣ?! – гуфтани овози хиррӣ ба гӯшам расид. Намедонам аз чӣ бошад, ки фикри ба мошини онҳо нишастану гурехта рафтан ба гӯшаи хаёлам

ҳам наомад. Ё омаду бефоида буданашро фаҳмида ин корро накардам. Охир ман Ҷипро ронда наметавонистам. Овози мошини маро бошад мешуниданд, давида зуд меомаданд.

Ба ҳар ҳол болғаи вазнинро аз боғочдони парешони дохили мошин гирифта, ба тарафи овози шинос ва нафратангез рафтам. Паси теппачаи наздиктарин пинҳон шуда, тахминан 15 қадам дуртар манзараи мудҳишеро мушоҳида кардам. Зан луб луч рӯ ба замин болои барф мехобид. Болои сараш мӯйдароз меистоду чанд қадам дуртар нафари саввум, ки қоқи дароз буд, бо телефони мобилӣ гап мезад. Биниаш ҳам мисли қадаш дарозу нӯгаш мисли минқори уқоб каме кач. Аз чӣ бошад, ки нав ба қиёфаи мӯйдароз назар духтам. Вай як марди тахминан 35-солаи кӯтоҳқад буд. Шояд мӯи сараш ҳам на он қадар дароз бошад, аммо гардани кӯтоҳаш имкон медод, ки мӯйҳояш то ба сари китфонаш расанд. Пой ва дастони кӯтоҳи ғафс ва китфони васеаш дарак аз пурқувватии ӯ медод. Дар ҳар сурат чашмам аз ӯ сахт тарсида буд. Чун ба хаёлам расид, ки онҳо се нафар буданду сеюмаш ноаён буд, ҳуш аз сарам парид. Ба назарам намуд, ки ӯ болои сарам рост истодааст. Зуд ба қафо гашта нигоҳ кардам, хушбахтона касе набуд. Бо нигоҳ ӯро ҷустам. Ногоҳ садояш аз пушти теппачаи муқобил баланд шуд: – Миша, паррон ӯро, аз дусар мемураду намегӯяд.

– Ҷим шин «Сухарӣ», – лақабашро гирифта итоб кард Миша ва илова кард: – бас кун фих кашиданро, ки ҳамин ҷо мемурӣ! Хай, ҳамагӣ ним доза фих кашидем. – Инро гуфта ҷавон бо лақаби Сухарӣ аз ҷой бархост. Лоғар ва камқувват буд. Паррон гуфтани ӯро шунида, зуд ба дастони мӯйдароз назар афканда дар дасташ таппонча дидам.

– Хез, модагов, – дод зад ӯ ва бо шатта ба шиками духтар зада ӯро ба пушт гардонд. Фақат ҳамин вақт дидам, ки духтар аз рони чапаш захмин асту хунаш меравад. Дарк кардам, ки лаънатии Миша мароончунон бо сараш сахт задааст, ки ҳатто бо садои тир ҳам бедор нашудаам. То ҳанӯз сарам сахт дард мекард. Бадани лучу булӯрин ва сафеди зан болои барф мехобиду ҷиҳати сафедӣ аз барф кам фарқ мекард. Фақат мӯйҳои сиёҳу парешон, чашмони ҳамин гуна сиёҳ ва хуни сурхи рони пояш баръало ба чашм мехӯрданд. Ҳавои сарду хушк ба

шушҳояш медаромад, ки сулфаи хушк мезад. Аҷиб буд, ки бо ин ҳама азобу шиканҷа ӯ наменолид ва зорию тавалло намекард, балки ноумед ва хомӯш сар ба зер афканда, бо дастакони нозукаш на ҷои захмин, балки авраташро пинҳон мекард. Сахт дилам ба ӯ сухт. Якбора оташи нафрату ғазаб ба ин ҳайвонҳои одамсурат вуҷудамро фаро гирифт. Дар ҳоле, ки болғаи дар панҷаам яхкардаро аз пӯстам канда ҷудо мекардам, имдодталабона ба шоҳроҳи барфпӯши самти Данғара назар духтам. Ягон мошин наменамуд. Дубора ба болға назар дӯхта, ҳамакнун фикр кардам, ки барои чӣ онро ба ин ҷо гирифта омадаам. Ҳамин дам садои Миша баланд шуд, ки рӯ ба марди қоқина оварда дод зад: рафта буққаашро гирифта биёр!

– Ба ӯ кордор нашавед, лаънатиҳо, ман ӯро то ҳол намешиносам, – бемаҷолона гуфт зан. Инро шунидан замон гиря гулӯгирам кард. Ӯ ғами маро мехӯрад. Баъди ин лаҳза, бегона будани зан дар хаёлам намеғунҷид, балки ҳис кардам, ки ӯ бароям мисли шахси наздиктаринам аст.

– Ҳа, дилат месӯзад, қанчиқ! Рафта биёр, ҳозир қоил мешавад. Қоқ ба тарафи мошинҳо рафт. Калта ҳамагӣ чанд қадам дуртар пушт сӯи ман меистод. Болғаро дигарбора аз пӯстам канда, дастамро бо ҳавли даҳон гарм кардам. Беихтиёр садои дарунамро шунидам, ки мегуфт: «Акрам, агар коре карданӣ бошӣ ҳозир фурсат ғанимат.»

Баъди ин пойҳоям каме ба ларза даромаданду баъд бидуни ихтиёри худам маро барпой доштанд. Чун барқ болои калта тохтам. Дигар надонистам, ки «Сухарӣ» дар кадом лаҳза маро дид. Ғиҷирроси барфро зери пойҳоям шунида, калта ба қафо гашт. Тахминан якҷо бо баланд шудани овози Сухарӣ, ки ӯро аз ҳамлаи ман огоҳ карданӣ шуд, маро дид, аммо дер шуда буд. Зарбаи задаам ба чаккаи сараш омад. Аз шиддати дард сахт дод зада болои барф дароз кашид. Таппонча аз дасташ даруни барф афтид. Дигарбора барои тарсонидани Сухарӣ болға дар даст наъраи сахт зада сӯи ӯ тохтам. Ҷавони бетаҷрибаи буздил худро ба ҷарӣ ҳаво дода ба поён ҷар шуда, даруни барфтӯдаҳо нопадид шуд. Духтар дар ҳоле, ки ба замин мехобид, зуд аз зери барф таппончаро кофта ёфта, маро ба нишон гирифт. Худро ба замин партофта будам, ки садои

тир баланд шуд. Ӯ сӯи қоқ тир кушода буд, ки аз паси ман омада будааст. Тир хато рафт. Қоқ гурехта ба «Ҷип» нишаста девонавор сӯи Данғара ҳай кард.

Палторо ёфта, духтарро ба он печонида, бардошта зуд ба назди мошин овардам. Ӯро эҳтиёткорона ба курсии пеш нишонда, таппончаро аз дасташ гирифтам.

– Курсии қафоро биёр, – фармон дод ӯ. Дидам, ки курсӣ канори роҳ тахминан даҳ метр дуртар дар ҷарӣ мехобид. Лозим не, дер мешавад. Духтар дигарбора нолиш карда талаб кард курсиро биёрам. Ноилоҷ ба ҷарича хамбида онро оварда дигарбора духтарро аз пеш бардошта болои он хобонидам. Аз хунукӣ дарақ-дарақ меларзид. Мошинро ба самти Қӯрғонтеппа ҳай кардам. Худ намедонистам, ки аз куҷо ин ҳама шуҷоат дар вуҷудам пайдо шуд.

– Гӯш кун, ака, – баъди каме гарм шудан ба гап даромад духтар, – мошинро ба ман деҳу худ аз байни теппаҳо гузашта пиёда ба Данғара рафта ҷонатро халос кун. Ин сагҳо бар мегарданд. Ё бо телефони мобилӣ ба шариконашон метавонанд хабар диҳанд, ки аз пеш моро пешвоз гиранд. Ман онҳоро аз пуштам мебарам.

Гуфтам не, якум, ки телефонҳои мобилӣ фақат дар шаҳрҳо кор мекунанд, ин ҷо алоқа нест, дуюм, ман туро ҳеҷ гоҳ намепартоям. Духтар базӯр табассум карда гуфт: соате пеш маро ҷинояткор гуфта дашном медодӣ, акнун намепартоӣ? Худ намедонам барои чӣ, гуфта будам, ки духтар хулоса кард: дер шуд, омаданд. Бо оинаи қафо ба роҳ нигаристам, дар ҳақиқат Ҷип бо таҳдид аз қафо масофаи тахминан 500 метрро нигоҳ дошта меомад. Онҳо аз таппончаи мо метарсанд, хулоса кардам ман. Таппончаро бо як даст аз киса бароварда бо ангуштам як-як тирҳоро берун карда ҳисобидам, 6 дона будааст. Барои ин ду саг бас аст, ба нигоҳи суоломези зан бо овози паст ҷавоб додам ман.

– Албатта, агар парронда тавонӣ, – шубҳа кард маҷрӯҳ.

– Гумон дорӣ ман парронда наметавонам? Дар аскарӣ беҳтарин тирандози рота будам.

– Ин тавр бошад гуш кун «Рембо», – киноя зад духтар, – мошинро тезтар ҳай кун, то дар он хамгашт аз чашми таъқиб-

гарон дуртар рафта доруро пинҳон созем. Дар даруни курсӣ пинҳон кардаам. Маълум аст, ки онҳо билохира моро дастгир мекунанд. Агар мабодо ту зинда монӣ баъд омада мегирӣ.

Фикри аз даст додани духтар авзоямро беҷо кард. Гумон кардам сад сол аст, ки бо ӯ якҷояаму аз даст доданаш бароям фоҷиаи бузург. Не, гуфтам, биё доруро ба онҳо диҳему аз дасташон раҳо шуда равем.

– Ту чӣ мегӯи ака, онҳо дар ҳар сурат моро мекушанд. Инҳо аз зумраи он ваҳшиҳоеанд, ки метавонанд одамро ҳатто фақат барои дилхушӣ кушанд. То ҳол сулҳу салоҳ дар кишвар мустаҳкам нашудааст. Ин ҳоло ба ном сулҳ аст, бедодгарии ин тоифа идома дорад, барои ҳамин ба гапам гӯш деҳ.

Дигар муқовимат накардам, чунки гӯё ҳамин ҳақиқатро худам ҳам медонистам, бо вуҷуди он таклифи аблаҳонаро пешниҳод кардам. Билохира, ноаён ба масофаи дуртар аз онҳо рафта дар гашт истодам. Ма, доруро гиру дарро кушо ва аз мошин нафаромада ҳо ба зери он дарахт ҳаво деҳ, зуд бош! Ҳаво додаму баста зери барфи баланд ниҳон шуд. Саросема ба роҳ баромадам. Ҷояшро дар хотир гир, таъкид кард духтар. Боз масофаи тахминан 10 километри дигар пешопеши Ҷип ҳаракат кардем. Билохира дар пеш корманди милисаро дидам, ки дар даст автомат канори роҳ меистод. Расидем, гуфта хурсандӣ кардам.

– Хестӣ, ки хобӣ. Дар ин вазъият як милиса миёни ин ҳама барфу бероҳа чӣ мекобад? Мабодо шарикони онҳо набошад, ҳушдор дод духтар. Агар манъ кунад хело дуртар рафта биист.

Чун наздик шудем милиса чӯбчаашро бардошта манъ кард. Ҳамин ки чанд қадам дуртар шудам автоматашро бароварда парронд. Тирҳои мусалсал ба мошин бархӯрда ҷаранг-ҷаранги даҳшатнок бароварданд. Аз тарс зонӯҳоям ба ларза даромаданд. Сарамро болои рули мошин хам карда, педали газро зер кардам. Мошин аввал ба ин тарафу он тараф лағжида такон хурду базӯр боз дар роҳ рост шуд. Аз тарс духтарро ҳам лаҳзае фаромӯш кардам. Гумон кардам дилам аз қафаси синаам берун шуд. Бо оина дидам, ки Ҷип истоду «Милиса» ба он савор шуд. Лаънатӣ милиса набудааст, тахмини ту дуруст баромад, гуфта ба ҳамсафарам нигаристам. Авзояш та-

моман беҷо буду маҷоли сухан гуфтан намекард. Ба ташвиш афтодам. Инро пай бурда, ҳамаи нерӯяшро ғундошта гуфт, саросема нашав, худатро ба даст гир, ман аз пуштам тир хурдам, акнун аниқ ҷон ба саломат намебарам.

Ҳуш аз сарам парид. Барои дар қафо ҷой додани ӯ лаҳзае худро гунаҳкор ҳисобидам. Сарашро болои мӯйҳои дарозу сиёҳ ва парешонаш болои такягоҳи қафо гузошта бо оина ба ман нигоҳ мекард. Дилам таҳ зад, зиндагӣ бароям маънияшро гум кард, аммо боз аз нигоҳи ба назарам пурмеҳри ӯ гармиеро ҳис кардам. Фикри аз даст додани ӯ бароям гарон меафтид. Оҳиста пурсид, чӣ ном дорӣ, ака?

– Акрам.

– Чанд фарзанд дорӣ?

– Чорто.

– Нағз, ман як баччаяк дорам, номаш Умедҷон, 5-сола. Номи худам Сурайё. Писарам орзӯ дошт ману падараш барояш велосипед харида диҳем. Аз афташ ба ваъдаамон вафо карда натавонистем…

Инро гуфта буд, ки чашмони зебояш пуроб шуданд. Ман дигар ӯро тасаллӣ дода наметавонистам, чунки дар гулӯям гиря дармонда буд. Ваъдаи велосипед хариданро ҳам накардам, чунки дурӯғ гуфта наметавонистам. Албатта мисли дигарон ҳар рӯз сад дурӯғ мегуфтам, аммо ба ин духтари бароям ба ҷон баробар наметавонистам ваъдаи дурӯғ диҳам. Бо вуҷуди ин, ки бо кадом роҳҳо харидани велосипед аз гӯшаи хаёлам гузаштанд. Гап зада ҳам наметавонистам. Агар чизе мегуфтам, гиряам меомад. Намехостам, ки ин зани дили мардона дошта оби чашмамро дида дар бораам фикри бад кунад ё ҳатто ба ҳолам хандад. Аммо чӣ ҷои ханда буд? Ин зан вопасин лаҳзаҳои ҳаёташро аз сар мегузаронд. Дар чунин вазъият ман ҳам бовар надоштам, ки дигар рӯи фарзандонамро бубинам. Бо ин ҳама хатар ва тарсу ваҳм, аҷиб аст, ки то ҳол аз омаданам пушаймон набудам. Ростӣ чанд соати бо ҳамин духтар буданам тамоми зиндагии якрангамро рангин кард. Боқӣ то кирокаш шуданам ҳаётам саҳар иборат аз ба кор рафтану бегоҳ ба хона омадан буд. Ин зан, ки то ҳамин чанд лаҳза пеш ҳатто номашро намедонистам ба ман маънии

зиндагӣ бахшид. Ҳатто тайёр будам барои ӯ ҷонамро дареғ надорам. Агар ман дар зиндагӣ чунин зан медоштам дар қиёмат ҳаловати биҳиштро намефаҳмидам.

– Гӯш кун, Акрам, агар аз ту хоҳише кунам ба ҷо меорӣ? – риштаи хаёлотамро бурида пурсид Сурайё.

– Бигӯ, – гуфтам.

– Гумон аст, ки ман зинда монам, канда канда ба гап даромад Сурайё, аммо аз чӣ бошад ки бовар дорам ту зинда мемонӣ, дилам гувоҳӣ медиҳад. Баргашта омада доруро гиру ба фурудгоҳ бар. Он ҷо Валераи сарнишини тайёраи Маскавро ёфта аз номи Рустами «крутой» салом расонда, борро ба ӯ медиҳӣ, бист ҳазор доллар медиҳад. Ёздаҳ ҳазор долларашро ба хушдоманам барои табобаташ деҳ, ту ҳам савоб мегирӣ. Шиносномаашро аз киссаи палтоям гир, он ҷо суроғааш ҳаст.

– Худат бурда медиҳӣ, – гапашро буридам ман.

– Акрам, илтимос гапамро набур, вақт кам, аммо ман хоҳиши кало-они дигаре низ дорам. – Аз ҳарфи «о»-ро кашиданаш пай бурдам, ки ин хоҳишаш муҳимтар аз хоҳиши пештарааш аст.

– Маблағи боқимонда аз худат, ҳалолтар аз шири модарат. Аммо аз ҳамон маблағ як велосипед барои писарчаам Умедҷон харида деҳ, хурсанд мешавад. Мебинӣ ки ту ҳам ҳамроҳи ӯ хурсанд мешавӣ. Аз ману падараш пурсад гӯй, ки ба сафари дур рафтаанд, ягон рӯз меоянд. То калоншавиаш бо хушдоманам унс гирифта, моро камтар фаромӯш мекунад, баъд мефаҳмаду бисёр азоб намекашад.

Аз оҳанги гуфтораш ҳис кардам, ки ӯ тамоман бовар надошт, ки ман гапашро мегирам, аммо ҳис кардам, ки илоҷи дигар надошт ва ин ҳамаро ба хотири аз карнайчӣ як пуф гуфт. Аммо ман агар сад ҳазор доллар мебуд барои ӯ сарф мекардам. Дарк кардам, ки ин зебосанам то ҳанӯз нерӯи ишқро эҳсос накардааст. Аз ин ҳатто як қадар хурсанд низ шудам. Худам ҳам фақат ҳамин ҷо ширинии ишқро эҳсос кардам. Вазъият ин бор ба коми ман буд, набошад дар ҳолати осоишта чунин духтари зебо ба ман намерасид. Фикр кардам, агар чархи таърих ба қафо гардаду дигарбора мо дар Кӯлоб мешудем, магар ин духтарро барои ба Душанбе бурдам розӣ

мешудам. Ҳа-ҳа, ба Худо, ки ҳа боз ҳамин роҳи пурхатарро тай мекардам…

Бо оина ба қафо нигаристам, Сурайё чашмони акнун ноумедашро ба берун дӯхта, ғарқи хаёл шуд. Ҷип ба масофаи тиррас расида бошад ҳам, вале барои тирандози ганда ҳоло ҳам ноқулай буд. Аз қафо садои тири автомат баланд шуд. Аммо даҳшати онро дигар ҳис намекардам. Балки аз тири ишқи Сурайё бештар дар ташвиш будам. Ҳамакнун дарк мекунам, ки тири таппончаи ӯ ба касе нарасид, аммо тири нигоҳҳои маҳзун ва ширинаш синаамро сӯрох кард…

– Худоё, боз маҳин ва паст ба гап даромад ҳамсафари зебоям, агар зинда мемондам чӣ гуна зиндагӣ хуб мешуд…

Пай бурдам, ки барои ӯ дигар на тири автомат аҳамият дораду на худи зиндагӣ. Нисфи рӯҳи ӯ аллакай дар олами малакутӣ дар парвоз буд. Баъди лаҳзае, дар ҳоле, ки сар болои такягоҳи курсӣ монда ба теппаҳои барфпӯш бо чашмони шаҳлояш нигоҳ мекард, беҳаракат шуд. Дастамро дароз карда, банди дасташро дошта набзашро дарёфтам. Ягон нишони зиндагӣ надошт. Ӯ ҷон дода буд.

Агар медонистам, ки ҷони ман ҳам бароядду бо ӯ мепайвандам ҳатман таппончаро ба пешониам монда, худро мепаррондам, аммо фикри он, ки аз ёди ӯ ҳам маҳрум мешавам маро боз медошт ва иҷрои ду супориши ӯ маро зинда нигоҳ медошт. Дигар ғалаёни дохилӣ дар ҷисмам намеғунҷид. Ҳама дарду аламам ба як бор ашк шуда аз чашмонам болои рули мошин рехтанд. Ман бо овози баланд мегиристам. Чашмонам аз пушти пардаи ғафси ашкҳои сӯзон дигар роҳро намедиданд. Бешуурона педали газро сахт зер карда аз Ҷип хеле дур рафтам. Дар гашти наздиктарин мошинро боздошта фаромадам. Дари қафоро кушода аз киссаи палтои Сурайё шиносномаро гирифта, охирин бор бо дилдодаам видоъ карда аз чашмони кушодааш бӯсидаму дарро пӯшида мошинро ба ҷарӣ тела додам. Худ таппончаро омода карда, чанд қадам дуртар аз роҳ пушти ҷузхоре пинҳон шудам. Чашмони ҳанӯз пуробамро бо рӯймолча бори дигар покиза кардам, то беҳтар бинам. Ҳанӯз ғубори барфолуди мошинам фурӯ нанишаста буд, ки Ҷип расида омада, канори роҳ бозистод. Се қотил аз мо-

шин фаромада, канортари роҳ омада ба поин нигоҳ карданд. Ончунон ҳисси нафрат вуҷудамро фаро гирифта буд, ки тайёр будам ин се хунхорро бо дандонҳоям пора-пора кунам. Бо вуҷуди ин худро ба даст гирифта оромтар шудам. Мутмаин будам, ки аз ин масофа ягон тирандоз хато намекунад. Масофа камтар аз 10 метр буд. Таппончаро ба рӯяшон рост карда, хуб чен карда, ҳамаи тирҳоро ба як бор холӣ кардам. Оромӣ ҳама ҷоро фаро гирифт. Баъди лаҳзае баромада дидам, ки се ҷасад болои барф оғӯштаи хун метапанд.

Чанд рӯз баъд омада доруро гирифта ба фурудгоҳ бурдам. Валераи лётчикро ёфта, бо машаққати зиёд ба бовариаш даромадам. Билохира номард чордаҳ ҳазор доллар дод. Албатта, супоришҳои Сурайёро иҷро кардам, аммо вохӯрӣ бо Умедҷон бароям гарон афтид. Ба хонаи хушдоманаш расида дарро задам. Умедҷон, ки дар ҳавлӣ бозӣ мекард, дарвозаро кушод. Чун гуфтам очаат барои ту велосипед равон кард аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Ура-а гӯён велосипедро аввал савор нашуда, тела дода, гирди ҳавлӣ чанд давр гашт, баъд дар наздам истода андешаманд пурсид: чаро дадом ва очаам худашон наомаданд? Гуфтам онҳо дар Руссия монда гуфтанд боз камтари дигар кор карда бармегарданд. Кӯргиреҳи алами талх гулӯгирам кард. Баъди воқеаи рухдода ҳис кардам, ки дигар аламамро дар дохилам нигоҳ дошта наметавонам. Ин бор ҳам ашки сӯзон чашмонамро пур карду рӯй ба дигар тараф гардонидам. Дар чунин ҳолат муҳим аст, ки кӯдак оби чашматро набинад, набошад дилшикаста мешавад.

Аз байн моҳҳо гузаштанд, аммо ман Сурайёро фаромӯш карда наметавонам. Бароям зиндагӣ дигар маънӣ надорад. Шабҳо ӯро дар хоб мебинам. Борҳо шудааст, ки нисфи шаб бедор шуда, занамро гирён мебинам. Пурсам, мегӯяд, боз дар хобат ҳамон Сурайёатро ҷеғ задӣ. Бечора намедонад, ки ман дар ҷаҳон ҳамагӣ як рӯз, он ҳам бо ҳамон духтараки чашмсиёҳу зебо зистаам.

Боқимонда маблағро барои рӯзгор сарф кардаму дигар ба коре дастам пеш намеравад. Метарсам, ки ба майнӯшӣ машғул нашавам.

(Соли 1998)

## ДАР ҲАСРАТИ ТОРТ

Писарак аз хоб хеста аввал дастархонро хабар гирифт. Чун мутмаин шуд, ки падараш аллакай чойи саҳар хӯрда баромадааст, маҳзун гашт. Боз бо умеди дарёфти падар ба ҳавлӣ баромад, дид ки падар аробаи шалаққашро симпеч карда истода, то ҳанӯз ба кор нарафтааст. Зуд ба наздаш шитофт.

– Ҳа-а, қариб буд гурезӣ, медонӣ ки имрӯз 31 декабр, соли нав?

– Медонам, Муродҷон, лекин соли нави урусӣ.

– Бобом то мурданаша соли навро пешвоз гирифту ту намегирӣ?

– Э-э ту ақл дорӣ, надорӣ, бобот мурданда ту ҳамагӣ 3-сола будиву аз куҷо соли нава пешвозгириша дидаӣ?

– Хап кун, дидам, гапа нагурезон.

– Худат ҳамагӣ 6-солаву мисли мӯйсафедон гап мезанӣ, гапашро бурид падар.

– Гапа нагурезон, медонӣ имрӯз чӣ меорӣ?

– Медонам, жвачка.

– Наёфтӣ.

– Рулети ширин.

– Ҷонхалосӣ накун, наёфтӣ.

– Хайр бигӯ чӣ меорам?

– Торт.

– Э афандие, ман як аробакаши бечора дар як рӯз базӯр ҳамагӣ 4-5 сомонӣ кор мекунам, аз куҷо торт харида метавонам, бас кун ин гапро дигар нагӯ, ки шарманда кардӣ.

– Торт меорӣ!

Модар дар ошхона табассумкунон ба суханони азизонаш гӯш медод. Баъд оҳиста омада сари по дар назди шавҳар нишаста гуфт:

– Ғулом, дили писарма барои як торт нашикан. Се сомонии аз пулҳои бародарам додагӣ мондаро гирифта, се-чор сӯми дигар кор карда, як торти арзонтар харида биёр, бачам хурсанд мешавад.

– Э ту, каллаварам, медонӣ торт чанд сӯм?

– Хайр бин, 6-7-сӯма торт ҳам бояд бошад, ман нархашро аз касе шунида будам.

– Мехарӣ, пули очама гиру бихар, – боз боисрор талаб кард кӯдак. – Ана бин, Хайруллои калла ҳар рӯз торт мехара, ту мардак нестӣ?

– Э каллакаду, Хайруллои калла кучову ман кучо. Боявик аст. Ҷанг порина тамом шудаасту ӯ ҳоло ҳам таппонча дорад. Дар гарданаш як занҷири тиллоии сагбандӣ кашол аст, ман чӣ, дар гарданам ғайр аз як тумори кӯҳнаи садсола чизи дигар надорам.

– Ме-ха-рӣ, – бо қатъият хулоса кард Муродҷон.

Баъди ин Ғулом дигар ба «фишор» тоб наоварда розӣ шуд. Писарак ура-а гӯён ба кӯча баромад, то ба ошнояш Федя, ки бачаи ҳамон Хайруло буд, хабар диҳад, ки имрӯз дадаш барои ӯ як торти калон меорад. Ғулом хурсандии писарашро дида завқ бурда хандид. Баъд чархи аробаро ба ҷояш гузошта истода аз дил гузаронд: «имрӯз мурда-мурда торт мехарам. Бачам хурсанд бошад, шуд.»

Зан баъди баромадани аробаи шалақ дарвозаро пӯшид.

Баъди дурӯза беист боридани борони сарди аввали баҳор, офтоб аз паси кӯҳ намудор шуд. Рӯз он қадар рӯшан, беғубор ва фараҳбахш буд, ки Ғулом болои асфалти тар мехост бидавад, аммо садои шарақ-шарақи ароба мебарояд гуфта шарм дошт. Умуман, ӯ намехост таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб созад. Ӯ аз ин касби чор сол пеш интихобкардааш шарм медошт, чунки пештар ҷавони хушсурат ва хушсару либос буду ба қавли худаш сад духтар ҳаваси ӯро мехӯрд. Ҳамаи ҷоҳу ҷалолашро ҷанги шаҳрвандӣ аз байн бурд. Акнун ҳангоми ба кор баромадан ҳатто ба сараш шляпаи калон мепӯшид, то рӯяш намоён набошад.

Нурҳои офтоби заррин ба кӯлмакчаҳои аз борони шаб боқимонда зада ҷило медиҳанд ва ба чашми Ғулом мезаданду ӯ чашмонашро нимпӯш мекунад. Чархҳои ароба ба кӯлмакҳо бархӯрда обро пош медиҳанд. Аробакаш ҳавои тозаю беғуборро чуқур нафас гирифта, як ҷаҳон ҳаловат мебардорад. Ҳам сурудеро зери лаб танҳо барои худ шунаво зам-зама мекунад. Сурудхонон дар хаёлаш торти фармудаи писараш

буд. Якбора ба олами хаёлот ғарқ шуда, тортеро тасаввур кард, ки соли гузашта дар тарабхона дида буд. Ӯ барои ошхонаи тарабхона маҳсулот оварда буд. Торт ончунон калон буд, ки як нафар онро базӯр бадошта болои миз гузошт. Ба сад ранг ҷило медод. Инро торти сағерасеркун мегӯянд.. Агар он тортро Муродҷон медид, дар бало мемондам, аз дил гузаронд ӯ, маҷбур мекард ҳамон гуна торт бихарам. Бача-да намефаҳмад, ки ман рӯзи дароз ароба кашида аз сад нохалаф таҳқир шунида, мурда-мурда фақат нонпулӣ кор мекунам. Шояд хуб аст, ки намефаҳмад, набошад аз зиндагӣ дилаш мемонад. Масъулияти Муродҷон ва оилаам дар гарданам набошад, ман ҳам кайҳо бояд майзада мешудам ё аз ғам мемурдам. Мурдан барои мо камбағалон осон. Бой дар муқобили марг талхакаф мешавад.

– Арроба! – гуфта ҷеғ задани касе риштаи хаёлоташро бурид. Баргашта дид, ки як марди кӯтоҳқади фарбеҳ дар тан костюм ва дар сар кепкаи чармӣ ӯро ҷеғ мезанад.

– Ин ҷо биё, кор ҳаст. – Аробакаш аробаро аз ҷӯйбори оби канори роҳи мошингард базӯр гузаронида ба назди мардак омад.

– То Навобод ду халта ордро бурда метавонӣ?

– Роҳ дур, ака, камаш 7 километр, касе бо ароба то Навобод ду қопча ордро бурда наметавонад, моторол киро кун.

– Ҳама мебарад, ғайри ту, лодар.

– Ман лодар не, ака, шумо хасис, – эътироз кард Ғулом, – моторол ки қимматтар ароба киро мекунед.

– Ту кунканда, маро хасис мегӯӣ? Мебарӣ бар, намебарӣ гум шав, ки боз бо аробаат ба ҷӯйбор напарӣ! Ду сол пеш мешуд як тир ба пешонаат мехӯрдӣ.

Ғулом аз ин суханони калта ваҳм кард. Аз гапи гуфтааш пушаймон шуд. Аз афташ аз ҳамон боевикҳои одамкуш аст. Хуб аст, ки ҳукумати қонунӣ сари қудрат омад, андешид аробакаш, набошад ин худозада рост мегӯяд, мекушту миллааш хам намехӯрд. Манаҳи овезонат дар гӯр дуфука, ҳоло ист ҳукумат камтар ҷон гирад, лаҷоми шумо одамкушҳоро мекашад.

Ғарқи ин хаёлот боз бо мушкилот аробаро ба роҳи мошингард баровroutерда, сӯи бозор равон шуд.

– Кундарида, – аз қафо боз нидо дод дуфука.

Ғулом фақат оҳиста, то калта нашунавад – даф шаве-е, гуфта ба роҳаш давом дод. Ӯ қариб ҳар рӯз ба чунин мизоҷони бетамиз рӯбарӯ мешавад. Раҳорaҳ боз ба андеша фурӯ рафт: аз мизоҷони нағз фақат чанд нафарашро дар хотир дорам, ки ҳам муомилаи хуб карданд, ҳам ба ихтиёри худ пули зиёдтар доданд. Яке аз онҳо ҳамсинфи занам Санавбар буд, ки солҳои пулдориам қариб ҳар рӯз ба хона барои меҳмонӣ меомад. Пул ки бисёр буд, ҳар рӯз барои меҳмон гӯштбирён, манту, палав мекардем. Равғани пахтаро намехӯрдем, фақат гӯсфанд. Маска ва моҳии бекаллаи бесукро пачка-пачка меовардем. Он вақт падару модари Санавбар камбағал буданд. Боз шавҳараш майзада шуду оқибат хонавайрон гашт. Ростӣ зани зебо ки буд нафсам ба ӯ кам-кам мерафт. Оқибат меҳрубонии маро нисбат ба дугонааш дида, занам рашк кард. Баъд тарсида аз ӯ даст кашидам. Росташро гӯям занамро ба сад Санавбар намедиҳам. Хайр бачагӣ-да, камтар нафсам рафту боз ба худ омадам. Қавоқи овезони занамро дида, омаданро бас кард.

Як моҳ пеш, баъди чанд сол, дар бозор Санавбарро дида, аввал нашинохтам, чунки акнун либосҳои аврупоӣ ва қиммат дошт. Дар гарданаш ҳам ҳар гуна тилловориҳо овезон буданд. Мӯҳояш ҳам акнун дубофӣ нею кӯтоҳ, то китфаш буд. Чун кам-кам шинохтамаш, фавран ба растаи мевафурӯшон гузаштам, то маро набинад. Бо чунин либосҳои чиркину арақолуд ва калӯшҳои чӯбину дарида аз ҳама камтар мехостам бо ӯ рӯбарӯ шавам. Аз камбағалиам шарм медоштам. Бори мизоҷеро бурда ба ҷояш расонидаму зуд хостам аз байни мевафурӯшон гузашта ба истгоҳи аробаҳо биёям. Ҳамин дам садои шиносу занонаи “Арроба!” гуфта ҷеғ задани касе ба гӯшам расид, ки аз масофаи ҳамагӣ панҷ-шаш қадам фарёд мекард. Баргашта бинам, Санавбар. Шляпаро поёнтар то чашмонам кашида хостам гурезам, аммо зан дигарбора исто, гуфта ба халтаҳои пури мева ишора кард, ки бор кунам. Ноилоҷ ба умеди он, ки бо ин аҳвол маро намешиносад зуд сар хам карда халтаҳоро бор карда интизори фармон шудам.

– Чӣ истодаӣ, аз қафои ман ҳай кун, – гуфта ба роҳ баро-

мад. Аз афташ пурғурур буду бодавлат. Дератар шунидам, ки зани дуюми Мишкаи сархӯр шудааст. Дар роҳ кунҷкобона ба ман менигарист. Ҳуш аз сарам парид, ана халос, шинохт гуфта будам, ки садояш баланд шуд:

– Язна, ин шумоед? Э, офарин, ин касабаҳо муборак!

Зани бебок буд, набошад каси дигар мешуд дилаш ба ҳолам месӯхт, ақаллан худро ношинос мегирифт. Ин бошад парво надошт. Шояд барои ман ҳаминаш беҳтар буд… Ба ҳар ҳол аз шарм сурх шуда, ман-маниҳои ӯро тоқат карда гӯш карда, то хонааш расидаму ба нею нестони ман гӯш накарда бароварда якбора ба кисаам 20 сомонӣ андохт. Ҳамон бегоҳ аз ҳисоби ӯ ҳамроҳи зану бачаам як оши палови зӯр карда задем. Баъди чанд рӯз занам хост ба наздаш равад бошад, ки ягон фоида бигирад, аммо ман гуфтам бисёр ҳавобаланд шудааст, гумаш кун. То вақте, ки ман ҳастам меҳнати ҳалол карда рӯз мегузаронем, муҳтоҷи касе намешавем.

Бо ин андешаҳо Ғулом ба бозор расида дар истгоҳи аробаҳо интизори мизоҷ нишаст. То чошт касе пайдо нашуд. Баъд ба назди тортфурӯш рафта нарх кард. Маълум шуд, ки аз ҳама торти арзон 7 сомонӣ будааст. Саҳар барвақт ин нархро мешунид хурсанд мешуд, чунки гумон мекард дар ин рӯзи Соли Нав мисли дигар идҳо бояд мизоҷ бисёр бошад. Бинобар ин бовар дошт кор кардани 7 сомонӣ мушкилоте надошт. Акнун, ки чошт шуда буду то ҳол ягон мизоҷ надошт нархи торт гарон намуд. Албатта, мизоҷ бисёр буд, аммо сафи аробакашон дар ин рӯзи ид ду баробар афзуда буд. Бо вуҷуди ин мизоҷони ба қавли худаш як сӯмаи фурӯшандаҳои бозор мисли ҳаррӯза борҳояшонро аз кунҷи бозор ба дигар кунҷ бурданд, ки ҷамъ се сомонӣ шуд. Нағз, қаноатманд шуд Ғулом, ақаллан нони сафедак мешавад.

Оҳиста ба ҷояш омада аробаро тавре гузошт, ки болояш дароз кашидан имкон дошта бошад. Ба пушт зада зери офтобаки нарми аввали баҳор ғарқи хаёлот ғанабаш бурд. Нимхобу нимбедор дид, ки ҳамон калтаи саҳар дағалӣ карда дев шудаасту болояш ҳуҷум мекунад. Ҳамин ки аз гӯши чапаш газид, дод зада парида аз ҷояш хеста буд, ки ҳамроҳи ароба чаппа шуд. Беш аз даҳ аробакаши дар қатор истода ва

фурӯшандаю харидорони атроф ба ханда даромаданд. Болои сӯхта намакоб аз байни ин ҳама хандаҳои баланду паст овози ғафсу дағали калта баланд шуд:

– Ҳа, ошно, пиёнӣ чӣ?

– Не, ман арақ намехӯрам.

– Набошад чӣ чаппа шуда рафтӣ?

– Камтар хобам бурдааст.

– Гапа ки нагирифтӣ, ҳамин тавр хобат мебараду бегоҳӣ бо киссаи холӣ ба хона бар мегардӣ. Боз аз гушнагӣ намурӣ?

– Не, иншоллоҳ Худо карим аст, – бо нимнафрат гуфт аробакаш.

– Худо гуфта, боз аз ҳама чиз намонӣ, ошно, – боз шаккокӣ кард калта.

Бо вуҷуди бетамизӣ ин мард номусулмон ҳам будааст, аз дил гузаронд Ғулом.

Мардак равон шуда буд, ки аробакаш розӣ шуд, – майлаш мебарам. Ӯ метарсид ки рӯз бебарор менамояд, мабодо чор сомонӣ кор накунаду хоҳиши писарашро иҷро карда натавонад.

– Чанд пул медиҳед? – ноилоҷ пурсид Ғулом.

– Розӣ шудӣ-ку, дар охир каллаат кор кард, набошад то бегоҳ клиент наёфта бефоида мешиштӣ, – заҳр зад «клиент» ва илова кард: – се сомонӣ.

– Се сомонӣ кам, панҷ сомонӣ диҳед мебарам. – Ғулом фикри тортро карда панҷ сомонӣ гуфт. Ҳисоб кард, ки 5 сомонии додаи калта ва шаш сомонии киссааш ҳам барои торт мерасад ва ҳам барои нони сафедак.

– Майлаш, чор сомонӣ медиҳам, ба назди ҳо ана он халтаҳо ҳай кун.

Бало ба пасаш, андешид Ғулом, дуто нашуд як нони сафедак мехарам. Дуто лозим не, занам дирӯз нон пухта буд. Орди осиёби обӣ сиёҳтар бошад ҳам болаззат, лекин дуфука бо ин хасисиаш зуд розӣ шуд, боз фиреб надиҳад? Боз инкор кард, не, находфиреб диҳад.

Бо чунин андешаи барои ӯ фоҷиабор аробаро назди халтаҳо ҳай карда базӯр онҳоро як-як бардошта бор кард. Як дам ист, гуфт калта, камтар шара-бараи дигар ҳам дорам, онҳоро бор кунам, баъд хала кун.

– Ака, аробаи ман нав не, ин қадар борро намебардорад, оҳанги норизогӣ кард аробакаш.

– Даҳ кило намебарояд, гуфта калта дар издиҳоми мардум нопадид шуд. Ним соат пас пайдо шуда ду халтаи дигарро ки якҷоя на камтар аз 20 килограмм мебаромаданд базӯр бардошта оварда болои ароба гузошт. Аробакаш хост муқовимат кунад, аммо фикри торт боз оромаш сохт. Яъне ӯ тайёр буд бо кадом роҳе набошад хоҳиши писарашро иҷро кунад.

– Акнун хала кун.

– Майлашу, ака, дар кӯтали совхоз камтар ёрдам медиҳед, набошад зӯри худам танҳо намерасад, хиҷолатомез хоҳиш кард Ғулом.

– Шуд он ҷо як бало мекунем, наметавонию боз нархро ҳам паст кардан намехоҳӣ.

Беаҳдии калта аз бозор баромадан пас собит шуд. Як мошини шиносашро дида, ба он савор шуда ба Ғулом гуфт: «кӯтали совхозро як бало кун, он ҷо одам бисёр кӯмак мекунанд. Дар нишебии Навобод интизор мешавам.»

Ғулом шукр кард, ки боғочдони мошини ошнояш пур будааст, набошад аз ҳамон чор сомонӣ ҳам халос мешуд.

Ароба тарақ-турук карда ба роҳ баромад. Ба дуроҳа расида қарор дод, чап тофта аз назди хонааш гузараду се сомонии кор кардаашро ба занаш диҳад, то барои писараш нони сафедак харад. Мурод нони сафедро дӯст медошт. Гоҳо аз дур медид, ки ҳангоми дар кӯча бозӣ кардан писараш ноаён аз назди хонаи ҳамсояи нонфурӯшашон гузаштан, каме боз истода аз бӯи нони нав аз танӯр кандашуда лаззат мебурд. Боз Муродро дида мужда расониданӣ буд, ки бегоҳ бе торт барнамегардад, хурсанд мешавад. Бисёр мехост, ки писарашро дар кӯча дида ба ӯ пулро диҳад ва бо муждаи торт хурсандаш созад.

Хушбахтона, Мурод дар ҷои доимияш сари роҳ бо кӯдакон бозӣ мекард. Пулҳои додаи падарро ба киса андохта, муждаи тортро шунида, тоқиашро баланд партофта ура-а гӯён аспаки чӯбиашро “давонда” рафт, кӯдакони дигар аз қафояш. Ғулом завқ бурда манзараро тамошо карда кӯфти муомилаи дағали клиенти охирро баровард. Боз ба роҳаш давом дода, ғарқи хаёл шуд: Фарзанд ширин будааст. Ба мӯяш хор халад, талха-

каф мешавӣ. Соли гузашта писарам касали сахт шуд. Духтури беинсоф гуфт апендисит шудааст, чил сомонӣ биёред ҷарроҳӣ мекунем, набошад мемурад. То ҳол суханони духтури қотил дар хаёлам мондааст. Гӯё дар бораи бачаи гунҷишк гап мезада бошад. Бачаи худаш ба чунин ҳол гирифтор мегашт, талхакаф мешуд, лекин мо камбағалон ба ҳама чӣ тоқат мекунем. Хуллас ашки чашмонамро дида холабачаам Абдулло маблағро дод. Аз ҳамон рӯз ин ҷониб ӯро мисли фарзанди падарам дӯст доштам. Афсӯс, ки ба хатнатӯи писаронаш рафта натавонистам. Бало ба сари камбағалӣ, агар ягон тухфа мехаридам, гурусна мемондем.

Рафта-рафта роҳ мушкилтар мешуд. Ароба ҷо-ҷо ба кӯлмакчаҳои пуроб дармонда корро вазнин мекард. Мошинҳо бошанд башаст гузашта, оби кӯлмакҳоро ба рӯи аробакаш пош медоданд. Баъзеашон боз аз кори карда завқ бурда механдиданд. Либосҳояш тамоман шип-шилта шуданд. Агар пояш тар намешуд, парво надошт. Лекин ба кӯлмак даромадани пояшу ба калӯшаш об даромадан табъашро хира кард. Боз дар бораи калӯшҳо андешаронӣ кард: Гирем ҳамин калӯшҳои маро, ду моҳ нашуда аллакай пасҳояшон даридааст. Калӯшҳои чӯбин боз дарбеҳро ҳам қабул надоранд. Ҳамин, ки дарбеҳ кардӣ, боз аз ҷои сӯзан задагӣ медарранд. Ҳамин, ки ба Писарам торт харидам, ҳатман як калӯши резинӣ мехарам. Ана баъд боби кӯлмакчаҳоро медиҳам. Онҳоро ана ҳамин тавр зер карда мисли мошинҳо пош медиҳам, гуфта пояшро ба кӯлмаки наздиктарин ғӯтонида буд, ки боз шип-шилта шуд. Ба кори кардааш хандааш омад.

Занам ҳам тамоман пойлуч буд. Лекин ӯ бало аст, мисли ман гаранг не. Аз таҳхона як мӯзаи бекораро ёфта, болояшро бурида, шапак сохта бемалол пӯшида гаштааст. Занам занаки боақл. Доди Худоро бинед, ки ба мани камбағал ҳамин гуна зани хуб расидааст. Абдулло рост гуфта буд, ки занат даҳ раиса зан. Аммо ман ҳам вақти зангириям аз ягон раис кам набудам. Дар завод кор карда сесад сӯм моҳона мегирифтам. Он вақт ин моҳонаи аз ҳама зиёд буд. Ба сад кас пул қарз медодаму ба сад каси дигар ёрдам. То охири солҳои ҳаштодум зиндагиамон хуб буд. Раҳматии Брежнев одами хуб будааст.

Бесавод бошад ҳам бобаракат. Сари қудрат омаду сериву пурӣ шуд, мурду бетартибиҳо сар шуданд. Бечора ғами халқро мехӯрд. Мусулмонӣ ҳам тани Брежнев, хонасӯхта авлиё будааст-да!

Инак кӯтали совхоз ҳам сар шуд. Дар поён Ғулом қариб даҳ дақиқа дам гирифта, нафасашро рост карда, омодаи убур кардани кӯтал шуд. Баъд бо қувваи нав аробаро тела дода ба кӯтал часпид. Баъди ягон бист қадам боло баромадан сустиро дар дастонаш ҳис кард. Фаҳмид, ки танҳо зӯраш намерасад.. Имдодталабона ба атроф назар кард, касеро надид. Тани танҳо он қадар зӯр зад он қадар ҷон коҳонд, ки либосҳои қариб хушкшудааш дигарбора аз араҳи бадан тар шуданд. Аробаи шалақ ахс гирифтагӣ барин дар тезии кӯтал истода, дигар ҳаракат намекард. Ба уммеди он, ки касе пайдо шавад, боз ба атроф нигарист. Ногоҳ чашмаш ба писарбаччае афтид, ки зери дарахтони канори роҳ себ мефурӯхт. Ғулом хурсанд шуда, дар ҳайрат афтод, ки чӣ гуна бори аввал ӯро надидааст.

– Ҳой, ошно, камтар ёрдам деҳ, – нидо дод Ғулом.

– Намебинӣ, себ савдо карда истодам.

– Мебинам, лекин дар ду дақиқаи дигар мебарорему баъд ба ҷоят бар мегардӣ.

Аммо писараки 13-14-сола рӯяшро ба дигар тараф гардонида чизе нагуфт. Аробакаш бисёр маъюс шуд. Баъд дар ниҳодаш ғазаб воло гирифту бо тамоми қувваи боқимонда аробаро ба пеш тела карда, бо ҳамон шаст тахмин даҳ қадами дигар боло рафту дигар тамоман маҷолаш намонд. Истод. Базӯр бо як даст аробаро дошта бо дасти дигар сангҳои дастрасро гирифта ба зери чархҳо гузошт. Аробаро дигар ба ҳоли худ гузошта, болои роҳи мумфарши аз таъсири офтоби аввали баҳор ширгарм ба пушт зада, чашм ба фазои беканор дӯхта ба фикр фурӯ рафт. Шояд Руссия ба мардикорӣ мерафтам? Чанд ҳамсоя рафта пули калон кор карда гашта омаданд. Чанд нафари дигараш ҳар рӯз доллар равон мекунанд. Ман бошам, барои се сомонӣ ҷон коҳонда гаштаам…

Ҳамин дам фикри торт ва Мурод ӯро сабук аз замин бардошта, болои пойҳояш гузоштанд. Яке аз халтаҳоро пушт карда базӯр қадам партофта ба боло ҳаракат кард. Гашта ома-

да, бечуръатона ба халтаи дигар назар дӯхта, садҳо лаънат ба «калонҳо», калта, кӯтал ва себфурӯш кард. Дар охир ҳамаи қувваашро ҷамъ карда, аробаро қафонокӣ кашолакунон ба боло баровард. Гумон кард даму дилаш сӯхта хокистар шуд. Боз нафасашро рост карда ба боло нигарист. Офтоб кайҳо аз нуқтаи завол гузаштааст. Тахмин кард, соат бояд аз ду гузашта бошад. Якбора фикри он, ки мабодо тортҳоро савдо кунанду ба ӯ нарасад ба сараш омаду ба ароба часпид. Қадамашро тез-тез монда ҳаракат кард. Ин тарафи роҳ ҳамвор буд. Агар кӯфтагии кӯтал намешуд, ин се километри дигар машаққате надошт.

Дар нишебии Бештигирмон калта нишаста интизорӣ мекашид.

– Ҳа ошно, ин қадар дер кардӣ, ё аробаат шикаст? – Калта инро гуфту аз даҳонаш бӯи арақ омад. Боз илова кард: – Гумон кардам ордро гирифта гурехта рафтӣ.

Дили Ғулом тах зад, вале аз шиддати мондагӣ чизе нагуфт. Ҷавоби аҳмақ сукут гуфта, худро тасаллӣ дод. Чӣ ҳам гуфта метавонист, ин калтаҳои беимон дар ин замони бесарусомонӣ одамро зада гиристанӣ ҳам намемонанд. Вориди ҳавлӣ шуда халтаҳоро фаровардан хост ба берун бароянд. Исто ошно, инҳоро ба болохона баровардан даркор. Ҳарчанд аробакаш аз мондагиашу тангии вақт сухан оғоз кард, калта ӯро шунидан намехост. Ноилоҷ Ғулом халтаҳоро пушт карда бо зинапоя базӯр қадам зада ба боло баровард. Калта боз ёрдам надод.

Таги дарвоза мардак аз рӯи одати мардуми мусалмон ба ҷои ба чойхӯрӣ даъват кардани меҳмон ба киссаи Ғулом се сомонӣ тиққонду раҳмат гуфт. Оҳанги раҳмат гуфтанаш ҳам аз лаънат кам фарқ мекард. Ғулом пулҳоро ҳисоб карда ҳайрон шуд.

– Ака, охир мо чор сомонӣ маслиҳат кардем-ку.

– Аҷоиб одам будаӣ, кори кардаи ту ба чор сомонӣ меарзад?

– Меарзад намеарзад маслиҳат ҳамин буд. Ман намози пешинро қазо кардам намози аср ҳам қазо шуда истодааст, рӯзи дароз кори шуморо кардам…

– Шуд, хуш омадӣ гаранг накуну баромада рав, – гӯён кал-

та ба хона даромада дарро сахт пӯшид. Лаънатӣ маро фиреб дод, акнун ба писарам чӣ мегӯям, охир ин пул барои торт намерасад.

– Ҳо, ака, – дарро боз тақ-тақ зад Ғулом.

Аз дарун овози нимғурмаи хиррӣ баланд шуд: – Рав, дафъ шав девона, ман меҳмон дорам халал нарасон, набошад бо ҳамон қазо кардани намозҳоят ҳамчун «вофчик» мепарронам, се сомонӣ бас!

Чашмони аробакаш торик шуда, ашк онҳоро пур кард. Бо сари хам ба роҳ баромад. Ӯ акнун шитоб намекард. Гӯё ароба ӯро кашида мебурд на ӯ аробаро. Бало ба ин зиндагӣ. Кошки ҳамроҳи бачаҳои шинос ба Руссия мерафтам. Он ҷо пул бисёр. Ман барин ҷавони меҳнаткаш ба ҳама даркор. Дар як муддати кӯтоҳ пули бисёр кор карда омада, барои Муродҷон на инки торт, балки велосипед мехаридам. Лекин роҳҳои Руссия низ мегӯянд пури офат. Як сӯ милисаҳои рус ғам медиҳанд, як сӯ қазоқу ӯзбак… Аммо аз ин азоби ман дида, азоби додаи онҳо сахт нест. Ҳар чӣ бодобод, ин дафъа ҳамин ки фурсат шуд меравам.

Ғулом ғарқи андеша ба нишебии совхоз расид.

– Себ мехарӣ? – шунида шуд овози бачагона. Ғулом аробаро байни роҳи мошингард манъ карда фикр кард: ду кило себи сурхи ин сағираи беодобро харида барои Мурод бурда таъриф мекунам, ки беҳтар аз торт будааст. Агар қабул накунад ҳам, мегӯям ман фикр кардам ту аз торт дида себро нағз мебинӣ. Боз қабул накунаду гиря кардан гирад, ваъда медиҳам рӯзи дигар низ Соли нав, торт мехарем. Аз ин андешаҳо Ғулом ҳатто хурсанд шуд. Аммо амри тақдир дигаргуна буду на ба коми аробакаш.

Ҳамин дам мошини хориҷие бо суръати тез аз кӯтал пайдо шуд. Сари роҳ аробаро дида саросема шуда мошинро идора карда натавонист. Ғулом ҳам чӣ кор карданашро надониста дар ҷояш шах шуда монд. Мошин дар ҳоле, ки заррае суръаташро суст накарда буд ба ароба бархӯрда, ҳамроҳи он аз роҳ парида рафт. Дастаи ароба дар дасти Ғулом ки буд ӯро кашида ба болои асфалт ғалтонд. Мошини дигаре ҳам, ки шояд ҳамроҳи аввалӣ буд бо ҳамон гуна суръати тез аз кӯтал

пайдо шуда, Ғуломро зер кард. Аробакаш оғӯштаи хун тоб хӯрда, оҳиста ба ҷарича фаромад. Себфурӯш дар як они воҳид ғайб зад.

Шаб бевақт шуда буду Мурод дигар ёди торт намекард. Фақат интизори отаҷонаш буд. Очааш ӯро тасаллӣ медод, ки отат албатта меояд, хоб накун, ҷонам, ҳатман бароят торт меорад. Аммо сабаби ғайб задани шавҳарашро ӯ ҳам намедонист, фақат дилаш гувоҳӣ медод, ки ягон воқеаи мудҳиш рӯй додааст.

Писарак нолаи нони сафеди дар даҳонаш бударо ҳанӯз фурӯ набурда хобаш бурд.

Зан дар ҳоле, ки оби чашмонаш ба рухсораҳояш шорида ба гиребони куртаи куҳнааш мечакид, чашм ба дарвоза дӯхта буду интизор, ки кай садои аробаи шалақ баланд мешавад. Болои дастархон ба ҷуз як пиёла шакар ва як дона нони сафед дигар чизе набуд.

## БЕ ТУ МЕМИРАМ

Шаб аз нисф гузашта бошад ҳам, Фиребо бедор аст. Чӣ гуна миҷҷа таҳ карда метавонист, ки фардо тамоми орзӯю ҳавасаш ба як бор барбод меравад. Орзӯҳое, ки ҳанӯз аз даврони навҷавонӣ дар дилаш пайдо шуданд. Бо Суҳроб якдигарро дӯст медоштанд ва билохира хишти аввали ҳамзистиро якҷо гузоштанд. Хонадор шуда орзӯи таваллуд шудани фарзанд карданд ва ба ин умед зиндагиашон рангинтар шуд. Ҳар шаб то дер гоҳ бо якдигар шӯхию бозӣ мекарданд ва билохира ҳамоғӯш хобашон мебурд. Як лаҳза ҳам аз якдигар ҷудо шуда наметавонистанд. Рӯзҳои авали хонадоршавӣ ҳатто гоҳо рӯзона Суҳроб аз ҷои кор занг зада Фиребоbooро бо ҳар баҳона ба наздаш ҷеғ мезад. Масалан барои овардани калиде, ки ӯ саҳар фаромӯш кардааст, ё барои додани пул барои хариди ягон ашё. Гоҳо атрофиён онҳоро мазоҳ карда Лайливу Маҷнунашон меномиданд. Бисёриҳо ба онҳо ҳасад мебурданд.

Имшаб бошад чашмони Фиребо пуроб аст. Баъди 5 соли ҳамзистӣ аввалин бор як ҳафта пеш Суҳроб аз ҷудоӣ сухан

гуфт, он ҳам зери фишори модараш. Фиребо аз пушти дар шунид, ки хушдоманаш дод зада ба фарзандаш мегуфт: «Ту латта, 5 сол шуд фарзанд намеёбӣ, боз интизори чӣ нишастаӣ, сар деҳ ӯро, талоқаш кун ва зани дигар гирифта лаззати фарзандро бичаш, ин зан безурёт аст! Чанд бор табобат кардед нашуд. Намешавад, дигарашро гир!»

– Оча, охир табобати ахириамон ҳамагӣ ду ҳафта пеш тамом шуда буд, – оҳиста гуфт Суҳроб ва илова кард, – камтар интизор шавем.

– Боз чанд соли дигар интизор шудан даркор? Синну солат мегузарад, – муқобилият кард модар, дар пирӣ фарзанди хурдсол ба кӣ даркор?!

Фиребо дигар ба ин суханон одат карда буд. Бовар дошт, ки Суҳроб ҳам бе ӯ наметавонад, аммо имшаб бар он бовар набуд. Чун ба сӯи шавҳар даст дароз мекард, то ӯро навозиш кунад, рӯяшро ба дигар тараф гардонида, уф-ф гӯён норозигияшро баён мекард. Ин ҳолат дили занро маҷрӯҳ месохт. Ҳис мекард, ки акнун шавҳараш ӯро бегона медонад. Ин барояш даҳшат аст. Бо вуҷуди ин, ҷавонзан оҳиста ва ноаён болои ҷогаҳ нимхез шуда ба рӯяш нигоҳ кард. Дар нимторикӣ ду қатра ашкро дид, ки дар рӯи шавҳараш ях баста буданд. Фиребо бори дигар сухан аз муҳаббат кушод: «Суҳроб, ҷонам шавӣ, як бори дигар фикр кун чӣ гуна мо метавонем ҷудо шуда, насиби дигарон шавем? Магар ту борҳо нагуфта будӣ, ки бе ман зиста наметавонӣ, ин ҳама гуфтаҳо дурӯғ буданд? Мо ягон кӯдакро аз ятимхона гирифта калон мекунем, ба ӯ дил мебандем ва фикри бефарзандӣ моро тарк мекунад. Як бори дигар андеша кун, ҷонам.

– Мардум чӣ мегӯянд? – Рӯяшро нагардонида гуфт Суҳроб. Моро безурёт ҳукм мекунанд, охир ман ин гапҳоро сад бор ба ту гуфтаам. Ман мехоҳам ба фарзанди худам дил бандам. Модарам мегӯяд-ку дар аввал бе ҳамдигар каме азоб мекашем, баъд фаромӯш мешавад. Ҳоло бошад хоб кун.

Зан сар ба болишт монд, аммо то саҳар бедор буд. Дигар бовар надошт, ки бе дилдодааш чӣ гуна зиндагӣ карда метавонад. Ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки дасти дигаре дар гарданаш ҳалқа шавад.

Саҳар болишти аз оби дида тарро ноаён болои тиреза гузошт, то хушк шавад. Баъд ҷорӯбро гирифта, хост аз рӯи одат ҳавлӣ рӯбад. Ҳамин дам хушдоманаш аз хонаи хобаш баромада, башаст омада ҷорӯбро аз дасти келин ситонида дур ҳаво дод:

– Боз чанд соли дигар ҳаёти бачаамро месӯзонӣ, ҳавлӣ нарӯб, чой хӯрда ба суд равед, ҳама корҳо тахт, ҷудо шавед, то роҳамонро ёбем.

– Очаҷон, ҷонам шавӣ, тавалло кард зан, маро аз шавҳарам ҷудо накун, ман бе ӯ зиста наметавонам, аз Худо битарс, очаҷон…

– Безурёт, ба хотири ту мехоҳӣ фарзанди ман тамоми умр бефарзанд монад? Ту худат кӣ, раҳу рӯ пури духтар, дигарашро гирифта фарзанд ёфта хушбахт мешавад.

Ҷанҷолро шунида Суҳроб, ки навакак бо баромадани офтоб ғанабаш бурда буд бедор шуд. Давида ба ҳавлӣ баромада модарро ором карданӣ шуд:

– Очаҷон, чиҳо мегӯед, монед ӯро ба ҳолаш, беш аз ин озораш надеҳ…

– Ҷим шин, латта, ту бо ин сустиродагиат хушбахт намешавӣ, талоқаш деҳ!

– Оча, вақташ мерасад, сар медиҳам, ором шав.

– Ором намешавам, ҳамин ҳоло сар деҳ, аввал талоқ баъд ба суд! Фиребо ба пои модар афтид: очаҷон наронед маро, ман бе Суҳроб зиста наметавонам.

– Ту наметавонӣ, аммо писари ман чӣ, бе фарзанд зиста метавонад? Оё ту боре фикри писари маро кардӣ, беҳаё!

– Очаҷон, ман ба шумо чӣ бадӣ кардам, охир 7 сол боз хизмататонро мекунам, боре аз ман норозӣ нашуда будед… маро хонавайрон накунед.

– Келини дигар ҳам хизматамро мисли ту мекунад ва бароям набера мезояд!

– Сар деҳ Суҳроб, набошад ман аз ин хона баромада меравам.

Фиребо гирёну нолон ба хона даромад. Шавқуни хушдоман боз қариб як соат аз ҳавлӣ ба гӯшаш расид. Баъд ҳама ҷо сокит шуд. Ҷавонзан каме ором шуд. Сарашро болои болишт

гузошта буд, ки ғанабаш бурд. Баъди чанд дақиқа шараққос кушода шудани дар ӯро ба худ овард. Суҳроб ворид шуда оҳиста ба наздаш омад. Фиребо болои кӯрпача нишаст. Шавҳараш дузону дар паҳлӯяш нишаста ба чашмҳои аз гиря сурхшудааш нигоҳ кард. Дилаш реш-реш шуд. Якбора ашки сӯзон аз чашмони ҷавон равон шуд. Сари занашро ба оғӯш гирифт. Аммо зан ҳис кард, ки ин акнун оғӯшҳои гарми пур аз муҳаббат нест, балки сарду ҳатто мудҳиш аст. Суҳроб оҳиста ба гӯши занаш бо овози ларзон беҷуръатона гуфт: «талоқат кардам, азизам.»

То ин дам Фиребо ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки чӣ гуна талоқ кардани шавҳар ва азизтарин шахс барояшро таҳаммул карда метавонад. Аммо баъди он ки ҷанҷолҳо сар шуданд, ӯ ба ин лаҳза тайёрӣ медид, аммо бовар надошт, ки баъди талаффузи «талоқ» аз ҷониби дӯстдоштааш зинда монда тавонад. Аммо ин бор ҳис кард, ки банди дилаш канд, кадом ҳиссиёти ширине аз қалбаш берун шуд, аммо ҳама чиз дар дилаш дигар куҳна ва беранг буд, ҳатто марг ҳам. Ҳама лаҳзаҳои ширини ҳаёт дар осорхонаи қалби покаш ба ашёи кӯҳнаю чангзада мубаддал гаштанд. Ин хона, дару тиреза, хушдоман, ҳатто шахси дӯстдоштааш мисли чизҳои аҷиб ва азиз буданд, ки ҳамакнун ба як бор аз дасташ рафтанд. Бисёр мехост каме дигар ашк резад, то андӯҳаш камтар шавад, аммо натавонист.

Аз ҷой бархоста хомӯшона ашёи лозимиашро ҷамъ карда ба ҷомадони давраи арӯсиаш ҷой кард. Аз ҷавоҳироти тӯли ин солҳо тақдимкардаи Суҳроб ба ҷуз ангуштарини ақди никоҳ чизе дигар нагирифт. Суҳроб дар кунҷаке нишаста сар болои қолин гузошта сокит шуд. Фиребо ҷомадонро гирифта ба назди дар рафта охирин бор акнун ба ин марди бегона назар дӯхт, гумон кард, ки хобаш бурдааст. Ҷомадонро гузошта, болиштро гирифта, оҳиста ба ӯ наздик шуда, сарашро беозор бардошта, болои болишт гузошт. Дигарбора ҷомадонро бардошта, бо овози ҳатто барои худаш базӯр шунаво видоъ гуфт: хайр ҷонам, мутмаин бош, ман дигар барнамегардам. Суҳроб шояд бо қалбаш ин суханонро шунида сар бардошт. Зан маҳзунона табассум карда гуфт: ту бе ман наметавонӣ.

Балки зуд бар мегардӣ, аммо… Духтар каме хомӯш истода, аз байни андӯҳи зиёд заҳрханд карда афзуд: он вақт ман намехоҳам.

Ба кӯча баромада ҳис кард, ки касе аз кафояш ба берун баромадааст. Гумон кард Суҳроб аст, аммо ба қафо гашта хушдоманашро дид, ки оби дидагонашро бо лаби докааш покиза мекунад. Хост бо лабони ларзонаш чизе бигӯяд. Келин ҳатто чанд дақиқа интизор шуд, то суханашро шунавад, аммо бефоида, лабонаш бештар ларзиданду ашкҳояш шашқатор рехтанд. Фиребо ҳис кард, ки модар илоҷи дигар надорад, чунки барои ӯ фарзанддор шудани писараш болотар аз ҳама ҳиссиёти дигар буд. Баъд оҳиста ба наздаш омада, сар болои китфаш монда буд, ки зан ӯро ба оғӯш гирифт:

– Бубахш, духтарам ман роҳи дигар надорам.

– Медонам модар, ман шуморо мефаҳмам, хафа нестам, – байни ашку андӯҳ ноаён табассум карда гуфт Фиребо, баъд гӯё бепарво ба роҳ баромад.

Ҳамин тавр ду дилдода аз ҳам ҷудо шуданд. Оила вайрон шуд. Ду дил шикаст…

Аз байн ду моҳ гузашт. Ду моҳе, ки барои Фиребо ягон маънӣ надоштанд. Ӯ аввалин бор ҳис кард, ки зиндагӣ рангин набудааст ва ё ҳатто барои ӯ дигар лозим нест. Гоҳо дар хона дилгир шуда ба боғи марказии шаҳр мерафт, то каме дилаш кушода шавад. Дар кунҷаке болои харак нишаста ба рӯймоли калони сиёҳаш печида соатҳо беҳаракат менишинад. Дар дасти занҳои раҳгузар кӯдак дида худро ба ҷои модари ӯ тасаввур мекунаду каме ором мешавад. Дар олами хаёл ӯ худро ҳамроҳи шавҳар ва фарзандаш дида дигарбора хаёлан шаҳди ҳаётро мечашад. Танҳо ҳамин буд чизе, ки ӯро дар дунё зинда нигаҳ медошт. Дар ду моҳи ҷудоӣ он қадар бо ин хаёлоти ширин созгор шуд, ки дигар касе ё чизе онҳоро иваз карда наметавонист. Ҳатто батадриҷ дигар хаёли баргаштани шавҳар ва хушдоман аз қалбаш берун шуданд. Одатан бегоҳӣ модараш омада ӯро аз олами хаёлоташ берун меовард. Насиҳаткунон ба хона мебурд. Мегуфт зиндагӣ ба охир нарасидааст, бояд худатро ба даст гирӣ, дубора ба шавҳар баромада фарзанд ёфтан мумкин… Аммо зан ин суханонро ҳам-

чун қарзи модарӣ меҳисобад на беш. Ӯ ҳатто дигар ба назди Суҳроб баргаштан намехоҳад, чунки фарзанд, ки намеёфт намехост Суҳроб барои ӯ шуда бефарзанд монад ва сабаби ин доғ ӯ шавад.

Рӯзе дар хона нишаста буд, ки аз дарвоза чанд зани ҷӯгӣ ворид шуда шурӯъ ба дуо додан карданд. Баъд яке аз онҳо ҷавонтар аз дигарон буд ба кате, ки Фиребо нишаста буд наздик шуда пурсид:

– Духтар, чаро ин қадар андӯҳгинӣ? Мехоҳӣ ман туро фол бинам?

– Не, дугона, ман ба фолбинон бовар надорам, баъд фоли маро тақдир аллакай дидааст.

Ҷӯгизани ситорагарм дигарбора кӯшиши пул кор кардан, карда пешниҳод намуд: – Дугона, биё шарт карда ман туро фол бенам, агар дуруст набарояд ман дигар аз касаба ва фолбинӣ даст мекашам.

Фиребо базӯр табассум карда дасташро ба тарафи ӯ дароз кард. Ҷӯгӣ, ки касби худро хуб медонист ҳамқофия карда чанд сафсатта гуфту дар охир илова кард: «то тирамоҳ соҳиби як баччаи хушрӯй мешавӣ. Ҳамроҳи шӯят ва баччаят умри дароз мебинӣ.»

– Аллакай дурӯғ гуфтӣ, ҷӯгӣ.

– Ин тавр нагӯед дугона, ман ҳоли дурӯғ гуфтагим не, аз дастат дидам.

– Ман 7 сол шавҳар доштам фарзанд наёфтам, акнун шавҳар надорам.

– Шавҳар дорӣ надорӣ, ман намедонам, лекин соҳиби баччa мешавӣ.

– Ана ин як сомониро гиру рав, фоли дидаат дурӯғ аст.

Дами дар ҷӯгиҳо аз содагии зан завқ бурда хандиданду баромада рафтанд.

Боз чанд рӯз гузашт. Зиндагии беранги Фиребоpo ҳатто хабари зан гирифтани Суҳроб дигаргун карда натавонист, чунки акнун он хонадон барояш бегона буд. Аз ҳамсояҳо шунид, ки чанд бор Суҳробро дар кӯча диданд, ки аз дур омада ба хонаи онҳо нигоҳ мекард. Бо шунидани ин хабар дар таҳи дилаш кадом табаддулоте рух дод, аммо худ дарк накард, ки кадом.

Ончунон дилаш аз зиндагӣ монда буд, ки ҳатто омадани Суҳробро интизор набуд. Лекин баъди чанд соат сараш чарх заду қариб буд даруни ҷӯйбори ҳавлӣ афтад. Агар модараш нохост пайдо шуда ӯро намедошт, шояд меафтид. Модар ӯро болои ҷогаҳ хобонда боз насиҳат кард, то дигарбора ба шавҳар барояд, аллакай сеюм хостгор аз дами дар ноумед рафт. Ҳама пулдор буданду ҷавон.

Баъд бо худ андеша кард: ба ин аҳвол ғам хӯрда худро мекушад. Харобу хазон шудааст. Ба чунин аҳвол бори охир бо тобути падараш аз Руссия баргашта буд. Он вақт понздаҳсола буд. Расо як сол ғам хӯрд, на хандиду на бо ҳамсолонаш бозӣ кард. Боз муҳаббат ба Суҳроб ӯро дигарбора ба зиндагии хуш баргардонид. Пештар бошад тӯли 8 соли дар Маскав буданаш қариб ҳар рӯз ба ман занг зада бисёр гап мезад, шӯхӣ мекард. Дар як сол ду бор ҳамроҳи падараш ба хона омада, бароям тухфаҳои зиёд меоварданд. То рафтанашон дар фазои хона фақат хандаи ҷарангосии Фиребо буд.

Аммо падараш, ки ба ман муҳаббат надошт, ҳамааш дар назарам чун бозича менамуд. Агар мисли солҳои навҷавониамон дӯсташ медоштам, баъди маргаш тоқат карда натавониста шояд ба аҳволи имрӯзаи духтарам гирифтор мешудам… аммо, афсӯс, сил бемории табобатнашаванда будааст. Оқибат ҷонашро ситонид. Дӯстони дар Маскав будааш, бахусус зани русаш он миқдор кӯмак карда буданд, ки пурра то ба шавҳар додани духтарам ва маъракаҳо расид, азоб накашидем… шукр, аммо ҳама азобам акнун сар шуд. Духтарам, ки тарбияи аврупоӣ гирифтааст муносибати оилавиро ба таври худ мефаҳмад. Модарандари русаш мисли ҳамон миллат ба ӯ тарбия додааст. Шояд барои ҳамин рафтори Суҳробро хиёнат меҳисобад ва аслан барои ҳамин ғам мехӯрад…

Вақте ки бори дигар сари духтараш лаби чакдони нонпазӣ чарх зад, хатарнок будани инро бо чашми сар дида, базӯр ӯро розӣ кунонд, то ба духтур муроҷиат кунанд. Фиребо барои гапи модарро дар замин намондан рафт, набошад дигар барояш зиндагӣ маънӣ надошт. Ӯ дигар ранги гулҳоро намедид, мисли пешатара аз баромадани офтоб лаззат намебурд, садои чак-чаки борон барояш маънӣ надошт.

Дар маслиҳатгоҳи занона як зани миёнасоли ситорагарми рус Фиреборо муоина кард. Баъди ташхис хабари ногаҳоние расонид, ки тамоми зиндагии ҷавонзанро дигаргун сохт. Табиб хулосаи ташхисро ба Фиребо гуфт:

– Шумо ҳомиладор ҳастед.

– Чӣ, чӣ хел ҳомиладор, ман ҳатто шавҳар надорам?

– Намедонам, ҷонам, шавҳар дорӣ ё не, аммо шумо аниқ ҳомиладор ҳастед. Баъд барои ҳомиладор шудан шавҳар доштан шарт нест.

– Шумо чиҳо мегӯед, оча, ин ҷо биё!

Модар шитобон давида омад: – Чӣ шуд духтарам.

– Оча, ба ин духтур гӯш диҳед чӣ мегӯяд. Ман он ҷӯгии фолбинро мефаҳмам, аммо ин зани рус барои чӣ ин тавр мегӯяд?

– Ман намедонам зани ҷӯгӣ ба шумо чӣ гуфтааст, аммо ман мисли ҷӯгиҳо аз шумо пул намепурсам, хеста равед, шумо ҳомиладор. Кай охирин бор бо мард ҳамхоба шудед?

– Ду моҳ пеш бо шавҳарам, баъд маро сар дод.

– Хайр боз чӣ ин қадар масхарабозӣ мекунед, барои ҳомиладор шудан шарт нест доимо шавҳар дар паҳлӯятон бошад. Охирин бор мегӯям шумо дар батн ду моҳа фарзанд доред.

Беихтиёр ашки шодӣ аввал аз чашмони модар баъд аз чашмони худи Фиребо ҷорӣ шуданд. Худоро шукр, мегуфт модар, духтарамро дигарбора ба ман ато кардӣ, дигар дар дилам армон намонд…!

Духтар бошад беҳолона ба роҳрав баромада дар кунҷаке нишаст, ӯ то ҳол ин хабарро таҳаммул карда наметавонист. Балки зӯраш намерасид.

Модар ҳама пулҳои доштааш, ки 70 сомонӣ буд ба нею нестони духтур нигоҳ накарда болои миз гузошта ба роҳрав баромад. Бари духтараш нишаста сари ӯро ба оғӯш гирифта ашки шодӣ рехта оҳиста гуфт:

– Ҳамааш нағз мешавад, бачам, акнун Суҳроб давида меояд. Барои ту ҳам наояд барои кӯдакаш меояд, ғам нахӯр. Ба хонаи шавҳарат бармегардӣ.

Ман барнамегардам, оча, ҳамааш гузашт, дигар бар гаштан намехоҳам, барои ӯ на ман, балки кӯдак лозим будааст.

– Ин тавр нагӯй, духтарам, барои зан оилаи обод лозим, ту ҳоло ҷавон боз дар хонаи шавҳарат мисли пештара зиндагии хуб ба сар мебарӣ…

– Оча, ман лаби латта не, кӯдакро худам калон мекунам, барои ӯ падар лозим не.

– Чиҳо мегӯӣ, хез рафтем, аз шавҳари худат дида барои ту шӯи беҳтаре ёфт намешавад, хайр агар очааш ганда бошад, будан гирад ту бо писараш зиндагӣ мекунӣ на бо очааш.

– Очааш ганда не, худаш қадри ишқро намедонад. Ман барои бефарзандӣ ҳеҷ гоҳ ӯро тарк намекардам, аммо ӯ… охир мо бе ҳамин фарзанд якдигарро дӯст медоштем.

Фиребо расо баъди 7 моҳ як писарчаи зебо таваллуд кард, ҳамон рӯз Суҳроб ҳамроҳи модараш омад. Чун овози меҳмонҳоро аз ҳавлӣ шунид беихтиёр хост аз ҷой парида хеста ба ҳавлӣ барои пешвозашон барояд, ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки Суҳроб биёяду ӯ аз ҷой нахезад, аммо лаҳзае пас ба худ омада андеша кард, ки дигар Суҳроб барояш бегона аст. Аз ҳамаи мавҷудоти олам ҳамин кӯдак ва модари меҳрубонаш барои ӯ азиз ҳастанд.

Модар ба пешвози меҳмонон шитофт. Бо сад меҳру муҳаббат онҳоро пешвоз гирифта сари дастархон таклиф кард, аммо Суҳроб дигар бе иҷозаи хонадор вориди ҳуҷраи хоби Фиребо шуд. Бо чашмони пуроб оҳиста ба назди кӯдак омада сарашро болои кӯрпача гузошта, чашмонашро нимпӯш карду рӯ ба дилдодааш овард:

– Ҷонам ту ку шавҳари дигар накардӣ? Ҳамсояҳо гуфтанд, ки тӯли моҳҳои ҷудоии мо дар канори марде набудӣ, росташро гӯй, балки қасам хӯр, ки ин баччаяки ман аст?

– Ҳа, – бо овози каме ларзон вале хушк ҷавоб дод зан ва илова кард, – қасам намехӯрам. – Аз ин сардии зан Суҳроб каме нигарон шуда бошад ҳам, дигарбора кӯшиши дарёфти асрори дили Фиребоўро кард.

– Шукри Худо, акнун ҳамааш нағз мешавад. Ман зан гирифтам, вале боз кӯдак наёфтам. Акнун ӯро сар дода, дигарбора туро мегирам ва хушбахт мешавем.

– Хато мекунӣ, Суҳроб, ман баргаштан намехоҳам, чунки ҳамон вақт ҳис карда будам, ки барои ту муҳим на ман, балки кӯдак будааст.

– Ту чиҳо мегӯӣ, ҷонам, мо боз якҷо зиндагӣ мекунем, хушбахт мешавем, ана мебинӣ ман аз пештара дида бо ту меҳрубон мешавам.

Ҳамин вақт дар кушода шуду хушдоманаш даромада сарашро ҳамроҳи болишт ба оғӯш кашида гиря оғоз кард.

– Худоро шукр духтарам, дар ин муддати ҷудоӣ талхакаф шудам. Фаҳмидам, ки на писарам ва на ман бе ту зиста наметавонем, бубахш моро, ҷон келин ҷон.

Фиребо ҳамоно беҳиссиёти ошкоро ва ҳатто бемаъно ба онҳо нигоҳ намекард ва дида ба сақфи хона дӯхта хомӯш буд. Баъди зорию таваллои зиёди шавҳар ва хушдоманаш кӯдакро ба оғӯш гирифта, пистон ба даҳонаш гузошт. Садои фиқ-фиқ ширмакии кӯдак ба гӯш расид. Барои ҳозирин ин мусиқие буд, ки ба кас ҷон мебахшид.

– Ман акнун бе шумо зиста метавонам. Ҳеҷ гоҳ барнамегардам. Суҳроб, ҳаёти духтараки дигареро, ки зан кардаӣ масӯзон. Маро фаромӯш кун…

Баъди зорию таваллои зиёд модару писар чун мутмаин шуданд, ки қарори Фиребо қатъӣ аст, ҳарду аз ҷой бархоста гирён аз хона баромаданд. Модари ҷавон ҳатто аз тиреза онҳоро наззора накард, балки ҳамоно байни нишоту андӯҳ бо кӯдакаш саргардон буд. Нишот мекард, ки кӯдакдор шуд, андӯҳаш аз он буд, ки дар дунё муҳаббати беолоиш насибаш нагашт. Яъне то ин дам муҳаббати байни ӯ ва шавҳараш ба хотири дарёфти фарзанд будааст.

## КАРОМАТИ БЕРУНӢ

Баъди шикаст хӯрдани сипоҳ дар Ҳиндустон ва баргаштан ба Бухоро саҳар шоҳ хеле ошуфтаҳол бар тахт нишаст. Дарбориён интизори фармоишоти мудҳиш шуданд. Дар чунин вазъият, одатан шоҳ қусури нобарориҳоро аз дарбориён мегирифт. Ҳатто бо ҳар ҷурми кӯчак ва ҳатто баҳона, фармони қатли баъзеҳоро содир мекард. Ин саҳар ҳам, ба қавле, аз қошу қавоқаш борон меборид. Фазои сокити дарборро фақат нафаскашии вазнини шоҳ каме халалдор мекард. Садои бини-

аш ҳар қадар паст бошад ҳам, ҷиҳати сокитӣ ҳама онро мешуниданд. Ҳудуди 40 нафар ашрофзодаҳо дастҳо пеши бар интизори супоришҳои шоҳ Маҳумуди кишваркушой шуданд. Билохира Маҳмуд базӯр сари ғафсашро боло бардошта ба ҳозирин назар дӯхт. Баъзеҳо даст аз ҷони хеш шустанд. Чун Абурайҳони Беруниро надид, оҳиста аз мулозими хоса шайх Имомиддин пурсид: Абурайҳон куҷост?

– Дар расадхонааш, шоҳам.

– Магар аз омадани мо дарак надорад?

– Дорад, аммо гуфта буд аз ситораҳо сирри аҳволи шоҳро муайян месозад, шояд ҳамин замон расида биёяд.

– Аҳволи моро-ку ҳангоми ба Ҳиндустон рафтан муайян карда буд. Даҳони хунукашро зада гуфта буд, ки дар Сарандеб моро бадбахтӣ интизор аст. Инак, 20 ҳазор навкарро бой дода гашта омадам.

– Ӯро биёр, то дигарбора даҳони хунукашро зада бигӯяд, ки мо кай қудрати фатҳи ин мамлакатро дарёфт мекунем.

Даҳшати ин даъватро ҳозирин зуд дарк карданд. Онҳое, ки солиёни зиёд хизмати шоҳро дар дарбор мекарданд, мутмаин шуданд, ки ин бор бузургтарин шайхи Мовароуннаҳр Абурайҳони Берунӣ ҷон ба саломат нахоҳад бурд. Мутаассифона, манзалати ӯ дар бузургӣ баробари вазни мусибати бузурги шоҳ буд. Дар чунин ҳолат ҳама медонистанд, ки Маҳмуд ё садҳо нафар авомро аз дами теғ гузаронида ором мешавад, ё чунин як алломаи машриқзаминро. Ин бор маълум шуд, ки бо рехтани хуни Берунӣ майнаашро ором карданӣ шудааст. Бинобар ин дар дарбор баъзе аз бадхоҳону ҳасудон бо нишот ин тасмими шоҳро қабул карданду баъзеҳо бо тараҳҳум. Ҳамин ки амри шоҳ дар бораи овардани Берунӣ садо дод Имомиддин «хуб шудааст, шоҳам», гуфта, пуштнокӣ то дари боргоҳ рафта, баъд бо қадамҳои шитобкорона ба берун баромад. Дар ҳоле, ки даҳшат тамоми вуҷудашро фаро гирифта буд, раҳораҳ роҳҳои халосии алломаро меҷуст. Аммо ба сараш фикре ҷой намегирифт. Билохира ба ганҷурхонаи расадхона, ки дар шафати дарбор ҷойгир буд расида, ворид шуд ва Беруниро дид, ки машғули ким-чӣ кор аст. Салом дода дар ҳоле, ки манаҳаш аз ҷиҳати ҳаяҷон меларзид супориши

шоҳро ба ӯ расонд. Берунӣ зуд дарк кард, модоме, ки мулозими хоса, ки беҳтар аз ҳар устурлоб аз рӯи таҷриба рафтори минбаъдаи шоҳро муайян карда метавонист, чунин безобита гаштааст, вазъият хело печида ва на ба фоидаи ӯст. Худро каме ноҳин ҷор ҳис карда бошад ҳам, қиёфаашро ором гирифта, зуд яктаки сафедашро пӯшида, дунболи мулозим роҳи қасрро пеш гирифт. Аммо қабл аз баромадан аз ганҷурхона ҳангоми дарро қуфл задан оҳиста гуфт: «дарвозаҳо ҳам сари чандин нафарро хӯрдаанд.» Мулозим инро шунида ҳамин қадар андеша кард сарфаҳм нарафт, ки ситорашинос чаро ин гапро гуфт. Баъд раҳораҳ рӯ ба ӯ оварда таъкид кард: «Абурайҳон, шоҳ дар ғазаб аст. Шумо худ медонед, ки ин чӣ маънӣ дорад.» Абурайҳон хуб медонист, ки ба коми аждаҳо рафта истодааст. Мулозим идома дод: «Ҳар сухане, ки нагӯяд шумо ҳозирҷавобӣ накунед, беҳтараш сар ба поён афканда хомӯш монед, агарчӣ таҳқир ҳам кунад. Таҳқири шоҳ аз таҳқири мардуми оддӣ фарқ дорад. Ҳар рафторе, ки накунад, шумо бомулоҳиза бошед…»

– Тасмимаш чизе бошад аз дасти ман чӣ ҳам меомад? Аммо марги маро дар ин наздикиҳо устурлоб нишон надодааст. Модоме, ки шоҳ дар чунин вазъият маро хостааст маълум аст, ки ситораҳо ҳам гоҳо саҳв мекардаанд.

Аз бепарвогии донишманд дар қиболи марг Имомуддин дар шигифт монд.

Мулозим ба дарбор ворид шудан замон бо садои баланд садо дод: – Инак Берунӣ омад, шоҳам. – Ҳама сар бардошта аввал ба Абурайҳон баъд ба шоҳ нигаристанд – бадхоҳон бо тамасхур ва дӯстон бо тараҳҳум. Шоҳ ҳам сари ғафси пок покиза тарошидаашро бардошта, теғи нигоҳи сувололуда ба ситорашинос кашида гуфт:

– Ту ҳамчун фолбини бузург шуҳраи ҷаҳон гаштаӣ?

– Не шоҳам, ман ҳеҷ гоҳ фолбин набудам. Лаънати Худо ба фолбинон бод, ки аз зумраи мушриконанд.

– Хафа шудӣ? Майлаш, ситорашинос. Хуб, бигӯй, ки ман аз зумраи се дари ҳамин боргоҳ худи ҳозир аз кадомаш берун мебароям?

Касе интизори чунин супориши аблаҳона набуд. Имомуд-

дин фақат ҳамин вақт сарфаҳми дар расадхона дар бораи дарвозаҳо сухан гуфтани Берунӣ рафт. Аммо барои ҳасудон ин оқилонатарин супориш буд, яъне Берунӣ ногузир кушта мешуд. Аввал Донишманд дар тааҷҷуб афтод, баъд худро ба даст гирифта, оромона гуфт:

– Шоҳам, иҷоза бидиҳед ман ҷавобамро навишта зери ана ин болишти канори тахт гузорам.

Шоҳ писханд зада иҷоза дод. Берунӣ ҳамин ки навишта зери болишт гузошт шоҳ зуд фармон дод, усто ҷеғ зананд, то байни ду дар деворро сӯрох кунанд. Устоҳо дар як лаҳза деворро сӯрох карданд ва шоҳ аз он баромад. Ҳозирин дар шигифт монданд. Чунин тасмим гирифтани шоҳ ба гӯшаи хаёли касе намеомад. Ҳама мутмаин буданд, ки супоришҳои додаи шоҳ барои Берунӣ мушкил нестанд. Ӯ аз ӯҳдаи ҳар кор ба осонӣ мебарояд. Акнун хайрхоҳони донишманд ноумед шуданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки навиштаи зери болишт Абурайҳонро аз марг наҷот дода наметавонад, чунки ҳатман ба яке аз се дари мавҷудаи боргоҳ ишора кардааст.

Шоҳ бо тамасхури на он қадар аён болои тахти нақшин нишаст. Лаҳзае фазои хомӯши боргоҳро пашшае халалдор мекард, ки парида мехост ба сутуни дигар нишинад.

Маҳмуд ба сарбозони дуртар бо шамшерҳои кашида рост истода фармуд:

– Ин фолбини дурӯғгуро аз болои манори қаср ба поён партоед.

Сарбозон ба Берунӣ часпиданд. Ӯро кашолакунон ба назди равза оварданд. Садои Берунӣ баланд шуд:

– Шоҳам, шояд аввал ба навиштаи ман ҳам як назар меафкандед?

Ҳозирин гумон карданд, ки шайх бо ҳамин роҳ боз чанд лаҳзаи дигар зинда мондан мехоҳад. Шоҳ рӯ ба мирзои дарбор овард. Ходим зуд рафта аз зери болишт коғазро бароварда бо овози баланд хонд:

– Шумо ончунон шоҳи якравед, ки аҷаб не дар девор фармони кандани сӯрохро диҳед.

Ҳама дар ҳайрат афтода дасту по гум карданд. Баъди лаҳзае барои аввалин бор мунтазири ҳаракати шоҳ нашуда,

беихтиёр рӯ ба ситорашинос оварда, қарсак зада, садои таҳсину офарин баланд карданд. Баъди лаҳзае ба шоҳ нигаристанд, то табассуми ӯро дида, ором шаванд. Аммо чун диданд, ки шоҳ хомӯш асту ғазаболуд якбора сокит шуданд.

– Офарин бар ту бод, аллома! – Нидо дод шоҳ. Ҳама дигарбора садои офарин баланд карданд. – Аммо, – идома дод Маҳмуд, – барои шоҳро якрав хондан кушта мешавӣ. Партоед! – Мулозимон дигар лаҳзае маътал нашуда, ӯро ба зер афканданд.

Ҳама чашм ба равза афканда буданду дар таги дил афсӯс мехӯрданд. Лаби поёни мулозими хоса меларзид ва чашмонашро ашкҳои ҳасрат моломол карданд. Дар қиёфаи ҳам бадхоҳон ва ҳам некхоҳон оҳанги афсӯсу дареғ пайдо шуд. Шоҳ сар ба зер афканда, то дер гоҳ сукут кард. Баъд сар бардошта маҳзунона ба сухан даромад:

– Афсус, ифтихори дарбор буд, кори хуб нашуд. Рафта ҷасади алломаи замонро оварда, покиза шуста дар тобути зарҳал гузошта, дар саҳни дарбор гузоред, то ихлосмандонаш тавонанд бо ӯ видоъ кунанд. То ҷаҳон ҳаст, модаре чунин фарзанди фарзона назодааст. Дар сартосари қаламрави мамлакат се рӯз мотам эълон кунед!

Хидматгузорони дарбор ба поён фаромада, ба ҷои даҳшат манзараи аҷиберо диданд. Берунӣ дар пои манор сиҳату саломат дар кунҷаке нишаста, бемалол қалам дар даст дар коғазе чизе менавишт. Хидматгорон аввал аз ҳайрат шах шуда монданд, баъд аз хурсандӣ ӯро ба оғӯш гирифта, ҳаёти дуюмашро ба ӯ муборак гуфтанд.

Чун бо чунин нишоту хурсандӣ вориди боргоҳ шуданд, ҳама дар ҳайрат афтоданд. Нахуст шоҳ аз ҷой бархоста, бо чеҳраи шукӯфта ба истиқболаш шитофт. Берунӣ ҳам оғӯш кушод. Шоҳ аз сару рӯяш мебӯсид ва дар байни нишоту хурсандӣ мепурсид: – Чӣ гуна зинда мондӣ, магар ин мумкин аст? Нагуфтам, ки илми ҷодуро медонӣ?

Чун шоҳ бар ҷой нишаст ва чашм ба аллома духт ӯ сабаби зинда монданашро шарҳ дод:

– Шоҳам, наход то ҳанӯз нафаҳмида бошед, ки ҳатто шумо бо ин ҳама қудрат ҷони пашшаеро ситонида наметавонед.

Оне, ки маро ҷон додааст, агар хоҳад меситонад ва боз қодир аст, ки бубахшад. Шумо бошед гумон мекунед, ки кори Худоро карда метавонед?

Ин густохии Берунӣ дигарбора ҳамаро ба ташвиш овард, аммо Маҳмуд дигар намехост барои ягон таҳқир аз шуҳраи дарбор дигарбора маҳрум шавад. Ӯ дигар аз аспи ҷаҳл фаромада буд. Фармуд то даҳони Абӯрайҳонро пур аз сиккаҳои тилло кунанд.

## ҚАСОСИ ШЕР

Дехаи зебоманзар ва хушбоду хавои Чорбог 10 километр дуртар аз маркази шахри Кӯлоб дар соҳили рости дарёи Ёхсу воқеъ аст. Ровиён бар он ақидаанд, ки дар ин деҳа истироҳатгоҳи тобистонаи Мири Зарди Кӯлоб, ки солҳои 1743-1749 хукм рондааст, ҷойгир буд. То охири солҳои 70-уми қарни гузашта дар ҳудуди деҳа 3 кӯлчашмаи бузург боқӣ монда буд, ки атрофашонро қамишзори анбӯҳ печонида, ҳар гуна вуҳуш дохили қамишзор маскун буданд. Яке аз пирони деҳа, бобои Кобул қисса кард, ки дар ҷавонӣ шикорро дӯст медошт. Гоҳо аз саҳар то бегоҳ бо милтиқи куҳнаи шикорӣ аз паи кабк ё мурғобие то беҳол шуданаш мегашт. Рӯзе ҳодисаи аҷибе бо ӯ рух дод, ки баъди он тарки шикор кард. Дар яке аз рузҳои гарми тобистон аз таъқиботи зиёди заргӯшҳои ваҳшӣ хаста ва ташна шуда, майли яке аз кӯлчашмаҳо кард. Ҳанӯз аз қамишзор набаромада, нарраширеро дид, ки ҳамроҳ бо ду баччаи хурдакакаш аз чашма об менӯшид. Баногоҳ аз каъри об лаққамоҳии бузурге шалаққосзанон баромада, бо думи бузургаш яке аз шербаччаҳоро зада ба об афтонд. Лаҳзаи дигар шербачча зери об ғайб зад. Наррашер ғуррос зада ғазаболуд худро ба ин тарафу он тарафи соҳил мезад. Бо панҷаҳои пӯлодинаш соҳилро меканд. Бобои Кобул аз тарс байни камишзор дам фурӯ баста, шах шуда воқеаро мушоҳида кард. Оқибат шер бо ҳамон ҳамҳамаю валвала ҳамроҳ бо як баччааш соҳилро тарк гуфт. Бобои Кобул рӯзи дигар ба хотири сайди моҳии фарбеҳ касди кӯл кард. Барвақттар ба ҷои дирӯзааш омада камин гирифт. Умед дошт моҳӣ ба боло ме-

барояд ва ӯ бо як тир ӯро сайд мекунад. Ним рӯз интизор шуд, аммо аз моҳӣ дарак набуд. Баногоҳ аз анбӯҳи камишзор боз ҳамон шер бо баччааш пайдо шуд. Шер мисли шикорчӣ байни қамишзори соҳил пинҳон шуду баччааш майли обнӯшӣ кард. Шербачча эҳтиёткорона ва бо тарс ба соҳил наздик шуд.

Ҳамин дам оби кӯл дам карда хесту моҳии бузург обро шалаққос занонда, боло шуд. Наррашер аз байни қамишзор ба як бор баромада, барқвор ба ҳаво ҷаст ва моҳиро бо панҷаҳои боқувваташ зада ба соҳил баровarда, худ сарозер ба кӯл афтид. Чашмони сурху газаболуд, нидоҳои даҳшатноки шер бо садои шалаққоси ваҳмангези об як манзараи мудҳишеро ба вуҷуд оварданд, ки қариб буд шикорчӣ аз тарс беҳӯш шавад. Лаққамоҳӣ, ки қариб ду метр дарозӣ дошт дур аз соҳил ҷонҳавлона думи бузургу боқувваташро ба замин тапида, роҳи наҷот ҷуст. Наррашер ба зудӣ аз об баромада, худро тақид ва ба як бор шиками моҳиро пора карда ба ҷустуҷӯи баччааш пардохт. Аммо тифлаш кайҳо дар шиками моҳӣ ҳазм шуда буд. Боз ба чанд ҷои бадани фарбеҳи моҳии қотил захми чангу дандон зада, ӯро кушта, касоси фарзандашро гирифт.

Аҷибаш ин, ки заррае аз гушти ӯ нахӯрд. Ҳатто шербаччаро, ки аз афташ гурусна буду баъди мурдани моҳӣ наздик омада хост шикамашро сер кунад, нагузошт ба моҳӣ наздик шавад. Бо қаҳру ғазаб ва нидоҳои ваҳмангез баччаашро ба камишзор тела дода бурд. Бобои Кобул рафта аз хона хар оварда, сайди фарбеҳро ду нима бурида, бор карда бурд. Бегоҳӣ онро хомталош карда ба 12 хоҷагии деҳа қисмат кард. Баъди ин мутмаин шуд, ҳайвонҳо ҳам мисли одамон ҳисси муҳаббат ба пайвандонашон доштаанд. Аз он рӯз эътиборан тарки шикору куштори ҳайвонот карда, то ҳанӯз ба кишоварзӣ машғул аст.

## ПАДАРИ РӮЗОНА

Сармуҳаррир ҳафтаи охир бори дуввум буд, ки ним соат ба кор дер меомад. Дар даромадгоҳ котибаро дида худро «сафед» кард:

– Касе ҳаракати мошинҳои кирокаши «Тангем»-ро дар шаҳр маҳдуд кард, хатои сахт кардааст. Расо 40 дақиқақа мошин поида нишастам.

– Рост гуфтед устод, ман ҳам гоҳо бо ҳамин сабаб ба кор дер меоям, – аз фурсат истифода бурда, сабаби дермонии худро шарҳ дод котиба.

– О балое, дарравривоятатро ёфтӣ, ба кор дер кардан мумкин не, ҳатто агар тамоман наклиёт набошад, – гуфта шӯхӣ кард сармуҳаррири ҳафтавор, Ҷамшеди Шаҷариён.

Пеш аз қуфли дари утоқи кориашро кушодан котиба арз кард, ки дар беруни бино зане ӯро интизор аст.

– Болопӯши сурх дорад? – пурсид Ҷамшед.

– Ҳа устод, ҳамон зани зебою қоматбаланди дар роҳрав дидагиатон. – Аз чӣ бошад, ки бо гуфтани ин ҷавоб дар лабони котиба табассум ҳувайдо гашт.

– Гӯед дарояд.

Дақиқае баъд дарро кушода, зани зебои қоматбаланд, ки чашмони сабзи дилкаш дошт, иҷоза пурсида ба утоқи кории сармуҳаррир даромад. Ҷамшед аз термос чои ҳанӯз гарми бегоҳ дамкардаро ба ду пиёла рехта, якеашро ба зан дароз карда аҳвол пурсид, аммо зан сокит буд. Баъди ин боз чанд бори дигар бо ҳар баҳона кӯшиши донистани сабаби омадани ҷавонзанро кард, аммо меҳмон ҳамоно хомӯш аст. Сармуҳаррир ҳис кард, ки зан дар ҳаяҷон аст. Аз қиёфаи пажмурда ва чашмони андӯҳгинаш пай бурд, ки мусибате ба сари ин зан омадааст. Аз шиддати бори гарони андӯҳ чашмони сабзаш беҷило ва беранг менамуданд. Дастони ларзон, чеҳраи пажмурда ва китфони каме хамидаи меҳмон низ хабар аз азоби рӯҳӣ кашидани ӯ медод.

Чун зан эҳсос кард, ки дигар хомӯш истодан бемаънӣ аст ба сухан даромад.

– Шуморо хуб мешиносам, вазнину маҳзун ба гап сар кард меҳмон, мақолаҳоятонро бисёр хондаам. Ба шумо ихлос дорам. Барои ҳамин ба ин ҷо омадам.

– Ташаккур, хоҳари азиз, ба ман коре доштед?

– Ҳа, кори муҳим. – Зан нигоҳашро ба тиреза дӯхта, гӯё касе дар ҳуҷра набошад илова кард, – коре, ки сахт ба тақдири

шумам вобастааст. Мехоҳам қиссаамро гӯш карда бигӯед, ки лоиқи дар ҳафтавор чоп кардан ҳаст ё не.

Инро гуфтан замон чашмони шаҳлои ҷавонзан пуроб гаштанд. Ҷамшед дарди ҷонкоҳи дили ҳамсуҳбаташро ҳис кард. Ин зан чӣ сирре дар дил дорад? Чӣ мусибате думболагираш гашта, аз дил гузаронд сармуҳаррир ва ба котиба садо дод, ки касе ворид нашаваду дари утоқро пӯшида ба назди зан лагани пур аз шириниҳоро гузошт. Худ наздиктар ба ӯ нишаста оромона гуфт, гӯшам ба шумо. Ҷавонзан як қулт чой нӯшида нафасашро рост кард. Баъд оби чашмонашро бо рӯмолчааш пок карда, вазнину маҳзун ба сухан даромад.

– Номи ман Гулрухсор, истиқоматкунандаи ҳамин шаҳр, Душанбе. Бо шавҳарам 12 сол зиндагии якҷоя дорем. Дар ин муддат соҳиби се фарзанд гаштем. То як моҳи пеш ҳаёти оилавии беҳтарин доштем. Боре нашуда буд, ки шавҳарам бедарак ғайб зада бошад, на шаб ва на рӯз. Ташвишҳоям баъди он сар зад, ки писарбаччаи ҳамсоя ба писарам хабар дод падаратро гоҳо дар мактаби нав мебинам. Омада як баччаи синфи серо аз дарс ҷавоб гирифта мебарад. Барои ӯ либос ва шириниҳо мехарад.

Бо шунидани ин хабар дилам ғаш кард. Ҳодисаи мудҳишеро ҳис кардам. Баъд худро тасаллӣ додам, шавҳарам инсони дилсӯзу раҳмгин аст, шояд ба ягон баччаи ятим кӯмак кунад. Аммо ба гуфтаҳои худ бовар накардам. Оқибат, барои таҳқиқи асли воқеа ба мактаб рафтам. Аз рӯи нишондоди писари ҳамсоя ҳангоми танаффус писарбаччаро ёфтам. Вақте дидам ба шавҳарам сахт монанд аст ҳӯш аз сарам парид. Пурсидам Фарҳод ба ӯ кӣ мешавад? Бо ифтихори ошкоро ҷавоб дод, дадаҷонам. Аз шунидани ин хабар гӯё ханҷаре ба қалбам халида бошад, дар худ печидам. Базӯр аз гиря худро боздошта, суроғаашонро пурсидам. Дигар маҷоли сухан накарда, пушт гардонда, гирён аз назараш ғайб задам. Ба хона омада фикр кардам, писараки синфи се бояд даҳсола бошад. Барои чӣ тӯли ин даҳ сол ман зан доштани шавҳарамро пайхас накардам. Охир боре бедарак ғайб назада буд? Рӯзона бошад мудом дар ҷои кор аст. Барои кушодани ин муаммои сарпечида мувофиқи суроғаи додаи писарбачча ба хонаи зан раф-

там. Тақ-тақ кардам, дарро як ҷавонзани зебо кушода, шах шуда ба ман нигарист. Маро мешинохт ё дилаш гувоҳӣ дод, ки фикрашро бо овоз гуфт: «Биёед, апаҷон, ман медонистам, ки оқибат меоед ва рӯзам сиёҳ мешавад, аммо аз тақдир нолон нестам, чунки ба ман фурсат дод ёздаҳ сол осуда бошам.»

Бо ӯ ҷанҷол накардам, фақат хоҳиш кардам, қиссаи хонадориашро бо шавҳари ман батафсил бигӯяд. Мегӯям, апаҷон, мегӯям. Ман дар назди шумо сахт гунаҳкорам, бахтатонро ду қисмат кардам. Ва чунин ҳикоят кард.

Соли 1993 силоҳбадастон падар ва ду бародарамро ҳангоми кишту кор дар замини наздиҳавлигиамон дар ноҳия куштанд. Садои тирро шунида аз хона баромадам, ҳарсе оғӯштаи хун мехобиданду ҳанӯз ҷон доштанд. Бародари калониам дар ҳоле, ки бо даст ҷои ҷароҳати шикамашро медошт, маро дидан замон чашмонаш пуроб шуданд. Ӯ чанд рӯз пеш аз шаҳр, барои кӯмак ба падарам омада буд. Дар ҳоле, ки ҳанӯз бо дастони сафеди шаҳриаш шикамашро медошт маро аз фиғону нола боздошта гуфт: «Хоҳарам, акнун ту танҳо мондӣ. Хешу табор ба Афғонистон гурехта рафтанд. Ту дар ин ҷо намон, хору зор мешавӣ ба Душанбе рав. Дар он ҷо дӯсти ман Фарҳоди Кӯлобӣ ба ту кӯмак мекунад. Мо бо ӯ аҳди бародарӣ дорем. Охирин суханони ӯ ҳамин буд: «Хоҳаракам, кош модарамон зинда мешуд, акнун бе мо хору зор мешавӣ.» Пеш аз ҷон додан фурсат ёфта суроғаи ҷои кори Фарҳодро, ки дар дафтарчааш будааст, ба ман нишон дод.

Бародари дигар ва падарам, ки ба сарашон тир хӯрда буданд, кайҳо беҷон мехобиданд. Баъди гӯру чӯби пайвандонам зиндагӣ бароям якрангу якмаром ва бисёр дилбазан намуд. Намедонистам чӣ кор кунам, рӯзҳо ба куҷо равам. Барои ман фарқ надошт, бо кадом либос ба кӯча мебароям, нисфирӯзӣ чӣ мехӯрам, дар куҷо мехобам. Як бурда нон ва як коса хӯрок ҳамсояҳо ба ман медоданд. Аз дилтангӣ ва танҳоӣ дар ҳамон шабу рӯзи пуриздироб тарки манзил карда, ноаён зери брезент, болои мошини пур аз картошкаи ҳамсоя савор шуда ба Душанбе омадам. Дар марги пайвандонам Кӯлобиҳоро гунаҳкор медонистам, гарчанде, ки ҳамсояҳо шаҳодат доданд, қотилон чашмтанг буданд ва бо лаҳҷаи Кӯлобӣ сухан

намегуфтанд, аммо дар он шабу рӯз Кӯлобӣ маънии душман ва қотилро дошту ҳама дар марги пайвандонашон онҳоро гунаҳкор медонистанд.

Ман, ростӣ ба назди Фарҳод на барои кӯмак пурсидан меомадам, балки мехостам бо ӯ шинос шуда, дар вазъияти қулай ба ӯ заҳр дода, қасоси пайвандонамро ақаллан аз як Кӯлобӣ биситонам. Он вақт ҳамагӣ понздаҳсола будам. Рӯзи ба Душанбе омаданам се бор ба назди коргоҳи ӯ рафта, ҷуръат накардам аз дарбон суроғаш кунам. Ниҳоят, боз бегоҳӣ ба назди дарвоза рафтам. Дар иҳотаи дарахтони анбӯҳ истода фурсат меҷустам. Ҳамин вақт се ҷавони баднамо аз кӯчое пайдо шуда ба ман часпиданд. Яке аз мӯям мекашид, дигаре дастонамро медошт. Нимшӯхиву нимҷиддӣ рӯмоламро аз сарам кашида партофтанд. Ҳамин вақт ҷавони зебое аз дарвозаи корхона баромада, доду фиғони маро шунида, давида омад. Занозанӣ сар шуд. Бо шуҷоати фавқулода он се нохалафро зада аз пой афтонд.

Баъд рӯ ба ман оварда гуфт, ба хонаатон рав. Гуфтам хона надорам. Пурсид пас дар кӯҷо зиндагӣ мекунӣ? Гуфтам акнун дар ҳеҷ кӯҷо. Дилаш бароям сӯхт ва ба дӯкони яхмосфурӯшӣ даъватам карда, аҳвол пурсид. Қиссаамро ва мақсади омаданамро баён доштам. Ҳам қиссаи талхи бародарамро нақл кардам. Вақте номи бародарамро шунид, гуфт ман ҳамон Фарҳодам, ки бо акаи ту аҳди бародарӣ дорам. Барои бародарам сахт гиря кард. Ҳамин дам фикри заҳр дода куштани ӯ маро тарк гуфт. Ба хонаи холааш, ки дар маҳаллаи «Гипрозем» воқеъ аст ва шумо шояд бидонед, овард, то саҳар он ҷо будам. Қиссаамро ба холаи Зебогул нақл кардаму ӯ гирист. Саҳар батамом фикри душман будани Кӯлобиҳо аз дилам берун шуд. Дарк кардам ҳар як маҳалли Тоҷикистон инсонҳои хуб ва бади худро доштааст.

Тасмим гирифтам маънии ҷанги тоҷикон рақобати кимкадом нохалафони хориҷ будааст. Аз бисёриҳо инро шунида будам. Ҳамон рӯз ба Фарҳод меҳр бастам, аммо ӯ тӯли ду соли минбаъда маро ҳамчун хоҳараш дӯст медошт. Ба ростӣ, то бегоҳи рӯзи дигар, яъне то омадани Фарҳод ӯро сахт пазмон мешудам. Ӯ шуълаяке буд, ки маро ба зиндагӣ баргар-

донид. Баъди ду рӯз омада аз хешовандонам ҳарф кушод, гуфтам, зинда мондаҳояш ба Афғонистон фирор карданд, дигар дар ин дунё касе надорам. Холааш ба ӯ гуфт, то ба занаш, яъне ба шумо хабар надиҳад, набошад рашк мекунад. Фарҳод аз ман 10 сол калон аст. Ҳам бо маслиҳати холааш дар ҳамин шаҳр бо касе маслиҳат карда, хонаи дар Тоҷикобод будаи моро фурӯхта, ана ҳамин хонаро харида ба ман дод. Он вақт нархи хона дар қишлоқу шаҳр яксон буд. Ана калидаш, ин ҳаққи ҳалоли ту ва фарзандони Фарҳод аст. Метавонӣ маро пеш кунӣ…

Ҷавонзан инро гуфта буд, ки оби чашмонаш чун борони баҳорӣ рехтанд. Ростӣ, фикри душман будани ӯ аз дилам берун шуд. Ман, албатта, ӯро аз хонааш маҳрум насохтам, аммо аз ҳикояти зан мутаассир шудам, каме таваққуф кард Гулрухсор, диламро сиёҳӣ зер кард. Баъди чунин қисса ҳатто ҷаҳлам хело фурӯ нишаст, гумон кардам наметавонистам бо ӯ ҷанҷолу хархаша карда, дил холӣ кунам ва ҳатто бигӯям аз шавҳари ман даст кашад. Ростӣ баъди хиёнаташ ба шавҳарам ҳам эътимодам намонда буд. Оҳ… агар медонистед чӣ қадар то ин дам ӯро дӯст медоштам… афсӯс.

Аз зани шавҳарам номашро пурсидам, гуфт Дилором. Ростӣ бо шунидани номаш боз аланга гирифтам, чунки дар ҳақиқат ҳуснаш ба номаш мувофиқ буд. Қомати мавзуни баланд, рухсораҳои сурх ва пӯсти сафедаш назири ҳусни зебояш буд. Ба ҷуз ин, ақлу заковаташ ҳам бартариашро аз ман нишон медод. Аз қиссаи хонадоршавиаш бо шавҳарам пурсон шудам.

Шарм доштаву беҷуръатона ба гап сар кард. Ҳис кардам, ки таи ёздаҳ соли зиндагӣ бо шавҳарам ҷиҳати зандории Фарҳод азоби рӯҳи мекашидааст. Ба назарам намуд, ки маро кайҳо боз интизор будааст, то ҳамаи воқеаро нақл карда, дилашро сабук кунад.

Маро ҳамон сол, ба суҳбат идома дод ӯ, ба мактаби миёна дар синфи 10-ум барои хондан монд. Гарчанде, ки дар зодгоҳам синфи 8 ва 9-ро нахонда будам синфи 10 ва 11-ро бо баҳои хубу аъло хатм кардам. То ин дам ҳар рӯз як маротиб ба хона омада аз аҳволам хабар мегирифт, хӯроквори

меовард. Барои танҳо намондани ман тӯли ду сол духтари холааш бо шавҳараш дар хонаи ман иқомат доштанд. Як рӯз барвақттар занг зада, хешовандонро, ки иборат аз холааш, духтару шавҳараш буданд, якҷо ҷамъ карда, худ бо як ҷавони дигар ба хона омаданд. Иқрор мешавам, ҳар як ташрифи ӯ хоҳ ба хона ё ба мактаб, бароям ид буд. Меҳри бародарӣ кайҳо ба ишқ мубаддал гашта буду ӯ намедонист. Ман дӯсташ медоштаму ӯ аз рӯи раҳму шафқат ба ман ҳамчун хоҳар муомила мекард. Ҳамон рӯз бо суҳбати гарм ва шӯхиҳои бародарона гирди дастархон нишастем. Баъди хӯрок ҷавони бо ӯ омада, барои кашидани сигор ба пешайвон рафт. Ҳамин вақт Фарҳод гуфт, ки мехоҳам бо ин ҷавон хонадор шаведу оилаи обод барпо кунед, то ман осуда шуда, аз паи корам равам. Бо шунидани ин сухан гӯё як сатил оби хунук аз сарам рехта бошанд, дар ҷоям шах шудам. То ин дам ман ӯро азизи худ медонистам. Гумон доштам маро дӯст медорад ва интизор аст, ки кай ба воя мерасам, то дасту дилашро пешкашам созад, аммо ӯ маро ҳамин тавр бароварда ба дигаре медод… Аввалин бор василаи аз ӯ ҷудо шудан пайдо шуд. Ҳис кардам ҳеҷ гоҳ ман бе ӯ зиста наметавонам. Гирён шуда аз ҷой бархостаму бо қатъият гуфтам: шавҳар намекунам! Дигар ба зорию таваллояш гӯш надода, берун баромадам. Сари роҳ ҷавон пайдо шуд. Ба ӯ наздик шуда гуфтам, бародар, ман шавҳар намекунам, бубахшед маро, раведу тарки ин хоста кунед. Ӯ рафт. Ба гумонам Фарҳод фикр кард дӯсташ ба ман маъқул наомадааст. Тамоман пайхас намекард, ки ман ба худи ӯ ошиқам, чунки дил ва нияти пок дошт. Ман боре ҳис накардам, ки ӯ қасди хиёнат бо шуморо дорад.

Баъди хатми мактаб бо кӯмаки Фарҳод, барои хондан ба Донишгоҳи миллӣ дохил шудам. Ана дар ҳамин марҳила бори дуввум хост маро ба шавҳар диҳад. Ҷавонеро, ки ба Донишгоҳ оварда буд, бисёр васф кард. Хона дорад, мошин дорад, бодавлат аст ва ғайраю ҳоказо, ҳатто туро дидаасту ба ту дил баста, аммо ман гуфтам шавҳар намекунаму рафтам.

Рӯзи дигар тоқат накарда қарор додам ба ӯ сирри диламро кушоям. Фарҳод ҳамавақт соатҳои 11 рӯз омада, соати ду ба кор мерафт. Баъдтар писарам одат карда буду ҳамин соатҳо

ҳамавақт дар хона мешуд, то аз дидори падар сер шавад. Ҳамон рӯз чун одат баъди хӯроки нисфирӯзӣ ҳама якҷо нишаста будем. Фарҳод боз масъалаи шавҳар додани маро ба миён гузошт. Духтари холааш хандид. Сабаби хандаашро пурсид. Дар ҷавоб сирри маро фош кард. Гуфт ҳар бор ту мехоҳӣ Диломро шавҳар диҳӣ, барои чӣ аз худи ӯ намепурсӣ касеро дӯст медорад ё не? Фарҳод барои ин хатояш аз ман бахшиш пурсида, ҳамин суолро дод. Якбора гиря гулӯгирам кард. Аз тарси он, ки дигар чунин фурсат даст намедиҳад рози диламро ба ӯ кушодам. Гуфтам ман бо ту он қадар одат кардаам, ки дигар бе ту зиста наметавонам. Ман тасаввур карда наметавонам, ки чӣ гуна бо дигаре ҳамхоба мешавам, туро дӯст медорам, гуфта аз шарм сурх шуда, ғарқи ашк, бархоста рафтам. Фақат аз қафо садояш баланд шуд, охир ман зан дорам, духтари беақл! Бори аввал дашном дод, аммо дашномаш ниҳоят бароям гуворо буд. Аввалин бор ҳис кардам ӯ бароям ниҳоят азиз аст…

Бори дигар баъди як ҳафта омад. Ин ҳафт рӯз бароям мисли ҳафт соли интизорӣ буд. Рӯзҳои фироқ намедонистам сарамро ба куҷо занам, чӣ кор кунам, ба кӣ рози дил гӯям. Дар ин ҷаҳони бераҳм худро танҳои танҳо ҳис кардам. Баъд омад. Нишастан баробар каме ғазаболуд гуфт, Дилором, фардо ман падару модари як дӯстамро гирифта, барои оқсаққолӣ меорам. Агар сухани зиёдатие бигӯӣ туро сахт хафа мекунам. Инро гуфта аз ҷой бархоста ба берун баромад. Дар роҳрав ба ӯ расидам. Сахт ба оғӯшаш кашида, гиря кардам. Гуфтам маро дар ин ҷаҳон ту пушту паноҳ гаштӣ, ин замон боз танҳоям мегузорӣ? Ман бе ту мемирам…

Дастонамро аз гарданаш канда партофту бо қаҳр рафт. Дигар духтари холааш барои дилбардориам ҳар қадар фасона бофту зорӣ кард, бефоида. Расо нӯҳ рӯз бемори бистарӣ будам, аммо ман ба хотири дидори ӯ рӯз мешумуридам. Тӯли ин муддат фақат чашмам ба дар буд, ки кай Фарҳод медарояд. Ниҳоят баъди ду ҳафта дар кушода шуду даромад. Хушҳолиам ҳадду канор надошт. Аммо суханонаш диламро ба як бор шикаст. Гуфт, ман ҳеҷ гоҳ ба оилаам хиёнат намекунам, занамро дӯст медорам. Туро ҳам дӯст медорам, аммо ҳамчун

хоҳарам. Инро гуфта, вазнин аз ҷой бархосту рафт. Ҳис кардам рӯ ба дигар ҷониб гардонда оби чашмонашро пок кард.

Охирин умедам барбод рафт. Дигар дилгармие ба зиндагӣ надоштам. Аввалин бор дарк кардам маро аз танҳоӣ ҳамин мард раҳонида будааст. Аммо дуюмбора, бераҳмона дар оғӯши танҳоӣ партофту рафт. Ҳис кардам рӯзгори сиёҳе маро интизор аст. Медонистам танҳоӣ тамоми умр думболагирам мегардад. Ҳар қадар худро дар хона бо беҳтарин ҷавонони актёрҳои кино тасаввур мекардам, табъам якбора хира мешуд, дилам сиёҳ мегардид. Дигар зиндагӣ бе Фарҳод бароям маънӣ надошт. Модар надоштам, ки бо ӯ дарди дил гӯям, ба оғӯшаш даромада, то сабук шудан гиря кунам. Дар ин дунёи бераҳм танҳои танҳо мондам. Ана ҳамон лаҳза қарор додам даст ба худкушӣ занам.

Инро Дилором гуфта буд, ки ашки чашмонам ба рӯям шорида, маро ба худ овард. Ростӣ дилам ба рақибам сӯхт. Рақиб ҳам ба ман наздик шуда, бо меҳр бо рӯмолча хост ашкамро покиза кунад, аммо дасташро тела дода дурӯғ гуфтам: ман барои ту намегирям, дур шав. Баъди лаҳзаи дигар ҳис кард, ки ман интизорам давоми қиссаро шунавам. Ашкҳояшро пок карда, каме аз ҳаяҷон баромаду давоми қиссаро гуфт. Рӯзи дигар интизор шудам, то духтари холааш барои хариди нон раваду маро танҳо гузорад. Ҳамин, ки рафт базӯр хеста ҷониби пешдолон рафтам. Ҳанӯз намедонистам, оё инсон аз ошёнаи сеюм афтад мемирад ё на. Дар ҳар сурат қарор додам худро бо сар болои сангҳо партоям. Муддати тӯлонӣ дар пешайвон истода дар бораи ҳаёту мамот андеша кардам, аммо ниҳоят марг дар вуҷудам ғалаба кард. Талх гиристам ва болои панҷара баромадам. Ҳамин дам касе бо дастони боқувваташ маро ба оғӯш кашида, бардошта ба замин гузошт. Духтари холаашро дида дод задам, сар деҳ, ман мурдан мехоҳам, дигар зиндагиам маънӣ надорад…

Намедонам чанд соат бехуд хоб кардам. Бедор шуда бинам ҳама дарҳо қуфл задаанду дар хона касе нест. Хостам ба хонаи ҳамсоя занг зада бигӯям, калидро, ки аз рӯи одат дар роҳрав пинҳон мекардем, гирифта дарро кушояд, то аз фурсати танҳоӣ истифода бурда мувофиқи нақшаҳои мудҳишам амал кунам.

Аммо телефон қарздор буд. Баъди лаҳзае садои кушода шудани қуфли дар ба гӯш расид. Дар кушода шуду саросемаву парешонҳол Фарҳод даромаду аз қафояш духтари холааш. Дар ҳоле, ки шах шуда рост меистодам ва маҷоли роҳ рафтан надоштам, Фарҳод бо дастони пурқувват, вале гарму гуворояш маро ба оғӯш гирифт. Дар оғӯшаш аз ҳуш рафтам. Ба худ омада дидам, ки ашк мерезад ва такрор мекунад, азизам, маро бубахш… туро озор додам. Туро дӯст медорам, ҷонам. Ман ҳам бе ту зиста наметавонам… Ҳиссиётам маро фиреб надода буд. Ӯ ҳам дар ҳақиқат ба ман кайҳо дил баста будааст. Ҳамин нисфи бахт барои ман бартар аз бахти ҳамаи духтарони дунё буд. Аввалин бор худро хушбахт эҳсос кардам.

Инро гуфта Дилором хиҷолатомез ба рӯи ман нигариста сурх шуд. Чашмони ман ҳам пуроб буданд. Бо вуҷуди ин ки дилам ба ӯ бисёр месӯхт, аммо вайрон шудани оилаи ободамро ҳеҷ гоҳ барои ӯ намебахшидам. Ман ба ҷои вай мешудам бо нархи ҷонам ҳам бошад аз зиндагии марди оиладор мерафтам. Ӯро дашному ҳақорати зиёд дода ба хона баргаштам, лекин росташро гӯям, дилам ба ӯ месӯзад.

Чунин аст қиссаи талхи ман. Акнун муҳтоҷи маслиҳати шумо ҳастам.

Ҷамшед мутаассир аз ин қиссаи пурсӯзу гудоз лаҳзае хомӯш буд. Баъд сар бардошта гуфт, ки хоҳарам Гулрухсор, барои ба ягон қарор омадан ё маслиҳати дигар фардо шавҳаратонро бо Дилором ба ин ҷо чеғ занед, маслиҳат мекунем. Зан аз ҷой бархоста, оҳи бадард кашида, ваъда дод баъди ду рӯз ҳама ба ин ҷо меоем.

Мувофиқи ваъда баъди ду рӯз Гулрухсор вориди утоқи қории Ҷамшед гашт, аз қафояш бо сари хам Дилором ва аз қафои онҳо Фарҳод. Чӣ қадаре, ки Дилором соҳиби ҳусну ҷамол ва латофату зарофати занона буд, ҳамон қадар Фарҳод ҳусни беҳамто дошту аз қиёфааш осори мардонагӣ ҳувайдо буд. Тахминан 35-36-сола буд. Баъди салому алайк ва аҳволпурсӣ Гулрухсор онҳоро шиносонид. Ҷамшед аз ҳар кадом хоҳиш кард қазияро ба таври худ шарҳ диҳанд. Аммо Гулрухсор оташ гирифта, ҷанҷол оғоз карда, нагузошт касе дил холӣ кунад.

Ана ин бе аҳду паймон, оилаи ободашро тарк карда, оҳанги зани ҷавон кард, пас шумо бигӯед, ки гунаҳкор аст ё не? Магар ӯро бахшидан мумкин аст? Фарҳод хомӯш буд. Дилором мегирист. Ту магар марди дигар наёфтӣ, ки оилаи ободи маро вайрон мекунӣ, якбора дарафтид ба Дилором. Ту бешарму беҳаё, магар намедонистӣ, ки ин мард зан дорад, рӯсиёҳ!

– Медонистам, бадард гуфт зани дуюм, аммо гуфтам-ку бе ӯ зиста наметавонам, чӣ кор кунам? Бо Фарҳод одат кардаам, марди дигарро намехоҳам. Охир ман чӣ гуноҳ дорам? Наход дар ин ҷаҳони бераҳм дӯст доштан ҳам гуноҳ бошад?

– Ишқ ҳам ҳадду ҳудуд дорад, беҳаё, – оташ гирифт Гулрухсор. Охир туро акоят ба назди шавҳари ман равон карда нагуфта буд, ки барои ӯ зан шав!

– Бас аст, – гуфта аз ҷой бархост Фарҳод. Сармуҳаррир ҳис кард, ки ӯ тоқати дидани озори Дилоромро надорад.

– Намехоҳам азизонам беш аз ин оби чашм бирезанд.

Якбора дар ҳуҷра хомӯшӣ ҳукмфармо гашт. Сармуҳаррир ба худ андешид дар ин лаҳза ягона роҳи наҷот талоқ додани якеи ин занҳо буд. Ҳама интизори вокуниши мудҳиш гаштанд ва он лаҳза фаро расид. Фарҳод оҳиста палтояшро аз либосовезак гирифта ба тарафи дар рафт. Раҳораҳ оромона ва маҳзун гуфт: «Ман аз зиндагии шумо меравам. Хотирҷамъ бошед, маро дигар нахоҳед дид. Ҳар ҷо, ки бошам кӯшиш мекунам барои рӯзгори фарзандонам пул бифиристам, аммо худ батамом ғайб мезанам ва дигар шуморо озор нахоҳам дод.» Метавонед шавҳари дигар карда зиндагӣ кунед. Инро гуфта, дарро оҳиста кушод. Чашмонаш пуроб буданд. Дигар ба тарафи азизонаш нигоҳ кардан наметавонист, чунки ҳарос дошт, ашки сӯзони чашмонашро бубинанд. Ҳамин, ки дарро кушод Гулрухсор якбора аз ҷой бархоста ба тарафи ӯ давида аз пушт ба оғӯшаш кашид, исто, ҷонам, куҷо меравӣ? Ман тоқати фироқро надорам, гуфта ба гиря даромад. Китфони мард аз ашк тар шуданд. Дилором ҳам баъди лаҳзае бархоста ба мард наздик шуд, аммо ҷуръати ба оғӯшаш даромадан накард. Мард якбора баргашта ҳардуро ба оғӯши гармаш гирифту ҳарсе лаҳзае шах шуданд. Гулрухсор оби чашми шавҳарро поккунон гуфт, азизам, моро тарк накун, ки бе ту мемирем.

Бигзор вазъият мисли пештара боқӣ монад. Агар Дилором розӣ бошад, ки ту аз соати 11 то 14 бо ӯ бошӣ кофист, ман муқобил намебароям. Ҳатто дар як ҳафта як шабонарӯзи дигар ҳам ба наздаш бирав. Ӯ ҳам инсон аст ва ҳуқуқ дорад хушбахт бошад. Дилором якбора дастонашро аз гардани Фарҳод сар дода, Гулрухсорро ба оғӯш кашида, изҳори сипос кард: ташаккур апаҷон, ман то қиёмат аз шумо миннатдорам. Фарҳод сари ҳардуро дар канор гирифта ба сармуҳаррир рӯ оварда ноаён чашмакӣ зад.

Нақшаи дирӯз кашидаи онҳо кор дод. Дуруст аст, ки вақте Ҷамшед саҳарӣ Фарҳодро дар ҷои кораш наёфт, умедашро аз раҳандозии ин нақша канда буд. Аммо то бегоҳ ҳама корро як сӯ гузошта бо мушкилоти зиёд ӯро пайдо карда, шинос шуданд ва тарҳи амалиётро якҷоя кашиданд. Акнун аз муваффақияти ба даст овардаашон дарунноки лаззат мебурданд.

## ПОСУХИ САВОЛ

Дар нимторикии ҳуҷраи хоксоронаи начандон калон, ки ҳамагӣ дорои чанд рафи пур аз китоб буд ду кас бо овози паст суҳбат мекунанд.

Устод, – мурочиат кард оне ки ҷавонтар буд ба марди миёнасол, – магар шариат иҷоза медиҳад, ки одамро ҷарроҳӣ кунӣ?

– Ҳамаи амалҳоеро, ки ба фоидаи мардум асту Худованд мамнӯъ нагардонида иҷро кардан мумкин аст.

– Пас барои чӣ шумо ба рӯҳониёни дарбори шоҳ инро намефаҳмонед? Балки пинҳонӣ аз ҳама майитро аз гӯр канда овардем?

– Ман инак 8 сол мешавад, мехоҳам чанд занро илми тиб биомӯзам, то ҳангоми бемор шудани занҳои шаҳр тавонанд бемалол онҳоро муолиҷа кунанд, худ мебинӣ, кӣ чӣ заҳмат аст. Ҳамвора сӯи ман дандон тез мекунанд. Мегӯянд ман ҳақ надорам ба занҳои бегона наздик шавам.

– Вақте, ки духтари шоҳ бемор шуд, муқобил набуд, ки шумо ӯро муолиҷа кунед?

– Шоҳ гапи дигар аст, барои ӯ ҳама чиз мумкин, аммо ин ҷоҳилони бечора ҳатто наметавонанд бо дастони ман ҳарамашонро муолиҷа кунанд.

– Пас шумо наметарсед, ки рӯзе қурбони ҷаҳолати онҳо мешавед?

– Ҳазрати Алӣ (а) фармудааст: Тарс пояи куфр аст. Ман ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ ба ҷуз Худованди муттаъол аз касе натарсидаам.

– Ҳатто ҳамон вақте, ки гирифтани офтобро пешгӯӣ кардеду ҷоҳилон овоза паҳн карданд, ки Абӯалӣ Сино ҷодугар аст?

– Бале, ҳамон вақт ҳам аз ғазаби ҷоҳилон натарсидам, чунки медонистам оне, ки дарҳои илмро ба рӯи ман осон кушод, нигаҳбони ман аст.

Шогирд сокит шуд. Бӯалӣ пурсид:

– Ҷузҷонӣ саволҳоят тамом шуданд?

– Не устод, ман дер боз мехостам аз шумо пурсам, ки бо ин ҳама дониш чаро даъвои паёмбарӣ намекунед, охир шуморо зуд бовар мекунанд?

Инро шунидан замон устод дар шигифт монд. Нафаҳмид аз куҷо ин бидъат дар ниҳоди шогирдаш пайдо шудааст. Инро аз дил гузаронида Шайхурраис бо овози каме ғазаболуди танҳо ба шогирдаш маълум гуфт:

– Вақташ биёяд ба ин суоли куфромезат ҳам ҷавоб мегирӣ.

Аз ғазаби устод худро ноҳин ҷор ҳис карда, бахшиш пурсида Ҷузҷонӣ ба ҳуҷраи корӣ рафт.

Аз байн як сол гузашт. Абӯалии Сино аз дарбори подшоҳи Хоразм номае гирифт, ки шоҳ аз бемории саръ шикоят карда, ҳакимро барои табобат даъват карда буд.

Ҳакими номдор шунида буд, ки дар хазинаи Хоразмшоҳ китоби нодире маҳфуз аст, шарҳи бисёре аз масоили мутааллиқи тибби Чин мавҷуд аст ҳарвақта ҳамроҳаш шогирди мушфиқу ғамхораш Ҷузҷонӣ буд.

Зимистони қаҳратун дар саросари кишвар ҳукмрон буд. Боди сард барқасд резаҳои барфи аз дирӯз боридаистодаро ба чашмҳо халонда роҳгардиро душвортар мекард. Шиддати сарморо на ҷомаҳои ғафст мусофирон паст карда метавонисту на саллаҳои ба рӯй печондаионҳо. Аз шиддати хунукӣ мағзу

устухонҳояшон ба дард омада буд. Намози шом бӯрёи кӯҳнаи масҷидро болояшон кашида, хоб карданд.

Саҳар бо дамидани субҳи козиб садои пои муаззин баланд шуд. Шайхурраис сар аз зери намадҳои болояш бароварда марди мӯйсафеди барҷомондаеро дид, ки қасди баромадан ба манори баланди саҳни масҷидро дорад. Ҳаким пай бурд, ки ӯ муаззин аст. Мӯйсафед бисёр пир ва бемор менамуд. Ҷузҷонӣ ҳам бедор шуда, манзараи бо азоби зор ба зина баромадани муаззини беморро дида гуфт:

– Ин мард ҳеҷ гоҳ то охири манор баромада наметавонад, ӯ албатта, дар нимроҳ ҳалок мешавад.

– Устод ба суханони ӯ гӯё эътибор надода, ба шогирд супориш дод барои вузӯ гирифтан об биёрад. Ҷузҷонӣ узр пурсида, хоҳиши устодро рад карда гуфт:

– Устоди гиромӣ, ман ин супориши шуморо иҷро карда наетавонам, чунки худи шумо гуфта будед, ки инсон аз гармӣ якбора ба хунукӣ барояд гирифтори бемории зуком мегардад. Барои ҳамин, то дамидани субҳи содиқ сабр кунед, то ман батадриҷ аз ҷогаҳ берун шавам.

Шайх намадҳоро аз болояш дур ҳаво дода итоб кард:

– Акнун, шаккок, посухи саволи порсол додаатро дар хусуси чаро даъвои пайғамбарӣ накардани ман гӯш кун: Ин мӯйсафеди пири фартутро паёмбари акрам Муҳаммад (с) қариб 400 сол қабл фармудааст, то ҳар саҳар ба ин баландӣ баромада азон бихонад. Мӯйсафед то дами марг ин супоришро бе каму кост ба ҷо меорад. Одатан ин тоифа дар ин амал боре таъхир намекунад. Ман, ки зиндаю саломат дар паҳлӯи ту истодаам ва ту шогирди манӣ, фармонро, ки овардани як кӯза об беш нест иҷро намекунӣ, чӣ гуна метавонам даъвои паёмбарӣ кунам?

# МУНДАРИҶА

Аз муаллиф ........................................................................ 5
Пешгуфтор........................................................................... 7
Спитаман........................................................................... 12
Катан ................................................................................ 63
Тахористон....................................................................... 153

## Ҳикоёт

Роҳи пурхатар ................................................................ 263
Дар ҳасрати торт ............................................................ 279
Бе ту мемирам ................................................................ 290
Каромати Берунӣ............................................................ 299
Қасоси шер ..................................................................... 304
Падари рӯзона ................................................................ 305
Посухи савол .................................................................. 316

**Китоб бо тамғаи нашриёти “Адиб” чоп шудааст.**

**Аҳмади Иброҳим**

**СПИТАМАН. КАТАН**
**ТАХОРИСТОН. ҲИКОЁТ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 03.11.2016 супурда шуд.
Чопаш 10.11.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 20,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.